АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ РАВАНДҲОИ МУОСИР ВА ОЯНДАНИГАРИИ ИЛМӢ

МЕҲР СОБИРИЁН

# ДУ РОҲКОРИ РУШДИ МИЛЛӢ

(МАҶМУАИ МАҚОЛАҲО)

ДУШАНБЕ - 2022

**ТДУ [008+32+33](575.3)**
**ТКБ 71+66.3+65.9 (2 тоҷик)**
**С - 64**

**Муҳаррирон:**
Нозим Нурзода,
Назрӣ Асадзода

**Собириён Меҳр.**
С - 64 Ду роҳкори рушди миллӣ
Душанбе: "Дониш", 2022, 294 саҳифа.

Китоб фарогири бахше аз мақолаҳои муаллиф, ки тайи солҳои охир дар як қатор маҷаллаву рӯзномаҳои дохилӣ мунташир шудаанд, мебошад. Дар маҷмуаи мазкур масъалаҳои худшиносии миллӣ ва рушди иқтисодӣ матраҳ гардидаанд. Маҷмуа аз ҷониби Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ифтихори 40-солагии муаллиф ба чоп тавсия шудааст.

**Собириён М., 2022**

# Ф Е Ҳ Р И С Т


***Мавқеъгирии миллӣ ва рисолати илмӣ (Ба ҷойи пешгуфтор)......................................... 5***

**БОБИ 1. ФАРҲАНГ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ**

1.1. *Баҳси бархурди тамаддунҳо: вазъият ва дурнамо…………………………………………….* **9.**

1.2. *Ҳувийяти миллӣ ҳамчун унсури аслии нерӯи рақобатпазирӣ ва муқовимати миллӣ алайҳи хатарҳои ҷаҳони муосир.........................................* **35**

1.3. *Сарнавишти ҳувийяти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ..............................................................* **43**

1.4. *Геополитика ва манофеи геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ…………………………………………* **56**

1.5. *Каҷфаҳмиҳои шинохтӣ. Фарҳанги хитобаӣ ва ратсионализми интиқодӣ.......................................* **79**

1.6. *Зарурати ҳамоҳанг кардани мавзӯъҳои таҳқиқии муассисаҳои илмӣ бо ҳадафҳои вазорату кумитаҳо.* **90**

1.7. *Ба сӯйи ҷомеаи идеалӣ (Ҷомеаи идеалӣ сохтан равand аст, на ҳадаф)................................................* **96**

1.8. *Зиёиён: Истифодаи дуруст аз қобилияти зеҳнии онҳо………………………………………………* **100**

1.9. *Чаҳоршанбесӯрӣ маросими Наврӯзӣ........................* **105**

1.10. *Ғурури ниёкон..........................................................* **111**

1.11. *Султони қалбҳо. Сурудаҳои инсонсози Аҳмад Зоҳир..* **116**

1.12. *Театр ва кино дар шароити иқтисоди бозаргонӣ..* **124**

## БОБИ 2. РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ


2.1. *Аҳамияти омӯзиши таҷрибаи иқтисодии кишварҳои муваффақ барои кишварҳои рӯ ба рушд.* **130**

2.2. *Ислоҳоти Мейҷӣ дар Ҷопон-намуна барои кишварҳои рӯ ба рушд.............................................* **141**

2.3. *Ҷаҳони маҳдудиятҳо дар иқтисодиёт ва интихобҳо дар он…………………………………..* **165**

2.4. *Сатҳи рутбаи эътиборӣ қарзӣ ва таъсири он ба арзиши қарзҳои давлатӣ........................................* **174**

2.5. *Шаклҳои моликият ва ҷанбаҳои мусбату манфии онҳо.........................................................* **205**

2.6. *Осиёи Шарқӣ: мавқеи ҷуғрофӣ, аҳолӣ ва захираҳои табиӣ... ………………………………* **216**

2.7. *Таҳлили омории нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва муқоисаи онҳо.........................................................* **228**

2.8. *Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Чин: тиҷорат ва сармоягузорӣ.....................................* **244**

2.9. *Муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистону Ҷопон.............................................................* **258**

2.10. *Муносибатҳои иқтисодии Ҷопон ва Чин...........* **272**

2.11. *Ҳамкориҳои иқтисодии Ҷопон ва Ҳиндустон......* **278**

2.12. *Муҳоҷират идорашаванда аст..............................* **288**

# Мавқеъгирии миллӣ ва рисолати илмӣ
## (Ба ҷойи пешгуфтор)

Давлат ва ҷомеаҳои пешрафта ва ба истилоҳ, мудерн аз ду комёбии умда бархӯрдоранд: яке, миллият ва дигаре, илмоният ва муваффақияту комёбии башар ҳам ба ин ду асл бастагӣ дорад. Аз ин ҷост, ки давлатҳои бузург ва дар айни замон миллиятҳои бакамолрасида маҳсули зеҳни бедор ва хиради зиндаи афроди саршиноси башаранд. Дар зимн, ақлбоварӣ ва хирадмеҳварӣ, ки аз зеҳну тафаккури донишмандону рӯшанфикрони ҷомеа берун таровидааст, тайи таърихи башарӣ сарнавишти миллияту халқиятҳоро рақам зада, роҳро барои таҳаҳаввулу тараққӣ ва саодату хушбахтӣ ҳамвор сохтааст. Афзун бар ин, маҳз қишри огоҳу рӯшангари ҷомеа, ки имрӯз дар қолибу титули зиёию фарҳангӣ инсиҷом меёбанд, худсозию худкифоиро ба унвони аслу меъёри зиндагӣ марҷаъ қарор дода, бо анҷом додани рисолати иҷтимоӣ, миллӣ, илмӣ, эҷодӣ ва инсонӣ сатҳи огоҳиҳои иҷтимоиро боло бурда, бад-ин минвол ҷомеаро ба дараҷаи баланди фикрӣ, ахлоқӣ, ҳувийятӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, ва маданӣ мерасонанд. Ин аст, ки пажӯҳишгарони миллӣ дар садри интеллигенси ватанӣ қарор мегиранд ва дар масири бедории фикрӣ ва сифатан тағйир додани биниши миллӣ ҳаракат мекунанд.

Аз зумраи донишмандону пажӯҳишгарон ва иқтисодшиносони ҷавоне, ки солҳост дар шоҳроҳи бедории фикрӣ ва таҳкими раванди ҳувийяти миллӣ устуворона гом бардошта, аз тариқи ковишу ҷустуҷӯҳои мудавоми илмию ихтисосӣ саъю талош меварзад, ки барои ҷомеаи маданӣ хидмати боистаю шоиста анҷом бидиҳад, дӯсти мо Меҳр Собириён маҳсуб мешавад. Меҳр

Собириён ҳанӯз аз овони донишҷӯйӣ бо такя ба донишҳои замонавию таҷрибаи зиндагӣ талош варзидааст, ки воқеиёти рӯзгор ва миллатро бо чашми ақл бубинад ва доир ба мушкилоту муаммоҳои мавҷуда бар мабнои ақлу мантиқ доварӣ намояд. Муҳимтар аз ин, Меҳр дар ростои донистани таърихи аҷдодӣ, ташхиси ҳаводиси таърихӣ, шинохти идеал-улгӯву арзишҳои миллӣ, муаррифии мероси бостонӣ, таблиғи ҷаҳонбинии фалсафӣ, тарғиби биниши илмӣ ва дар ҳар мавриду вазъият дар назар гирифтани манофеи миллӣ иқдомоти ҷиддӣ рӯйи даст гирифта, ҳамвора дар ин масир ҳаракат мекунад. Аз сӯйи дигар, Меҳр солҳост, дар мабоҳиси рӯзмарраи фейсбукӣ фаъол буда, сари масоилу мушкилоти миллӣ ва бухронҳои ҳувийятӣ изҳори назар карда, бо таҳлилу баррасиҳои қолиби ихтисосӣ ва мавқеъгириҳои миллӣ миёни доираҳои баҳсӣ соҳибэътибор гардидааст. Дар зимн, Меҳр Собириён минҳайси коршиносу муҳаққиқи миллӣ муҳтазиёту талаботи замонро хуб эҳсос намуда, пайи ташхису ислоҳи мушкилоти фикрӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ, ҳувийятӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз тариқи пахшу нашри матолиби қолиби илмӣ-ихтисосӣ ва илмӣ-оммавӣ дар матбуоти даврии ватанӣ гомҳои устувор бармедорад ва аз ин тариқ вазифа ва рисолати иҷтимоӣ, илмӣ, ихтисосӣ ва ҳувийятии хешро иҷро мекунад. Бавежа, Меҳр Собириён ба сифати муҳаққиқ ва коршиноси муваффақи масоили иқтисоди миллӣ дар барномаи илмӣ-ихтисосӣ ва эҷодиаш масъалаҳои мубрамеро аз қабили ҳадафҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, сатҳи бозиҳои геополитикӣ, раванди бархӯрдҳои тамаддунӣ, сиёсати фарҳангӣ, зербинои сохтори иҷтимоӣ, мушаххасоти истеҳсолоти

ватанӣ, механизмҳои рушди низоми иқтисодӣ, худкифоию тавонмандиҳои фикрӣ дар сохтусози давлатдорӣ ва амсоли инҳоро ҷо дода, ҳар муаммову масъаларо аз рӯйи дараҷа ва сатҳи муҳимияту мубрамияти мавзӯӣ-мундариҷавӣ шарҳу тафсир медиҳад, Дар ин замина матолиби илмӣ ва илмӣ-оммавии Меҳр дар матбуоти даврӣ интишор ёфта, аз ҷониби ҷомеаи илмию маданӣ ҳамовозӣ пайдо намуданд. Ба ин манзур, доираи омӯзишу таҳқиқ, аз як сӯ ва дараҷаву сатҳи донишу биниши Меҳр Собириён, аз сӯйи дигар, фарох буда, пажӯҳишгар тамоми масоил ва мушкилотро бар мизони ақлу мантиқ андозагирӣ мекунад. Аз ин ҷост, ки нуқтаназароти муҳаққиқ ҷолиб буда, дар зеҳни хонанда ангезаи ковишу ҷустуҷӯҳои минбаъдаро дар заминаи мавзӯоти мавриди назар меафзоянд.

Инак, Меҳр Собириён барои нахустин маротиба натиҷаву ҳосили бардоштҳои илмӣ-пажӯҳишиашро дар қолиби маҷмуаи ҷудогона таҳти унвони “Ду роҳкори рушди миллӣ” мунсаҷим карда, ба дасти чоп супурдааст, ки аз лиҳози мундариҷавӣ, манобеи омӯзишӣ, ҷобаҷогузории мавзӯӣ, бархӯрди таҳлилӣ-интиқодӣ, сатҳи таҳқиқӣ ва бандубасти илмӣ хеле ҷолиб мебошад. Ба ин тартиб, нахустини маҷмуаи Меҳр Собириён “Ду роҳкори рушди миллӣ” фарогири 24 мақола буда, матолиб ба ду боб – “Фарҳанг ва худшиносии миллӣ” ва “Рушди иқтисоди миллӣ” тақсимбандӣ шудааст. Боби якум “Фарҳанг ва худшиносии миллӣ”, тавре ки дар боло тазаккур ёфт, аз 12 матлаби илмӣ ва илмӣ-оммавие таркиб ёфтааст, ки ба масъалаҳои ҳувийятӣ, ташаккули тафаккури миллӣ, бухрони ҷаҳонбинӣ ва воқеияти фарҳангӣ иртибот мегиранд. Ҳамин тур, боби дувум

“Рушди иқтисоди миллӣ” аз 12 матлаби ихтисосӣ, ки ба масоили авомили ақибмондагӣ, решашиносии мушкилоти иҷтимоӣ ва тарҳ-моделҳои рушди иқтисодӣ бахшида шудаанд, иборат мебошад. Ба ин маънӣ, муаллиф дар маҷмуа мақола ва матолиберо гирдоварӣ кардааст, ки масоил ва мушкилоти имрӯзи моро инъикос мекунанд ва ба истилоҳ, дарди ҷомеа мебошанд. Ин аст, ки Меҳр Собириён ба ҳайси як пажӯҳишгар, намояндаи интеллигенсияи миллӣ ва коршиноси масоили иқтисодӣ ба падидаву рӯйдодҳову равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фикрӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва ҳувийятӣ бетараф набуда, атрофи зуҳуроту мушкилоти мавҷуда ба лиҳози ихтисосӣ изҳори назар ва муҳимтар аз ҳама, бархӯрди мунтақидона мекунад. Маҳорату малакаи нақќодӣ ва интиқоди мунсифона, ки аз табиату сиришти зотию мантиқии Меҳр сарчашма мегирад, дар саросари матолиби маҷмуа эҳсос мешавад ва китобро хонданбоб месозад. Дигар ин ки маҷмуаи “Ду роҳкори рушди миллӣ” барои доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст ва масъулияти нақќодию довариро дар робита бо маҷмуаи мазкур бар уҳдаи хонандагон вогузор намуда, мутмаинем, ки писанди хотиру зеҳну фаросати шумо қарор мегирад. Ба дӯсти гиромӣ ва донишманди миллӣ Меҳр Собириён дар ҷодаи мушкилписанди омӯзишу пажӯҳиш комёбиву муваффақият хоҳонем.

**Бо эҳтиром,**
**Нозим Нурзода**
**25 апрели соли 2022**

# БОБИ 1. ФАРҲАНГ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

## 1.1. Баҳси бархурди тамаддунҳо: вазъият ва дурнамо[1]

Таърихи инсоният саршор аз бархурдҳост. Бархурд бо табиат, бо ҳайвонот, бо якдигар. Ин бархурдҳо миллиардҳо қурбонӣ дар пай доштаанд. Барои мутобиқ шудан ба шароити кураи Замин ва ҳифзи бақои худ инсоният миллиардҳо ҷонро аз даст додааст. Ин раванд ҳанӯз ҳам идома дорад. Набард бо вируси “COVID-19” дар ин шабу рӯз аз ҷумлаи ҳамин бархурдҳо ва мутобиқшавиҳост. Замоне инсонҳо обйекти шикори ҳайвоноти даранда буданд, вале саранҷом худ ба шикорчӣ табдил ёфтанд ва дар бархурд бо ҳайвонот баранда шуданд. Бархурди инсонҳо бо якдигар низ дар тули таърих ҷони миллиардҳо инсонро рабудааст, ки он сабабҳои гуногун дорад.

Аз рӯзе, ки инсон худ ва манофеи худро дар баробари дигар инсонҳо ва манофеи онҳо шинохт, бархурдҳо оғоз шуданд. Бархурдҳои барои ишқ, барои макони зист (авлодҳо), бархурдҳои номусӣ (қабилаҳо), бархурдҳо барои васеъсозии давлатҳо (шоҳигариҳо), бархурдҳо барои паҳнсозии динҳо (ниҳодҳои динӣ), бархурдҳои этникӣ (миллатҳо), бархурдҳои идеологӣ ва бархурдҳои тамаддунӣ. Дар ин навиштор ахирӣ, яъне

[1] Ин мақола дар маҷаллаи "Илм ва ҷомеа", №3(21), 2020, саҳ. 140 мунташир шудааст.

бархурдҳои тамаддунӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба мо лозим аст, ки пеш аз пардохтан ба баррасии бархурди тамаддунҳо, ба мафҳуми тамаддун каме равшанӣ андозем.

“Инсонҳо дар гурӯҳҳои созмонёфта зиндагӣ мекунанд, ки ҷомеа ном гирифтааст. Аъзои ҳар ҷомеае шеваи рафтори хосе пай мегиранд, ки ҷомеаи хоси онҳоро аз дигар ҷомеаҳо мутафовит месозад. Ин шеваи рафтори хос дар дар воқеъ фарҳанги ҳамон ҷомеа аст”.[2] Дар адабиёти фарҳангшиносӣ мафҳуми тамаддун аз мафҳуми фарҳанг фарқ мекунад. Баъзе муаллифон фарҳангро ҷанбаи маънавӣ ва тамаддунро ҷанбаи модӣ бахшидаанд. Доктор Чингиз Паҳлавон дар китоби “Фарҳангшиносӣ”-и худ менависад “тамаддун дар зимн метавонад бистари фарҳангҳои гуногун бошад, чуноне ки тамаддуни аврупоӣ чунин хислатеро дорад” [1]. Яъне як тамаддун метавонад якчанд фарҳангро дар бар гирад. Дуруст ба монанди тамаддуни ориёӣ, ки тибқи ин бардошт метавонад аз фарҳангҳои тоҷикӣ, курдӣ, лурӣ, порсӣ, балуҷӣ ва ғайра иборат бошад. Бо вуҷуди чунин фарқиятҳо, Доктор Чингиз Паҳлавон баъди баррасии дурударози мафҳумҳои фарҳанг ва тамаддун ба хулосае меояд, ки “дар вақеъ фарҳанг ва тамаддун аз ҳам ҷудо нест ва агар касе корбурди муайяне дар ҳавзаи хос барои онҳо қоил нашавад, гоҳ метавон ин ду мафҳумро ба ҷойи ҳам нишонд ва гоҳ ба вузуҳ ба як маъно ба кор бурд”[1]. Ба қавли Доктор Паҳлавон: “Фарҳанг ё тамаддун, ба мафҳуми васеи калима дар қавмшиносӣ, маҷмуаи печидае аст, ки шинохт, боварҳо, ҳунарҳо, ахлоқ, ҳуқуқ, одобу русум ва дигар қобилиятҳо ё одотеро дар бар

мегирад, ки инсон ба унвони узви ҷомеа касб мекунад” [3]. Самуел Ҳантингтон ба ин маҷмуа ниҳодҳои давлатиро низ дохил мекунад. Бо дарназардошти ин тафовутҳо дар бардошти донишмандон аз фарҳангу тамаддун дар доираи мавзуи баррасишаванда, беҳтар аст мо фарҳангро дар шакли маҳдудтар ва тамаддунро дар шакли васеъи дарбаргирандаи чанд фарҳанг баррасӣ намоем, то тавонем бархурдҳои дохилитамаддуниро низ бо моделҳои мавҷуда арзёбӣ карда бошем. Ба қавли донишманди эронӣ Доктор Масъуд Ҳоҷизода: “Тамаддун болотарин гурӯҳбандии фарҳангии мардум ва густардатарин сатҳи ҳувийяти фарҳангӣ аст, ки инсонҳо аз он бархурдоранд. Тамаддунҳо маҷудияти қобили дарк доранд, пӯё ҳастанд, зуҳур ва сукут мекунанд, тақсим мешаванд ва дар водии замон дафн мегарданд”[11]. Донишманди тоҷик Комил Бекзода мегӯяд: “Ҳар сарзамине ба таносуби истеъдод ва завқи сокинон, ҳосилхезии хок, манбаъҳои табиӣ ва вазъи обу ҳавои худ офаранда ва тавлидкунандаи тамаддуне махсус аст, ки бо тамаддуни ноҳияҳои дигар мутафовит мебошад”[4].

**Аҳамияти мавзӯъ.** Дар раванди ҷаҳонишавӣ тамаддунҳо бо ҳам рӯ ба рӯ мешаванд, омезиш меёбанд ва бархурд мекунанд. Маҳз дар ҳамин ҳолат масъалаи таъсири манфии ин раванд ба ҳувийяти миллӣ пайдо мешавад. Муайян кардани омилҳои таъсирасон ба ҳувийяти миллӣ ва мусаллаҳ шудан бо ин огоҳиҳо имкон медиҳад, ки ин таъсири манфӣ пешгирӣ ва ё ҳадди ақал кам карда шавад. Ин аст, ки мавзӯи баҳси бархурди тамаддунҳо, ки дар даврони пас аз ҷанги сард аз ҷониби олими саршиноси амрикоӣ Самуэл Ҳантингтон ҳамчун

назарияи рушди равандҳои сиёсӣ барои солҳои оянда матраҳ шуда буд, аҳамият пайдо мекунад. Чунки бо вуҷуди баҳсбарангез будани ин назария, дар се даҳаи охир, далелҳои зиёди тасдиқкунандаи он ба назар мерасанд ва дар баробари ин амалкарди кишварҳои абарқудратро дар аксар маврид аз рӯйи ҳамин назария метавон тавзеҳ дод. Кишварҳои Осиёи Марказӣ низ ҳамчун узви тамаддунҳои муайян дар ин бархурд иштирок доранд ва дар раванди ҷаҳонишавӣ хатароти онро бештар эҳсос мекунанд. Бинобар ин, дар доираи омӯзиши таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ба ҳувийяти миллӣ дар Осиёи Марказӣ, баррасии масъалаи бархурди тамаддунҳо лозим ба назар мерасад.

## Бархурди тамаддунҳо ҳамчун модели муносибатҳои байналмилалӣ

Баъди фурӯ рехтани девори Берлин дар соли 1989 Ҷанги сард ба охир расид ва донишмандону сиёсатшиносон дар ҷустуҷӯи модели нави рушди муносибатҳои байналмилалӣ афтоданд. Онҳо аз додаҳои таърихӣ истифода бурда, барои сохтани модели рушди муносибатҳои байналмилалӣ кӯшишҳо ба харҷ медоданд. Замоне муносибатҳои байналмилалӣ ва ҷангу ҳамгироиҳо дар доираи дин, бо ҷиҳоду ҷангҳои салибӣ ба вуҷуд меомаданд. Баъдтар дӯстиву эҳтиром ва ё кинаву адовати шоҳу шоҳзодаҳо муносибатҳои байналмилалиро муайян мекарданд. Пас аз пайдо шудани давлатҳои миллӣ дар қарни 19 рақобати миллатҳои гуногун, аксаран аврупоӣ, мавқеи намоён пайдо кард ва то поёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ идома ёфт. Пасон ҷанги сард дар

рақобати ду идеология ва ду система давлатдорӣ, сотсиализм ва капитализм, ба миён омад, ки чуноне қайд карда шуд, бо бардоштани девори Берлин хотима ёфт. Акнун коршиносон дар андеша буданд, ки дар ояндаи наздик чӣ парадигма муносибатҳои байналмилалиро муайян мекунад ва дар ҷустуҷӯи модели наве буданд, ки тавонад бархурду ҳамгирой миёни миллатҳои гуногуни ҷаҳон ва ё рушди ояндаи муносибатҳои байналмилалиро дар худ ифода кунад. Якчанд назарияҳо пешкаш карда шуданд, ки онҳоро метавон ба хушбинона, воқеъбинона ва бадбинона тақсим намуд.

Дар ҳамин сол буд, ки Френсис Фукуяма назарияи худро дар шакли мақола пешниҳод кард, ки он баъдтар дар соли 1992 ба китоб табдил дода шуд. Номи мақола "Поёни таърих?" буд, ки дар маҷаллаи амрикоии "Манфиати миллӣ" соли 1989 мунташир шуд ва унвонии китоби вай "Поёни таърих ва охирин инсон" (1992) аст. Вай аз ғалабаи пурраи демократияи *либералӣ* бар сотсиализм илҳом гирифта, парадигмаи "Поёни таърих"-ро пешниҳод кард. Яъне ба хулосае омад, ки модоме низоми демократияи *либералӣ* дар ҳама паҳлуҳои зиндагии инсон бартарии назарраси худро исбот кард, дигар баъд аз ин қуввае пайдо нахоҳад шуд, дар баробари Ғарб ва системаи он истода, хатари бархурди бузургро ба вуҷуд оварад. Аз ин пас ин система ба тадриҷ дар тамоми ҷаҳон паҳн мегардад ва дунё ба як давраи нисбатан оромиву шукуфой ворид мешавад, ки метавон гуфт то дараҷае дилгиркунанда аст. Ӯ мегӯяд "*демократияи либералӣ* "нуқтаи охири таҳаввули идеологии башар" ва "шакли ниҳоии давлат дар ҷомеаи башарӣ" бошад, ки

“поёни таърих” аст. Ин ба он маъност, ки шаклҳои қаблии давлатдорӣ камбудиҳои ислоҳнопазир ва ғайримантиқӣ доштанд, ки дар ниҳоят сабаби фурӯпошии онҳо мешуд, гуфта мешавад демократияи либералӣ аз чунин тазодҳои бунёдии дохилӣ орӣ аст”. Вай эътироф мекунад, ки “бархе аз кишварҳои муосир мумкин аст натавонанд ба демократияи либералии босубот даст ёбанд, дар ҳоле ки бархеи дигар мумкин аст ба шаклҳои дигари примитивии давлатдорӣ ба монанди теократия ва диктарураи ҳарбӣ баргарданд” [5]. Ин назарияи Фукуяма ба гурӯҳи назарияҳои хушбинона дохил мешавад.

Баъдан Самуел Ҳантингтон дар соли 1993 бо нашри мақолаи илмии худ дар маҷаллаи “Foreign affairs”-и амрикоӣ зери унвони “Бархурди Тамаддунҳо?” назарияи худро пешниҳод мекунад, ки хеле баҳсбарангез мешавад. Дертар ин назарияи худро тақвият дода, дар соли 1996 онро дар шакли китоб мунташир мекунад, ки дар он аломати саволашро бардошта номи китобро “Бархурди тамаддунҳо ва азнавсозии низоми ҷаҳонӣ” мегузорад. Ӯ мегӯяд, ки не, дар давраи нав низ рақобату бархурдҳо боқӣ мемонанд, на ин ки мо вориди як давраи оромиву осудагӣ мешавему демоктарияи либералӣ дар тамоми ҷаҳон паҳн мешавад. Дар ин давра табиати бештари бархурдҳо фарҳангӣ-тамаддунӣ хоҳад буд. Ин назарияи Ҳантингтон назарияи воқеъбинона буд.

Дар ҳақиқат, пас аз поёни ҷанги сард мавҷи нави ҳувийятҷӯӣ дар ҳама гӯшаҳои ҷаҳон сар зад. Миллатҳое, ки зери таъсири қувваҳои идеологӣ буданд ва системаи мувофиқи идеологиву иқтисодиро ҷустуҷӯ мекарданд,

ахиран ба корношоямии сотсиализм қоил шуда, демократия ва низоми сармоядориро ҳамчун беҳтарин низом шинохтанд. Ба ибораи дигар демократияи либералӣ тавонист, бартарияти худро дар баробари дигар низомҳо исбот кунад. Ин ба он маъно набуд, ки демократияи либералӣ аз камбудиҳо орист. Вале ин самараноктарин низом дар миёни дигар низомҳои ихтироъкардаи инсоният буд. Аммо ин зиддияту рақобатҳои ҷаҳониро хотима надод. Мавҷи ҳувийятҷӯӣ инсониятро дар баробари рақобатҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ қарор дод.

Дар ҳамин вазъият баъди мушоҳидаву омӯзиши зиёд Самуел Ҳантингтон ба хулосае омад, ки "дар ҷаҳони пас аз Ҷанги сард парчамҳо аҳамият доранд, ҳамчунин, аз ҷумла салиб, ҳилол ва ҳатто пӯшишҳои сар аҳамият пайдо мекунанд, зеро фарҳанг аҳамият пайдо мекунад ва ҳувийяти фарҳангӣ чизест, ки барои аксари мардум аз ҳама бештар маънодор аст. Инсонҳо дар ҳоли кашф кардани ҳувийяти нав, аммо ағлаб қадимӣ ҳастанд ва зери парчамҳои нав, вале ағлаб қадимӣ роҳпаймоӣ мекунанд, ки мунҷар ба ҷангҳо бо душманони нав, вале ағлаб қадимӣ мешавад. Душманон барои афроде, ки ба дунболи ҳувийят ва шинохти тозаи қавмият ҳастанд, муҳим мебошанд ва эҳтимолан душманони хатарноктарин дар хатҳои миёни тамаддунҳои бузурги ҷаҳон пайдо мешаванд. Фарҳанг ва ҳувийятҳои фарҳангӣ, ки дар густардатарин сатҳ ҳувийятҳои тамаддунӣ ҳастанд, омилҳои ҳамбастагӣ, таҷзия ва даргирӣ дар ҷаҳони баъди Ҷанги сардро ба вуҷуд меоваранд. Назми ҷаҳонии мабнӣ бар тамаддун дар ҳоли зуҳур аст: ҷомеаҳое, ки

пайвандҳои фарҳангӣ доранд бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд; талошҳои иваз кардани тамаддуни як ҷомеа ба дигар тамаддун бенатиҷа ҳастанд; ва гурӯҳи давлатҳо дар атрофи кишвари меҳварӣ ё аслии тамаддуни худ ҷамъ мешаванд” [6]. Эътироф мекунад, ки “тамоили ҷаҳонгароёнаи Ғарб ба таври фазояндае онро дар таззод бо дигар тамаддунҳо қарор медиҳад, махсусан бо ислом ва Чин” [6]. Вай ин хулосаи худро ба таври куллӣ чунин асоснок мекунад “дар дунёи пас аз Ҷанги сард тафовутҳои идеологӣ, сиёсӣ ё иқтисодӣ аз ҷумлаи муҳимтаринҳо нестанд. Тафовутҳои фарҳангӣ муҳимтарин ҳастанд. Мардум ва миллатҳо талош мекунанд ба одитарин саволе, ки инсонҳо рӯ ба рӯ мешаванд, посух гӯянд: Мо кӣ ҳастем? Ва онҳо барои ҷавоб ёфтан ба ин суол аз равиши суннатие кор мегиранд, ки инсонҳо то имрӯз истифода мекарданд, яъне бо таваҷҷуҳ ба чизҳое, ки барои онҳо бештарин арзишро дорад. Инсонҳо ҳувийяти худро дар пояи аҷдод, дин, забон, таърих, арзишҳо, одобу русум ва ниҳодҳо муайян мекунанд. Онҳо ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо мешаванд: қабилаҳо, гурӯҳҳои қавмӣ, ҷомеаҳои динӣ, миллатҳо ва дар васеътарин сатҳ тамаддунҳо. Мардум аз сиёсат танҳо барои расидан ба манофеашон истифода намекунанд, балки барои муайян кардани ҳувийятaшон низ онро истифода мебаранд. Мо кӣ будани худро, танҳо ҳангоми донистани ин ки кӣ нестем ва ё дар бисёр ҳолат танҳо баъди донистани ин ки мо зидди кӣ ҳастем, медонем” [6].

Дар ҳамон солҳои дигаргуншавии бузург дар низоми ҷаҳонӣ Ҳантингтон мушоҳида мекунад, ки кишварҳое, ки дар якҷоягӣ аз сохти сотсиалистӣ даст

кашиданд, дар амалӣ сохтани ислоҳоти демократӣ аз якдигар фарқ мекунанд ва ин фарқият ба фарҳангу тамаддуни онҳо вобастагӣ дорад. Яъне кишварҳое, ки мероси фарҳангии ғарбӣ доранд, дар роҳи рушди иқтисодиву демократӣ қадамҳои нисбатан устувор бардошта истодаанд. Ин дар ҳолест, ки ин равандҳо дар кишварҳои дорои фарҳанги Ортодоксӣ (православӣ) кунд буда, ояндаи норавшан доранд ва дар ҳамин ҳолат ояндаи кишварҳои дорои фарҳанги исломӣ нигаронкунанда аст. Дар воқеъ баъди қариб сӣ сол ҳанӯз мо ин фарқиятро мебинем, ки он боз ҳам равшантар шудааст.

Дар асоси ҳамин воқеиятҳо Самуел Ҳантингтон кӯшиш мекунад як парадигма, як харита ва ба истилоҳи дигар як модели рушди муносиботи байналмилалӣ барои давраи баъди Ҷанги сард коркард кунад. Ӯ мегӯяд "агар мо дар бораи ҷаҳон ҷиддӣ андеша намоем ва дар он амалҳои самаранок дошта бошем, ба як намуд харитаи соддакардашудаи воқеиятҳо, як назария, консепсия, модел, парадигма эҳтиёҷ дорем"[6]. Саранҷом ин харита ё моделро дар асоси тақсимоти тамаддунии ҷаҳон месозад ва пешкаши ҷаҳониён менамояд. Онро назарияи "Бархурди тамаддунҳо" меномад, ки ба хотири ғунҷонидани он дар қолаби як модели илмии рушди муносибатҳои байналмилалӣ ҷаҳонро ба 8 тамаддун тақсим мекунад. Яъне (1) тамаддуни ғарб, (2)тамаддуни ортодоксӣ (провославӣ), (3)тамаддуни конфутсионӣ, (4)тамаддуни ҷопонӣ, (5)тамаддуни ҳиндуӣ, (6)тамаддуни исломӣ, (7)тамаддуни амрикои ҷанубӣ ва шояд (8)тамаддуни африқоӣ. Албатта ин ба он маъно нест, ки дар ҷаҳон танҳо ҳамин 8 тамаддун вуҷуд дорад ё

намояндагони ин тамаддунҳо аз як гиребон сар бароварда, бар зидди якдигар муборизаи дастаҷамъона мебаранд. Ин тақсимот тибқи қавонини илмии моделсозӣ сода карда шудааст. Худи муаллиф низ эътироф мекунад, ки "тасвири сиёсати пас аз Ҷанги сард тибқи факторҳои фарҳангӣ, ки бархурд ва ҳамгироии кишварҳо ва гурӯҳҳоро дар меҳвари тамаддунҳои гуногун дар бар мегирад, хеле содакардашуда аст. Он хеле чизҳоро ҳазф мекунад, таҳриф мекунад ва ё тира месозад". Аммо "харитаҳо ё парадигмаҳои содакардашуда барои дарк ва амалкунии инсон ногузир ҳастанд. Мо метавонем ба таври саҳеҳ назарияҳо ё моделҳоро бисозем ва огоҳона онҳоро барои раҳнамоии рафтори худ истифода кунем"[6]. Барои тақвияти ин гуфтаҳо метавон назари Роберт Солоро овард, ки барои модели рушди иқтисодии худ ва дигар корҳои илмӣ дар соҳаи Иқтисодиёти рушд, соли 1987 Ҷоизаи иқтисодии Нобелиро гирифта буд. Роберт Соло мегӯяд "моделҳои беҳтарин маъмулан бисёр оддӣ ҳастанд, аммо маълумоти зиёдеро дар бораи он ки ҷаҳон чӣ тавр кор мекунад ба мо медиҳанд. Ҳама назария ба фарзҳое такя мекунанд, ки дурустии сардарсадӣ надоранд. Ин вижагиест, ки онро назария месозад. Санъати назарияпардозии муваффақона ин аст, ки гумонҳои содашудаи ногузир тавре пешкаш карда мешаванд, ки натиҷаи охирини он ҳассосияти зиёд надорад"[7]. Яъне метавон гуфт, ки модели Семуел Ҳантингтон низ дар пояи моделҳои илмӣ сохта шудааст ва қарор нест, ки ҳама падидаҳои ба вуҷудомада дар замони навро дар бар гирад. Аммо ба мо имконият медиҳад равандҳоро ба тартиб даровarда, дар

кул тасаввур намоем, зарурро аз нозарур фарқ кунем, ояндаро пешгӯӣ намоем ва муҳимтар аз ҳама роҳҳои расидан ба аҳдофи худро интихоб намоем. [6]




(манбаи расм: www.semanticscholar.org )

Самуел Ҳантинтон дар китоби худ моделҳои алтернативии сиёсати ҷаҳониро низ баррасӣ мекунад ва эътироф мекунад, ки як модел наметавонад ҷавобгӯи ҳама талаботҳо бошад. Яке аз ин моделҳои алтернативӣ “Як ҷаҳон: ейфория ва гармония” мебошад, ки намояндаи барҷастаи он ҳамон Френсис Фукуяма мебошад. Тибқи ин модел, ба истиснои чанд кишвари ҷаҳони сеюм пас аз Ҷанги сард бояд дар олам як раванди нисбатан оромиву осудагӣ ва ҳамгироии зичи миллатҳо ҷорӣ мешуд. Аммо солҳои баъдӣ дидем, ки чунин нашуд. Дигар модел ин “Ду ҷаҳон: мо ва онҳо” мебошад, ки тибқи он ҷаҳон метавонист боз ба ду қутб тақсим шавад. Фарзияҳо зиёд буданд. Шимоли сарватманд ва Ҷануби фақир, мутамаддинҳо ва варварҳо, Шарқ ва Ғарб, минтақаҳои ором ва минтақаҳои ноором ва дигар фарзияҳои рушди ҷаҳони дуқутбаро донишмандон ҳадс

мезаданд. Сеюм, модели давлатҳо мебошад. Яъне маҳз давлатҳои соҳибистиқлол дар муносиботи байналмилалӣ дар бархурду ҳамгироиҳо нақши бештаринро доранд. Сиёсати онҳо аст, ки асоси бархурдҳоро дар сатҳи ҷаҳонӣ дар худ инъикос мекунад. Чорум, модели хаос ва анархия аст, ки бо дар назардошти давлатҳои заиф ва давлатҳои шикастхурдаи зиёд дар ҷаҳон сохта шудааст. Ин моделро донишманд Зигниев Брезински ва дигарон дар корҳои худ баррасӣ кардаанд ва ин намунаи назарияи бадбинона буд. Ҳамаи ин моделҳои алтернативиро Самуел Ҳантингтон баррасии кӯтоҳ мекунад ва эътироф мекунад, ки дар шароитҳои хос онҳо низ коршоям ҳастанд. Дар қисмати муқоисаи ин моделҳои гуногун вай эътироф мекунад, ки "парадигмаи тамаддунӣ як нақшаи нисбатан оддӣ, аммо на аз ҳад зиёд соддаи дарки равандҳои ҷаҳониро дар охири асри 20 пешниҳод менамояд. Ба ҳар ҳол ҳеҷ парадигмае барои ҳамеша хуб нест. Модели "Ҷанги сард" барои сиёсати ҷаҳонӣ барои 40 сол аҳамиятноку муфид буд, аммо дар охири солҳои ҳаштодум корношоям шуд ва дар як давраи дигар парадигмаи тамаддуниро низ ҳамин сарнавишт интизор аст. Бо вуҷуди ин, барои давраи муосир ин парадигма барои мо дастурамали муфиде мебошад, ки тавонем он чиро ки бештар муҳим аст аз он чӣ ки камтар муҳим аст, фарқ кунем"[6].

Парадигмаҳо ва моделҳо пешгӯиҳо ҳам мекунанд. Ин вижагии моделҳоро баррасӣ карда Самуел Ҳантингтон дар ҳамон солҳои 1993, яъне зиёда аз 20 сол пеш аз сар задани ҷанг дар Украина, онро пешгӯӣ карда будааст. Вай овардааст, ки "дар ҳоле ки парадигмаи

давлатҳо дар муносибати Русияву Украина рақобати ду давлати бузург ва бархурд дар сатҳи давлатиро пешбинӣ мекунад. Модели бархурди тамаддунҳо порашавии давлати Украинаро аз рӯйи тамаддун пешгӯӣ мекунад. Ин порашавии Украина бо сабабҳои фарҳангӣ метавонанд дар хунрезӣ хеле бадтар аз ҷудошавии Чехословакия бошад, аммо хеле камтар аз порашавии Югославия"[6]. Ҳоло 20 сол пас аз ин пешгӯӣ мо дар амал иҷро шуданашро шоҳид шудем. Ҳоло ин ҷо метавон дахолати Русия ва дигар омилҳоро пеш овард, вале воқеият ин аст, ки имрӯз Украина тибқи ҳамон пешгӯии Ҳантингтон пора шудааст.

Барои тақвияти афкори худ Самуел Ҳантингтон дар китоби худ чандин ҳаводисеро мисол мезанад, ки дар шаш моҳи аввали соли 1993 рух додаанд, ки мутобиқи модели "Бархурди тамаддунҳо" мебошанд. Дар ин рӯйхат ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон низ ҳаст, ки онро "набард миёни қувваҳои мусаллаҳи Русия ва муҷоҳидони чирикӣ" номидааст. Дар кадом асос ду ҷониби ҷанги дохили моро номгузорӣ кардааст, номаълум аст ва муҳим ҳам нест. Муҳим ин аст, ки ҷанги дохилии моро низ метавон бо модели "бархурди тамаддунҳо" баррасиву тасвир кард. Ҳарчанд дар тақсимоти тамаддунии Ҳантингтон ҳарду ҷониб аз тамаддуни исломӣ буданд, вале бо андак тақвият додани ин тақсимот мебинем, ки ин ҷо исломи суннатии омехта бо тамаддуни эронӣ-тоҷикӣ мавриди ҳамлаи муҷоҳидони ифротӣ қарор гирифта буд, ки аъзои "Фронти халқӣ" огоҳона ва ё ноогоҳона дар ин бархурди тамаддунҳо аз арзишҳои тамаддуни эронӣ-тоҷикии мо ҳимоят мекарданд.

Ҳадафи Ҳантингтон аз сохтани модели “Бархурди тамаддунҳо” пеш аз ҳама огоҳӣ додан ва раҳнамоӣ кардани давлатмардони ҷомеаи худаш аст. Вай ҳамчун як меҳанпарасти амрикоӣ кӯшиш мекунад ба гӯши тасмимгирон дар сатҳи баланд бирасонад, ки шефтаву фирефтаи бартариҳои илмиву ҳарбӣ ва давлатдории худ нашаванд ва аз хатароти дар пешистода ғофил набошанд. Боби 12-ми китоби худро ӯ пурра ба ҳамин мавзӯъ бахшида, камбудиҳои ҷомеаи Ғарбро номбар мекунад ва дар баробари он аз таърихи мағлуб шудани тамаддунҳои бузург мисолҳо оварда, таъкид мекунад, ки тамаддуни Ғарб метавонад бо пойбандӣ ба арзишҳои асосии худ, насроният, гуногунандешӣ, индивидуализм ва волоияти қонун, ки ба Ғарб имкони модернизатсия шуданро дод, худро ҳифз кунад. Ӯ мегӯяд, “масъулияти лидерони Ғарб кӯшиши дар сурати тамаддуни Ғарб даровардани дигар тамаддунҳо нест, чизе ки хориҷ аз қудрати таназзулёбандаи онҳост, балки нигаҳдорӣ, ҳимоят ва азнавсозии вижагиҳои тамаддуни Ғарб аст. Аз сабаби қудратмандарин давлати Ғарб буданаш ин масъулият аз ҳама бештар ба дӯши Иёлоти Мутаҳидаи Амрико меафтад”[6]. Ҳарчанд вай мултикултурализм ва муҳоҷирати намояндагони тамаддунҳои дигарро, ки дар фарҳанги Ғарб ассимилятсия (омехта) шудан намехоҳанд, зери тозиёнаи танқид гирифта, ҳифзи ягонагии тамаддуни Ғарб дар ватанашро талаб мекунад, таъкид мекунад, ки “мудохилаи кишварҳои Ғарб ба корҳои дохилии тамаддунҳои дигар эҳтимолан бузургтарин сарчашмаи ноамнӣ ва бархурдҳои ҷаҳонӣ дар дунёи

бисёртамаддунӣ хоҳад буд"[6]. Яъне мавқеи Ҳантингтон таҳоҷумӣ набуда бештар ҳимоявӣ ба назар мерасад.

**Нақди модели "Бархурди тамаддунҳо"**

Назарияи "Бархурди тамаддунҳо"-и Самуел Ҳантингтон яке аз баҳсбарангезтарин назарияҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Мунаққидони ин назария дар бисёр маврид, қонуну қоидаҳои моделсозиро ба назар нагирифта, кӯшиш мекунанд, то онро барои мувофиқат накардан бо ин ё он раванд инкор кунанд. Масалан, Ҷефрӣ Ҳейнес аз Донишгоҳи Лондон эрод мегирад, ки "худи идеяи ҷаҳони тақсимшуда миёни 7 ё ҳашт тамаддун чаранд ба назар мерасад"[8]. Ин дар ҳолест, ки Ҳантингтон сароҳатан таъкид мекунад, ки ин тақсимоти содакардашуда аст ва танҳо барои сохтани модели коршоям истифода шудааст. Яъне вай намегӯяд, ки ҷаҳони мо танҳо аз ҳамин 8 тамаддун иборат аст. Вале ин мунаққидаш инро ба назар нагирифта, эроди ноҷо гирифтааст. Ё гурӯҳи дигар аз сари таассуб ба боварҳои худ онро бо овардани бардоштҳои нодурусти худ аз дину мазҳаб рад карданӣ мешавад.

Ба ҳар ҳол ин назария ҷонибдорони худро пайдо кард ва аз ҳама муҳимтар ин назария дар долонҳои тасмимгирандагони Ғарб ҷойгоҳ пайдо кард, ки бе шак ҳадафи аслии муаллиф буд. Агар бархурдҳои дар тӯли 30 соли охир рӯйдодаро арзёбӣ кунем, мебинем, ки бештарини онҳо ба модели "Бархурди тамаддунҳо" мувофиқ меоянд. Дар баробари ин, дар сиёсати кишварҳои Ғарбӣ метавон таъсири назарияи мазкурро мушоҳида кард. Сайид Мансуб Муршид, аз Донишгоҳи

Эрасмуси Ҳоланд, дар баробари эътирофи ин воқеият, ки дар давраи 20 сол пас аз нашри мақолаи Ҳантингтон бурхурдҳои тамаддунӣ дар воқеъ зиёд шуданд, дар ин бархурдҳо бештар фарҳангу сиёсати Ғарбро гунаҳгор мекунад. Иддао дорад, ки мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоии мусалмонон дар кишварҳои ғарбӣ онҳоро ба доми гурӯҳҳои террористӣ мебарад. Ва ё суханрониҳои баъзе сиёсатмадорони ростгарои кишварҳои аврупоиро мисол оварда, кӯшиш мекунад, ки онҳоро низ дар ин бархурдҳо мунқасир нишон диҳад. Аммо ин ҳама иддаоҳо дар асл тасдиқкунандаи назарияи "Бархурди тамаддунҳо" буда, бархурди ин ду тамаддунро ифода мекунад. Ҳамин муаллиф зери таассуботи динии худ, кӯшиш мекунад, тамаддуни худро хеле таҳаммулгаро, мардумсолор ва беозор тасвир намояд. Аз таърихи ихроҷи мусалмонон аз Испания ва Сисилия, куштори онҳо дар Балкан ва Фаластинро ёдовар мешавад, вале бо вуҷуди эронӣ будан аз ҷиноёти хулафои рошидин ва Аббосиён нисбат ба эрониён ва тамаддуни эронӣ-тоҷикӣ чизе намегӯяд. Ин ҳам баёнгари таассуб доштани вай аст, ки ин мақолаи ӯро аз нуқтаи назари илм беарзиш месозад. Бо вуҷуди ин, вай дар ин матлаби худ чанд назароте дорад, ки тасдиқкунандаи назарияи Ҳантингтон аст. Масалан, вай мегӯяд, ки: "ин камбағалӣ ва мушкилоти шахсии ҷавонони мусалмони кишварҳои Ғарб нест, ки онҳоро ба гурӯҳҳои ифротгаро ҷалб месозад, балки нокомиҳои кулли мусалмонон дар ин кишварҳо онҳоро ба ин роҳ мебарад." Ё: "илова бар даст задан ба амалҳои террористӣ, "ифротгароии исломӣ" дар дигар амалҳои бидуни хушунат, ба монанди

ҳиҷобпӯшӣ ва дигар унсурҳои фарққунанда низ ифода меёбад, ки ин аъмоли рамзӣ нороҳатии ғарбиёнро ба вуҷуд меоваранд, бо ин сабаб, ки ҳамчун радди пархошгаронаи тамаддуни ғарбӣ қабул карда мешавад"[8]. Дар баробари ин, аз як тадқиқоти соли 2008 ёдовар мешавад, ки нишон додааст шумори зиёди аҳолии кишварҳои Ғарб назари манфӣ ба мусалмонон доранд. Ин ҳама назарот тасдиққунандаи он аст, ки дар ин чанд даҳаи охир бархурдҳои тамаддунӣ зиёд шудааст.

Собиқ президенти Эрон Муҳаммад Ҳотамӣ низ дар тасдиқи назарияи "Бархурди тамаддунҳо" мегӯяд "пештар Ҳантингтон масъалаи ситези тамаддунҳоро матраҳ карда буд, ки дар воқеъ бозгӯкунандаи воқеияти сорӣ ва ҷорӣ дар ин рӯзгор буд. Аммо набояд иҷоза дод, ки ин воқеият сарнавишти ҳамаи миллатҳо ва кишварҳоро рақам бизанад. Агар парадигмаи мавҷударо иваз кунем ҳамаи натоиҷ дигаргун хоҳад шуд"[9]. Ӯ дар соли 2000 дар суханронии худ дар Маҷмааи умумии СММ пешниҳод карда буд, ки соли 2001-ум соли "Гуфтугӯи тамаддунҳо" эълом карда шавад ва ҳамчунин ҳам шуд. Вале мутаассифона, ин пешниҳоди Ҳотамӣ бештар сиёсӣ буд то илмӣ, ки бо вуҷуди тарғиби зиёд шуданаш аз ҷониби худи муаллиф ва дигар ҷонибдоронаш, амалӣ нашуд. Худи муаллиф низ натавонист ягон механизми дурусти амалӣ сохтани онро пешниҳод кунад. Бо эътирофи муаллифи муқаддимаи китоби "Гуфтугӯи тамаддунҳо" Муҳаммадалӣ Абтаҳӣ ин тарҳ ҳатто "дар Эрон мавриди бемеҳрӣ қарор гирифт"[10]. Доктор Масъуд Ҳоҷизода низ мегӯяд, ки "ба "Гуфтугӯи тамаддунҳо" ба шакли сиёсӣ бархурд намуданд ва дар

ҳоле, ки ин андеша дар сатҳи ҷаҳонӣ эътибор ёфт дар сатҳи дохилӣ ба матраҳ намудани он баҳои кофӣ надоданд ва онро ҷиддӣ нагирифтанд“[11]. Парадигмаи “Гуфтугӯи тамаддунҳо” дар матбуоти Тоҷикистон низ пайваста баррасӣ мешуд. Ба ҳар ҳол дар шароити ҳозира амалӣ шудани он номумкин аст. Чунки то ҳол болоравии ҳувийяти фарҳангӣ, махсусан динӣ, дар аксар кишварҳо дида мешавад ва иштироки мазҳаб дар сиёсат зиёд ба назар мерасад. Мусаллам аст, ки таълимоти баъзе аз ин динҳо таҳоҷумӣ ва нафратбарангез аст. Дар чунин ҳолат бархурдҳои тамаддунӣ зиёд мешаванду кам не. Шояд баъди як давраи муайян шароит тағйир ёбад ва тибқи пешгӯии худи Ҳантингтон модели “Бархурди тамаддунҳо” корношоям гардад. Он замон шояд, баъдиислоҳи таълимоти худ ва бештар инсондӯстона кардани онҳо, аз ҷониби намояндагони ин ё он тамаддун, роҳ ба сӯи амалӣ сохтани парадигмаи “Гуфтугӯи тамаддунҳо” кушода шавад.

**Воқеият баъди 27 сол**

Модели “Бархурди тамаддунҳо”-и Самуел Ҳантингтон, дар тайи 27 соли охир бисёре аз бархурдҳо дар сатҳи ҷаҳониро дар худ ифода мекунад. Сар карда аз ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон то наслкушии курдони ориёӣ аз ҷониби исломиҳои бунёдӣ ва фоҷеаи Яманро метавон ба осонӣ дар қолаби модели мазкур ҷой дода, баррасӣ кард. Албатта барои ин корро кардан тақсимоти Ҳантингтонро васеътар кардан лозим меояд. Яъне ба монанди ба се қисмат ҷудо шудани насрониҳо миллатҳои мусалмонро ҳам метавон бо шиаву суннӣ ва модерну банёдгаро қисмат

кард. Ба шиаву сунни ҷудо шудани ин тамаддун ба асрҳои миёна рост меояд, аммо танҳо дар асрҳои 19-20 буд ки ин тамаддун ба модерну бунёдгаро тақсим шуд. Ҳанӯз Арнолд Тоимбӣ дар асари худ "Тамаддун дар озмоиш" дар соли 1948 ин тақсимотро баррасӣ карда буд.

Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистонро, ки миёни гурӯҳҳои бунёдгарои исломӣ ва гурӯҳҳои дунявиятхоҳи коммунистӣ буд, метавон ҳамчун ҷанги бунёдгароҳои исломӣ ва модернҳо, дар қолаби модели Ҳантингтон ғунҷонид. Баррасӣ кардани ин ҷанг бо модели "Бархурди тамаддунҳо" нишон медиҳад, ки дар асл, тамаддуни исломӣ бо тамаддуни тоҷикӣ-эронии омехта бо ниҳодҳои шӯравӣ ва баъзе суннатҳои исломӣ дар бархурд қарор гирифта буд. Албатта, дар ин миён дасти кишварҳои сеюм мушоҳида мешуд ва ин мудохила ҳам дар меҳвари тамаддунӣ қарор гирифта буд. Яъне кишварҳои исломӣ, махсусан ҶИА, ҶИЭ ва Арабистони Саудӣ, аз гурӯҳҳои бунёдгарои исломӣ пуштибонӣ мекарданд ва кишварҳои пасошӯравии Русия ва Узбакистон аз гурӯҳҳои модерн ва ё дунявию озодихоҳ. Метавон чандин далел ёфт, ки ин модел наметавонад ба онҳо ҷавобгӯ бошад. Аз қабили ҷой доштани ашхоси ҷинояткор дар ҳар ду ҷониб, ки ҳадафашон танҳо дуздиву ғоратгарӣ буд. Вале дар маҷмуъ ҷанги дохилӣ дар кишвари моро ҳам мешавад дар қолаби ин модел баррасӣ кард ва дар такя ба равандҳои муосир эҳтимолияти дар оянда сар задани мунoқишаҳои навро муайян кард. Ҳамчуноне ки файласуфи тоҷик Ёрмаҳмад Ниёзӣ ин масъаларо баррасӣ карда, қайд мекунад, ки дар охири давраи Шӯравӣ "тақвият додани таълимоти фиқҳии ислом, ки баъдан ҲНИТ шуд ва бевосита яке аз

қутбҳои муқобили ҳизби коммунисти вақт шуд... ва даст ба ҷангу нооромии кишвар зада, онро (қариб) нобуд сохт"[14]. Яъне тақвият ёфтани ҳувийяти исломии як қишр онҳоро водор ба ҷанг бо дигарон кард.

Ҷангҳо дар Кавказ, Югославия, Афғонистон, Ироқ, Сурия, Украина, Яман ва чанде аз кишварҳои африқоиро ҳам бархурди тамаддунҳо гуфтан мумкин аст. Дар Қафқоз Арманистону Озарбойҷон ва чечену русҳо, дар Югославия мусалмону ортодокс ва ортодоксу католикҳо, дар Афғонистон исломиҳои бунёдгаро ва коалитсияи Ғарб, дар Ироқ боз Ғарбу арабҳо ва баъдан ҷанги ДИИШ муқобили ҳама, дар Яман ҷанги минтақавии шиаву сунӣ ва дар Украина ҷанги ортодоксҳо бо украиниҳои греко-католикро метавон дар қолаби ин модел тавзеҳ дод, ки дар аксар ҳолат дар ин бархурдҳо чандин кишвар иштирок мекарданд, яъне аз доираи як кишвар берун буда, табиати онҳо тамаддунӣ буд.

Барои мо тоҷикон баъди куштορҳои фоҷеаноки ҲНИ дар Тоҷикистон ва Толибон дар Афғонистон, қатли оми курдҳои ҳамнажодамон сангинтар буд. Дар падидаи тамаддунии ДИИШ намояндагони онҳо аз ҳама зиёд курдҳоро нобуд мекарданд. Сабаби он ҳам аз тамаддуни дигар будани ин миллат мебошад. Бо вуҷуди он, ки курдҳо мусалмон буданд, вале исломи онҳо дар тамаддуни ориёияшон ҳазм шуда буд. Инро бунёдгароҳои ДИИШ медиданд ва барои тамаддуни дигар доштанашон курдҳоро мекуштанд, моликияташонро ғорат мекарданд ва зану духтарҳояшонро ҳамчун каниз бо худ мебурданд. Ҳамаи ин бераҳмиҳоро дар асоси суннату қонунҳои тамаддунии худ мекарданд. Дар фронти дигар ин

бунёдгароҳо бо намояндагони исломи шиа меҷангиданд, ки аз аъроби шиаи Сурия, Ироқ ва Эрон иборат буданд. Ҳарчанд Руссия дертар вориди ин бурхурд шуда бошад ҳам, ин маънои ҳамкории ду тамаддуни мухталиф барои нест кардани тамаддуни дигари ғосиб, нафратпарокан ва ҷаҳонталабро дошт. Ҳамкории тамаддунҳо дар бархурд ба як душмани муштаракро ҳам Ҳантингтон дар назарияи худ пешбинӣ карда буд.

Ҳама ин ҳаводиси бо тамаддуну мазҳабҳои гуногун рабтдошта нишон медиҳанд, ки модели "Бархурди тамаддунҳо"-и Самуел Ҳантингтон як модели коршоям буда, бештари равандҳо ва бархурдҳо дар ҷаҳони муосирро, то имрӯз, дар худ ифода мекунад. Дар ҳоли ҳозир бархурдҳои бунёдгароҳо дар Сурия зери пуштибонии Туркия бо курдҳои ориёӣ, бархурдҳои шиаҳои Яман бо дастгирии Эрон бо сунниҳои ин кишвар бо дастгирии коаллитсияи кишварҳои арабӣ бо сарварии Арабистони Саудӣ, бархурдҳои бунёдгароҳои Нигерия бо ҳукумати ин кишвар, мушкилоти мусалмонони Мянмар бо ҳукумати буддоии он ва мушкили шарқи Украин идома доранд. Ин ҳам далели он аст, ки мутассифона то имрӯз модели Ҳантингтон актуалӣ мебошад. Инсоният то ҳол роҳҳои аз байн бурдани мушкилот дар муносибати намояндагони тамаддунҳои гуногунро наёфтааст. Ҳама аз сулҳу гуфтугӯи тамаддунҳо сухан мегӯянд, вале ҳеҷ тамаддуне кӯшиши ташхису муайянсозии камбудиҳои худро накардааст. Дар бештар маврид омилҳои хатарзои тамаддунҳо ба адёни муқаддас бастагӣ доранд, ки онҳо ислоҳнопазир ҳастанд. Ҳатто кишварҳои абарқудрат ва созмонҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ба ҷойи талаби

ислоҳи омилҳои хатарзои адён ба пуштибони аслии онҳо табдил ёфтаанд. Онҳо пушти мафҳуми озодии виҷдон пинҳон шуда, аз ҳизбу ҳаракатҳои динӣ дар баробари ҳукуматҳои дунявӣ ва донишмандони алоҳида мубориза мебаранд. Ҳамин бархурди нодуруст дар сатҳи ҷаҳонӣ боиси пайдо шудани ДИИШ гардида буд, ки натиҷаашро ҳама медонад. Ҳоло пасмондагони ҳамин гурӯҳи ваҳшатзо аз ҷониби кишварҳои минтақа пуштибонӣ ёфта, курдҳои ориёиро мекушанд. Навори ғорати шаҳри Африн ва барандохтани пайкараи қаҳрамони тамаддуни ориёи Коваи Оҳангар, аз ҷумлаи ҳамин ҷиноятҳои ба амаломада пушти мафҳуми озодии виҷдон мебошад. Дар сатҳи байналмилалӣ ва ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи башар, ҳеҷ кас ҷилави омилони ин куштору ғоратгарӣ ва поймолсозии ҳуқуқи курдҳои ориёиро нагирифт. Чунин бархурди духура бо амилҳои хатарзо дар миёни тамаддунҳо роҳи гуфтугӯро бастааст ва дар натиҷа ин ҳама бархурдҳои тамаддуниро мебинем, ки аз он гурӯҳҳои муайян суд меҷӯянд. Ин дигар воқеияти имрӯзӣ аст.

## Дурнамои бархурди тамаддунҳо

(ба ҷойи охирсухан)

Яке аз омилҳое, ки боиси ба вуҷуд омадани ҷанги сард шуда буд, ин ҷаҳонхоҳии ду системаи давлатдорӣ ва нафрати онҳо нисбат ба якдигар буд. Кишварҳои дорои низоми сармоядорӣ бо сарварии ИМА кӯшиш мекарданд низоми демократияи либералиро дар ҷаҳон густариш диҳанд, аз ҷониби дигар кишварҳои сотсиалистӣ бо сарварии ИҶШС кӯшиш мекарданд коммунизмро дар тамоми ҷаҳон паҳн созанд. Дастбакорони ҳарду низом ба

якдигар нафрат доштанд ва аъмоли якдигарро зиддиинсонӣ мешумориданд. Дар ин замина ҷанги сард қариб 40 сол идома ёфт. Саранҷом коммунистони Шӯравӣ ба бунбасти иқтисодӣ гирифтор шуданд ва афкори худро бозбинӣ карда, аз ҷаҳонхоҳӣ даст кашиданд. Онҳо бо як мардонагии ба худ хос нафратро канор гузошта, вориди ҳамкориҳову ҳамгироиҳои зич бо рақибони дирӯзаи худ шуданд. Ин буд анҷоми Ҷанги сард ва оғози марҳилаи нав дар муносибатҳои байналмилалӣ.

Ҳоло агар нақши ин ду омил, ҷаҳонхоҳӣ ва нафратро, дар модели "Бархурди тамаддунҳо" баррасӣ кунем, мебинем, ки дар воқеъ ҷойгоҳи муайяни худро доранд. Махсусан дар муносиботи тамаддуни исломӣ бо Ғарб ва дигар тамаддунҳо ин ду омилро ошкоро дида метавонем. Яъне ҷаҳонхоҳӣ ва нафрати байни ҳамдигарӣ вуҷуд дорад ва аксари ҷангу террорҳо дар асоси ҳамин ду омил ба вуҷуд меоянд. Албатта, ин ҷо наметавон кулли намояндагони ин тамаддунҳоро ҷаҳонхоҳ ва бадбини якдигар хонд. Аммо бо вуҷуди бетараф ва ҳатто зидди ҷаҳонхоҳиву нафрат будани як қишри ин ҷомеаҳо, қишри фаъоли ин тамаддунҳо огоҳонаву ноогоҳона дар ҳамин масир ҳаракат карда истодаанд. Ин метавонад далели он бошад, ки модели "Бархурди тамаддунҳо" дарояндаи наздик корношоям нахоҳад шуд. Моро дар пеш ҷангу террорҳои навбатӣ интизоранд, ки аз ҷониби намояндагони тамаддунҳои гуногун амалӣ карда мешаванд. Ин дар ҳолест, ки айни замон мушкили курдҳои ориёӣ бо исломиҳои бунёдгаро, уйғурҳои мусалмон бо чиниҳои конфутсионӣ, мусалмонони

Мянмар бо буддоиҳои ин кишвар, ҷанги шиаву сунниҳо дар Яман ва чандин бархурдҳои тамаддунии дигар дар Африқо ҳалли ниҳоии худро наёфтанд.

Мутаассифона, нафрат нафрат мезояд. Як мисоли оддӣ силсилаи террорҳои бархоста аз мухталиф будани дидгоҳҳои Ғарбу ислом дар масъалаи озодии баён метавонад бошад. Дар соли 2015 тибқи арзишҳои тамаддунии худ ва дар асоси ҳуқуқҳои констутсионияшон чанд кормандони ҳафтаномаи ҳаҷвии "*Charlie Hebdo*", дар Пориси Фаронса, карикатураи асосгузори дини ислом Муҳаммад пури Абдуллоҳро мунташир карданд. Ин нафрати бунёдгароҳои исломиро зиёд карда, боиси бархурдҳои лафзии зиёд ва саранҷом иҷрои чанд амали террористӣ гардид. Намояндагони тамаддуни исломӣ кормандони маҷаллаи фаронсавии "*Charlie Hebdo*"-ро террор карданд, ки он 12 кушта ва 11 захмӣ ба ҷой гузошт. Ин ҷинояти дар асоси нафрат иҷрошуда, намояндагони тамаддуни Ғарбро ба хашм овард. Баъди 4 сол, соли 2019, яке аз пайвандони қурбониёни амали террористӣ дар дафтари ин ҳафтанома, дар асоси нафрат ва барои қассос аз мусалмонон дар ду масҷиде дар Зеландияи Нав амали террористӣ иҷро кард, ки аз худ 51 кушта ва 49 захмӣ ба ҷой гузошт. Яъне нафрат нафрат зоид ва намояндагони ду тамаддун хуни ҳам рехтанд.

Маълум аст, ки дар дарозмуддат ин вазъият дигар хоҳад шуд. Махсусан раванди ҷаҳонишавӣ то рафт вобастагии тамаддунҳоро аз якдигар зиёд карда истодааст, ки ин метавонад шиддати бархурдҳоро кам карда, заминаи гуфтугӯ ва ислоҳшавии онҳоро муҳайё созад. Аммо дарояндаи наздик мушкили тамаддунҳо

вуҷуд хоҳад дошт. Чунки ҳоло ҳар ҷониб мувофиқи фалсафаи *“тамаддуни ман ба зоти худ надорад айбе”* амал карда истодааст ва ҳеҷ кас омода нест, камбудии тамаддуни худро баҳри ба даст овардани сулҳу оромии пойдори ҷаҳонӣ ба таври холисона эътироф ва бартараф намояд. Ҳатто баъзе муҳаққиқон ин мушкилотро нодида гирифта, модели “Бархурди тамаддунҳо”-ро аз бунёд рад мекунанд ва иддао мекунанд, ки дар таълимоти тамаддунҳояшон ягон камбудие ҷой надорад.[13] Махсусан мушкилоти бархоста аз таълимоти адёни ба истилоҳ “осмонӣ” дар инояндаи наздик пушти пардаи муқаддасот монда, мавриди ислоҳот қарор намегиранд. Ва чун адён таъсири назаррас ба тамаддунҳои муайян доранд ва наметавон аз мубаллиғон ва раҳнамоҳои онҳо мардонагии коммунистони Шӯравии солҳои 80-уми асри гузаштаро интизор шуд, бархурди тамаддунҳо идома хоҳад ёфт. Ин вазъият моро водор месозад, ки дар оянда аз модели “Бархурди тамаддунҳо” истифода бурда, ояндаҳонигарӣ кунем ва мушкилоти эҳтимолии ояндаро дар воқеияти имрӯз бартараф созем. Муҳимтар аз ҳама роҳҳои “расидан ба аҳдофи худро интихоб намоем”[6]. Равише ки аксари кишварҳои қудратманди ҷаҳон аз он истифода мекунанд.

**Сарчашмаҳо**


1. Доктор Чингиз Паҳлавон, Фарҳангшиносӣ, саҳ.390, Теҳрон, 2003;
2. Ҳамон ҷо, саҳ 41;
3. Ҳамон ҷо, саҳ 48;

4. Комил Бекзода, Сарнавишти фарҳанги ориёӣ, Маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа”, №2(20), саҳ.176;
5. Фрэнсис Фукуяма, Конец истории и последний человек, Москва, АСТ-2015, саҳ. 7;
6. Samuel Huntington, The Clash of Civilizations and remaking of World Order;
7. Charles L. Jones, Economic Growth, Second Edition, New Delhi-2015;
8. J. Paul Barker, The Clash of Civilizations Twenty Years On,
9. Муҳаммад Ҳотамӣ, Гуфтугӯи тамаддунҳо, Теҳрон-2009, саҳ 130;
10. Ҳамон ҷо, саҳ.10;
11. Масъуд Ҳоҷизода Майманӣ, Нақши васоили иртиботи ҷамъӣ дар гуфтугӯи тамаддунҳо;
12. Arnold J Toynbee, Civilization on Trial, Oxford University Press 1948;
13. Mohamad Zaidin Mohamad, The Clash of Civilizations: A Historical Perspective, The Social Sciences 10 (3): 312-317, 2015;
14. Ёрмаҳмад Ниёзӣ, Муҳтавои бархурди тамаддунҳо ва таъсири он ба ҷомеаи тоҷик, Маҷалаи “Илм ва Ҷомеа”, №1(5), 2017;
15. Anastasia Oprea, The border that is not there: a critique of Samuel Huntington's concept of “Clash of Civilizations”.

## 1.2. Ҳувийяти миллӣ ҳамчун унсури аслии нерӯи рақобатпазирӣ ва муқовимати миллӣ алайҳи хатарҳои ҷаҳони муосир[2]

Чуноне ки дар ҷусторҳои пешин қайд карда шуд ҷаҳон саршор аз мубориза, муқовимат, рақобат ва хатарҳост. Кишварҳо барои дастрасии бештар ба манбаъҳои маҳдуди кураи Замин бо ҳамдигар рақобат мекунанд. Ин рақобат ба ҷомеаҳое саодат меорад ва ҷомеаҳоеро варшикаста месозад. Ақидаи ҷаҳони як ҳукуматӣ ва як фарҳангӣ як назари утопиявӣ буда, ҳеҷ гоҳ амалӣ нашудааст ва нахоҳад шуд. Бо вуҷуди он, ки кишварҳои ҷаҳон дар 70 соли охир бо ҳамдигар ҳамкориҳо ва ҳамдигарфаҳмиҳои бештар доранд, вале қонуни ҳаётро касе иваз накардааст. Ҳамоно инсонҳо дар пайи дастрасии бештар ба захираҳои табиӣ, дастёбӣ ба қудрат, ҳайсият ва шӯҳрат бо ҳамдигар мубориза мебаранд. Ин муборизаҳо дар пай хатароти муайянеро дар пай доранд.

Бо печидатар шудани низомҳои иҷтимоӣ дар ҷаҳон муборизаҳо аввал авалодӣ, баъдан қабилавӣ, мазҳабӣ, миллӣ ва тамаддунӣ шуданд. Ин рақобату ҷанг заминаи ихтирооти зиёде дар таърихи инсоният гардидааст. Барои ба даст овардани манфиати бештар инсоният муборизаҳои гурӯҳиро ба роҳ мондааст, то ин ки ба ин васила қувваҳоро мутамарказ карда, натиҷаи хубтар ба даст оваранд.

[2] Ин мақола дар маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа", №1(23), 2021, саҳ. 54 мунташир шудааст.

Ҷаҳони муосир ба давлат-миллатҳо тақсим шудааст. Ин низоми ҷаҳонӣ бартарияти худро нисбат ба дигар низомҳо дар дусад соли охир исбот кард. Дар доираи давлат-миллатҳо гурӯҳҳои алоҳидаи манофеи муштараки худро муайян карда, барои дастёбӣ ба онҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ бо дигарон рақобат мекунанд. Ҳарчанд созмонҳои гуногуни минтақавӣ ва байналмилалӣ вуҷуд доранд, ки манфиатҳои муштараки кишварҳои аъзои худро дунболагирӣ мекунанд, вале "давлатҳои миллӣ ҳанӯз ҳам ҳамчун нақшофаринони асосӣ дар корҳои ҷаҳонӣ боқӣ мемонанд"[1]. Маҳз давлатҳои миллӣ ҳастанд, ки тамоми сарватҳои миллиро дар даст дошта, назорат аз болои мардум ва ҳудудро ба уҳда гирифтаанд. Аз ин рӯ, нақши онҳо дар таъмини манфиатҳои гурӯҳии ҷомеаҳо аз ҳама зиёдтар аст.

"Зуҳури давлатҳои муосир нишонгари ташдиди анбоштани қудрат бо равишҳоест, ки қаблан дар таърих ношинохта буданд: басиҷи иҷтимоӣ, навовариҳои техникӣ, созмони девонсолорӣ, тарроҳии ниҳодҳо ва пешравии идеологӣ дар миқёси бузург бо ҳам омаданд, то истеҳсоли тавоноиҳои моддиро, барои расидан ба натиҷаҳои хуб дар тақвияти ҳамгироиҳои миллӣ, рушди дохилӣ ва таъмини бехатарӣ, баланд бардоранд" [4]. Дар доираи давлат-миллатҳо банақшагирӣ ва амалӣ сохтани тарҳҳои бузурге, ки ба шахсони олоҳида вобаста нестанд, имконпазир шуд.

Ниҳодҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ метавонанд дар ҳолати бuҳрон кумак кунанд, вале онҳо наметавонанд кишвареро дар роҳи рушди устувор нигаҳ доранд. Ин корро маҳз давлатҳои миллӣ карда истодаанд. Барои

дарки ин масъала метавон қудратмандтарин ниҳоди минтақавӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ Иттиҳоди Аврупоро мисол овард. Юнон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ин иттиҳод натавонист ба рақобатҳои шадид тоб оварад ва ба бухрони молиявӣ гирифтор шуд. Аммо Олмон дар ҳамон шароит тавонист сиёсати дигарро ба роҳ монда, на танҳо дар Аврупо, балки дар тамоми ҷаҳон рақобатпазир бошад. Ин баёнгари он аст, ки ҳатто шомил шудан ба иттиҳодияҳои бонуфуз ҳам, нақши давлатҳои миллиро дар рақобатҳои ҷаҳони муосир кам намекунад ва уҳдадориҳои онҳоро ҷиҳати муқовимат бо хатарҳои ҷаҳони муосир бартараф намесозад.

Масъалаи асосӣ ин аст, ки чаро дар ин муборизаҳо ва ё рақобатҳои шадиди ҷаҳони муосир кишварҳое пирӯз ҳастанд ва кишварҳои дигар ё қисман ба аҳдофи худ расидаанд ва ё умуман рақобатпазир нестанду ба гурӯҳи кишварҳои ақибмонда ворид шудаанд? Унсурҳои асосии нерӯи рақобатпазирӣ дар шароити нав ва муқовимат алайҳи хатарҳои ҷаҳони муосир кадоманд?

Пажӯҳишгарони зиёде унсурҳои қудрати миллиро гурӯҳбандӣ кардаанд. Франкел, Моргентау, Органский ва дигарон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар маҷмуъ ин унсурҳоро ба доимӣ ва муваққат, табиӣ ва иҷтимоӣ, ламсшаванда ва ламснашаванда тақсим мешаванд [2]. “Масалан аз нигоҳи Ганс Моргентау қудрати миллӣ аз 8 омили зерин иборат аст:

1) Мавқеи ҷуғрофӣ;
2) Аҳолӣ;
3) Иқтидори иқтисодиву саноатӣ;
4) Иқтидори низомӣ;

5) Сарватҳои табиӣ;
6) Характери миллӣ;
7) Ахлоқи миллӣ;
8) Кайфияти умури дипломатӣ."(3)

Дар ин гурӯҳбандӣ дида метавонем, ки сетои онҳо ба гурӯҳи унсурҳои ламснашаванда ворид мешаванд. Маҳз ҳамин унсурҳо ҳастанд, ки дар ҳоли тақвият додани онҳо як миллат метавонад боқимондаро тақвият дода, дар ҷаҳони муосир рақобатпазир бошад. Дар навбати худ, ҳувийят ва худшиносии миллӣ доштани тасмимгирандагони асосӣ дар як давлат унсурҳои ламснашавндаи қудрати миллиро пурзӯр менамояд. Дар ҳоли баръакс, эҳтимоли таназзул ба маротиб зиёд мегардад. Чунки бе доштани ҳувийяти миллӣ ва ва дар ҳоли худро шаҳрванди ҷаҳон шинохтан ва ё ҳувийяти мазҳабиро аз ҳама боло донистан, як тасмимгиранда наметавонад қудрати миллиро тақвият дода, дар ҷаҳони муосир рақобатпазир бошад. Барои яке аз худ кардани дороиҳои моддии кишвар ва харидани манзил дар Лондон ва барои дигаре ободии шаҳрҳои муқаддаси диниаш дар авлавият қарор мегирад. Яъне манфиати гурӯҳии мардум дар давлати миллӣ барои чунин афрод дигар аҳамияти авалиндараҷа надоранд.

"Рушди миллӣ ба сатҳи ташаккули тафаккури миллӣ робитаи мустақим дорад ва ҳамчунин маншаи мушкилоти ҳар ҷомеае низ аслан дар шуури ҷамъиятии он аст"[3]. Яъне ҳувийяти миллии аҳолии як давлат низ дар сарнавишти он нақши муҳим дорад. Доштани эътиқод ва меҳру муҳаббат ба ватан ва манфиати онро аз

манфиати гурӯҳии мазҳабӣ ва умумиҷаҳонӣ муқаддамтар донистан, сарчашмаи ҳама сахткӯшиҳои мардум ва бурдбориҳои гурӯҳии сокинони як кишвар мебошад. Албатта, идеяи як ҷаҳони воҳид ва якҳукуматӣ дар ҷаҳон диққатҷалбкунанда аст, аммо чуноне ки дар ҷусторҳои пешин дидем, ин як идеяи утопиявӣ буда, дар миёни сиёсатмадорони кишварҳои гуногун ҷиддӣ гирифта намешавад. Баръакс, ҳар сиёсатмадори ватандӯсте кӯшиш мекунад ҷойгоҳи кишвари худро дар майдони сиёсии ҷаҳон мустаҳкамтар карда, дар захираҳои маҳдуди ҷаҳон саҳми бештареро аз худ кунад. Дар чунин шароит агар тасмимгиранда дар сиёсати дохилӣ ҳувийяти фаромиллӣ дошта бошад он ҷомеа бозанда аст.

"Миллате, ки афроди он ҳувийяти миллии ташаккулёфта надорад, наметавонад такраҳбарӣ ва платформаи сиёсии устувор дошта бошад"[3]. Махсусан қишри раҳбару тасмимгирандае, ки назорат аз болои мардум ва дороии миллиро дар даст дорад, бо ҳувийяту худшиносии баланди миллӣ метавонад сарнавишти миллатро дигаргун карда, ҳадафҳои гурӯҳии сокинони кишварро амалӣ намояд. Макони муқаддас ва биҳишти чунин раҳбарон ҳамин сарзамин аст ва онҳо тамоми иқтидори худро барои обод сохтани ҳамин кишвар ва хушбахт кардани аҳолии он сафарбар мекунанд.

Дар пайи баланд бардоштани қудрати миллӣ, аз ҷониби аъзои худшиноси худ, як кишвар метавонад дар баробари хатарҳои ҷаҳони муосир истодагарӣ карда, дар мубориза барои дастрасӣ ба захираҳои маҳдуд муваффақ шавад ва ҳаққи худро соҳиб бошад. Дар ин мубориза барои захираҳои маҳдуди ҷаҳон субъектҳои

рақобаткунанда аз ҳама роҳҳо истифода мекунанд. Аз ҷумла, субъектҳои қудратманд дар ин майдон, дар миёни миллатҳои заиф идеяи утопиявии ҷаҳонмеҳаниро таблиғ мекунанд. Иддао мекунанд, ки боло бурдани ҳувийяти миллӣ танишҳо миёни халқҳоро зиёд мекунад. Аз ин рӯ, набояд дунболи ҳувийяти миллӣ гашт.

Дар ин ҷо ду масъала вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама ин ки худи таблиғгарони ғояи ҷаҳонмеҳанӣ дар амал кори дигар мекунанд. Онҳо гурӯҳӣ амал карда, ҳамеша дар пайи аз худ кардани дороии бештар ҳастанд ва муваффақ ҳам мешаванд. Баръакс, кишварҳое, ки фиреби я ғояи ҷаҳонмеҳаниро мехуранд ҳамеша бозанда ҳастанд ва дороиҳояшонро ба осонӣ аз даст медиҳанд. Баъдан, оё дуруст аст, ки тақвияти ҳувийяти миллӣ ба нафрату бадбинӣ ва муноқишаҳо мерасонад? Дар асл, баръакси ин аст. Ҳувийяти миллӣ ба тафовут аз ҳувийяти мазҳабӣ китобҳои ба истилоҳ "осмонӣ" надорад, ки тағйирнопазир бошанд ва ғайри худро куллан наҷас шуморида, ҳаққашонро кунҷи кадом як дузахи абадӣ муайян карда бошад. Агар ҳам дар таърих гурӯҳе аз ин омил сӯистифода карда ба ҷиноят даст зада бошад, ба осонӣ метавон онро маҳкум кард ва аз такрораш ҷилавгирӣ кард. Дар баробари ин, ҳувийяти миллӣ метавонад яке аз омилҳои ҳамкориҳои сулҳомези миллатҳо бошад. Ба эҳтимоли зиёд, шахсе ки худро мешиносад ва эҳтиром мекунад, дигаронро ҳам дар баробари худ эътироф мекунад. Дар ин сурат, ҳамкориҳо тавре ба роҳ монда мешаванд, ки манфиатҳои ҷонибҳо баробар ҳимоя шудаанд.

Ҳифзу тақвияти ҳувийяти миллиро қонунҳои байналмилалӣ тарғиб мекунанд. Аз ҷумла дар Эъломияи принсипҳои ҳамкориҳои фарҳангии байналмилалӣ аз

соли 1966 омадааст: "ҳар фарҳанге шараф ва арзиши худро дорад ва бояд эҳтиром ва ҳифз карда шавад... ҳар миллате ҳақ дорад ва вазифадор аст, ки фарҳанги худро тақвият диҳад"[5] Дар чунин шароит барои тақвияти худшиносии миллӣ ва ба ин тариқ ҳифзи арзишҳои миллӣ ҳеҷ мушкилии ҳуқуқие дар сатҳи ҷаҳонӣ вуҷуд надорад. Дар воқеъ таҳаммулгароӣ низ инкор кардани арзишҳои миллии худ нест. Таҳаммулпазирӣ ин қабули гуногунрангии диниву нажодӣ ва забонӣ дар тамоми ҷаҳон аст. Ҳифзу тақвияти ҳувийяти миллӣ ва фарҳангу забони як миллат ин вазифаи фарзандони ҳамон миллат аст. Дар муносибатҳои байналмилалӣ эътироф ва "**эҳтироми дигар миллатҳо бо он ҳама гуногунрангии динӣ, фарҳангӣ ва забонӣ ва онҳоро ҳамчун унсурҳои арзишманди ҷомеаи ҷаҳонӣ донистан**"[5] боиси бештар шудани таҳаммулпазирӣ дар саросари ҷаҳон мегардад. Дар фарқият аз идеяҳои хаёлии якҳукумативу якфарҳангӣ дар ҷаҳон, қабули гуногунрангӣ ва тақвияти таҳаммулпазирӣ миёни миллатҳои гуногун кори воқеӣ ва амалишаванда мебошад.

Хулоса, ҷаҳони муосир ба давлатҳои миллӣ тақсим шудааст. Ҳукуматҳо ҳамчун намояндагони ин миллатҳо дар рақобатҳо барои дастрасӣ ба манобеи ҷаҳонӣ иштирок карда, аҳолии худро аз хатарҳои гуногун ҳифзу ҳимоя мекунанд. Дар ин шароит ҳувийяти миллӣ ба яке аз унсурҳои асосии муттаҳидкунанда табдил меёбад. Кишварҳои зиёде дар заминаи тақвият додани ҳувийяти миллӣ тавонистанд ба қуллаҳои баланди тараққиёт расанд. Ҳуббулватанро меҳвари асосии арзишҳо донистан ва тамоми қувваро барои ободонии он сафарбар кардан,

танҳо дар заминаи болоравии ҳувийяти миллӣ ба даст меояд. Миллатҳое, ки ин унсури асосии ватансозиро надоранд, сарватҳои худро тариқи масъулони беҳувийяташ ба хориҷа равон мекунанд. Дар натиҷа сарватҳо тамом мешаванд, аммо ватан ҳамоно вайрона боқӣ мемонад. Обод будани ватан ин сохтани чанд иморати боҳашамат нест. Нишонаи ободонии ватан ин таъмини зиндагии шоиста барои ҳама шаҳрвандон аст. Дар ҷаҳони муосир миллатҳо дастаҷамъӣ ба майдони рақобатҳо барои расидан ба ҳадафҳои иқтисодиву амниятии худ ворид шуда, ҳаққи худро соҳиб мешаванд. Дар ин рақобатҳо ҳувийяти миллӣ ҳамчун унсури аслии рақобатпазирӣ ва муқовимати миллӣ нақши ҳалкунанда дорад.

**Сарчашмаҳо**


1. Samuel Huntington, "The Clash of Civilizations and remaking of World Order";
2. "A national conference on elements of national power" (https://www.pc.gov.pk/uploads/pub/4th-CPEC-Paper-Conference-on-EoNP-2.pdf) ;
3. Назрӣ Асадзода, "Мушкилоти тоҷикон дар масири ба даст овардани истиқлолияти зеҳнӣ", Маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа", №1(14), 2019, саҳ. 230;
4. Ashley J. Tellis, "foundations of national power in the Asia-Pacific", The National Bureau of Asian Research, 2015;
5. Elizabeth A. Thomas-Hoffman, "Cultural preservation and protection".

# 1.3. Сарнавишти ҳувийяти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ[3]

## Пешгуфтор

Масъалаи ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба ҳувийяти миллӣ ва хештаншиносӣ тайи се даҳаи охир мавриди баррасии соҳибназарони аксар кишварҳои ҷаҳон қарор гирифтааст. Дар раванди мардумони кишварҳои гуногун бо ҳам рӯ ба рӯ мешаванд ва ба ҳамдигар аз лиҳози сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ таъсир мерасонанд. Як гурӯҳ ин равандро ҳувийятзудо дарёфта, аз хатароти он сухан дар миён мегузоранд, гурӯҳи дигар бошад, баръакс, раванди ҷаҳонишавӣ ва наздикшавии миллатҳои гуногунро омили баланд шудани ҳувийяти миллӣ меноманд. Онҳо муътақиданд, ки дар баробари шиносоии бештари миллатҳои дигар, намояндагони як миллат ба фарҳанг ва таърихи худ таваҷҷуҳи бештар намуда, худро бар баробари дигарон мегузоранд. Ин дар натиҷа боиси баландтар шудани худшиносии миллӣ гашта, дар зеҳни мардум масъалаи ҳифзу тақвияти фарҳанги худашонро ба вуҷуд меоварад.

Ҷаҳонӣ шудан дар шакли имрӯзаи он аз нимаи дуюми асри гузашта шурӯъ шуд. Дар рақобат бо Иттиҳоди Шӯравӣ ИМА ҳамкориҳои иқтисодиву сиёсии худро бо кишварҳои шарики худаш густариши зиёд дод. То дараҷае, ки иқтисоди онҳо аз ҳам вобаста шуд ва қатъи ин ҳамкориҳо ба ҳама ҷонибҳо зарару зиёни иқтисодӣ ва

---

[3] Ин мақола дар маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа", №4(22), 2020, саҳ. 115 мунташир шудааст.

дар зимн иҷтимоиву сиёсиро дар пай дошт. То имрӯз ин раванд хеле қавитар шуда, иқтисоди кишварҳои ҷаҳон, ба истисноъи чанд кишвари ба истилоҳ "рондашуда", аз ҳамдигар вобастагиҳои зиёд дорад. ИМА тавонист ҳатто Ҷумҳурии Мардумии Чинро, дар давраи авҷи рақобатҳояш бо Иттиҳоди Шӯравӣ, ба раванди ҷаҳонишавии сармоядорӣ ворид кунад ва ин кишвар ҳам наметавонад дар ҳоли ҳозир бе дарназардошти манфиатҳои ИМА иқдомҳои бузургеро дар сатҳи ҷаҳонӣ бигирад.

Маҳдуд будани захираҳо ва зиёд шудани аҳолии курраи Замин кишварҳои ҷаҳонро маҷбур месозад, ки барои ҳарчӣ самараноктар истифода бурдани ин захираҳо истеҳсолоти маҳсулоти алоҳидаро дар кишварҳои махсусе ба роҳ монанд, ки таносуби аз ҳама бештари нарху сифатро доро бошанд. Ширкатҳои байналмилалӣ дар ин раванд нақши барҷаста доранд. Онҳо технологияи истеҳлот ва бозорҳои асосии ҷаҳонро дар даст доранд ва метавонанд дар ҳама қитъаҳои олам фаъолияти худро ба роҳ монанд. Имрӯз кор ба ҷойе расидааст, ки қисмҳои алоҳидаи як маҳсулотро дар чанд кишвар истеҳсол карда, маҳсулоти тайёри онро дар як ё якчанд кишвари дигар ҷамъоварӣ мекунанд ва баъдан дар тамоми ҷаҳон ба фурӯш мебароранд.

**Аҳамияти мавзӯъ.** Ба хотири баъзе хатароти мавҷуда ба ҳувийяти миллӣ дарҳои кишвари худро ба рӯйи раванди ҷаҳонишавӣ бастан ба манфиати ҳеҷ кишваре буда наметавонад. Масъала дигар ин нест, ки барои ҳимояи ҳувийят ва ё дигар вижагиҳои худ як миллат худро аз раванди ҷаҳонишавӣ берун нигаҳ дорад. Масъала ин аст, ки роҳҳои дурусти ҳифзи бақо дар

шароити ҷаҳонишавӣ ба роҳ монда шуда, вижагиҳои миллӣ, аз ҷумла ҳувийяти миллӣ нигаҳ дошта шавад. Ба ибораи дигар ворид шудан ва истифодаи самаранок кардан аз раванди ҷаҳонишавӣ ногузир аст ва сарнавишти ҳувийяти миллӣ дар ин шароит дар дасти худи давлатҳои миллӣ мебошад. Муайян кардани бурду бохтҳои ин раванд ва коркарди стратегияи дурусти давлатӣ ҷиҳати рушди иқтисод ва ҳимояву тақвияти ҳувийяти миллӣ, дар асри муосир аз аҳамияти вижа бархурдор аст.

**Ҳувийяти миллӣ.** "Ҳувийяти миллӣ падидаи равониву иҷтимоиест, ки дар тӯли таърих шакл мегирад ва унсурҳои таркибии он бо мурури замон ба қолабҳои фарогири фикрӣ ва меъёрҳои устувори рафторе табдил меёбанд, ки омма ба таври ғайрииродӣ онҳоро риоят мекунанд"[9]. Дарки фарқият ва ҳис кардану эътирофи "мо" ва "дигарон" қадамҳои аввалин дар шаклгирии ҳувийяти миллии шахс мебошанд. Ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ҳувийяти миллӣ дар шакли забони муштарак, рамзҳо, фарҳанг ва таърихи муштарак шинохта мешавад. Ҳувийяти миллии як шахс, дар шакли мусбати он, дар меҳанпарастии шахс дида мешавад, ки ифтихор аз миллати худ дорад ва нисбат ба он меҳру муҳаббат варзида, дар назди он масъулиятпазир аст. Дар шакли манфӣ он ҳамчун "шовинизм" буруз мекунад, ки дар он шахс миллати худро аз ҳама бартар медонад.

"Ҳувийяти миллӣ маҷмуи хусусиятҳои равониву иҷтимоии ба ҳам монанди намояндагони миллат ва ё гурӯҳи этникиест, ки дар робита ба шакли ҷаҳонбинӣ, муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ ва сиёсиву ҷуғрофӣ ба таври

устувор ҳамчун қолаб ва меъёрҳои рафтор дар шуур ва зершуури ҳомили худ шакл гирифта, андеша ва амали ӯро танзим мекунад"[9]. Ҳувийяти миллӣ вижагии модарзодӣ нест, балки сохтаи иҷтимоист. Ҳувийяти миллӣ зери таъсири забон, таърих, фарҳанг, муҳити иҷтимоӣ ва тарбиятиву таълимӣ, анъанаву одатҳо, сиёсат, мусиқӣ, васоити ахбори омма ва дигар падидаҳои мавҷуда дар ҷомеае, ки шахс ба воя мерасад, шакл мегирад. Бо муайян кардани ҳувийяти миллии худ афроди ҷомеа арзишҳои он ҷомеаро пайгирӣ карда, дар зиндагии рӯзмарраи худ онҳоро татбиқ мекунанд. "Дар воқеъ ҳувийяти миллӣ падидаи равониву иҷтимоиест, ки аз дидгоҳ ва фаъолияти амалии намояндаи миллат ошкор мешавад. Ин мафҳум бо мафҳуми "худшиносии миллӣ" иртиботи мустақим дорад. Қавӣ будани ҳувийяти миллии намояндагони миллат маҳаки асосии ваҳдати миллӣ ва ҳамгироии иҷтимоии онҳост"[9].

Дар ниҳоят метавон гуфт, ки "ҳувийят ба маънии "чӣ касе будан" аз ниёзи табиии инсон ба шинохта шудан ва муаррифӣ шудан ба чизе ё ҷойе нишот мегирад. Ин эҳсоси ниёз ба тааллуқ доштан ниёзе зотӣ ва асосие аст, ки дар ҳар фард вуҷуд дорад. Ба иборати дигар, ҳувийят навъе намодсозӣ ва падидаи фарҳангие аст, ки афрод, гурӯҳҳо, ақвом ё маконҳо барои мушаххссозии мавҷудияти худ ва фарқ доштан аз дигарон ба худ мегиранд"[5].

**Ҷаҳонишавӣ.** Ҷаҳонишавӣ ин раванди додугирифт ва ҳамгироии иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ миёни мардум, ширкатҳо ва давлатҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Ин раванди ҳамкориву ҳамгироӣ асрҳо вуҷуд

дошт, аммо рушди босуръати технологияи комуникатсионӣ ва ҳамлу нақл дар нимаи дуюми асри 20-ум ба ин раванд суръати бештар бахшид. Дар баробари ин рақобатҳои шадид дар бозорӣ ҷаҳонӣ, ки ширкатҳои бузургро маҷбур месохт барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва дастрасӣ ба бозорҳо, фаъолияти худро дар ҳама гӯшаҳои дунё ба роҳ монанд, раванди ҷаҳонишавиро тезонид. Бо ин роҳ онҳо метавонистанд тақсимоти меҳнатро дурусттар ба роҳ монда, харҷҳои камтарин дар истеҳсоли маҳсулоти босифат дошта бошанд.

Ин ҷаҳонишавии иқтисодӣ ҳамкориҳо миёни миллатҳои гуногунро бештар кард. Паҳн шудани маҳсули ҳунармандону эҷодкорони кишварҳои гуногун ба тамоми ҷаҳон низ раванди ҷаҳонишавиро суръат бахшид. Дар чанд даҳсолаи охир раванди муҳоҷират, чӣ мавсимӣ бошад чӣ доимӣ, фарҳангҳои гуногунро низ бо ҳам рӯ ба рӯ карда, ба раванди ҷаҳонишавӣ таъсиргузор буд. Илова бар ин беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум дар кишварҳои муайян рушди сайёҳиро дар пай дошт. Ҳамаи ин омилҳо раванди ҷаҳонишавиро ба таври бесобиқа густариш доданд.

Бо сабаби ин, ки нақши давлатҳо дар танзими ин ҳама равандҳои ҳамкориву ҳамгироӣ ҳалкунанда мебошад, муносибатҳои сиёсӣ ва равобити байниҳамдигарии давлатҳо низ дар раванди ҷаҳонишавӣ беш аз пеш густариш ёфтанд. Дар чунин ҳолат ҷанбаҳои сиёсии ҷаҳонишавӣ низ суръати баланд пайдо кард. Давлатҳо бо бастани шартномаҳои гуногун ва ворид шудан ба сазмону ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ

ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид шуда, аз он барои кишварҳои худ манфиат меҷустанд. Дар воқеъ "кишварҳое, ки раванди ҷаҳонӣ шуданро дарк карда бошанд ва созукорҳои онро бишносанд, метавонанд ҷойгоҳи муносибе барои худ дар низоми ҷаҳонӣ пайдо кунанд"[6].

Ҳамин тариқ, "ҷаҳонишавӣ ба як гароиши густардаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ширкатҳои байналмилалӣ дар чандин кишвар маҳсулот истеҳсол карда, онро дар тамоми ҷаҳон ба фурӯш мебароранд. Сармоя, технологияҳо ва ашёи хом боз ҳам сареътар ва осонтар марзҳои давтарҳои миллиро убур мекунанд. Дар баробари молу коло ва сармоя идеяҳо ва фарҳангҳо боз ҳам гардиши озодтар пайдо кардаанд. Дар натиҷа ҳаракатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳи байналмилалӣ ташаккул меёбанд"[3].

**Ҳувийяти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.** Масъалаи ҳифзу бақои ҳувийяти миллӣ дар шароити нави ҷаҳонишавӣ мавриди омӯзиши марказҳои илмии гуногун қарор гирифтааст. Дар ин масъала муҳаққиқон ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд. Як гурӯҳ бар он аст, ки раванди ҷаҳонӣ шудан  ба ҳувийяти миллии миллатҳои гуногунро таъсири манфӣ гузошта, онҳоро ба ҳам шабеҳ месозад ва вижагиҳои хосашонро аз миён мебардорад. Гурӯҳи дигар назари мутафовит доранд ва бар инанд, ки баръакс раванди ҷаҳонишавӣ ҳувийяти миллиро тақвият мебахшад. Чунки миллатҳои алоҳида бо рӯ ба рӯ шудан бо дигарон вижагиҳои хешро равшантар дида, ҳувийяти худро тақвият медиҳад ва дар баробари дигарон ҳифз мекунанд.

Бе шак таъсирпазирии миллатҳо аз якдигар дар шароити ҷаҳонишавӣ хеле бештар аст ва ин наметавонад ба ҳувийяти миллии мардум бетаъсир бошад. Аммо ин таъсирот на ҳамеша манфӣ ҳастанд. Бо дарназардошти манофеи худ дар сатҳи ҷаҳонӣ қишри созандаи ҳар ҷомеа ислоҳоти фарҳангиро ба роҳ мемонанд. Дар ин раванд таъсири ҷаҳонишавӣ назаррас аст. Аммо бе он ҳам фарҳанг ҳамеша дар ҳоли тағйир аст. Инсонҳо фарҳангро месозанд ва фарҳанг дар навбати худ инсонҳоро месозад. Яъне инсонҳои эҷодкору созанда фарҳангро тағйир дода, бо назардошти талаботи замон ва манфиати ҷомеаи худ ба он ислоҳот ворид мекунанд. "Фарҳанг дар гуфтугӯ бо тағйири шароити иқтисодӣ ва сиёсӣ-иҷтимоӣ тағйир меёбад. Як фарҳанг бо фарҳангҳои дигаре, ки бо онҳо дар тамос аст ва ҳамкориҳои тиҷоративу сиёсӣ дорад такомул меёбад. Ба ҳар ҳол фарҳангро инсонҳо месозанд. Дар саргаҳи фарҳанг гурӯҳи иҷтимоӣ қарор дорад: гурӯҳи инсонҳои дорои хусусиятҳои эҷодкорӣ ва озодманишӣ" [3]. Ба эҳтимоли зиёд ин гурӯҳ тағйиротро ба манфиати худи ҳамон ҷомеаҳо вориди фарҳангашон мекунанд. Мисоли равшани ин тағйироти охир дар фарҳанги мардуми Арабистони Саудӣ метавонад бошад. Дақиқтараш тағйирот дар фарҳанг ва баъдан дар қонуни ин кишвар, ҷиҳати ин ки ба бонувон ҳуқуқи ронандагӣ дода шавад. Бе шак ин натиҷаи таъсири ҷаҳонишавӣ буд, вале тағйироте, ки ворид шуд, ҳеҷ таъсири манфие ба ҳувийяти миллии онҳо расонида наметавонад.

Мухолифони ҷаҳонӣ шудан ба он назаранд, ки дар ин раванд фарҳангҳои бузург густариши бештар пайдо карда, ҷойгоҳи фарҳангҳои дигарро танг месозанд. Яъне

дар шароити ҷаҳонишавӣ як фарҳанги умумиҷаҳонӣ дорад шакл мегирад. Аммо чунин шакл гирифтани ҷаҳон ғайримумкин ба назар мерасад. Чунки, "ҷаҳонӣ шудан бештар ба маънои ҳузури ҳамзамони фарҳангҳои мутафовит аст, то султаи фарҳанги хос бар фарҳангҳои дигар. Фарҳангҳо зимни ин ки аз якдигар мутамоиз ҳастанд ва ба таври мустақил дорои ҳаёт мебошанд, дар шабакае аз иртибототи байнифарҳангӣ қарор гирифта, аз якдигар мутаассир шуда ва ҳар як аз онҳо созандаи ҷомеа ва фарҳанги ҷаҳонӣ мебошанд"[5].

Ба ҳамин тариқ метавон гуфт, ки сарнавишти ҳувийяти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар дасти қишри огоҳ, эҷодкор ва созандаи ҳар миллат аст. Онҳо ҳастанд, ки дар рушду такомули фарҳангҳои миллӣ саҳм доранд ва метавонанд дар баробари густариши ҳамкориҳову ҳамгироиҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳувийяти миллии худро ҳифз кунанд. "Дар ҳоле, ки раванди ҷаҳонишавӣ ҳувийяти миллиро ба чолиш мекашад, зуҳури фарҳанги ҷаҳонӣ фаъолияти эҷодкоронаи гурӯҳҳои миллиро дар дохили кишварҳои муайян тақвият мебахшад. Дар ҳоли ҳозир ҳувийятҳои миллӣ таҳти фишорҳои ҷаҳонишавӣ таърифи тозаеро ба худ мегиранд" [2].

Ба роҳ мондани сиёсати дуруст дар замони муосир таъсири барҷастае ба ҳувийяти миллӣ дорад. Аз сабаби он ки давлатҳои миллӣ сарватҳои миллиро идора мекунанд ва дорои қудрат ҳастанду назорати ҷомеаро дар даст доранд, нақши онҳо низ дар ҳифзу ҳимояи ҳувийяти миллӣ барҷаста аст. "Чун давлатҳо назорат аз болои мардум ва ҳудудро дар даст доранд, онҳо бояд ҳувийяти

он чиро, ки мудирият мекунанд, муайян созанд. Бо вуҷуди аз даст додани баъзе имконот, давлатҳо ҳанӯз ҳам пружаҳои миллиро дар даст дошта, ҷомеаи миллиро шакл медиҳанд ва мушкилоти иҷтимоиро тавассути ниҳодҳои худ бартараф месозанд. Дастбакорони давлат-миллатҳо сиёсати иҷтимоиро ба роҳ мемонанд, кӣ будани худ ва хоҳиши худро оид ба чӣ гуна будани миллат ба намоиш мегузоранд. Аз он ҷо, ки онҳо парадигмаҳои фарқкунандаро дар доираи қонунҳои ҷаҳонӣ эҷод мекунанд, онҳо як ҳувийятеро тарғиб мекунанд. Ин раванди кори ниҳодҳо ба навъе кори ҳувийятсозӣ аст"[2]. Ин ҳувийятсозии давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти вижа пайдо мекунад. Маҳз фаъолияти ҳукумат аст, ки натиҷаҳои он таъсири зиёд ба қисме аз нишонаҳои ҳувийяти миллӣ мерасонад. Аз ҷумла, эҳсоси ифтихори миллӣ, нангу номуси миллӣ, меҳанпарастӣ ва худбаҳодиҳии аъзои ҷомеа ба натиҷаҳои фаъолияти як ҳукумат пайванди мустақим доранд. Агар ҳукумате муваффақ бошад ин нишонаҳои ҳувийяти миллӣ тақвият меёбанд ва агар номуваффақ бошаду давлат дар шохисҳои гуногуни ҷаҳонӣ ҷойгоҳи паст касб кунад ва мушкилоти иҷтимоии мардум зиёд бошанд, ин ба ҳувийяти миллӣ таъсири манфӣ мегузорад. Чунки инсон худро дар баробари дигарон мешиносад ва дар шароити ҷаҳонишавӣ маълумот дар бораи худу дигарон ба осонӣ дастрас мегардад. Ҳар як шаҳрванд метавонад кишвари худро дар маҷмуъ ва вазъи иҷтимоии худро дар алоҳидагӣ дар муқоиса бо дигарон бинад ва арзёбӣ кунад. Арзёбии худ дар баробари дигарон дар ҳоли ҳозир барои аксар шаҳрвандон аҳамияти бештар дорад. На муқоисаи

имрӯз бо дирӯз. Ҳувийяти миллиро бо ёдовариии ин, ки дирӯз 1 сомонӣ даромад доштему имрӯз 2 сомонӣ ва ё дирӯз ҷомеа ноором буду имрӯз ором, наметавон ҳифз карду тақвият бахшид. Ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва баробар шудан бо кишварҳои пешрафта аст, ки ҳувийяти миллии воқеиро ҳифз мекунаду тақвият мебахшад.

**Хулоса**. Ҳарчанд раванди ҷаҳонишавӣ миллатҳоро ба ҳам наздик мекунад ва рафту омаду додугирифти ҷонибҳоро ба маротиб бештар месозад, аммо ин раванд наметавонад ҷаҳони якфарҳангиро ба вуҷуд оварда, як ҳувийяти ҷаҳониро барои ҳама миллатҳо бисозад. Миллатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ "аз зеҳният ва озодиҳои зиёде дар тағйир ва фарҳансозӣ бархурдоранд. Бо рушди илму технология инсонҳо аз гузашта дида ба ҳам наздиктар мешаванд. Дар мавриди ҳувийяти миллӣ онҳо ба маротиб нигарониҳои бештар пайдо мекунанд. Онҳо пайваста решаҳои фарҳангии худро ҷустуҷӯ карда, онҳоро ҳимоя мекунанд"[3]. Ба ибораи дигар, ҷаҳон бо вуҷуди ба як деҳкадаи бузург табдил ёфтан, якрангу якмиллат нахоҳад шуд. Фарҳангҳои гуногун боқӣ монда, ҳувийятҳои миллии гуногун ҳифз карда мешаванд. Дар ҳоле, ки миллат-давлатҳо дар ҷаҳон нақши асосиро иҷро мекунанд ва ташкили як давлати ҷаҳонӣ имконпазир нест, як фарҳанги ҷаҳонӣ низ ташаккул ёфта наметавонад. "Фарҳанги ҷаҳонӣ танҳо дар сурати вуҷуди як давлати ҷаҳонӣ муяссар аст"[7].

Дар ин гирудори ҷаҳонишавӣ баъзе миллатҳо метавонанд бозанда бошанд. "Ҳарчанд ҷаҳонишавӣ самаранокии иқтисодро боло мебарад ва даромадҳо зиёд мегардаду мизони фақр дар сатҳи ҷаҳонӣ коҳиш меёбад,

вале ин даромадҳо миёни давлатҳои ҷаҳон ва миёни аҳолӣ дар кишварҳои алоҳида баробар тақсим намешаванд. На дар ҳама кишварҳо фақр решакан карда мешавад, аммо ин ҷо айби ҷаҳонишавӣ набуда, камбудӣ дар мудирияти нодурусти ҷомеа дар қисме аз кишварҳои ҷаҳон аст, ки ақиб мондаанд. Напайвастан ба раванди ҷаҳонӣ дар чунин кишварҳо фақрро боз ҳам зиёдтар мекунад"[8]. Агар қишри фаъолу созанда ва давлатмардони як миллат ислоҳоти саривақтиро дар фарҳангу сиёсати худ ворид накунанд, ниёзҳои рӯзафзуни аъзои он қонеъ намешаванд. Ин метавонад таваҷҷуҳи мардумро ба фарҳангҳои дигар зиёд кунад ва муҳоҷират ба дигар ҳавзаҳои фарҳангӣ ҳувийяти миллии онҳоро коҳиш диҳад. Ё дар мисоли миллати мо ҳувийяти диниро дар онҳо тақвият бахшад, ки мутаассифона, саранҷоми нек нахоҳад дошт.

Дар чунин шароит, яъне шароити ҷаҳонишавӣ, сарнавишти ҳувийяти миллӣ ва дар зимн сарнавишти миллат дар дасти давлатмардон ва аъзои донишманду фаъоли он аст. Ба хотири рақобатпазир будан ва ҳадди аксари манфиатро аз низоми нави ҷаҳонӣ гирифтан, ҳар кишваре ногузир ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид мегардад. Ҳоло дар ростои ҳифзу тақвияти ҳувийяти миллӣ ин раванд то куҷо истифодаи дуруст мешавад, аз худи миллатҳои алоҳида вобаста аст. Мушкилоте, ки ҳатман бояд барои ҳифзу тақвияти ҳувийяти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бартараф карда шаванд, дар ҳолати гурез аз ин раванд низ ҳалли саривақтии онҳо шарт ва зарур аст. Ба иборaи дигар, наметавон марзҳоро ба рӯйи ҷаҳонишавӣ баста, ҳувийяти миллиро аз хатар дур кард.

Ҳадафи аслӣ ҳифзу тақвияти ҳувийяти миллӣ дар баробари ворид шудан ба раванди ҷаҳонишавӣ ва гирифтани манфиати бештарин аз он мебошад. Ин ҳадафро, барои ҳар як миллат, давлатмардон ва аъзои донишманду фаъоли он амалӣ карда метавонанд.

Бинобар ин, барои ҳифзу тақвияти ҳувийяти миллӣ давлатмардонро зурур аст, ки сиёсати дурустро ба роҳ монда мушкилоти иҷтимоиро саривақт ҳал намоянд ва ҷойгоҳи кишвари худро дар шохисҳои гуногуни ҷаҳонӣ баланд бардоранд. Олимону фарҳангиён дар навбати худ дар такомули фарҳанги миллӣ саҳми намоён гузошта, ҳар гуна тағйиротро ба манфиати он истифода намоянд. Дар чунин ҳолат ҳувийяти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ нигаҳ дошта шуда, заминаи рушду тақвияти он фароҳам мегардад.

## Сарчашмаҳо


1. Zawawi Ibrahim, "Globalization and national identity: Managing Ethnicity and Cultural Pluralism in Malaysia", University Brunei Darussalam, 18 December 2015 (https://www.researchgate.net/publication/287216862);
2. Frank J. Lechner, "Globalization and National Identity in the Netherlands, 1980-2000", Emory University, 2002 (https://pdfs.semanticscholar.org/8ad2/67191bfd63670f79dcbb2d4c7f2015d8ee67.pdf);
3. Yi Wang, "Globalization Enhances Cultural Identity", Harbin Engineering University, China, 2007 (https://www.semanticscholar.org/paper/Globalization

-Enhances-Cultural-Identity-Wang/7e0cde0bdfbc54a2b7b917ba1c491c57b6119cfa);
4. Gal Ariely, “The nexus between globalization and ethnic identity: A view from below”, Ben-Gurion University of the Negev, Beer-Sheva, Israel, 2019 (https://journals.sagepub.com/doi/full/10.1177/1468796819834951);
5. Исмоил Бойбурдӣ, “Ҷаҳонӣ шудани фарҳанг ва таъсири он бар ҳувийяти миллии Ирон”, 2014 (http://prb.iauctb.ac.ir/article_511100_397e5957474c30928b74bd8a4fc80085.pdf);
6. Заҳро Аҳмадипур, “Ҷаҳонӣ шудан ва ҳувийяти Иронӣ”, 2010 (https://jgs.khu.ac.ir/article-1-621-fa.pdf);
7. Чингиз Паҳлавон, “Ҷомеашиносӣ”, саҳ. 400, Теҳрон, 2003;
8. Dominick Salvatore, “International Economics: Trade and Finance”, Fordham University, 2017, p. 343;
9. Назрӣ Асадзода, “Мушкилоти тоҷикон дар масири ба даст овардани истиқлолияти зеҳнӣ”, Маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа”, №1(14), 2019б саҳ. 230.

# 1.4. Геополитика ва манофеи геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ[4]

## Пешгуфтор

Баъди таҳияи харитаи пурраи кураи Замин, ки аз ҷониби аврупоиҳо дар асрҳои XV-XVI сурат гирифт, сиёсати геополитикии муосир вориди амал шуд ва дар асри нуздаҳум ба авҷи аълои худ расид. Албатта, пеш аз ин давра низ манфиатҳои давлатҳои қудратманд дар сатҳи фаротар аз қаламрави худ бо ҳам дар бархурд буданд ва дар ин рақобатҳо нишонаҳое аз сиёсатҳои геополитикӣ дида мешуд. Аммо онҳо характери минтақавӣ дошта кулли ҷаҳонро дар бар намегирифтанд. Сиёсати геополитикии муосир бошад кулли ҷаҳонро дар бар гирифта, аз он давра оғоз шуд, ки сиёсатмадорони аврупоӣ ба қавли Ҷон Анню "нигоҳе аз нокуҷо" ба "ҷаҳон дар маҷмуъ" андохтанд.[1] Тасвири пурраи кураи Замин дар рӯйи қоғаз шароитеро барои сиёсатмадорони кишварҳои қудратманд фароҳам овард, ки онҳо метавонистанд худро берун аз он тасаввур карда, нисбат ба заминҳои берун аз ҳудуди кишвари худ тасмимгирӣ намоянд. Ин тақсимот рақобатҳои сатҳи гуногунро дар худ дошта, минтақаеро obод месохт ва минтақеро ба харобазор табдил медод. Кишварҳо ва миллатҳои суннатгаро ҳамеша бозичаи дасти миллатҳои пӯё ва сахткӯш буданд ва аслан зиён ба манофеи миллии онҳо мерасид ва дар шароити кунунӣ низ вазъият чунин аст.

[4] Ин мақола дар маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа", №2(20), 2020, саҳ. 141 мунташир шудааст.

Дар тули таърих махсусан қавмҳои эронинажод бештарин зиёнро аз рақобатҳои геополитикии кишварҳои абарқудрат дидаанд.

Ҳарчанд дар оғози муборизаҳои геополитикии кишварҳои ғарбӣ минтақаи Осиёи Миёна ба майдони бозиҳои онҳо ворид карда нашуда буд ва давлатҳои ин минтақа танҳо гирифтори кашмакашҳои сиёсӣ ва низоъҳои мазҳабии минтақавӣ буданд, вале дар замони авҷи ин муборизаҳо дар асри нуздаҳум Осиёи Миёна низ ба объекти муборизаҳои геополитикии абарқудратҳо, ба вижа Британияи Кабир ва Русияи подшоҳӣ мубаддал гашт. Маҳз дар ҳамин давра буд, ки сарзаминҳои тоҷикнишин тақсимбандӣ шуданд. Русия аз шимол ва Британия аз ҷануб дар рӯ ба рӯи ҳам истода, вориди муборизаҳои геополитикӣ шуда буданд ва саранҷом рудхонаи Панҷро сарҳади манофеъи худ муқаррар карданд, ки ин шояд барои ҳамеша тоҷикони ду тарафи соҳилро аз ҳамдигар ҷудо кард. Дар ғарби Эронзамин бошад, Ҳирот аз Эрон ҷудо карда шуд ва ҳатто тибқи Тавофуқномаи Санкт-Петербург дар соли 1907 худи қаламрави Эрони имрӯза миёни Бритониё ва Руссия тақсим шуд ва тибқи он қисмати шимолии Эрон ҳавзаи нуфузи Руссия ва қисмати ҷанубу-шарқии он ҳавзаи нуфузи Бритониё шинохта шуд, ки ҷонибҳои имзокунанда наметавонистанд дар ҳавзаҳои нуфузи якдигар дахолат кунанд. Ҳукумати шоҳии Эронро дар мавриди имзои ин Тавофуқнома ва тақсими қаламраваш ҳатто даъват накарданд. Ин эътирози онҳоро ба бор овард, аммо таваҷҷуҳи касеро ба худ ҷалб накард, чунки қудрати баробарвазни абарқудратҳо набуд.




(манбаи расм: https://ru.wikipedia.org/wiki/Англо-русское_соглашение_(1907)#/media/Файл:Map_Iran_1900-en.png )

Бо пайдо шудани давлати муқтадири ИҶШС ва ба ҳайати он даромадани минтақаи Осиёи Миёна ин минтақа дигар майдони муборизаҳои геополитикӣ набуд. Балки расман ҳамчун аъзои баробарҳуқуқи ин иттиҳод ба қисмати таркибии яке аз субъектҳо ё худ бозингари бозиҳои геополитикии ҷаҳонӣ мубаддал шуд, аммо дар амал миллатҳои ин минтақа то чӣ ҳад тавонистанд дар бозии мазкур шарик шаванд, масъалаи дигар аст ва баҳси он берун аз доираи мавзӯи ин мақола мебошад. Вале далелҳо нишон медиҳанд, ки дар ин марҳилаи замонӣ миллатҳои ин минтақа муваффақ нашуданд, ки фарҳанги сиёсии худро ба он сатҳе расонанд, ки ҷавобгӯи талаботи замон бошад ва заминаи табдили онҳоро дар ин муборизаҳои геополитикӣ ба субъекти сиёсӣ ба вуҷуд оварад. Аз ин буд, ки кишварҳои ин минтақа дарҳол

баъди шикасти Шӯравӣ боз ба объекти бозиҳои геополитикии кишварҳои абарқудрат табдил ёфтанд. Танҳо фарқият ин ҷо буд, ки нақши Британияи Кабир дар баробари Руссия дигар камранг шуда буд ва ба ҷойи он ИМА ва Чин бозигарони асосӣ буданд. Баҳсҳо сари ин, ки чаро онҳо бозингар шуданду мо объекти бозии онҳо, на баръакс, дар доираҳои илмӣ зиёданд. Аммо дар ин ҷо мо сари ин масъала баҳс нахоҳем кард. Танҳо ин воқеиятро дар назар гирифта, манофеи геополитикии кишварҳои бозингарро дар Осиёи Миёна мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Аҳамияти мавзӯъ.** Сиёсати геополитикии кишварҳои абарқудрати таъсиргузор ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар амри шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ дар ин минтақа саҳми бузург доранд. Барои ба манфиати худ равона кардани ин раванд кишварҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки аз аҳдоф ва амалкардҳои ин кишварҳои таъсиргузор огоҳ бошанд ва дар тасимгириҳои худ онро дар назар гиранд. Бо ин роҳ метавон рақобати онҳоро барои рушди минтақа истифода бурд. Масъалаи ҳувийяти миллӣ низ аз дар ин ҷо истисно нест. Ин воқеият аҳамияти омӯзиши мавзӯи геополитикаро, дар доираи омӯзиши таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ба ҳувийяти миллӣ, ба миён мегузорад.

## “Минтақаи меҳварӣ”-и Ҳалфорд Макиндер

Дар омӯзиши масоили геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ муҳаққиқон дар аксар маврид назарияи олими британиёӣ Ҳалфорд Макиндерро, ки дар тадқиқоти худ бо номи “Меҳвари ҷуғрофиёии таърих” (The Geographical Pivot of History) дар соли 1904

пешниҳод карда буд, ёдовар мешаванд. Тибқи назарияи мазкур минтакаи Осиёи Марказӣ ва Сибир, дар муборизаҳои геополитикӣ, "минтақаи меҳварӣ" (Pivot area) унвон гирифта, як минтақаи калидӣ дар бозиҳои геополитикии ҷаҳонӣ мебошад. Тибқи ин назария ҳар кишваре, ки ин минтақаро зери тасарруфи худ дошта бошад, кулли дунёро идора хоҳад кард. Дар расми зерин "минтақаи меҳварӣ" (Pivot area) бо ранги сабз нишон дода шудааст.




(манбаи расм: https://en.wikipedia.org/wiki/The_Geographical_Pivot_of_History#/media/File:Pivot_area.png)

Бо ду сабаб ин назарияро мо дар мақолаи худ мавриди баррасӣ қарор намедиҳем. Пеш аз ҳама дар ҳоли ҳозир ин "минтақаи меҳварӣ" пурра вориди бозиҳо нашудааст. Қисми азими он ба қаламрави Руссия дохил мешавад ва ин кишвар яке аз бозигарони асосии арсаи геополитикии ҷаҳон буда, ҳаргиз нахоҳад гузошт, ки қисме аз қаламраваш майдони бозиҳои мазкур бошад. Пас, аз ин "Минтақаи меҳварӣ" танҳо кишварҳои Осиёи

Марказӣ боқӣ мемонанд, ки онҳо як қисми хурде аз ин қаламравро ташкил медиҳанд. Баъдан таҷрибаи Иттиҳоди Шӯравӣ нишон дод, ки назарияи мазкур асоси воқеӣ надорад. Чунки Иттиҳоди Шуравӣ ин минтақаи меҳвариро пурра аз худ карда буд ва тақрибан 70 сол аз ҳама имкониятҳои он истифода кард, аммо натавонист идоракунандаи асосии ҷаҳон бошад. Баръакс, саранҷом бо сабаби ақибмондагии технологӣ ва иқтисодӣ худ шикаст хурд.

## Қудратҳои таъсиргузор дар Осиёи Марказӣ ва манофеи онҳо

Дар асри XXI-ум, баъди дубора ба майдони бозиҳои геополитикӣ табдил шудани Осиёи Миёна, ҳам кишварҳои бозингар ва ҳам манофеи геополитикии онҳо нав шудаанд. Агар то даврони Шӯравӣ ҳадафи асосии объектҳои геополитикӣ мастамлика кардани минтақа ва бо ин роҳ ба манбаи ашёи хом ва бозори фурӯши маҳсулоти саноатӣ табдил додани он буд, пас дар замони нав ҳадаф мустамликадорӣ набошад ҳам, дастрасӣ ба бозори минтақа ва муҳимтар аз ҳама дастрасӣ ба захираҳои табиии он ҳадафи асосӣ мебошад. Ҳарчанд манофеи бозингарон фарқ мекунад ва дар баробари ин ду ҳадаф манофеи амниятӣ ва инфрасохторӣ барои баъзе кишварҳои ҳамҷавор аз аҳамияти махсус бархурдор ҳастанд.

Кишварҳое, ки ҳамакнун дар минтақаи Осиёи Миёна дар бозиҳои геополитикӣ вориди амал ҳастанд, зиёд нестанд. Бозингарони асосӣ ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Руссия ва Чин мебошанд, ки бо аҳдофи муайян

вориди минтақа мешаванд. Дар баробари ин кишварҳо Туркия, Эрон, Ҳиндустон, Покистон ва Британия низ саҳми камранг доранд, ҳарчанд кӯшишҳои онҳо назаррас аст, вале имкониятҳои молиявӣ ва мавқеи ҷуғрофияшон иҷоза намедиҳад дар баробари чор бозингари асосӣ нақшофаринӣ кунанд. Ҳарчанд Туркия ва Эрон бо такя ба наздикии фарҳангӣ ва забонӣ бо кишварҳои минтақа кӯшиш мекунанд манфиатҳои худро дар ин ҷо пиёда созанд, вале бо вуҷуди пешравиҳои андак ин ду кишвар натавонистааст рақиби баробарвазни чор абарқудрати мавриди назари мо бошанд. Баръакс, худи онҳо мавриди таъсири абарқудратҳо қарор гирифта, дар шаклҳои мутафовит ба объекти бозиҳои геополитикӣ табдил ёфтаанд. Ҳиндустон бо сабаби пайванди заминӣ ва баҳрӣ надоштан ба Осиёи Миёна натавонистааст пурра вориди бозӣ шавад.

**Руссия.** Федератсияи Руссия бо такя бар таърихи 200 соли охир минтақаи Осиёи Миёнаро ҳавзаи нуфузи худ медонад ва дар бозиҳои геополитикии минтақа фаъол аст. Ҳарчанд баъди пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ “дар тайи марҳилаи ба истилоҳ “моҳи асал бо Ғарб”, Маскав минтақаро нодида гирифт ва дар айни ҳол умед дошт мавқеи худро ин ҷо ҳифз кунад”[2]. Вале раванди ҳаводис Маскавро маҷбур кард, ки пас аз танаффуси кӯтоҳ дар солҳои 90-уми асри гузашта ба минтақа баргардад ва бо услубҳои натиҷабахштар таъсиргузориро ба кишварҳои минтақа шурӯъ намояд. Аз ин буд, ки Федератсияи Руссия барои ба аҳдофи худ расидан созмонҳои гуногуни минтавиро ташкил дода, кишварҳои минтақаро ба он пайванд сохт. Дар баробари вуҷуд

доштани ИДМ дар солҳои баъдӣ Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД), Созмони ҳамкориҳои Шонгҳой (СҲШ) ва Иттиҳоди Авруосиё ташкил карда шуд, ки дар онҳо Руссия мавқеи баландтар аз кишварҳои Осиёи Миёнаро касб карда, сиёсати ин созмонҳоро бо аҳдофи худ мутобиқ месозад. Махсусан Иттиҳоди Авруосиё пурра таҳти идораи ин кишвар қарор дошта, дар навбати аввал манофеи онро пиёда месозад. Албатта, дигар кишварҳои узв ҳам бе манфиат намемонанд, вале мавқеи баробар бо Руссияро надоранд. Танҳо дар доираи СҲШ Чин рақиби баробарвазни ин кишвар мебошад. Бо вуҷуди ин, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо сабаби пайвастагии зиёди иқтисодиву амниятӣ доштан бо Руссия аз ҳамкориҳои зич бо ин кишвар рӯ намегардоданд.

Манофеи иқтисодии Руссия дар Осиёи Миёна аз дастрасии имтиёзнок ба захираҳои табиии минтақа, интиқолгари ягонаи манобеи энергетикии минтақа ба Иттиҳоди Аврупо боқӣ мондани ин кишвар, дастрасии имтиёзнок доштан ба бозорҳои Осиёи Миёна ва ғайра иборат мебошанд. Ин ба манофеи дигар бозингарон дар таззод аст, ки боиси тунд шудани муборизаҳо мегардад. Аз ҷумла, дар ростои дастрасии бевосита доштан ба захираҳои табиии минтақа Иттиҳоди Аврупо ва Чин лоиҳаҳои худро рӯйи даст доранд, ки Чин дар амалӣ сохтани онҳо бартарӣ дорад. Чунки бевосита ба ин кишварҳо ҳаммарз аст ва метавонад аҳдофи худро зудтар амалӣ созад. Барои мисол, зиёда аз даҳ сол аст, ки хатти лӯлаи интиқоли газ аз Туркманистон то Чин мавриди истифода қарор дорад ва дар ин муҳлат ба воситаи ин хат

зиёда аз 15 дарсади ҳаҷми истеъмоли умумии гази табиии Чин таъмин карда мешавад.[3]

Дар масоили амниятӣ мавқеи Руссия дар минтақа нисбат ба дигарон устувортар аст. Чунин шакл гирифтани вазъият пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки манофеи амниятии Руссия бо манофеи амнияти кишварҳои ин минтақа мувофиқ мебошанд. Руссия марзҳои ҷанубии Осиёи Миёнаро марзи амнияти худ дониста, кӯшиш мекунад амнияти нисбиро дар ин ҷо нигаҳ дорад. Ягона мушкил ин аст, ки худи Руссия намехоҳад кишварҳои минтақа то он дараҷа қавӣ шаванд, ки худ аз уҳдаи хатароти мавҷуда баромада тавонанд ва муҳтоҷи дигарон (Руссия) набошанд. Ин муносибати Руссияро аз кӯмакҳои ҳарбии ин кишвар ба Тоҷикистону Қирғизистон, ки аз таҷҳизоти куҳна иборатанд ва ҷавобгӯи талаботи замони нав намебошанд, метавон мушоҳида кард. Ба тафовут аз манофеи иқтисодӣ дар ин масъала ҳадафҳои Руссия бо аҳдофи абарқудратҳои дигар дар таззод нест ва онҳо ҳам бо сабабҳои муайян аз амнияти минтақа манфиатдор ҳастанд. Чунки дар ҳоли ноамн шудани Исиёи Марказӣ лоиҳаҳои рӯйидастдоштаи онҳо низ амалӣ шуда наметавонанд.

Бо вуҷуди ин ҳама кӯшишҳо Руссия натавонистааст, мавқеи худро пурра дар Осиёи Марказӣ нигаҳ дошта, нуфузи кишварҳои дигарро маҳдуд кунад. Бозингарони дигар тадриҷан мавқеи худро мустаҳкам мекунанд ва ин аз ҳисоби кам шудани нуфузи Руссия ба даст меояд. Иқтидори нисбатан пасти иқтисодӣ ва технологии Руссия халоҳоеро барои ишғол шудан аз

ҷониби дигарон эҷод месозад. Ин раванд дарояндаи наздик яқинан ба манфиати Руссия нахоҳад буд.

**Чин**. Ҷумҳурии мардуми Чин низ манофеи баробар бо Руссияро дар минтақаи Осиёи Марказӣ дорад. Иқтисоду тиҷорат, амният ва интиқоли молу коло масъалаҳое мебошанд, ки мавриди таваҷҷуҳи ҳукумати Чин дар муносибат бо кишварҳои минтақа қарор мегиранд. Аллакай дар соли 2009 ҳаҷми умумии тиҷорати ҶМЧ бо панҷ кишвари Осиёи Миёна ҳаҷми тиҷорати умумии ин кишварҳо бо Руссияро гузашта буд. [17] Имрӯз Чин бузуртарин шарики тиҷоратӣ ва сармоягузор барои кишварҳои минтақаи мо мебошад. Бартарии нисбии ин кишвар дар истеҳсоли маҳсулоти гуногун ва ҳамсоягии он ба минтақа имкон фароҳам овардааст, ки ширкатҳои ин кишвар дар бозори кишварҳои Осиёи Марказӣ саҳми бештаринро дошта бошанд. Дар баробари ин, рушди босуръати иқтисодии Чин талаботи онро ба ашёи хом ва захираҳои табиӣ зиёд мекунад ва ин кишвар бо сармоягузориҳои ҳангуфт инфрасохтори интиқоли зихоири табииро аз Осиёи Марказӣ ба Чин сохта истодааст, ки қисме аз ин лоиҳаҳо аллакай ба анҷом расидаанд ва ашёи хоми минтақаро ба Чин интиқол дода истодаанд. Шоҳроҳҳои гуногун ва лӯлаи интиқоли газ аз Туркманистон ва лӯлаи интиқоли нафт аз Қазоқистон ба Чин, ки ҳоло фаъол ҳастанд далели ин гуфтаҳо буда метавонанд. Бартарии асосии Чин дар рақобат барои ба даст овардани захираҳои энергетикии Осиёи Миёна нисбат ба Руссия ин аст, ки Чин худаш бевосита истеъмолкунанда аст, вале Руссия худ содиркунанда аст ва танҳо миёнарав буда метавонад.

Дар расми зерин лӯлаи нафт бо ранги сабз ва газ бо рангии сурх нишон дода шудаанд.




(манбаи расм: http://caspianbarrel.org/en/2019/08/central-asia-delivers-23-bcm-of-gas-to-china/ )

Дар соҳаи иқтисод Чин бе шубҳа бо имкониятҳои фаровоне ки дорад, метавонад ҷойгоҳи шоиста дошта бошад. Дар баробари ин, ҳамчун истеъмолгар барои таъмини бехатарии дастрасӣ ба захоири энергетикӣ ва маъданҳои кухӣ ин кишвар омодааст миллиардҳо доллари амрикоиро дар Осиёи Миёна маблағгузорӣ кунад. Истифодаи ин минтақа барои дастрасии заминӣ ба бозори ҷаҳонӣ омили дигари ҳавасмандии Чин барои иштирок дар муборизаҳои геополитикии минтақа мебошад. Қарзҳои имтиёзнок барои сохтмон ва азнавсозии роҳу нақбҳо дар кишварҳои минтақа баёнгари ин гуфтаҳо шуда метавонанд. Ин ҳадаф дар доираи лоиҳаи “Ҷодаи абрешим” амалӣ мегардад. Хатти тиҷоратии “Ҷодаи абрешим” шароити расидани

маҳсулоти чиниро ба бозорҳои Осиёи Миёна, Федератсияи Руссия, Қафқоз осон мегардонад ва Чин метавонад ашёи хом ва нафтро аз ин минтақаҳо дастрас кунад. Дар шароити пайдо шудани мушкилот дар роҳи баҳрӣ “Ҷодаи абрешим” аҳамияти чандкарата пайдо карда, Чинро аз инҳисори иқтисодӣ раҳо мекунад. Бинобар ин, Чин бо сарфи миллиардҳо доллари амрикоӣ барои сохта ба истифода додани шоҳроҳи мазкур мусоидат карда истодааст.

Бозори истеъмолии Осиёи Марказӣ бо тақрибан 72 миллион аҳолӣ, низ барои Чин аҳамияти вижа дорад. Солҳо пеш молу маҳсулоти ин кишвар бозори минтақаро ишғол карда буданд ва Чин мехоҳад мавқеи худро боз ҳам устувортар кунад.  Дар ростои тиҷорат бо кишварҳои рӯ ба рушд Чин сиёсати махсусеро пеш гирифтааст, ки бо харидани захоири табиии онҳо ва содироти молу маҳсулоти тайёри саноатӣ ба ин кишварҳо баланси тиҷории худро дар аксар ҳолат мусбат нигаҳ медорад. Кишварҳои Осиёи Миёна низ дар амалӣ сохтани ин стратегияи Чин мувофиқ маҳсуб меёбанд. Илова бар ин, кишварҳои минтақа имконияти маҳдудсозии молу колоҳои чиниро надоранд ва монанди ИМА наметавонанд дар якҷоягӣ Чинро таҳдид намуда, тавофуқномаҳои муфид барои кулли минтақаро ба даст оваранд. Аз дигар сӯ, чун минтақа баромади бевосита ба уқёнуси ҷаҳониро надорад, аз ҳисоби хароҷоти нақлиётӣ молу маҳсулоти чинӣ дар бозори ин ҷо бартарии нисбиро ба худ касб кардаанд. Ҳатто Ҳиндустон имкони бо роҳи заминӣ расонидани молу маҳсулоташ ба Осиёи Марказиро то он ҳадде надорад, ки тавонад рақиби

баробарвазни ин кишвар бошад. Бо назардошти ин ҳама воқеиятҳо Чин ба бозори минтақа аҳамияти вижа дода, дар сиёсати хеш роҳҳои нигаҳдорӣ ва густариши мавқеи худро ҷустуҷӯ мекунад.

Дар масоили амниятӣ Чин ҳадафҳои муайяеро дар минтақа думбол мекунад, ки асоситарини онҳоро "се бадӣ" номгузорӣ кардаанд. Бо роҳи ҳамкориҳои амниятӣ дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай Чин мехоҳад бо ин се мушкил мубориза барад. Ин се бадӣ терроризм, сепаратизм ва экстремизм мебошанд [17], ки хатари бузург барои Чин буда, дуи аввалаш барои кишварҳои Осиёи Миёна низ хатар доранд.

**ИА.** Иттиҳоди Аврупо дар баробари стратегияи гуногунсозии сарчашмаҳои энергетикии худ ва кам кардани вобастагӣ аз минтақаи ноамни халиҷи Порс ва Федератсияи Руссия Осиёи Марказиро ҳамчун алтернативаи онҳо интихоб кардааст. Тибқи лоиҳаи "Nabucco" хати интиқоли газ, ки аз Осиёи Миёна ва Озарбойҷон, тариқи Гурҷистон ба Туркия мераванд, ба ИА расонида бояд шаванд, ки дар ҳолати қатъ шудани интиқоли нафту газ аз халиҷи Порс бо сабабҳои амниятӣ ва Руссия бо сабаби сиёсӣ кишварҳои ИА тавонанд аз ин сарчашма истифода бурда, амнияти энергетикияшонро таъмин намоянд. Дар ҳоли ҳозир танҳо гази Озарбойҷон ба истеъмолгарони Туркия меравад. Лулаи гази Транс-Хазар (Trans-Caspian Gas Pipeline) сохта нашудааст, вале яке аз роҳҳои алтернативӣ дар сиёсати энергетикии ИА дар назар дошта мешавад. Аммо аз сабаби иштироки кишварҳои зиёд дар ин лоиҳаҳо иҷрои он мушкил гаштааст ва то ҳол пурра амалӣ нашудааст. Дар баробари

ин, коркарди манобеи энергетикии назди баҳри Хазар ҳазинаҳои ҳангуфтро талаб мекунанд ва “дар тавсеаи иқтисодии манобеи энергетикии ин минтақа қимати нафту газ дар бозорҳои ҷаҳонӣ омили бисёр муҳиме маҳсуб мегардад, зеро ки поин будани қиммати нафт ба ҳамроҳи ҳазинаи интиқоли он, имкони тавсеаи босуръати манобеи энергетикии баҳри Хазарро душвор месозад”.[4]




(манбаи расм: https://qz.com/99054/russia-won-the-long-battle-of-pipeline-politics-but-now-what-does-it-do/ )

Дар масъалаҳои тиҷорат ва интиқоли молу коло бошад ИА ба Осиёи Миёна камтар таваҷҷуҳ дорад. Чунки маҳсулоти баландсифати онҳо бо ҳар роҳ дар бозор пайдо мешавад ва Осиёи Миёна минтақаи транзитии муҳим барои онҳо маҳсуб намеёбад. Донишманди тоҷик Ҳафиз Бобоёров низ дар баррасии Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Миёна чунин хулоса мекунад, ки “ИА ҳамкориҳои худро дар минтақа ба бахши ташкилу тақвияти зерсохтори нақлиёт барои

интиқоли молу коло, бахусус нафту газ ба Аврупо маҳдуд нигаҳ медорад" [5]. Ба ин хулоса танҳо ҳаминро илова кардан мумкин аст, ки ИА танҳо ба зерсохторҳои интиқоли нафту газе таваҷҷуҳ дорад, ки аз тариқи Руссия убур намекунанд. Ҳадафи асосии онҳо коҳиши вобастагӣ аз зерсохторҳои русҳо мебошад.

Дар бахшҳое, ки ИА солҳои пеш онҳоро дар мавриди роҳандозии муносибатҳои худ бо кишварҳои собиқ Шӯравӣ, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчун масъалаҳои афзалиятнок медонист, яъне ислоҳоти демократӣ ва иқтисодӣ, дигар пофишорӣ намекунад. Дар Стратегияи нави худ ИА таъкид мекунанд, ки аз кишварҳои алоҳидаи минтақа вобаста аст, ки дар ин самтҳо ҳамкорӣ кунанд ва ё не. "...Миқёси муносибатҳои ИА ба омодагии кишварҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ барои гузарондани ислоҳот, тақвияти демократия, ҳуқуқи башар, волоияти қонун ва истиқлоли додгустарӣ вобаста аст" [5].

**ИМА.** Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар минтақаи Осиёи Миёна аз солҳои аввали истиқлоли ин кишварҳо ҳузур пайдо карда буд. Дар аввал бо ҳадафҳои густариш додани демократия ва принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ ин кишвар мехост шароити хуберо барои ворид шудани ширкатҳояш ба минтақа фароҳам оварад ва он ширкатҳо дар навбати худ тавонанд дар раванди истихроҷ ва интиқолу фурӯши захираҳои табиии минтақа саҳми бузург дошта бошанд ва ба ин восита ба буҷа ва аҳолии Амрико даромадҳои иловагӣ ворид созанд. Аммо кишварҳои минтақа омодаи чунин тағйироти амиқ набуданд ва дар баробари оғози ҷанг бо терроризм дар

Афғонистон, ИМА ба хотири ҳамкориҳои амниятӣ бо ин кишварҳо таваҷҷуҳро ба демократиякунонии минтақа кам кард ва муносибатҳои амниятӣ нақши асосиро дар давоми тақрибан даҳ сол мебозиданд. Аммо масъалаи иштироки ширкатҳои амрикоӣ дар тарҳҳои интиқоли нафту газ аз минтақа ба Аврупо ҳамеша дар мадди назари ИМА буд. Дар баробари он баъзе лоиҳаҳои дигар, ки имрӯз амалӣ карданашон душвор ба назар мерасад мавриди назари амрикоиҳо буд, ки тибқи ин лоиҳаҳо ширкатҳои амрикоӣ дар интиқоли захираҳои энергетикии минтақа ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, махсусан Покистон ва Ҳиндустон, бояд саҳмгузор мебуданд. Аммо бо назардошти ноамнии Афғонистон ин лоиҳаҳо хавфҳои зиёд доранд ва дар амал татбиқ шуданашон дар гумон аст. Танҳо хатти интиқоли барқ аз Қирғизистну Тоҷикистон ба Афғонистону Покистон тибқи лоиҳаи "КАССА-1000" аст, ки дар амал татбиқ мешавад, вале аз нигоҳи тиҷоратӣ барои ширкатҳои амрикоӣ қобили таваҷҷуҳ нест.

Стратегияи нави ИМА бо номи "Стратегияи ИМА барои Осиё Марказӣ барои солҳои 2019-2025: Тавсиаи Худсолорӣ ва Шукуфоии Иқтисодӣ" дар авоили соли ҷорӣ эълом шуд. Дар стратегияи мазкур омадааст, ки аҳдофи аслии ИМА дар минтақа иборатанд аз эҷоди (1) Осиёи Марказии босубот ва шукуфое, ки тавонад манофеи сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятияшро бо дигарон худ дунбол кунад, (2) Осиёи Марказии ба бозори ҷаҳонӣ пайвандбуда ва барои сармоягузориҳо боз ва (3) Осиёи Марказии дорои ниҳодҳои демократии қавӣ, ки дар он ҳокимияти қонун ва ҳуқуқи башар таъмин аст. Ҳарчанд

дар ин стратегия онҳо таъкид мекунанд, ки минтақаи Осиёи Марказӣ новобаста аз даргирии ИМА дар Афғонистон, аҳамияти геостратегӣ дорад [6], вале аз шаш принсипҳои меҳварии он бармеояд, ки бештари амалкардҳои дар он овардашуда ба густариши ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Афғонистон равона карда шудаанд. Шаш принсипи меҳварии дар стратегияи мазкур овардашуда инҳо мебошанд:

1. Ҳимоят ва тақвияти ҳокимият ва истиқлоли кишварҳои Осиёи Марказӣ, дар алоҳидагӣ ва ба унвони як минтақа;
2. Коҳиши хатароти террористӣ дар минтақа;
3. Густариш ва ҳифзи пуштибонии кишварҳои минтақа аз субот дар Афғонистон;
4. Ташвиқи иртибот миёни кишварҳои Осиёи Миёна ва Афғонистон;
5. Ташвиқи ислоҳот дар қонунҳо, ҷиҳати мастаҳкам кардани волоияти қонун ва эҳтироми ҳуқуқи башар;
6. Ҷалби сармояи амрикоӣ ба иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ. [6]

ИМА лоиҳаи "Ҷодаи абрешими нав"-ро низ маҳз барои густариши ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ, аз ҷумла Афғонистон ироа карда буд.[14] Аммо боз ҳам, бо сабабҳои амниятӣ, ин лоиҳа иҷро нашуда мондааст ва бо лоиҳаи чинии "Ҷода абрешим" рақобат карда наметавонад. Ба ҳар ҳол ИМА барои пиёда кардани ҳадафҳои геополитикии худ лоиҳаҳои зиёдеро рӯйи даст дорад, ки дар муборизаҳои

геополикии худ бо дигар абарқудратҳо дар ҳолатҳои зарурӣ аз онҳо истифода мекунад.

**Хулоса.** Аз таҳлили сарчашмаҳои дастрас доир ба мавзӯъ пайдост, ки минтақаи Осиёи Марказӣ тайи 200 соли охир мавриди таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрат қарор гирифта, ҳамчун объекти бозиҳои геополитикии онҳо истифода шудааст. Кишварҳои минтақа, дар алоҳидагӣ ё ба унвони як минтақа, натавонистанд бо чор абарқудрати номбаршуда баробарвазн бошанд ва худро ба субъекти ин мубризаҳо табдил диҳанд. Бо вуҷуди ин, наметавон ояндаи минтақаро якранг дид. Ин аз тасмимгириҳои имрӯзи раҳбарони кишварҳои минтақа вобаста аст, ки дар оянда низ минтақаи мо ҳамчунон объект боқӣ мемонад ё бо ислоҳоти бунёдӣ ва ҳамкориҳои зич ниҳоде месозанд, ки ба унвони як минтақа дар сиёсати ҷаҳонӣ ворид шаванд. Танҳо дар ин сурат имкон доранд баробарвазни кишварҳои абарқудрат шаванд ва дар якҷоягӣ манофеи худро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳифз кунанд. Таҷрибаи чунин ниҳоди қудратмандро мо дар Иттиҳоди Аврупо мебинем. Баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ онҳо диданд, ки дар алоҳидагӣ наметавонанд қудрати сиёсӣ ва иқтисодии баробарвазн бо абарқудратҳои ҷаҳонӣ бошанд. Пеш аз ҳама оҷизии худро дар баробари онҳо эътироф карданд ва баъдан бо ташкили ниҳоди қудратманд (ИА) вориди сиёсати ҷаҳонӣ шуданд ва имрӯз шоҳиди муваффақиятҳои онҳо ҳастем.

Осиёи Марказӣ ҳама имкониятҳоро дорост, ки тавонад як ниҳоди қудратманд ташкил карда, ба унвони як минтақа ба сиёсати ҷаҳонӣ ворид шавад ва аз мубризаҳои геополитикии абарқурбатҳо манфиати

бештаринро ба даст оварад. Захираҳои зиёди табиӣ, аҳолии ҷавони қобили меҳнат ва бозори бузургӣ истеъмолии минтақа заминаи хубе барои истифода дар гуфтушунидҳои сатҳи ҷаҳонӣ буда метавонад. Дар якҷоягӣ метавон тавоффуқномаҳои иқтисодиву тиҷории беҳтарро бо кишварҳо ва иттиҳодҳои дигар ба имзо расонид, ки дар алоҳидагӣ дастрасӣ ба онҳо ғайримумкин аст. Албатта, дар алоҳидагӣ ҳам то имрӯз кишварҳои минтақа тавонистаанд бо кишварҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ муносибатҳои муайянеро ба роҳ монда, манфиатҳои худро пайгирӣ кунанд, вале иқтидори минтақа ба маротиб бештар аз он аст, ки ҳоло дорем.

Дар масоили иқтисодии худ кишварҳои Осиёи Марказӣ пеш аз ҳама бояд ба якдигар такя карда, ҳамкориҳои зичро ба роҳ монанд ва дар ҳамоҳангӣ бартариятҳои нисбӣ ва бартариятҳои куллии ҳар кишварро муайян карда, тибқи он истеҳсоли молу маҳсулотро ба роҳ монанд. Чунин корро дар Иттиҳоди Аврупо ва Амрикои Шимолӣ кайҳо ба роҳ мондаанд ва аз имкониятҳои он солҳо боз истифода мекунанд. Аммо дар минтақаи мо бошад ҳар кишвар мехоҳад ҳама чиро худаш истеҳсол кунад, ки дар натиҷа молҳои истеҳсолкарда, дар бозори ҷаҳонӣ, рақобатпазир нестанд ва дар тӯли қариб сӣ сол ҳеҷ кишваре натавонист дар алоҳидагӣ дар бозори ҷаҳонӣ ҷойгоҳи хос пайдо кунад. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани бозори ягонаи Осиёи Марказӣ имкониятҳо нав пайдо хоҳад шуд, ки истифодаи дурусти онҳо мушкилоти зикршударо бартараф мекунад.

Дар масоили амниятӣ манофеи кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Руссия ва Чин мувофиқ омадаанд, ки ин ба

манфиати ҳарду ҷониб мебошад. Аз як тараф, кишварҳои минтақа дар пешорӯи хатароти беруна танҳо нестанд, аз тарафи дигар, онҳо имрӯз вобастаи танҳо як кишвар набуда, алтернативае дар симои Чин доранд. Ҳарчанд ин воқеият амнияти минтақаро мустаҳкамтар мекунад, вале боз ҳам такяи бештар кардан ба қувваҳои худӣ дар дохили минтақа зарур аст. Чунки мабодо дар ҳолати ба вуқуъ пайвастани ягон ҳуҷуми террористӣ агар дар он кишвар артиши қавӣ бошад метавонад то расидани кумакҳои дигарон онҳоро дар марз нигаҳ доранд ва ҷанг берун аз ҳудудҳои аҳолинишин ба амал ояд. Дар акси ҳол бо омадани кумакҳо душман вориди як қисми минтақаи аҳолиниш шуда, ҷанг дар дохил сурат мегирад, ки ҳатто дар ҳолати шикасти душман ҳам хисороти зиёди моливу ҷонӣ дар пай мегузорад. Ҳеҷ як ҷомеае чунин оқибатро намехоҳад.

Масъалаҳои фарҳангӣ дар муборизаҳои геополитикӣ коромад ба назар намерасанд. Кишварҳое, ки танҳо дар заминаҳои фарҳанг вориди мубориза мешаванд, натиҷаҳои хуб ба даст оварда наметавонанд. Дунёи имрӯз дунёи иқтисоду амният аст, ки танҳо кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳарбӣ қавӣ имконият пайдо мекунанд, ки дар ин бозиҳо ҳамчун субъект нақшофаринӣ кунанд. Аммо барои расидан ба пешрафтҳои назарраси иқтисодиву ҳарбӣ илму фарҳанг нақши муҳим доранд. Бинобар ин, барои таъмини рушди устувор дар кишварҳои минтақа истифода аз омилҳои фарҳангӣ лозим аст. Миллатҳо дар заминаи расидан ба сатҳи баланди худшиносии милливу фарҳангӣ метавонанд босуръат рушд кунанд. Яъне омили фарҳанг

дар сиёсати дохилӣ коршоям буда, дар муборизаҳои геополитикӣ нақши кам дорад.

Новобаста аз он, ки нақшофаринони асосии майдони манофеи геополитикии Осиёи Марказӣ дар рақобатҳои хеш зоҳиран аз омилҳои фарҳангиву тамаддунӣ истифода намекунанд, ё ҳадди ақал то имрӯз истифода накардаанд, ин омилҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ нақши муҳим доранд ва дар таҳлили оянда онҳоро баррасӣ хоҳем кард. Дар доираи мавзӯи "Бархурди тамаддунҳо" мо масъалаҳои бархоста аз зиддиятҳои тамаддуниву фарҳангӣ дар минтақаро баррасӣ хоҳем кард, ки дар ин арса теъдоди кишварҳои асосии нақшофар афзунтар мешаванд ва хатароти бархоста аз гурӯҳҳои мазҳабӣ рӯйи кор меоянд. Ҳатто эҳтимоли истифода шудани ин гурӯҳҳои хатарзо аз ҷониби абарқудратҳо дар оянда вуҷуд дорад, ки ин аҳамияти мавзӯъро боз ҳам зиёдтар мекунад.

**Сарчашмаҳо**


1. John Agnew, "Geopolitics. Re-visioning world politics", (Second edition), New York 2003
2. A. Włodkowska-Bagan, "Russian Foreign Policy towards Central Asia", Lublin 2012, p. 11–32.
3. "China-Central Asia gas pipeline transports 47.9 billion cubic meters in 2019", ( https://www.hellenicshippingnews.com/china-central-asia-gas-pipeline-transports-47-9-billion-cubic-meters-in-2019/ )
4. "Геополитикаи меҳвари Осиёи Марказӣ-Қафқоз", С. Ҳесейнӣ, (

http://ensani.ir/file/download/article/20120329103341-2076-5.pdf )
5. “Назари интиқодӣ ба Стратегияҳои нави Иттиҳоди Аврупо ва ИМА барои кишварҳои Осиёи Марказӣ”, Ҳафиз Бобоёров, ( https://www.facebook.com/groups/221637445868523 6/permalink/2777481789241164/ )
6. “United States Strategy for Central Asia 2019-2025: Advancing Sovereignty and Economic Prosperity (“ https://www.state.gov/united-states-strategy-for-central-asia-2019-2025-advancing-sovereignty-and-economic-prosperity/?fbclid=IwAR3mnQhU_mPxDdlWPIxKPUQy7DOYg4A62OLF1d20nYPbqsAGWxO7fjVrXmg ”)
7. “The Geopolitical Role of the Main Global Players in Central Asia”, Marat Tazhin, American Foreign Policy Interests, 30: 63–69, 2008
8. “Sino-Russian Geopolitical Interests in Central Asia and South Caucasus”, David Pipinashvili, Bulletin Of The Georgian National Academy Of Sciences, vol. 5, no. 2, 2011
9. “Central Asia: Governance, geopolitics and development challenges”, Verena Fritz, ODI Research Fellow, 2007
10. “New Great Game in Central Asia: Conflicts, Interests and Strategies of Russia, China and United States”, Musharaf Iqbal & Manzoor Khan Afridi, International Islamic University Islamabad.
11. “India’s role and interests in Central Asia”, Ivan Campbell, 2013
12. “U.S. Policy Toward Central Asia 3.0”, Eugene Rumer, Richard Sokolsky, Paul Stronski, January 25, 2016

13. “Таҳлили ҳувийяти геополитикии Осиёи Марказӣ бо истифода аз назарияи ситемаи геопотикаи ҷаҳонӣ”, Алиакбар Дабирӣ, Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, Фаслномаи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, шумораи 76, 2011
14. “Геополитические Внтересы России D Центральной Азии”, Сыздыкова Жибек Сапарбековна, Теория и практика общественного развития, № 8, 2013
15. “Revisiting the Pivot: The Influence of Heartland Theory in Great Power Politics”, Margaret Scott and Westenley Alcenat, Macalester College, 2008
16. “Mackinder’s Geopolitical Perspective Revisited”, Leonard Hochberg and Geoffrey Sloan, Foreign Policy Research Institute, 2017
17. “China’s economic penetration into Post-Soviet Central Asia and Eastern Europe”, Konstantinas Andrijauskas, Vilnius, Institute of International Relations and Political Science.

## 1.5. Каҷфаҳмиҳои шинохтӣ, фарҳанги хитобаӣ ва ратсионализми интиқодӣ[5]

Каҷфаҳмиҳои шинохтӣ бардошти таҳрифшуда аз воқеиятҳо ва фарзияҳоест, ки зери таъсири пешдовариҳо, манфиатҳо, тарс ва тамаъ, дар бардошт, қазоват ва истидлоли одамон дохил шудаанд. Каҷфаҳмиҳои шинохтӣ боиси таҳрифи идрок, қазовати нодуруст, тафсири ғайримантиқӣ ва бехирадона мешаванд. Каҷфаҳмиҳои шинохтӣ аз хурофотҳое бармеояд, ки дар ҳофизаи ҷамъиятӣ вуҷуд доранд ва ин ба дарки дурусти тасвири илмии олам ва паҳншавии он, ки аз қолабҳои ҷорӣ дар шуури тӯдаҳо фарқ мекунад, монеъ мешавад. Одамон дар ҷустуҷӯ ва тафсири маълумот, маъмулан тамоил ба он доранд, ки хурофоту пешдоварии худро дуруст нишон дода, ҳар як маълумоте, ки дидгоҳҳояшонро рад мекунанд, беэътибор нишон диҳанд. Ба ҷаҳон аз даричаи таассуби худ нигариста, ҳар як маълумотро филтр мекунанд ва танҳо он назарҳоеро қабул мекунанд, ки тасдиқкунандаи бовару назари худашон буда, мақбули тӯдаҳо ҳастанд. Назари инсони маъмулӣ, аҳёнан аз худи ӯст, ки дар натиҷаи санҷиши комил бо ҳама усулҳои имконпазир ба даст омада, асоснок ва аз тарозуи ақлу мантиқ гузаронида бошад. Дар бештар маврид, назарҳои мо намунае аз фарзияву истидлолҳои дигарон ҳастанд, ки ба воситаи падару

---

[5] Ин мақола дар ҳафтаномаи "Миллат" №30 (565) аз 10.08.16 ва маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа" №3-4, 2016, саҳ.70. мунташир шудааст.

модар, кӯча, мактаб, телевизиону радио ва китобу интернет ба даст омадаанд.

Маълум аст, ки дар пешорӯйи мушкилоти рӯз, пеш аз ҳама, шинохти дурусти онҳо лозим аст. Ҳалли онҳо бе шинохти дурусташон имконнопазир аст ё дар ҳолати беҳтар ба ҳалли нодурусташон мерасонад, ки баъди муддате боз буруз мекунанд. Каҷфаҳмиҳо, дар шинохти мушкилот ва сабабҳои пайдоиши онҳо, монеи ҳалли саривақтии онҳо гашта, хароҷоти онҳоро зиёдтар мекунад. Бинобар ин, дар омӯзиш ва шинохти ҳар як мушкил, хоҳ шахсӣ аст, хоҳ ҷамъиятӣ, бояд аз хираду мантиқи солим кор гирифта, таассубу пешдовариҳо канор гузошта шаванд. Ба каҷфаҳмиҳо дар шинохти масоили иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фалсафӣ роҳ дода нашавад.

Шӯрбахтона, дар ҷомеаи мо низ  қаҷфаҳмиҳо дар шинохти мушкилоти мубрами рӯз дида мешаванд, ки боиси ҳал нагардидани мушкилоти ифротгароии мазҳабӣ, хурофазадагӣ, ришвахорӣ, сӯистифода аз мансаб, мардумфиребӣ, фақр ва бегонапарастӣ гардидаанд. Ин каҷфаҳмиҳо бештар дар ростои ҳувийяту худшиносӣ, огоҳӣ аз таърихи худ, масъулиятшиносӣ дар назди виҷдону ҷамъият, пайравӣ аз бузургон, нангу номус, накукорӣ, озодӣ ва илму олим дида мешаванд.

Сӣ сол боз аз худшиносӣ сухан мегӯянд, аммо сатҳи худшиносии миллӣ ба ҷойи боло рафтан, пойинтар аз он шудааст, ки дар охирҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ буд. Мутаассифона, бештари мардум дар муҳосираи иттилоотии таърихӣ монда, таърихи зиёда аз 8500-солаи худро, ба 1100  оварда расониданд, ҳувийяти худро фақат дар мусалмон будан дониста, рӯй ба идеологияи

таҷовузгарони ватан оварда, гузаштаи пешазисломии худро фаромӯш карданд. Гузаштаи пурифтихоре, ки ин миллат ҷаҳонгир буд. Ин бетаваҷҷуҳӣ ва ноогоҳӣ аз таърихи худ ва дар баробари ин, таблиғоти густардаи мазҳабӣ аз ҷониби гурӯҳҳо ва кишварҳои манфиатхоҳи хориҷӣ, ба воситаи муллоҳои маҳаллӣ, ва дар даҳ соли охир ба воситаи интернет, худшиносии мардуми тоҷикро пойин бурда, ба каҷфаҳмиҳо дар шинохти ҳувийяти миллӣ оварда расонд, ки дар натиҷа таассуби мазҳабӣ боло гирифт. Натиҷаи манфии ин каҷфаҳмиро дар чанд соли охир дар пайвастани ҷавонони тоҷик ба ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои террористии ҳувийяти динидошта ва харҷи бамаротиб бештари давлат барои ҳимояи давлатдории миллӣ аз хавфи чунин равандҳо мушоҳида мекунем. Ҳатто кор ба ҷое расида буд, ки таҳти таъсири баъзе муллоҳои худбохтаву пушт бар меҳанкарда, шахсони номи миллидошта, номҳои худро ба номи шахсиятҳои таҷовузгари ватан иваз карданд. Хушбахтона, мақомот пеши роҳи ин бегонашавии расмиро гирифт. Аммо дар номгузории кӯдакон, ҳамоно ин худбохтагӣ ва бегонапарастӣ ифода мешавад ва идома дорад.

Омилҳои ин каҷфаҳмиҳо дар ҳувийяту худшиносии миллии мо бисёранд, аммо аз ҳама асосии он бамаротиб кам будани маълумот дар бораи гузаштаи пурифтихори пешазисломии мост. Худшиносиро мо бояд аз тарғибу омӯзиши ҳадафмандонаи таърихи бостонӣ ва империяҳои ҷаҳонии миллиамон оғоз кунем. Имрӯз як тоҷик аз гаҳвора то гӯр, ҳамвора дар бораи дину мазҳаби бегона маълумот мегирад, аммо дар бораи таърихи пеш аз исломии худ хеле кам мешунаваду мехонад, он ҳам ба таври ғайрисистематик ва бидуни

ҳадафи муайян. Аз ин ҷост, ки дар паҳнои интернет аксар даъво мекунанд, ки мо торихи 1400 -сола дорем ва пеш аз ин чизе надоштем. Ҳама дастоварду ифтихороти пешинаро нодида мегиранд, дар пайи ҳимояи ҳувийяти мазҳабии худ меравед. Ин ҳама мушкилоти вобаста ба ифротгароиву бегонапарастиро тақвият бахшида, монеи шинохти дурусти ҳувийят ва худшиносии миллӣ мегардад.

Каҷфаҳмиҳо дар шинохти ҳувийят, ки ба боло рафтани таассубу мазҳабгароӣ ва бегонапарастӣ расонидааст, боиси ба вуҷуд омадани каҷфаҳмиҳо дар шинохти таърих гардидааст. Чуноне ки зикр карда шуд, бештари мардуми тоҷик таърихи худро аз 1400 рақам мезанад ва гузаштаи пеш аз онро дуруст намеомӯзанд ва аз воқеъияти таърихии худ огоҳии дуруст пайдо намекунанд. Дар натиҷа, таҷовузи турку муғулро маҳкум мекунаду қотилони  падару модари худро дар замони ҳуҷуми онҳо нафрин мекунад. Аммо таҷовузи аъробро нодида мегираду аз қотилони падару модари худ ҳангоми таҷовузи арабҳо қаҳрамон тарошида, номи онҳоро ба фарзандонаш мегузорад. Ин каҷфаҳмиҳо дар шинохти таърих, боиси пайдо шудани шахсиятҳои хиёнаткор мегардад, ки ба хотири паҳнсозии идеологияи каҳрамонҳои сохтаи худ, даст ба озору куштори ҳамватанони хеш мезананд, ки фаъолияти ҳизбҳои террористии диние чун Ансоруллоҳ, Ҷундуллоҳ ва ТТЭ ҲНИ далели ин шудааст. Ё дар ҳолати дигар бар зидди арзишҳои миллӣ ва суннатҳои воқеии мардум мубориза мебаранд.

Албатта, 1400  соли охири таърих ҳам идомаи созандагиву эҷодкориҳои мардуми мост ва наметавон

онро нодида гирифт. Ҳар бурду бохте, ки доштем, пештар аз ҳама, кори дасти худи мо буд. Дар илму фан ва ҳунару эҷодкорӣ ҳар ҳосиле, ки буд, аз меваи дарахти 8500 - солаи таърихи мавҷудияти миллати тоҷик буд. Аз биёбони араб ба мо чизе ҷуз қатлу хунрезӣ ва ғорату ғуломсозӣ  наомад. Фаргашти илм дар тамоми ҷаҳон давраҳои муайяни худро дошт, ки дар як давра ҳосилаш як чиз буд ва дар давраи дигар чизи нав ба бор меовард. Наметавон аз давраҳои нахуст талаби ҳосиле ба мисли давраҳои охир кард. Наметавон аз олимони даврони Ҳахоманишӣ талаби шеъри Бедил кард ва аз олимони даврони Сомониён талаби сохтани барномаҳои компютерӣ. Фарҳанги созандагиву эҷодкории ин миллат таърихи 8500 -сола дошта, бо омадани юнониҳо, мусалмонон, муғул ва рус аз байн нарафт ва ба рушду такомули худ идома дод. Аз ин сабаб, иддаои ин ки мо то таҷовузи аъроб чизе надоштем ва идеологияи душман бар сари мо чира ва боиси рушди илми мо шуд, шинохти нодуруст буда, ба каҷфаҳмиҳо дар шинохти таърих дохил мешавад.

Ноогоҳӣ аз таърихи худ, боиси каҷфаҳмиҳо дар шинохти номус мегардад. Ҷавонмарди тоҷик барғалат номусро дар ҳимояи идеологияи бегона, идеологияи қотилони падарони худ мебинад. Ба ҷойи эҳёи суннатҳои худ ва ҳифзи боқимондаи он, аз идеологияи бегона ҳимоя мекунад. Ва ин амали худро номусдорӣ меномад, дар ҳоле ки ин хилофи ақлу мантиқ аст. Агар ба кишварҳои пешрафтаи муосир назар кунем, миллатеро дида наметавонем, ки аз душманони худ қаҳрамон тарошида, муҳофизони ватанашонро маҳкум кунанду душман шиносанд. Аммо дар мо ин каҷфаҳмӣ вуҷуд дорад ва

оилаҳои тоҷик ба ҷойи Муқаннаъу Бобак Умару Алиро қаҳрамон шинохта, фарзандонашонро ба шарафи онҳо номгузорӣ мекунанд. Агар ҳамаи инро холисона ташхис кунем, пайдост, ки онро наметавон номусдорӣ номид. Ин дар беҳтарин ҳолат ноогоҳӣ аст ва дар бадтарин ҳолат беномусиву меҳанфурӯшӣ, ки ба гурӯҳи якум мардуми оддӣ ва ба гурӯҳи дуюм онҳое дохил мешаванд, ки аз воқеият бохабаранду ба хотири манфиатҳои шахсӣ аз идеологияи бегона пуштибонӣ мекунанд.

Дар шинохти виҷдон ҳам дар фарҳанги имрӯзаи мо каҷфаҳмиҳо вуҷуд доранд. Мутаассифона баъзе кормандони масъули давлатӣ ришва мегиранд, пули буҷаро медузданд ва барои ором кардани виҷдонашон ба мулло пул дода, дуо мегиранд ё масҷид мезосанд, ё як маблағи ночизеро хайр карда, ба ин васила гуноҳи худро "мешӯянд". Як қисми  савдогарон ҳам чунинанд, ҳатто дар арафаи идҳо нархро боло мебаранд ва барои пӯшиши ин беинсофӣ ё ҳаҷ мераванд, ё ба мулло пул медиҳанд, ё масҷид сохта, «гунаҳсӯзӣ» мекунанд. Маълум аст, ки ин ҳама бевиҷдонӣ буда, ба ҳеҷ роҳе шуста намегардад. Инсони бовиҷдон ҳаргиз ришва намегирад, пули мардумро намедуздад, нархҳоро беасос боло намебарад ва виҷдони чунин одам соф асту виҷдондориро дуруст дарк кардааст.

Ҳамин тариқ, қаҷфаҳмиҳои зиёде дар ҷомеаи мо вуҷуд доранд, ки мушкилоти мавҷударо печида карда, аз худ мушкили дигар эҷод мекунанд. Яке аз омилҳои асосии пайдо шудани ин каҷфаҳмиҳо фарҳанги шунавандагии мо мебошад. Яъне мардум бештар тамоил ба шунидану бовар кардан доранд, то ба дидану санҷидану андеша кардан. Ба чолиш ва муҳокима

кашидани назарҳои бузургони оила, рӯҳониён ва амалдорон роиҷ нест. Нақд кардани суханҳои онҳо гуноҳ ё ҳадди ақал амале номатлуб маҳсуб мешавад. Шунидану ба хотир гирифтан ва амал аз рӯйи онҳо кори аксарият шудааст. Бо дигар назарҳо муқоиса кардан, беҳтарашро интихоб кардан ва андешаву тафаккур кардан хеле кам ба назар мерасад. Чунин фарҳангро донишманди эронӣ Алӣ Худомуродӣ фарҳанги хитобаӣ номидааст. Фарҳанге, ки дар миёни як қишри ҷомеа як кас хатиб (соҳибназар) асту дигарон мухотабу шунавандаи ӯ ва дар бисёр маврид шунавандаҳо батадриҷ шуниданро ҷойгузини тафаккур месозанд ва ба бутсозии хатиби худ мепардозанд. Ба ҳамин далел аст, ки мухотабон, маъмулан ба роҳи хатибон мераванд, ба ҷойи он ки роҳи хатибонро идома диҳанд ва аз худ як навоварие ба вуҷуд биёранд. Ба роҳи хатиб рафтан, яъне дар чорчӯби афкори ӯ мондан, аммо роҳи хатибро идома додан, яъне равиши мантиқии хуруҷ аз чорчӯби афкори ӯро ёфтан аст.

Фарҳанги хитобаӣ бештар дар ҷомеаҳое пайдо мешавад, ки нақдпазир (танқидпазир) нестанд ва нақди афкори шахсиятҳои мавриди назар (мулло, волидайн, амалдор, пайғомбар, имом) мамнӯъ буда, иҳонат ба онҳо шумурда мешавад. Дар чунин ҷомеаҳо каҷфаҳмиҳои шинохтӣ решаи амиқ доранд. Чунки дурустии фарзияҳо ё нуқтаи назари шахсоне, ки дар бораи ҳақиқат ҳукм меронанд, мавриди нақду баррасӣ қарор намегирад, дар ҳоле ки танҳо нақду баррасии амиқ дурустии ҳар нуқтаи назарро собит мекунад. Ҳақиқат ҳам барои равшан шудану ҷило додан ниёз ба нақд дорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки назари бисёре аз чунин одамони хатиб ғайриилмӣ ва идеологӣ ҳаст ва барои онҳо нақду инкор

кардани ақидаашон маънои инкор кардани мақоми иҷтимоии онҳоро дорад. Пайванд будани хатибон ба як идеология ё ҷаҳонбинии хос, онҳоро маҷбур мекунад то ба ҳар роҳе далелҳои тасдиққунанда ба даст биёранд ва нуқтаи назари худро дуруст нишон диҳанд. Маълум аст, ки онҳо дучори пешдоварӣ мегарданд ва аз қабл медоданд, ки чиро исбот мекунанд. Бо пайдо шудани интернет ин кор осон шуд, дигар метавонанд танҳо аз сомонаҳое истифода баранд, ки бо онҳо ҳамфикранд. Дар ҳолати пайдо шудани далелҳои қавии радкунанда ҳам, омода намешаванд мавқеъҳои худро бознигарӣ кунанд. Мардум ҳам тамоили бештари бовар кардани суханҳои хатибони худро доранд, то нақди мантиқии онро кардану сари дурустии суханҳои ӯ андеша кардан. Одаме, ки таҷрибаи кофии истифода аз ақлу мантиқро надорад ва ҳақиқатро танҳо аз шунидаҳояш мешиносад, тавоноии ташхиси ҳақ аз ботилро надорад ва ба каҷфаҳмиҳо дар шинохти бисёр масъалаҳо роҳ медиҳад. Хатибон ҳам ба дониши худ арзиши аз ҳад зиёд дода, мухотабони худро нотавон нишон медиҳанд ва мавқеи иҷтимоии худро аз онҳо болотар меҳисобанд.

Бештари одамон худро соҳибхирад ҳисобида, бардоште аз воқеиятҳои моро иҳотакарда доранд. Аммо ин бардошт ва шинохт он вақт манфиатовар мегардад, ки асоснок ва воқеӣ бошад. Воқеият новобаста ба хоҳишҳову боварҳои мо вуҷуд дорад. Онро метавон бо муқоисаи фарзияву боварҳои гуногун ва нақди хирадмандонаи онҳо муайян кард. Барои ин, андешаи озод ва огоҳӣ доштан даркор аст. Набояд ақидаҳоеро, ки бовари моро рад мекунанд, сарфи назар кард. Онҳоро санҷида нақд кардан лозим аст, то ҳақ ё ботил буданашон маълум шавад.

Ҳақиқат бо нақд кардан ботил намешавад, танҳо каҷфаҳмиҳои мо ошкор шуда, имконияти дуруст шинохтани воқеият пайдо гашта, роҳи ҳалли мушкилоти мавҷуда ёфт мешавад.

Ратсионализми интиқодӣ ё худ нақди хирадмандонаву мантиқӣ кардани ҳар фарзияву гипотеза ва назари пешниҳодкардаи дигарон ва қабул ё радди онҳо баъди санҷиши мунтақидона, роҳи асосии ислоҳ кардани фарҳанги хитобаии имрӯза ва бартараф кардани қаҷфаҳмиҳои шинохтӣ мебошад. Албатта, рад кардан ё тасдиқ кардани назарияву гипотезаҳои пешниҳодшуда, эҷодкорӣ нест ва худ ба худ чизи наве намеофарад, аммо ин ҳақро аз ботил ҷудо карда, имкони шинохти дурусти масъалаҳоро фароҳам оварда, каҷфаҳмиҳоро аз миён мебарад. Ин дар навбати худ заминае мешавад барои эҷодкориву навоварӣ ва ҳалли саривақтии мушкилоти мавҷуда.

Дар ҳама давру замон гурӯҳе иборат аз баъзе олимон, рӯҳониёни динӣ ва амалдорон, ки дар бораи ҳақиқат ҳукм меронданд ва аз фарҳанги хитобаиву шунавандагони худ манфиат мебурданд, аз ҷорӣ шудани фарҳанги интиқодӣ ва нақди мантиқии ҷаҳонбинии хоси худашон нигарон буданд ва зидди мунаққидон мубориза мебурданд. Ин гурӯҳ имрӯз ҳам намехоҳад ратсионализми интиқодӣ ҷойгузини фарҳанги хитобаӣ гашта, шунавандаҳояшон ба марҳилаи чуну чароҳои мантиқӣ гузаранд. Ин гурӯҳ барои тасдиқи нуқтаи назари худ тафсирҳои бисёр навишта, мавқеи иҷтимоии худро ҳифз кардан мехоҳанд. Бо вуҷуди ин, ратсионализми интиқодӣ ё худ фарҳанги нақдии хирадмандона бояд дар ҷомеа ҷойгоҳ пайдо кунад ва дар ташхиси масъалаҳову

ошкор кардани фарзияҳои ба ҳақиқат наздик кумак расонад. Ин имкон медиҳад, ки фарзияву назарияҳои ботил сари вақт ошкор шуда, бартараф гарданд ва кору омӯзиш танҳо сари фарзияву назарияҳое қарор гирад, ки ба ҳақиқат наздиканд.

Барои густариш пайдо кардани мантиқи нақдӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд, агар дар синфҳои болоии макотиби миёна омӯзиши кӯтоҳи ратсионализми интиқодии Карл Попер ба роҳ монда шавад. Ин алтернативае хоҳад буд дар баробари фарҳанги хитобаие, ки ҷорӣ аст. Ҷавоне, ки тафаккури нақдӣ дорад, туъмаи гурӯҳҳои террористӣ нахоҳад шуд. Шахсе, ки чуну чаро мекунад ва аз чорчӯби афкори асримиёнагӣ фаротар меравад, ба оила ва ҷомеа манфиати бамаротиб бештар оварда метавонад ва ҳаргиз худро дар миёни одамони бегуноҳ наметарконад. Чунин ашхос ба эҳтимоли зиёд давомдиҳандаи роҳи бузургон мешаванд ва ба ҷаҳон як зарра навоварӣ меоранд. Дар фарқият аз шунавандае, ки дар чорчӯби афкори асримиёнагӣ дармонда, зоҳирпарастона бо роҳи онҳо меравад ва ба ҷомеа зарар мерасонад, шунавандаи закӣ, ҳушёр, навовар ва мунтақид масири зиндагии созанда ва арзандаро тай мекунад. Одатан, шахсони каҷфаҳму беҳувийятро гурӯҳҳои ифротӣ ба осонӣ аз ҳудуди ришу салла то сарҳади террору мардумкушӣ мебаранд. Ин ҳам як каҷфаҳмӣ аст, ки назарияҳои ботил ва ифротӣ(террористӣ)-ро ҳақ мепиндоранд. Тафаккури мантиқӣ метавонад ин каҷфаҳмиҳоро ислоҳ кунад.

## Сарчашмаҳо

**1.** Турчин Алексей Валерьевич., Батин Михаил

Александрович, ФУТУРОЛОГИЯ. XXI ВЕК:

БЕССМЕРТИЕ ИЛИ ГЛОБАЛЬНАЯ КАТАСТРОФА?, Москва 2012;

2. Сугирии шинохтӣ, https://fa.wikipedia.org/wiki/%D8%B3%D9%88%DA%AF%DB%8C%D8%B1%DB%8C_%D8%B4%D9%86%D8%A7%D8%AE%D8%AA%DB%8C ;
3. Когнитивные искажения, https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%9A%D0%BE%D0%B3%D0%BD%D0%B8%D1%82%D0%B8%D0%B2%D0%BD%D0%BE%D0%B5_%D0%B8%D1%81%D0%BA%D0%B0%D0%B6%D0%B5%D0%BD%D0%B8%D0%B5 ;
4. Ақлонияти интиқодии Попер , Алӣ Худомуродӣ, http://diplomatt.mihanblog.com/post/718 ;
5. Критический рационализм Карла Поппера. https://allendy.ru/fil-nauki/473-karl-popper.html ;
6. Алтернативаҳо ва моделҳои рушди ҷомеаи инсонӣ дар ойинаи футурология (оянданигарии илмӣ), Ҳафиз Холиқзода, маҷалаи «Илм ва Ҷомеа», №1-2. 2015-2016.

## 1.6. Зарурати ҳамоҳанг кардани мавзӯъҳои таҳқиқии муассисаҳои илмӣ бо ҳадафҳои вазоратҳоу кумитаҳои давлатӣ[6]

Истифодаи самараноки захираҳои маҳдуд дар сатҳи як кишвар, барои ҳама масъулони давлатӣ вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Захираҳо ҳамеша маҳдуд ҳастанд. Ҳатто бузургтарин кишварҳои ҷаҳон бо маҳдудияти захираҳо рӯ ба рӯ ҳастанд. Даврони васеъсозии ҷуғрофиёи давлатҳо ва аз ҳисоби дороии кишварҳои мағлуб зистан кайҳо гузаштаанд. Дар замони муосир ҳадафи ҳар ҳукумати хирадманд истифодаи самараноки захираҳои маҳдуди худ аст. Аз ҳама нишондиҳандаи дақиқтарини рушди як кишвар ин болоравии самаранокии меҳнат мебошад, ки он дар шакли Муҷмӯи маҳсулоти миллии сарона бо нархи собит ҳисоб карда мешавад.

Ҷаҳони имрӯз ҷаҳони илму технология мебошад. Ба даст овардани илму технология ва истифодаи он дар раванди идораи давлат бе ҳамоҳанг сохтани мавзӯъҳои пажӯҳишии муассисаҳои илмӣ бо барномаи амали вазорату кумитаҳо ғайримумкин аст. Роҳи осони ба вуҷуд овардани ин ҳамоҳангӣ муайян кардани талаботҳои ҳар як вазорату кумита мебошад. Вазоратҳову кумитаҳо кори амалӣ мекунанд ва аз ҳама бартариву камбудиҳо дар соҳаи худ огоҳ ҳастанд. Онҳо метавонанд масъалаҳои ҷориро муайян карда, дар шакли рӯйхат ба муассисаҳои

[6] Ин мақола дар сомонаи “ravshanfikr.tj”, 31.08.2021 мунташир шудааст.

илмӣ-пажӯҳишӣ ироа кунанд. Ин рӯйхат метавонад дар дастрасии озод бошад. Дар баробари муассисаҳои илмӣ-пажӯҳишие, ки аз буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, дигар олимони алоҳида ва ё гурӯҳи муайяни олимон метавонанд мавзӯъҳои ҷориро мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода, натиҷаи онро ба вазорату кумитаҳои дахлдор расонанд. Агар роҳу усулҳои пешниҳодшуда аз ҷониби як гурӯҳи пажӯҳишгарон беҳтар бошад, вазорату кумитаҳо метавонанд онро амалӣ созанд. Дар ҳоле ки ин гурӯҳи баранда аз буҷа маблағгузорӣ намешавад, вале иқтидори илмии баландтар дорад, масъалаи ба муассисаҳои илмӣ-пажӯҳишии давлатӣ ҷалб кардани аъзои он бояд дида баромада шавад. Ин равиши кор рақобатро дар илм ба вуҷуд меорад, ки боиси рушди босуръат дар ин соҳа гашта метавонад.

Мутаассифона, имрӯз дар кишвари мо чунин ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои илмӣ-пажӯҳишӣ бо муассисаҳои давлатӣ дида намешавад. Муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ худ мавзӯи пажӯҳишии худро интихоб карда, бе супориши муайян аз ҷониби давлат, онро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Дар натиҷа истеҳсоли ҳазорҳо мақолаи илмӣ таъсири назаррасе ба рушду пешрафти давлати миллӣ расонида наметавонад. Семинару конфронсҳои илмӣ мисраи “нишастанду гуфтанду бархостан”-и Абулқосим Фирдавсиро ба хотир меоранд. Ин ҷо гунаҳгор кардани олимону пажӯҳишгарон осон ба назар мерасад. Метавон иддао кард, ки онҳо ба корҳои беаҳамият барои рушду пешрафти мамлакат машғул ҳастанд. Вале масъалаи асосӣ будан ва ё набудани супориш ва дархостҳо аз

ҷониби сиёсатмадорон ва давлатмардон аст. Вазорату кумитаҳо мушкилоти худро бо олимон дар миён намегузоранд. Чунин ба назар мерасад, ки онҳо ба олимону муассисаҳои илмӣ-пажӯҳишӣ ниёз надошта бошанд. Аммо ин хато аст. Дар ҳама кишварҳои пешрафта, муваффақият бо роҳҳои илмӣ ба даст омадааст. Давлатмардони онҳо зарурати ҳамкории зич бо олимону пажӯҳишгаронро дарк карда, дар баробари маблағгузории буҷетӣ мушкилоти худро бо олимон дар миён гузошта, роҳу усулҳои самараноки ҳалли онҳоро дархост мекунанд. Ҳатто аз пажӯҳишгоҳҳои хориҷӣ кумак дархост мекунанд. Мисоли равшани ин ҳамкории ҳукуматҳои Ветнаму Эфиопия бо пажӯҳишгоҳҳои ҷопонӣ мебошад. Ҳар як лоиҳаи илмӣ хеле ҷиддӣ омӯхта шуда, аҳамияти он санҷида мешавад. Танҳо баъди рабт доштани мавзӯъи лоиҳа ба мушкилоти ҷомеа он лоиҳа мавриди дастгирӣ ва маблағгузорӣ қарор мегирад. Ин равиш ҳамасола такрор мешавад. Тими илмӣ-пажӯҳишие, ки дуруст кор карда натавонад ва лоиҳаро ба таври қаноатбахш иҷро накунад соли дигар маблағ гирифта наметавонад. Ҳатто агар ин тим дар муассисаи имлии давлатӣ кор кунад.

Дар ҷаҳони муосир шохаҳои илм хеле зиёд ҳастанд. Ҳеҷ кишваре наметавонад барои пажӯҳиши ҳамаи он маблағу захираи инсонӣ дошта бошад. Ҳар кишвар бартариҳои нисбии худро дар шохаҳои муайяни илм дида, аҳамияти омӯзиши онҳоро барои худ месанҷад ва баъдан барои пажӯҳиш дар он самт шароит муҳайё карда, бо ҳадафҳои муайян маблағгузорӣ мекунад. Оё дар Тоҷикистони мо чунин омӯзишҳои пешакӣ боре

гузаронида шудаанд? Агар гузаронида шуда бошанд, натиҷаҳои онҳо дар дастрасии озод ҳастанд ё не? Ба ҳар ҳол, мо ҳамчун пажӯҳишгар ба чунин маълумот дастрасӣ надорем ва метавон ҳадс зад, ки чунин омӯзишҳои пешакӣ ба хотири самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ гузуронида нашудаанд. Ин аст, ки мо муассисаҳои илмии зиёд дорем ва ҳатто дар вазорату кумитаҳои алоҳида шуъбаҳои тадқиқотӣ вуҷуд доранд, вале таъсири онҳо дар идораи давлатӣ дида намешавад. Дар ин пажӯҳишгоҳҳо мавзӯъҳои камаҳамият мавриди омӯзиш қарор мегиранд ва баъди нашр шудан зуд аз хотир мераванд. Ҳанӯз имкониятҳои оддитарини технологияҳои иттилоотӣ мавриди истифодаи васеъ қарор нагирифтаанд, вале бо пули буҷети давлатӣ ҳӯши маснуӣ меомӯзанд. Ин ба мисоли навиштани китоб бе пурра аз худ кардани алифбо аст. Ин ба маънои самаранок истифода нашудани захираҳои маҳдуди буҷа мебошад.

Аз ҷониби вазорату кумитаҳо муайян ва мушаххас кардани мушкилоти ҷомеа ва дархости роҳи ҳалли онҳо аз олимон зарур аст. Дар баробари ин, эътирофи мавҷудияти камбудиҳо ва омодагӣ барои қабул ва ироаи пешниҳодҳои илмӣ аз ҷониби олимон ногузир аст. Бе эътироф кардани мавҷудияти камбудиву мушкилот ва бе ироаи пешниҳодҳои илмии олимон аз ҷониби вазорату кумитаҳои дахлдор ҳамоҳангии илм бо вазорату кумитаҳоро ба роҳ мондан душвор аст. Аммо агар мушкилот мушаххас шуда, дархосту талаботи вазорату кумитаҳо ба муассисаҳои илмӣ-пажӯҳишии буҷавиву ғайрибуҷавӣ сари вақт ироа гардад, ин ба манфиати ҳарду ҷониб мебошад. Вазорату кумитаҳо шарики боэътимод дар симои пажӯҳишгарон дошта метавонанд,

ки ин ҳалли мушкилоти мавҷударо ба маротиб осонтар мекунад. Муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар навбати худ асосан ба таҳқиқи мавзӯъҳои аз ҳама аҳамиятноктарин дар ҷомеа машғул мешаванд. Донистани ин, ки натиҷаи тадқиқоти онҳо мушкилоти ҷомеаро ҳал карда метавонад, таъсири мусбати худро дар кору фаъолияти олимон мерасонад. Илова бар ин, рақобати озод дар ин соҳа, ки талаботи муассисаҳои давлатӣ ба вуҷуд меорад, боиси сифатан дигар шудани кору фаъолияти пажӯҳишгоҳҳои илмӣ дар Тоҷикистон мегардад.

Ҳамоҳанг сохтани фаъолияти олимон бо мушкилоти вазорату кумитаҳо вазни мавзӯъҳои омӯхташаванда дар муассисаҳои илмӣ-пажӯҳиширо муайян карда метавонад. Ба ин маъно, ки бо маблағи маҳдуде ки ҳамасола барои соҳаи илм ҷудо мешавад бояд аз ҳама бештар мавзӯъҳои мубрам ва муҳим омӯхта шаванд. Маълум аст, ки дар ин давраи таърихӣ, ки ҳадафи асосии давлати миллии мо дастрасӣ ба ҷаҳиши иқтисодӣ мебошад, ба омӯзиши мавзӯъҳои иқтисодиёти рушд ва истифода аз технологияҳои нав дар ҳама гуна хизматрасониҳои давлатӣ бояд эътибори бештар дода шавад. Албатта, наметавон илмҳои дигарро пурра сарфи назар кард, аммо ҳатман ҳар як соҳаи илм дар ин давраи таърихӣ бояд вазни худро дошта бошад. Кам кардани омӯзиши адабиёту таърихи фалсафа аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, ба хотири сафарбар кардани маблағҳо ба соҳаҳои заруртар, ногузир мебошад. Ин тарзи ислоҳот метавонад барои баъзе гурӯҳҳо дарднок бошад. Вале ҳеҷ ислоҳоти муваффақе бе чунин камбудиҳо нест. Агар мо хоҳем, ки маблағҳои маҳдуди ба соҳаи илму идораи давлатӣ

сафарбаршударо самаранок истифода кунем, бояд ба баъзе мушкилоти бархоста аз ин ислоҳоти бунёдӣ тоб оварда тавонем.

Масъалаи ҳамоҳанг сохтани мавзӯъҳои таҳқиқии муассисаҳои илмӣ-пажӯҳишӣ бо мушкилоти ҷомеа омӯзиши хеле бештарро мехоҳад. Умедворем, ин матлаби навиштаи мо бетаваҷҷуҳ намемонад. Аз соҳибназарон интизор дорем, ки ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор медиҳанд ва андешаи худро дар ВАО мунташир месозанд. Дар сӣ соли истиқлол ин масъала ҳалли ниҳоии худро наёфтааст ва агар мо имрӯз саҳлангорӣ кунем, ҳаргиз мушкилоти ҷомеаи мо худ ба худ ҳал нахоҳанд шуд. Гузаштан аз шумора ба сифат ногузир мебошад ва ҳар чӣ зудтар амалӣ шавад, беҳтар аст.

## 1.7. Ба сӯйи ҷомеаи идеалӣ
### (Ҷомеаи идеалӣ сохтан раванд аст, на ҳадаф)[7]

Аз бомдоди пайдоиши ҷамъият ва зиндагии иҷтимоии инсон донишмандон дар баробари дидани камбудиҳо дар ҷамъият дар фикри сохтани як ҷомеаи идеалӣ буданд ва намунаҳое аз онро коркард карда буданд. Ҷомеаи идеалӣ-ҷомеаест, ки дар он баробарӣ ва адолат ҳукмфармо буда, зиндагии шоиста барои ҳар як узви он фароҳам бошад. Тақсимоти баробари захираҳо, баробарии ҳама дар назди қонун ва озодии виҷдон аз хусусиятҳои ҷомеаест, ки инсоният дер боз орзуяшро мекунад. Аммо то имрӯз ягон шакли ҷомеа ва ягон маҷмуи қонуну қоидаҳо дар онҳо натавонистаанд ин орзуи деринаро амалӣ намоянд.

Низоми демократия, ки имрӯз аксари ҷомеаҳо онро қабул ва амалӣ кардаанд, дар баробари дигар низомҳо агар бартариҳо дорад, аммо боз ҳам аз он ҷомеаи идеалие, ки мавриди назари соҳибназарон буд, дур аст. Уинстон Черчилл гуфта буд: "Демократия бадтарин низоми давлатдорӣ аст, аммо инсоният аз ин беҳтарашро то ҳол ихтироъ накардааст".

Чаро инсоният наметавонад ҷомеаҳои идеалии худро созад? Пеш аз ҳама, бояд эътироф кард, ки инсон бо вуҷуди он ҳама пешравиҳо дар нисбат ба дигар бошандагони ҷангал, боз ҳам яке аз ҳамон бошандагони ҷангал аст. Ҳамин ғаризаи ҷангалӣ аст, ки инсонҳоро то

---

[7] Ин мақола дар сомонаи "ravshanfikr.tj" аз 15.01.2018 мунташир шудааст.

имрӯз дар мубориза барои ҳаёт қарор додааст ва ин муборизаҳо бо омадани пул боз ҳам хашинтар ва бераҳмонатар шуданд. Пеш аз он як инсон монанди дигар бошандашгони ҷангал танҳо барои таъминоти рӯзонааш мубориза мекард. Ӯ агар шикор мекард, танҳо як сайдро мегирифт ва то рӯзҳои дигар оромиш меёфт. Аммо пул шароити хосеро фароҳам овард, ки "сайёдон" дигар қаноатро фаромӯш карда, он қадар даст ба ифрот мезананд, ки ба тамоми системаи табиат таҳдид эҷод мекунанд. Дигар на танҳо шикор барои таъмини имрӯзи худ, балки мехоҳанд имрӯз агар имкон шуд, барои тамоми зиндагии худ ва ояндаи фарзандонашон сарват ҷамъ кунанд.

Ин раванд ногузир ба нобаробарӣ ва беинсофӣ дар ҷомеаҳо меовард ва имрӯз ҳам меоварад. Онҳое, ки қудрат доштанд, қисмати зиёди сарватҳоро аз худ мекарданд ва онҳое, ки қудрат надоштанд, нодору гурусна мегаштанд. Сарватмандон бо пайдоиши низоми ғуломдорӣ дигар даст ба кор ҳам намезаданд, дар ҷомеа онҳо танҳо фармонраво буданду истеъмолкунанда. Низомҳои ғуломдорӣ, феодалӣ ва капиталистӣ дар шаклҳои алоҳида сарватҳоро тақсимоти нобаробар мекарданд. Ин боиси норозигии мардум шуда, зарурати ислоҳот ва ҳалли  мушкилро пеш меовард.

Кӯшишҳои бевосита бо роҳи зурӣ гирифтани сарвати дороҳо ва бозтақсими он миёни мардум натиҷаҳои дилхоҳ намедоданд. На кӯшиши Маздакиён ва на Коммунистон натиҷаи дилхоҳеро надоданд. Чунки инсоният тартиби дурусти бозтақсими сарватҳоро надошт ва агар ба қисме даромади муфт мерасид, дигар кор намекард, ки ин боиси фалаҷ шудани иқтисод ва аз

даст додани дороиҳо мешуд. Бинобар ин инсоният ба хулосае омад, ки дар ҷодаи бозтақсими захираҳо револютсия ба кор намеравад ва бояд қадам ба қадам бо роҳи андозбандиҳои махсус қисме аз дороиҳо ё даромади сарватмандонро гирифта, миёни ниёзмандон тақсим кард. Ин то дараҷае мушкилоти ҷомеаро ҳал мекард, аммо боз ҳам мушкилот зиёданд ва то ба ҷомеаи идеалӣ роҳи дарозе дар пеш аст.

Футурологи шинохтаи амрикоӣ Жак Фреско лоиҳаи "Венера"-ро пешкаш мекунад, ки метавонад тақсимоти дурусти захираҳои ҷаҳониро ба роҳ монад. Аммо ин лоиҳа дар ҳоле кор карда метавонад, ки тамоми ҷаҳон аз рӯйи он дар якҷоягӣ кор кунад ва низоми идораи ҷаҳон ягона шуда, захираҳои табиии молӣ умумибашарӣ бошанд. Дар ҳоле ки имкони идораи ягона дар сатҳи ҷаҳонӣ айни замон вуҷуд надорад, ин лоиҳа ҳам наметавонад амалӣ шавад.

Бо дидани ин, ки бо дастрасӣ ба технологияи пешрафта дар асри 21 инсоният натавонистааст ҷомеаи идеалие созад, метавон ба хулосае расид, ки аслан сохтани чунин ҷомеа номумкин аст. Инсоният он чӣ метавонад кунад, ин аст, ки бо роҳҳои гуногуни идоравӣ захираҳоро то дараҷае бозтақсими одилона намояд. Чуноне, ки на касе гурусна бошад ва на касе бо гирифтани кумаки муфт дар меҳнат танбалӣ кунад. На корфармо тавонад, ки аз меҳнати коргар сӯистифода намояд ва на коргар тавонад, ки аз пуштибонии ҳуқуқии худ сӯистифода карда, танбалӣ кунад ва ба кордиҳанда зарари молӣ расонад. Нақши низоми ҳуқуқии дуруст ва одилона дар амалисозии ин ҳадафҳо ҳалкунанда аст.

Низоми ҳуқуқие, ки дар он ҳама инсонҳо, новобаста аз дорои ва ё пайванди дӯстиву хушутабори ба касе, баробар бошанд. Бо ҳамин роҳ метавон як ҷомеаи нисбатан одилона ва қобили қабули аксарият сохт, ки дар он ҳар як инсон мақоми арзандаи худро сазовор мегардад. Роҳ ба сӯйи хубтару беҳтар кардани ҷомеа ҳам маҳдудият надорад ва метавон ҷомеаи идеалӣ сохтанро ба як раванд табдил дод, ки ин раванд қадам ба қадам зиндагии инсониятро нисбатан беҳтару бехатартар месозад.

## 1.8. Зиёиён: Истифодаи дуруст аз қобилияти зеҳнии онҳо[8]

Дар 10 соли охир дар матбуоти тоҷик дар бораи зиёӣ ва зиёиён матолиби зиёде нашр шудааст, ки ин мафҳум ва ин қишрро муаррифӣ кардаанд. Ба таъбири дигар ин суол, ки: “Зиёӣ кист ва зиёиён кистанд?” ба таври пурра матраҳ шуда буд ва касе таваҷҷуҳ дошт, барои худ чизе гирифт. Зиёӣ фардеро гӯянд, ки соҳибмаълумот буда, ба корӣ зеҳнӣ машғул аст. Ба монанди омӯзгорон, табибон, муҳандисон, пажӯҳишгарон, шоирону нависандагон, ҳунармандон ва дигарон. Онҳо дар фаъолияти худ аз қобилияти зеҳнӣ истифода карда, саҳми худро дар рушду пешрафти ҷомеа мегузоранд ва ба Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ арзише дохил мекунанд. Дар ҳар кишваре, ки саҳми зиёиён дар рушди иқтисодиву фарҳангӣ зиёд аст, рушд мекунад ва дар кишваре, ки кам аст, ақиб мемонад. Чунки ҳанӯз аз асри санг оғоз карда, маҳсули заҳмати зеҳнии башарият аст, ки ҷомеаҳоро зина ба зина боло мебарад ва агар навоварӣ ва дигаргунсозӣ дар ин самт набуд, инсоният ҳоло ҳам дар ҳамон асли ҷангаливу ваҳшии худ боқӣ монда буд. Аз ин ҷост, ки дар фарҳанги миллии мо қишри зиёии ҷомеа мавқеи махсусро соҳиб буда, қадр карда мешаванд ва вохурии сарварон дар остонаи ҷашни пуршукӯҳи Наврӯз бо онҳо нишони арҷгузорӣ аз ин қишр аст. Дар оғози торихи миллии мо шоҳ Ҷамшеди

[8] Ин мақола дар ҳафтаномаи “Миллат” №11 (546) аз 16.03.2016 мунташир шудааст.

Пешдодӣ нахустин зиёӣ ба шумор меравад, ки бо маҳсули зеҳнии худ бисёре аз мушкилиҳои инсонро осон карда, ҷомеаро ба як рифоҳи нисбатан беҳтар расонидааст ва номи ӯ дар торих маҳз бо шарофати ҳамин фаъолияти зеҳнияш абадӣ сабт шудааст. Умуман, дар торихи инсоният аз ихтирои воситаҳои меҳнати аввалин аз санг ва баъдан аз биринҷу оҳан то маҳсулоти нанотехнолоҷии имрӯза, маҳсули заҳмати зиёиён буд, ки инсониятро зина ба зина боло бурда, то ба сатҳи имрӯза оварда расонид. Албатта, дар ин ҷода заҳмати ҷисмонии дигар намояндагони ҷомеаро ҳам нодида гирифта наметавонем, аммо дар асри навин маҳсули заҳмати зеҳнӣ ба маротиб арзиши баландтар пайдо кардааст ва суръати рушди ҳар кишвар ва болоравии сатҳи зиндагонии мардумаш маҳз бо суръати рушди техникаву технология, маҳсули заҳмати зеҳнӣ пайвандии зич дорад. Дар ҳар ҷомеае, ки қишри зиёӣ қадрдонӣ мешавад ва фаъолияти босамар дорад, пешрафта аст ва дар ҳар ҷомеае, ки чунин нест ақибмонда аст.

Агар вазъияти имрӯзаи ҷомеаи моро аз рӯи принсипи зикршуда баҳогузорӣ кунем, ба натиҷа мерасем, ки қишри зиёӣ дар кишвари мо фаъолияти босамар надорад ва аз ин сабаб кишвари мо нисбатан ақибмонда аст. Дар ду даҳаи охир зиёии тоҷик бештар ба омӯзиши гузашта машғул шуда, самти асосии фаъолияти зеҳнӣ, ки бевосита навоварӣ асту ҷомеаро зина ба зина боло мебарад, канор гузошта шудааст. Бештари зиёиён ба омӯзиши дину тасаввуф ва шахсиятҳои диниву тасаввуфӣ машғул шуда, тарғиби густардаи ин ду падидаи асримиёнагиро ба роҳ мондаанд, ки онҳо дар асри 21-ум

ҷомеаи моро наметавонанд ба роҳи рушд сафарбар кунанд. Шояд дину тасаввуф дар асрҳои миёна нақше дар рушди ҷомеа дошта бошанд, аммо дар асри нав ҷойи онҳоро огоҳӣ ва хиради инсон, қобилияти зеҳнии ӯ гирифтааст. Дар асри навин истифода аз дониш ва хирад аст, ки дар ҷомеа навоварӣ ба вуҷуд меорад ва роҳи рушди иқтисодиву иҷтимоиро ҳамвор мекунад. Вақти он расидааст, ки зиёии тоҷик бо истифода аз донишу хирад ва қобилияти зеҳнии худ даст ба навоварӣ зада, рисолати асосии худро дар амал иҷро кунад. Ба кор бурдани қобилияти зеҳнӣ он вақт самара медиҳад, ки мушкилеро осон кунад, чӣ мушкили моддӣ бошад ва чӣ маънавӣ.

Қадами аввал барои ислоҳи вазъияти мавҷуда ва истифодаи дурусти қобилияти зеҳнии зиёиён, бе шак, сафарбар кардани он ба азнавшиносии инсон ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷаҳон аст. Зиёиёне, ки дар арсаи илмҳои гуманитарӣ заҳмат мекашанд, дар навбати аввал худро бояд ислоҳ кунанд ва аз нуқтаи назари эътиқодмеҳвару худомеҳмар ба инсонмеҳвар гузаранд. Нахуст бояд зиёӣ дарк кунад, ки ҳама идеяҳо бояд дар хизмати инсон бошанд ва мақсади асосӣ осон кардани мушкили инсон дар ҳамин ҷаҳон бошад. Зиёӣ худ ба ин воқеият расад, расонидани он ба тӯдаҳо осонтар мегардад ва мушкилиҳои зиёде ҳалли худро меёбанд. Аз ҷумла мушкили нави ҷомеаи мо, ки пайвастани ҷавонон ба гурӯҳҳои тундрави мазҳабӣ аст, метавонад осон гардад. Таҷриба нишон дод, ки зоҳиран маҳкум кардани ин падида аз ҷониби аҳли зиё ва дар баробари ин тарғиби андешаҳои эътиқодмеҳвари динӣ, ки ҳама амал аз барои Худост, на инсон, мушкилро ҳал намекунад. Бинобари ин,

навоварӣ аввал дар зеҳни зиёиён ва баъд ба мардум бояд ҷорӣ шавад, то ба натиҷаҳои хубтару беҳтаре оварда расонад. Инсон, озодии ӯ, ҳифзи моликияти моддиву зеҳнии ӯ ва эҳтиром танҳо барои инсон буданаш, арзиши ояндасози асри 21-ум мегардад. Ин аст ҳадафи аслии донишмандоне, ки ба илмҳои гуманитарӣ, илмҳои инсонсоз сару кор доранд ва қобилияти зеҳнии худро сарфи он мекунанд.

Қадами дуюм, истифодаи дурусти қобилияти зеҳнии зиёиён дар самти илмҳои дақиқ аст, ки ҳадафи аслияш осон кардани мушкилоти моддии ҷомеа мебошад. Дар ин самт мушкилот камтар ҳастанд, чун муқаддасоти сохта сари роҳ нестанд ва ҳавасмандкунии онҳо роҳи асосии расидан ба ҳадаф аст. Яке аз роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти зеҳнии зиёиён дар ин ҷода, ҳифзи пурраи моликияти зеҳнии онҳо аст. Низоми дурусте бояд ба роҳ монда шавад, ки ҳар як навоварие аз ҷониби шахсе оварда мешавад, ба номи ӯ сабт шавад ва маҳсули зеҳнии ӯ барои ӯ ё барои кордиҳандаи ӯ манфиатовар бошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳавасмандкунии молӣ беҳтарин роҳ барои расидан ба ҳадаф дар самти истифодаи дурусти қобилияти зеҳнии олимон аст.

Зиёиён муҳимтарин қишри пешбарандаи ҷомеа мебошанд ва имконияти ҳалли бисёре аз мушкилоти ҷориро доранд, ба шарте, ки аз қобилияти зеҳнии онҳо истифодаи дуруст шавад ва ин нирӯи созанда ба масъалаҳои дуюмдараҷа машғул нашуда, думболи ҳадафи аслии худ, навоварӣ барои осон кардани мушкили инсон ва ҷомеа равон бошад. Навовариҳои

маънавӣ дар ҷаҳонбинӣ, андеша, арзишгузорӣ, шинохти падидаҳои таърихӣ ва нав, баҳогузории ҳодисаҳои таърихӣ ва бардошти нав аз ҳадафҳои аслии инсоният, мақсади асосии зиёии асри нав аст. Дар навбати худ, зиёиён бо истифода аз қобилияти зеҳнии худ бо навовариҳо мушкилоти моддии мардумро осон карда, зина ба зина ба рушди иқтисодии назаррас оварда мерасонанд. Ин ҷо идораи дуруст ва самарабахш аз ҷониби раҳбарони сиёсии кишвар лозим аст, то ин нирӯи созанда, ин қобилияти зеҳнии аҳли зиё барҳадар нарафта, барои ҳалли мушкилоти моддӣ ва маънавии ҷомеа сафарбар карда шавад. Арзиши маҳсули зеҳнӣ ба маротиб аз арзиши дигар маҳсулот зиёд аст ва ба моликаш манфиати бештар меорад, агар ин моликият аз ҷониби давлат дуруст қадр карда шавад. Нақши давлат дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳавасмандкунии зиёиён барои ба вуҷуд овардани навгониҳои моддиву маънавӣ бузург аст. Ҳар кишваре, ки низоми дурусти баҳрабардорӣ аз қобилияти зеҳнии зиёиёнро ба роҳ монад, ояндаи дурахшонеро дар пеш хоҳад дошт.

## 1.9. Чаҳоршанбесӯрӣ - маросими Наврӯзӣ[9]

Наврӯз бузургтарин, қадимтарин ва мардумитарин ҷашни миллии тоҷикон мебошад. Яке аз нишонаҳои бузургии Наврӯзи оламафрӯз ҳамин аст, ки аз Чаҳоршанбесӯрӣ сар карда то Сенздаҳбадар чандин ҷашну маросимро дарбар мегирад. Маҷмуаи ҷашнҳои Наврӯзӣ вобаста ба замону макони муайян каму беш аз ҳам фарқ мекунанд. Яке аз ҷашнҳое, ки дар ҳар замону макон дар арафаи Наврӯз таҷлил карда мешавад Чаҳоршанбесӯрӣ мебошад. Ин ҷашн қариб ба ҳама гӯшаҳои Эронвич роҳ ёфтааст. Ҳарчанд имрӯз дар баъзе минтақаҳои қаламрави Эронзамин ҷашн гирифта намешавад, аммо дар дигар минтақаҳо густариш меёбад. Дар гузашта ҳам чунин буд, агар дар як гӯшаи Эронзамин идеологияи мазҳабӣ густариш меёфт, ин ҷашни мардумӣ зери фишор қарор гирифта, камранг мегашт. Ва баръакси ин, дар дигар минтақа агар идеологияи мазҳабӣ камранг мешуд, ин ҷашни мардумӣ бо шукӯҳ ҷашн гирифта мешуд. Ҳама фишору мушкилотро пушти сар карда, то ба имрӯз расидани Чаҳоршанбесӯри далели мардумӣ будани ин ҷашни миллӣ аст.

Чаҳоршанбесӯрӣ нахустин ҷашн аз доираи ҷашнҳои наврӯзӣ буда, дар охирин чаҳоршанбеи сол (дар шоми сешанбе) баргузор мегардад. Номи ин ҷашн аз ду вожа, чаҳоршанбе- рӯзи ҳафта ва сӯрӣ-ба маънои ҷашну шодӣ ё сурх сохта шудааст. Дар баъзе минтақаҳои

[9] Ин мақола дар маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа" №1 (5), 2017, саҳ.24. аз 30.03.17 мунташир шудааст.

Эронвич ин ҷашнро “Аловпарак” “Чоршанбеохирон”, “Чоршанбеи сурх” ва “Ҷашни чаҳоршанбеи охири сол” ҳам меноманд. Сарчашмаҳои таърихӣ дақиқан нишон намедиҳанд, ки ин ҷашни миллии тоҷикон ин номро аз куҷо гирифтааст. Аммо бо такя бар он, ки то чирагии аъроб ва густариши фарҳанги сомӣ дар Эронвич расми рӯзшумории ҳафтавӣ вуҷуд надошт ва тоҷикони қадим ҳар рӯзи моҳро дар алоҳидагӣ номгузорӣ мекарданд, гуфтан мумкин аст номи “Чаҳоршанбесӯрӣ”-ро ин ҷашн баъди омадани аъроб гирифтааст.

Дар “Таърихи Бухоро” омадааст: “Чун Амир Саид Мансур бинни Нуҳ ба мулк нишаст, ҳанӯз сол тамом нашуда буд, ки дар шаби сӯрӣ чунон ки одати қадим аст, оташе азим афрӯхтанд”. Аз ин бармеояд, ки ҳатто баъди қариб се қарни чирагии аъроб бар ватани мо, номи ин ҷашн бо яке аз рӯзҳои ҳафта пайваста набудааст. Гуфта мешавад сабаби номи чоршанберо ба ин ҷашн пайвастан ва онро маҳз дар шоми чоршанбе ҷашн гирифтан, боз ҳам чирагии фарҳанги сомӣ бар Эронвич аст. Дар фарҳанги сомӣ рӯзи чоршанбе рӯзи наҳс шуморида мешавад ва ин рӯзро бояд бо сӯру базм гузаронд, то аз балоҳо эмин бошӣ. Тоҷикони дурандеш ба хотири аз шарри мазҳабиён нигоҳ доштани ин ойини миллӣ онро ба ин рӯзи ҳафта мутобиқ кардаанд ва ин ҷашни сирф миллӣ то ба имрӯз омада расид.

Чаҳоршанбесӯрӣ дар воқеъ аз ҷашнҳои миллӣ буда, вобастаи ягон дину бовар нест. Чун Наврӯзи фархундапай ин ҷашн ҳам ҷашни мардумӣ мебошад ва дар арафаи Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Дар ойини Зардушт оташ унсури муқаддас аст ва аз болои он

паридан қобили қабул набудааст. Бинобар ин, ин ҷашнро ба дини Зардуштӣ пайваст кардан хатост ва касе онро одати мазҳабӣ меномад ё нодон аст, ё аз рӯйи кина мегӯяд. Дуруст аст, ки зардуштиён пеш аз Наврӯз шомгоҳон дар бому ҳавлиҳояшон гулхан меафрӯхтанд. Ин гулхан ба доираи чорабиниҳои пешазнаврӯзӣ дохил мешуд, ки даҳ рӯз давом мекарданд ва ба онҳо аз ҷумла гулханафрӯзӣ ва хонатаконӣ дохил мешуд. Ҳамаи ин барои дамидани рӯҳи тоза ба зиндагӣ сурат мегирифт. Хонатаконӣ ба хотири он буд, ки меҳмонон ба хонаи тоза дароянд ва гулханафрӯзӣ барои он буд, ки барои рӯҳи гузаштагон ҳамчун раҳнамо хизмат кунад. Аммо мақсад аз ин гулханафрӯзӣ, ки ба хотири гузаштагон буд, бо мақсад аз гулханафрӯзии Чаҳоршанбесӯрӣ, ки барои хушнудии зиндабудагон аст,  баробар нест. Ҳамин тариқ, ин ҷашн ба ислом ҳам пайвандӣ надорад ва номи яке аз рӯзҳои ҳафтаро доштанаш ҳадафи нобуд нашуданро дошт. Албатта мазҳабиёни исломии ифротӣ дар ҳама давру замон зидди ин ҷашн садо баланд мекарданд, аммо азбаски ҷашни мардумӣ буд, пурра аз байн нарафт. Имрӯз ҳам агар дар як гӯшаи Эронвич ҷашн гирифта нашавад, дар гӯшаи дигараш ҳатман бо шӯру шавқ ҷашн гирифта мешавад. Барои мисол, то пайдо шудани идеологияи ваҳҳобӣ дар Тоҷикистон ҷашн гирифта мешуд, аммо баъд хеле маҳдуд шуд. Имрӯзҳо дар Ирон ин ҷашн аз нав ҷойгоҳи махсус пайдо кардааст ва бо як шукӯҳу шаҳомат мардум онро ҷашн мегиранд. Доираҳои мазҳабии ин кишвар бошанд, пайваста онро маҳкум мекунанд, аммо ин ҷашни мардумӣ беш аз пеш густариш

меёбад ва ҳар сол шумораи ҷашнгирандагонаш зиёд мешавад.

Расми асосӣ дар Чаҳоршанбесӯрӣ дар шоми рӯзи сешанбеи вопасини сол пеш аз Наврӯз афрӯхтани оташ ва аз болои он паридан мебошад. Ҳангоми паридан аз болои оташ "зардии ман аз туву сурхии ту аз ман" мегӯянд. Зиёфати хурокҳои сабук ва рақсу бозӣ кардан ҳам ба ин илова мегардад. Як саҳнаи зебо аз ин вақтхушии Чаҳоршанбесӯрӣ дар филми "Ҳасани аробакаш" ҳаст, ки хеле хуб воқеияти ин ҷашни мардумиро инъикос мекунад. Рақси пойкӯбии мардуми курд ҳам, ки дар интернет бисёр дида мешавад, аз ҷумлаи зебоиҳои ин ҷашн аст. Албатта, дар ҳар минтақа расмҳои иловагии хоси худро ба ин ҷашн дохил мекарданд, аммо аз болои оташ ҷаҳидан, зиёфати махсус ва рақсу бозӣ унсурҳои асосии ин ҷашни миллии эронинажодон аст. Яке аз чунин расмҳои иловагиро метавон ба ҷойи мисол овард ва он қошуқзанӣ ном дорад, ки шабеҳи Ҳеловини мардуми муқимии Амрико аст. Дар шоми Чаҳоршанбесӯрӣ кӯдакон косаву қошуқро бо ҳам зада, дар ба дари хонаҳо мегаштанд ва ширинӣ туҳфа мегирифтанд.

Муаллифони китоби "Футурология (Асри 21. Бемаргӣ ё фоҷеаи чаҳонӣ)", Алексей Турчин ва Михаил Батин дар ин китоби худ вақтхуширо яке аз панҷ арзиши асосии оянда муайян кардаанд, ки минбаъд, дар тасмимгириҳо таъсиргузор мешаванд. Дар замони нав бештари мардум дар шаҳрҳо зиндагонӣ мекунанд ва ин тарзи зиндагӣ ба саломатии ҷисмонӣ ва равонии инсон таъсири манфӣ мерасонад. Маълум аст, ки бо давидан ва

машқҳо дар марказҳои варзишӣ хастагии ҷисмониро бартараф карда мешавад. Аммо хастагии равонӣ ё худ стресс бо вақтхушиҳо бартараф карда мешавад. Аллакай то имрӯз дар шаҳрҳои бузурги ҷаҳон садҳо намуди вақтхушиҳо вуҷуд доранд, ки мардум баъди кор бо онҳо машғул шуда, рӯҳу равони худро ором месозанд. Дар кишвари мо камтар аст ва Чаҳоршанбесурӣ метавонад шумораи онҳоро зиёд кунад. Яъне ин ҷашн ҷашни гузашта ва куҳнаи корношоям набуда, ҷавобгӯи имрӯзу фардо мебошад.

Чаҳоршанбесӯрӣ ҷашнест, ки иҷрои расмҳои он ҳам манфиати ҷисмонӣ мерасонад ва ҳам манфиати равонӣ. Давидану паридан ва рақсу бозӣ ҳам ба ҷисми одам таъсири хуб мерасонад ва ҳам табъи ӯро болида мегардонад. Бо дарназардошти ин ва арзиши таъсиргузор шудани вақтхушӣ дар оянда, Чаҳоршанбесурӣ, ин ҷашни миллии тоҷикон, ба эҳтимоли зиёд густариш хоҳад ёфт. Ин оғози карнавали наврӯзӣ гардида, метавонад шумораи сайёҳонро ба кишвари мо зиёд карда, манфиатҳои иқтисодӣ ба бор оварад.

Эй аз туам сад илтимос,
Эй аз туам сад илтиҷо,
Сурхии рӯятро бидеҳ,
Зардии рӯямро бигир.
Гармии рӯятро бидеҳ,
Сардии рӯямро бигир.

(Аз шеъри “Сурхии рӯятро бидеҳ”-и Бозор Собир)

Албатта, дар асри 21, асри иттилоотӣ, дониши мардум то он сатҳе маҳдуд нест, ки аз оташ интизории

шафоат дошта бошанд. Аммо ин ойини инсонсози наврӯзӣ фикри мушкилоти ҷориро то муддате аз зеҳнҳо дур карда, рӯҳу равони инсонро нисбатан ором менамояд ва стрессро бартараф месозад. Ҳадафи асосии ҷашни Чаҳоршанбесӯрӣ ҳам пок кардани рӯҳу равон ва омода шудан ба соли нав мебошад. Дар соли нав бояд кинаву адоват аз дилҳо дур гардад ва ноумедиҳо аз миён раванд ва бо як рӯҳияи баланд ва иродаи матин соли навро истиқбол кунанд. Наврӯз ҷашни пирӯзии равшанӣ бар зулмат, некӣ бар бадӣ ва дӯстиву рафоқат бар кинаву адоват аст. Дар ин ҷашн ноумедиҳо ба боварӣ бар фардои нек, душманиҳо ба дӯстиву рафоқат ва дуриву ҳиҷрон ба наздикиву ҳамкорӣ кардан мубаддал мегардад. Наврӯз оғози ҳаёту зиндагии нав, муносибатҳои неки нав, донишу огоҳиҳои нав ва корнамоиҳои нав мебошад. Ин ҷашни миллии тоҷикон омеду орзуҳои инсонро қувват бахшида, барои мубориза бо бадиҳо, хушунатҳо ва ноумедиҳо омода месозад. Чаҳоршанбесурӣ оғози ин ҳама рафтору пиндору гуфтори нек буда, ноумедиҳо, кинаву адоватҳо ва хастагиҳои равони инсонро гӯё дар оташи пок сӯзонда, рӯзи нав ва соли навро бо бовариву умед, ишқу дӯстӣ ва рӯҳияти баланд тараннум мекунад. Бошад, ки ҳар рӯзи мо Наврӯз бошад. Ҳар рӯзатон Наврӯз бод, Наврӯзатон пирӯз бод!

## 1.10. Ғурури ниёкон[10]

Ҳафтаи гузашта дар ҳафтаномаи «Миллат» №38 (525) аз 14 октябри соли 2015 ба муносибати зодрӯзи шоири тоҷик Искандари Хатлонӣ, шеъри ӯ бо номи «Ғурури ниёкон» нашр шуд. Як шеъре, ки номи ин шоирро зинда нигаҳ медорад. Як шеъре, ки дар он як ҷаҳон маънӣ нуҳуфтааст. Як шеъре, ки гузаштаву ҳозираи моро нишон медиҳад ва даъват ба бедориву сохтани оянда мекунад.

Дар хуни ман ғурури ниёкон нуҳуфтааст,
Хашму ситези Рустами Дастон нуҳуфтааст.
Дар тангнои синаи ҳасраткашидаам,
Гаҳвораи басирати мардон нуҳуфтааст.
Хоки маро ҷазираи хушке гумон мабар,
Дарёи бекарону хурӯшон нуҳуфтааст.
Холӣ дили ман ту зи тобу тавон мадон,
Шери жаён миёни найистон нуҳуфтааст.
Пиндоштӣ, ки решаи пайванди ман гусаст,
Дар синаам ҳазор Хуросон нуҳуфтааст.

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки дар ин шеър «ман» гуфта шоир танҳо худро дар назар надорад. Мани шоир Искандари Хатлонӣ танҳо набуда, балки миллати куҳанбунёди тоҷик аст. Калимаи калидӣ дар ин шеър «нуҳуфтааст» мебошад, ки арзиши ин шеърро ба маротиб боло бурдааст ва онро саршор аз маънову ишора кардааст. Агар шоир мегуфт «Дар хуни ман

---

[10] Ин мақола дар ҳафтаномаи "Миллат" №40 (527) аз 28.10.15 мунташир шудааст.

ғурури ниёкон аст» ё «Дар хуни ман ғурури ниёкон вуҷуд дорад» ё чизи дигар, ин ба як шиор табдил мешуд. Аммо «Дар хуни ман ғурури ниёкон нуҳуфтааст» аз як шиор хеле боло рафта, ҳақиқати дирӯзу имрӯзи миллати моро нишон медиҳад. Яъне мо гузаштаи пурифтихор дорем ва ҳамон ғурур ва сарбаландии ниёкон дар хуни мо ҳаст, лекин нуҳуфта- ниҳон, хуфта, хомӯш, карахт ва беамал аст. Аз ин ҷост, ки сифатҳои равоние чун ҷонфидоӣ ва меҳандӯстии Рустами Дастон дар вуҷуди ворисонаш хеле кам дида мешавад. Дар лаҳзаҳои зарурӣ дар дифоъ аз манфиатҳои миллӣ садои аксари мардум шунида намешавад. Азбаски ғурури миллӣ дар вуҷуди мо ҳанӯз ошкор нашудааст, нангу номусро бештари ҷавонон дар дифоъ аз арзишҳои фарҳангӣ ва номи таҷовузгарони ватан мебинанд, на дар дифоъ аз арзишҳои миллӣ ва номи қаҳрамонони миллат, онҳое ки зидди таҷовузгарон муборизаву ҷонфидоӣ кардаанд. Он ғурури миллӣ ва он хашму ситези рустамона нуҳуфтааст:

Дар хуни ман ғурури ниёкон нуҳуфтааст,
Хашму ситези Рустами Дастон нуҳуфтааст.

Дуруст мегӯяд шоир, ки хоки меҳани мо ҷазираи хушке нест. Аммо воқеъият ин аст, ки он дарёи хурӯшону бекарон ноаён аст, садо надорад. Аз ин ҷост, ки мағзи ҷавонон аз оби худшиносӣ ва меҳанпарастӣ ба маротиб камтар аз мазҳабгароӣ ва бегонапарастӣ баҳраманд мешавад. Натиҷа ин аст, ки теъдоди дориюшшиносон ва онҳое ки бо ифтихори ӯ фарзандашонро ном мениҳанд, ба маротиб камтар аз онҳоест, ки умаршиносанд ва ба ифтихори ӯ фарзандашонро ном мениҳанд. Оби ин дарёи бекарон ва хурӯшон талабгори зиёде надорад ва дар

пойи минбари таблиғгарони он ба маротиб камтар аз таблиғгарони мазҳаб шунаванда ҷамъ мешавад. Он дарёи бекарон ва хурушон нуҳуфтааст:

Хоки маро ҷазираи хушке гумон мабар,
Дарёи бекарону хурӯшон нуҳуфтааст.

Дили фарзандони ин миллат холӣ зи тобу тавон нест. Шерони жаён доранд, ки метавонанд дар дифоъ аз манфиатҳои миллӣ наъразанон ба набард бароянд. Аммо ин шерон миёни найистон нуҳуфтаанд, ниҳонанд, ноаёнанд ва наъраашон ҳанӯз ба гӯш намерасад. Дар ин дашт дигарон ҷавлон мекунанд. Онҳо номҳои миллии моро маҳкум мекунанд ва ба фарзандони миллат номи қотилони ин миллатро мегузоранд, аз «шерони жаён» садое нест. Онҳо қадам ба қадам либоси миллии моро ба бегона иваз мекунанд, аз «шерони жаён» садое нест. Ба ҷуз чанд тан, аксари шерони жаён миёни найистон нуҳуфтаанд, хоб рафтаанд:

*Холӣ дили ман ту зи тобу тавон мадон,*
*Шери жаён миёни найистон нуҳуфтааст.*

Мутаассифона, пиндошти он ки решаи пайванди миллати мо гусастааст, беасос нест. Бо вуҷуди он ки дар синаи мо «ҳазор Хуросон» аст, аксарият таҳти таблиғоти густардаи бегонагон монда, решаи худро, ки бе шак фарҳангҳои Ҷамшедӣ, Зардуштӣ, Ҳахоманишӣ ва Сосонӣ аст, дуруст намешиносанд ва майл ба шинохти дурусти он надоранд. Ҳатто барои баъзе зиёиён ҳам шикасти ин фарҳангҳои бузурги миллии мо фоҷеа нест ва шикасти онҳо ва ғасби бегонаҳо ба фикри онҳо барои мо манфиате дар шакли «бисёрзабонӣ» овардааст. Акнун ин бисёрзабонӣ чӣ буд ва аз наомаданаш чӣ зарар мерасид,

барои мо номаълум мемонад, лекин ба назар нагирифтани қатли оми мардуми мо, аз хуни ин миллат ба гардиш даровардани осиёбҳо ва дар он орд кардани гандум ва аз он орд нон пухта хурдани ин оварандагони «бисёрзабонӣ», аз ҷониби як намояндаи қишри зиёии ин миллат баёнгари он аст, ки решаи пайванди мо нагусаста бошад ҳам нуҳуфта, ниҳон, ноаён ва ноомӯхта мондааст. Мо аз ин реша ва аз ин фарҳангҳои бузурги худ хеле кам баҳра мегирем, дар ҳоле ки маҳз бо баҳрагирӣ аз ин реша буд, ки миллати мо давлатҳои бузург сохта буд ва бо Чину Аврупо рақобат мекард. Мо дар миқёси ҷаҳонӣ як субъект будем ва қудрати миллати моро эътироф мекарданд. Чизе, ки ягон кишвари тоҷиктабор имрӯз надорад. Ҳатто Ирони исломӣ бо он ҳама нефтодолларҳои худ натавонистааст он қудратро ба даст орад ва бо Чину Аврупо рақобати баробар кунад. Аз ин ҷост, ки шоир ба решаи пайванди миллати мо ишора мекунад, хотиррасон мекунад, ки ин реша канда нашуда бошад ҳам нуҳуфта, ниҳон, нодида боқӣ мондааст ва тӯдаҳо аз он баҳраманд нестанд:

Пиндоштӣ, ки решаи пайванди ман гусаст,
Дар синаам ҳазор Хуросон нуҳуфтааст.

Ҳамин тариқ, ин шеър як шиор ва як худтаърифкунӣ набуда, инъикоскунандаи вазъияти воқеъии мост. Ғурур, меҳанпарастӣ, ҷасорату мардонагӣ, бузургиву хурӯшандагӣ, худшиносӣ ва пайвастагӣ дар мо ҳаст, аммо нуҳуфта, ниҳон, хомӯш ва беамал ҳастанд. Мақсади шеър даъват аст, даъват ба дарки ин воқеъият ва бартараф кардани ин камбудӣ. Даъват ба амал, ба ситези рустамона барои бедор кардани ғурури миллӣ, сирати

мардонагӣ нишон додан дар муқобили мушкилоти дар пеш истода, кандани сад(д)ҳо барои таъмини ин хок аз дарёи бекарон ва хурӯшони фарҳанги миллӣ, омӯхтан ва шинохтани решаи пайванди худ, он решае, ки ба мо рӯҳу илҳоми тоза мебахшад. Аз телевизионе, ки дар кунҷи хона аз хатти барқ канда шудааст, манфиате нест, онро бояд ба барқ пайваст карда, даргиронд ва аз набзи замона бохабар шуда, огоҳона кору фаъолияти худро ба роҳ монд. Барои расидан ба ормони миллӣ, ки сохтани як давлати миллии рушдёфта ва қудратманд аст, бояд ҳамон ғурур, мардонагӣ, ҷасорат, бузургӣ ва худшиносии миллии нуҳуфтаро бедор кард, то амал кунанд. Роҳи ягонаи расидан ба ормонҳои миллӣ ҳамин аст.

## 1.11. Султони қалбҳо. Сурудаҳои инсонсози Аҳмад Зоҳир[11]

Шодравон Аҳмад Зоҳир сарояндаест, ки қалби миллионҳо нафарро тасхир карда ва мекунад. Аз марги нобаҳангоми ӯ 37 сол ҳам гузашта бошад, ҳанӯз садои оламгираш дар хонаҳо, дуконҳо ва нақлиёт шунида мешавад. Таронаҳои пурмаъно ва мусиқии зебои ӯ номашро ҷовидон гардонидааст. Дар як сурудаш месарояд: «Мард намирад ба марг, марг аз ӯ ном ҷуст. Ном чу ҷовид шуд, мурданаш осон куҷост», ки бе шак, ба худи ӯ ҳам дахл дорад. Ҳунари волову нотакрор, садои дилнишин, шеърҳои пурмазмун ва мусиқии оламгираш тавониста, ки ӯро «султони қалбҳо»-и миллионҳо нафар гардонад. Ҳанӯз ҳам баъди 37 соли маргаш сурудҳои ӯро дар қатори сарояндагони овозадори ҷаҳонӣ дар як ришта ҷой медиҳанд ва такрор ба такрор гӯш мекунанд.

Ҳамасола дар кишвари мо гурӯҳе аз ҳунармандону фарҳангиёни тоҷик бо сарварии фарҳангшинос ва нависандаи тоҷик Султон Ҳамад зодрӯзи Аҳмад Зоҳирро, ки ба 14 июн рост меояд ҷашн мегиранд ва як маҳфили мусиқӣ ташкил карда, хунармандону ҳаваскорони пиру ҷавон аз эҷодиёти ӯ сурудҳо мехонанд. Имсол дар 70-умин согарди таваллуди ин хунёгари бузург ва «султони қалбҳо» ҷашни зодрӯзаш дар Қасри фарҳанги ноҳияи Ҳисор баргузор шуд, ки чун ҷашнҳои қаблӣ хубу

---

[11] Ин мақола дар ҳафтаномаи "Миллат" №24 (559) аз 22.06.16 мунташир шудааст.

хотирмон гузашта, ҳаводорони ҳунари ин овозхони мумтозро сарҷамъ намуд.

Бояд қайд намуд, ки гузаронидани чунин чорабиниҳои фарҳангӣ ва он ҳам бо истифода аз осори мусиқии хунёгари бузурге чун Аҳмад Зоҳир, дар ин асри пурталотуми ҳуҷумҳои идеологии таблиғгарони бунёдгароии мазҳабӣ саривақтӣ аст. Зарурати баргузории чунин маҳфилҳо имрӯз дар кишвари мо ҳаст ва ташкилкунандагони он, бе шак, хизмати арзанда ба ҷомеа мекунанд ва ин кори онҳо, ки бо харҷи шахсияшон анҷом мешавад, сазовори таҳсину офарин аст. Имрӯз дар бештари ҷашну маъракаҳои ғайридавлатӣ сухан аз дину мазҳаб ва таблиғи суннату фарзи динӣ аст, ки бе шубҳа, сатҳи таассубу хурофазадагиро зиёд мекунад ва бо пайвастшавии ҷавонони тоҷик ба ҳизбу ҳаракату давлатҳои динӣ меанҷомад. Дар ин миён мавҷудияти як чунин чорабинӣ хуб аст ва дар қатори ин пайдо шудани дигар чорабиниҳои фарҳангии ғайридавлатии тарғибкунандаи санъату ҳунар ҳатман ба манфиати давлату миллати мо хоҳад буд. Албатта аз ҷониби давлат чунин чорабиниҳо баргузор мешаванд, аммо агар ин аз ҷониби худи мардум ва фарҳангиёну ҳунармандон ташкил шуда бошад, боз ҳам ҷолибтар мегардад. Ин ҷо солҳои баъди ҷанги шаҳрвандиро метавон ба ёд овард, ки ҷашни Наврӯзро ҳар деҳаву ҳар кӯча дар алоҳидагӣ бо ташаббуси худ баргузор мекарданд, ки бисёру бисёр самимӣ ва ҷолиб мегузашт.

Маълум аст, ки агар ҳар як ҷавон ба умқи маънии сурудаҳои Аҳмад Зоҳир бирасад ва сари ҳар як мазмуни фалсафӣ ва ишқии сурудҳояш андешаи жарф кунад,

ҷаҳонбинии ӯ дигар мешавад. Осори мусиқии ин хунёгари бузург саршор аз сурудҳои фалсафиест, ки касро такони ҷиддӣ бахшида, ба як инқилоби фикрӣ расонида метавонад. Агар ба Устод Садриддин Айнӣ хондани китоби Аҳмади Дониш инқилоби фикрӣ бахшида бошад, пас бо эҳтимолияти зиёд барои як ҷавони асри имрӯз сурудҳои Аҳмад Зоҳир, ки гулчине аз андешаҳои мутафаккирони барҷастаи мо ҳастанд, метавонанд инқилоби фикрӣ бошанд. Чунки агар ҷавонони давраи аввали асри 20 шавқи китобхонӣ дошта бошанд, ҷавонони имрӯза шавқи гӯш кардани мусиқӣ доранд. Инро бояд ҳамчун воқеият қабул кард ва аз роҳи мусиқӣ ҳам ба онҳо таблиғи худшиносӣ, озодагӣ, инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ ва ишқу муҳаббати покро ба роҳ монд. Ҳамаи ин дар сурудаҳои Аҳмад Зоҳир нуҳуфтаанд.

Дар ҷое месарояд: «Ман, к-аз сари озодагӣ аз чарх сар печидаам», яъне аз бандагиву ғуломии чарх сар печидан яке аз рукнҳои озодагист. Ҳунарманди зиндаёд ин маъниро ба дурустӣ дарк кардааст. Танҳо озода ва озодагон метавонанд дар асоси хираду дониш зиндагияшонро тарҳрезӣ кунанд ва бандаи ҳеҷ кас набошанд. Банда набудан ва тарғиби озодагӣ кардан аз рукнҳои асосии озодандешӣ мебошад ва нодуруст хоҳад буд худро аз озодагон гуфт ва банда буду тарғиби бандагӣ кард. Дар ҷойи дигар:

Зиндагӣ охир сар ояд, бандагӣ даркор нест,
Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест.

Ин ҷо ҳам муроҷиат ба озодагон аст, ки андешаи худро озод кунед ва дар бандагиву шармандагӣ намонед.

Имрӯз, ки мо истиқлолу озодии ҷисмро дорем, «бандагӣ даркор нест», бандагии андеша даркор нест. Андеша озод бошад, таассуб шакл намегирад ва ба доми тарғибгарони мазҳабӣ намеафтанду машкиле барои худ, оилаи худ, ҷомеаи худ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ эҷод нахоҳанд кард.

Набарӣ гумон, ки муфтӣ ба Худо расида бошӣ,
Ту зи худ нарафта берун ба куҷо расида бошӣ?

Боз ҳам талаби фаромадан аз аспи таассуб, ки мушкили ҷомеаи имрӯзи мост. Бо сарсарӣ хондани чор варақ аз омӯзаҳои мазҳабӣ, гумон мабар, ки ба Худо расидаӣ! Ва бардошти ноқиси худро кӯшиши бар сари дигарон бор карданро накун. Чун оқибати нек надорад. Аз худ ё аз доираи мазҳаби худ ҳам фаротар нигоҳ кун, омӯз, огоҳ шав ва муқоисаи хирадмандона карда, беҳтаринашро интихоб кун. Он гоҳ мӯрчаеро озор нахоҳӣ дод.

Зиндагӣ, яъне шаби нав, рӯзи нав, андешаи нав,
Зиндагӣ, яъне ғами нав, ҳасрати нав, пешаи нав.
Зиндагӣ, яъне ҳаёҳӯ, зиндагӣ, яъне такопӯ,
Зиндагӣ боист саршор аз такону тозагӣ бошад.

Зиндагӣ ин рӯзи нав ва андешаи нав аст. Андеша ҳам бояд ҳамчун организми зинда дам ба дам дар тағйиру такомул бошад ва нав гардад. Ин аст зиндагӣ! Наметавон андешаи худро дар асри 7 қарор дода, даъвои зинда буданро кард. Ин сабаби бадбинӣ нисбат ба дигарон гашта, мушкилоти ҷиддӣ ба миён меорад. Чунки он гоҳ аз усулҳои ҳамон асри миёна истифода кардан зарур меояд. Аз ҳамин сабаб аст, ки Ошо аксари инсонҳоро дар 20 солагӣ мурда ҳисоб мекунад. Чунки як бардоштро ҳамчун ҳақиқати мутлақ дониста ба таассуб меафтанд ва

дигар андешаи худро нав намекунад ё худ зиндагӣ намекунанд. Зиндагӣ бошад «саршор аз такону тозагист».

Оҳанги зиндагӣ хонад ба гӯши ман,
Рӯ сӯи ишқ кун, ки туро фурсат андак аст.

Оҳанги зиндагӣ, таҷрибаи зиндагӣ нишон медиҳад, ки аз хурофоту таассубу ифротгароӣ даст кашида, рӯ сӯи ишқу муҳаббат кунед. Ин аст, паёми мутафаккирони аз таҷрибаи рӯзгор баҳра гирифтаи мо ба насли ҷавон. Ишқу муҳаббат ба ватану бар инсон ва муносибати бомуҳаббат ва хирадмандона бо инсону табиат, аксари мушкилоти моро ҳал карда метавонад. Мушкилоте, ки аслан аз дарк накардани ин ҳақиқат ва таҳаммулнопазириву беэҳтиётӣ сар мезананд.

Аҳмад Зоҳир  мазмуни ҳар шеъреро, ки мехонд, ба дурустӣ дарк мекард. Дар бисёр маврид сурудҳояш ҳолати равонии ҳамон вақтаи ӯро ифода мекарданд. Ҳар чӣ месуруд, аз таҳти дил ва бо эҳсосоти ҷавобгӯ бар суханҳояш месуруд. Ин аст, ки ӯ бо сурудаҳояш ҷаҳонгир шуда, султони қалбҳои мухлисонаш шудааст. Агар иҷрокунандагони сурудҳои Аҳмад Зоҳир ҳам ба дурустӣ маънои сурудҳои ӯро дарк кунад ва вобаста ба ҳолати равонӣ ва эҳсосоти ҷории худ суруде интихоб карда, онро зам-зама кунанд, хуб мешавад. Дар акси ҳол ба хатогӣ роҳ додан мумкин аст. Чуноне, ки имсол дар ҷашни 70-солагии Аҳмад Зоҳир яке аз сароядагони ҷавону умедбахш ҳангоми иҷрои яке аз сурудҳои ӯ ба ҷои «озодагӣ» «озурдагӣ» гуфт(ман, к-аз сари озурдагӣ аз чарх сар печидаам гуфт), ки баёнгари дуруст дарк накардани маънои суруд аст. Дар боло ин сатрро баррасӣ кардем ва маълум аст, ки аз сари озодагӣ аз чарх сар

мекашанд, на аз озурдагӣ. Озурдагӣ дар бисёр мавврид ба сар фаровардан ҷалб мекунад, на сар печидан аз чарх. Ин буд, ки як соҳибҳунари хушовоз натвонист, бароматди ҷолиб дошта бошад. Шунаванда ҳам метавонад, дар ҳар ҳолати равоние, ки дар замони муайян қарор дорад, аз сурудҳои Аҳмад Зоҳир суруди мувофиқ пайдо карда, ғизои маънавӣ гирад.

Хулоса, дар қатори дигар тадбирҳои зидди хурофоту таассуб дар ҷомеа аз санъату ҳунар ҳам метавон истифода ва зеҳниятсозӣ кард. Махсусан, санъати мусиқӣ, ки диққати аксари ҷавононро ба худ ҷалб кардааст ва таъсири назаррас ба завқу ҳолати равонӣ ва ҷаҳонбинии онҳо мерасонад. Дуруст аст, ки ҳар сароянда бояд сабку услуби нотакрори худро дошта бошад ва тақлиди касеро накунад, аммо ин равиш аст, на ҳадаф. Ҳадаф аз ҳар навъи ҳунар, тарбияи маънавии ҷомеа, тарғиби ишқу муҳаббат, рушди зебоишиносии мардум, тарғиби озодагӣ ва танқиди ғуломӣ, тарғиби меҳанпарастӣ ва шуҷоат дар ҳифзи марзу буми ватан, коҳиши хурофагарову ифротгарой ва рушди инсондӯстӣ мебошад. Имрӯз мо тақлидгарони равиши Ахмад Зоҳирро мебинем, лекин пайравони ҳадафи ӯро намебинем. Баръакси Аҳмад Зоҳир, ки мегӯяд: «бандагӣ даркор нест», сарояндаи имрӯз тарғиби бандагӣ мекунад. Кист он ҷасур, ки тарғиби озодагӣ монанди Аҳмад Зоҳир кунад? Аҳмад Зоҳир аз озодии андеша ва зиндагии пур аз талошу тозагӣ месарояд, сарояндаи имрӯз кӯшиш мекунад як суруд дар тарғиби дину мазҳабу бандагӣ сарояд ва дар маҳдудсозии андешаи ҷавонон ва густариши бунёдгарой саҳмгузор шавад. Албатта, мо

сарояндагоне дорем, ки тарғиби бандагиву ғуломӣ намекунанд, аммо онҳо танҳо аз ишқу муҳаббат мегӯянду сурудҳои фалсафии инсонсозе чун Аҳмад Зоҳир намесароянд.

Бинобар ин, дар қатори чорабиниҳои фарҳангии муарифгари ҳунарманди бузург Аҳмад Зоҳир, аз ҷониби устод Султон Ҳамад ва ёрони ҳунарманди ӯ, сарояндагони инсондӯсту меҳанпарасти моро зарур аст, ки ба хотири илома додани кори равшангаронаи Аҳмад Зоҳир (бо равиш ё сабки худ) сурудҳои фалсафии инсонсоз ҳам бихонанд, то дар тарбияи маънавии насли ҷавон ва васеъ шудани ҷаҳонбинии онҳо саҳм дошта бошанд. Дуруст аст, ки дар баъзе маврид сухани ҳақро гуфтан мушкил ва хатарбор аст, аммо ягон мубориза осону бехатар нест ва танҳо фарзандони шуҷои миллат ҳастанд, ки баҳри ҳимояи манфиатҳои миллат талош меварзанду ҷонбозӣ мекунанд. Шахсан ман набудани сурудҳои фалсафии инсонсоз дар рӯйхати сурудҳои сарояндагони имрӯзро, камбудии асосии ин соҳа медонам. Сарояндагони мо Аврупову Амрикоро тасхир карданд, ба рақобатҳои сатҳи ҷаҳонӣ тоб оварда тавонистанд. Дар мубориза бо хурофоту ифротгароиву бунёдгароӣ ҳам метавонанд, иштирок кунанд ва дар пирӯзии ақлу хираду инсондӯстӣ бар тақлиду бунёдгароиву ифротгароӣ саҳми арзанда бигзоранд. Як сароянда имрӯз дар баробари чанд мулло шунаванда дорад ва метавонад арзишҳои инсондӯстиро ба шунавандагони худ расонаду рақиби асосии тарғибгарони бунёдгароиву ифротгароӣ бошад. Мушоҳидаи чандсолаи мухлисони Аҳмад Зоҳир нишон

медиҳад, ки ин ҷамъи мардум ҳаргиз ба доми гурӯҳҳои ифротӣ намеафтанд ва зиндагии онҳо саршор аз ишқу муҳаббат ва инсондустӣ аст. (Албатта, ин ба онҳое дахл дорад, маънии сурудҳоро дарк мекунанд). Ин ҳама натиҷаи сурудҳои фалсафии инсонсози Аҳмад Зоҳир аст, ки дар баробари сурудҳои ишқияш месарояд. Ва агар сарояндагони имрӯза ҳам чунин сурудҳоро пешкаши мухлисонашон гардонанд, шояд таъсири хубе дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии онҳо расонида, инсондӯстиро дар вуҷуди онҳо зиёд карда, сатҳи хурофоту бунёдгароиро поён баранд.

70-солагии хунёгари бузурги Шарқ Аҳмад Зоҳир ба ҳама мухлисонаш фархунда бод!

# 1.12. Театр ва кино дар шароити иқтисоди бозаргонӣ[12]

Баъди даргузашти коргардони тоҷик Бахтиёр Худойназаров баҳсҳо дар ҷамеа дар мавриди рушд накардани театр ва кино дар кишвари мо ва ба хориҷ рафтани коргардонҳои соҳибҳунар зиёд шуд. Мегӯянд ҳукумат бояд шароити мувофиқ барои коргардонҳои театр ва кино бисозад ва Давлат Худойназар, Барзу Абдурраззоқ ва дигар соҳибҳунарҳои тоҷикро ба кишвар баргардонад, то онҳо дар ин ҷо фаъолият карда, ба ватани худ манфиат биёранд.

Албатта, фароҳам овардани шароит ва фаъолияти кадрҳои баландихтисоси соҳаи фарҳанг дар дохили кишвар хуб аст. Аммо наметавон гуфт, ки онҳо дар хориҷ наметвонанд барои ватани худ хизмат кунанд ва номбардори миллат дар сатҳи ҷаҳонӣ бошанд. Ва наметавон гуфт, ки фароҳам овардани шароит барои кори онҳо танҳо дар дасти ҳукумат аст. Зиндагиномаи ҳунармандони сатҳи ҷаҳонӣ баёнгари он аст, ки намояндагони як миллат дар кишварҳои дигар фаъолият карда, барои кишвари худ манфиатҳои зиёд меоранд. Ин ҷо метавон ҳунарманд, коргардон, продюсер, филмноманавис ва овозхони чинӣ Ҷекӣ Чанро мисол овард. Ӯ дар қатори фаъолият дар Чин, дар дигар кишварҳо фаъолият карда, номбардори миллати худ аст. Махсусан, филмҳое ки ӯ дар «Ҳолливуд» дар онҳо нақш

[12] Ин мақола дар ҳафтаномаи "Миллат" №24 (511) аз 24.06.15 мунташир шудааст.

офаридааст, беҳтарин филмҳо ба шумор рафта, ба худи ӯ миллионҳо доллари ИМА даромад овардаанд. Ба ғайр аз ин, Ҷекӣ Чан яке аз саховатмандтарин шахсиятҳои ҷаҳонӣ буда, бо бунёдҳои хайриявии ҷаҳон ҳамкориҳои зич дорад. Дар васиятномаи худ ӯ нисфи дороияшро барои хайрияҳо равон кардааст. Ин далели он аст, ки соҳибҳунарон дар хориҷ ҳам ба манфиати миллати худ метавонанд кор кунанд.  Дар филмҳои хориҷии худ, Чан дар тарбияи ҷавонони чинӣ саҳми бузург дорад. Мисол, дар нақши вай дар филми «Час пик» мебинем, ки чи тавр ҷони худро дар хатар монда, ёдгориҳои торихии Чинро ҳимоя мекунад. Чи тавр ӯ ба зарбаҳои ҷинояткорон нигоҳ накарда, кузаи қадима аз коллексияи музейи миллии Чинро ҳимоя мекунад. Ин ҳама хизматҳои ӯ барои ватанаш аст, ки дар хориҷа фаъолият карда, анҷом додааст.

Чунин мисолҳо зиёданд ва тоҷикон низ миёни онҳо ҳастанд. Метавон устоди Донишгоҳи Алма-ато Сафар Абдуллоро мисол овард, ки дар Қазоқистон фаъолият карда, арзишҳои миллии моро ташвиқ мекунад ва ахиран узви пайвастаи Фарҳангистони забон ва адаби порсии Эрон гардид. Ӯро «Сутуни забони порсӣ дар Қазоқистон» номиданд. Бинобар ин, дар асоси мафҳуми «Беватан нест ғарибе ки кунад ёди ватан…» метавон гуфт, ки дар хориҷа ҳам фаъолият кардани намояндагони фарҳанги тоҷик бе манфиат барои миллату ватан нест.

Фазои мусоидро барои рушди театр ва кино кӣ бояд дар шароити иқтисоди бозаргонӣ фароҳам биёрад? Фарҳанг ҳамчун соҳаи муҳим дар давлаторӣ дар ҳама низомҳо аз пуштибонӣ ва дастгирии давлат бархурдор

аст. Дар иқтисоди бозаргонӣ низ он аз тарафи давлат таъминоти молӣ ба даст меорад. Дар фарқият аз китобхонаҳо ва боғҳои фароғатӣ, ки қариб пурра аз тарафи давлат маблағгузорӣ мешаванд, театр ва кино танҳо кисман бояд аз тарафи давлат маблағгузорӣ шаванд. Қисми дигараш аз фурӯши эҷодиёти онҳо дар бозор, яъне аз фурӯши чиптаҳои намоишномаҳои театрӣ ва намоишҳои филмҳои тозаэҷод дар кинотеатрҳо ва фурӯши дискҳо ба даст меояд. Ин ҷо театр ба дастгирии давлат бештар ниёз дорад, чунки дар он фурӯши сабтҳо нест ва ҳар як намоишро зинда ба роҳ мемонанд. Филмҳо бошанд имконияти бештари даромад карданро доранд ва ба дастгирии камтар ниёз доранд. Фақат бояд шароити табиии рушд дар асоси қонунҳои иқтисодӣ вуҷуд дошта бошанд. Яъне пеш аз ҳама дар ҷомеа талабот ба эҷодиёти фарҳангӣ вуҷуд дошта бошад. Талабот аст, ки дар иқтисоди бозаргонӣ таклифотро ба вуҷуд меоварад ва рушди театр ва кино ҳам дар ин шароит аз талабот ба маҳсули онҳо вобаста аст. Баъдан, ҳуқуқи муаллифон бояд пурра ҳифз карда шавад ва филмсозон бояд аз фурӯши ҳар як сабт даромади худро гиранд. Рушд накардани театр ва кино дар кишвари мо ҳам ба ҳамин сабаб аст, ки дар ду даҳсолаи охир бо сабабҳои маълум талаботи мардум ба театр кам шудааст ва филмҳоро ба осонӣ аз фурӯшгоҳҳо бо нархи арзон дастрас карда, ба кинотеатр ҳам хеле кам мераванд.

Рушди ояндаи театр ва кино вобаста ба бартараф кардани ин ду омил аст. Агар ҳимояи ҳуқуқи муаллиф ба уҳдаи мақомоти давлатӣ бошад, ба вуҷуд овардани талабот ва таваҷҷуҳи мардум ба театр ба уҳдаи ҳар як

равшанфикр, омӯзгор, рӯзноманигор ва дигар шахсоне аст, ки бетараф нестанд. Нодуруст аст, вақте як рӯзноманигор бо гурӯҳи худ солҳо тарғиботи мазҳабӣ мебарад ва дар мусоҳибаи худ мегӯяд, ки шароитро бояд барои рушди театр давлат ба вуҷуд биёрад ва Барзу Абдурраззоқро биёрад. Медониста бошанд, ки Барзу Абдурраззоқ дар ин бетаваҷҷуҳии мардум ба театр, толорҳои холӣ ва камбудии маблағ чи хел метавонад кор кунад. Имрӯз театрҳои Душанбе намоишномаҳои хуб тайёр мекунанд. Шароит аз тарафи давлат то дараҷае таъмин аст. Аммо тамошобин кам аст. Мардум таваҷҷуҳ ба санъати театр надоранд ва толорҳо дар бисёр маврид қариб холиянд. Ин намегузорад дар шароити бозор театр рушд кунад. Агар таваҷҷуҳ зиёд гардад ва толорҳо пур шаванд, аз як тараф маблағи зарурӣ барои сохтани намоишҳои нави босифат пайдо мешавад, аз тарафи дигар ҳунармандон ва коргардонҳоро таваҷҷуҳи мардум барои сохтани намоишномаҳои хуб водор мекунад. Рақобат ҳам дар ин замина нақши худро мебозад ва сифати намоишномаҳоро баланд мегардонад. Дар ин ҳолат манбаи иловагии даромади театрҳо метавонад дастгирии ширкатҳои истеҳсолӣ ба хотири рекламаи «бренд»-и худ шавад.

Таваҷҷуҳи мардум дар кишвари мо ба филмҳои нав кам нест ва талабот вуҷуд дорад. Мушкили асосӣ ин ҷо ба таври лозимӣ ҳимоя нашудани ҳуқуқи муаллифон аст. Шароит барои сохтани филмҳои хуб ҳам то дараҷае вуҷуд дорад. Мисоли охиринаш филми коргардон Носири Саид «Муаллим» аст, ки ҳам аз ҷониби тамошобин ва ҳам аз ҷониби коршиносон баҳои баданд гирифта, ҷоизаи

«Беҳтарин бозигар»-ро дар ҷашнвораи байналмилалии «Фаҷр» дар Эрон ба даст оварда, дар кинофестивали байналмилаии Инсбруки Австрия «Беҳтарин филм» дониста шуд. Аммо ин ҷоизаҳо ва он мукофотпулиҳои чандҳазорае, ки мегиранд барои рушди филмсозӣ кам аст. Заминаи рушдро дар ин соҳа даромад аз фурӯши эҷодиёти онҳо дар бозор бояд ташкил мекард. Даромад аз чунин «Филми беҳтарин» ба миллион мерасид ва имкони сохтани филмҳои навро медод. Мисол бо ҳифзи пурраи муаллифӣ ва фурӯши дурусти филми «Титаник» муаллифони он 1.8 миллиард, ва муаллифони филми «Аватар» 2.8 миллиард доллари ИМА(манбаъ: ru. Wikipedia.org) даромад гирифтанд. Дар таҷрибаи «Тоҷикфилм» ҳам дида мешавад, ки аз филми «Рустам ва Суҳроб» 250 миллион рубли шуравӣ (манбаъ: «Миллат» №16 (503) 29. 04.2015) даромад гирифта буд.

Талаботи маънавии инсонҳо ҳам беҳудуд нест ва агар ҳуқуқи муаллифони филмҳои хориҷӣ дар қатори ватанӣ ҳифз нашавад ва таҷрибаи баргардон ва бо нархи ночиз фурӯхтани филмҳои хориҷӣ давом кунад, расидан ба мақсад дар ин ҷода номумкин мегардад. Маълум аст, ки сохтани як филм маблағи хеле зиёд сарф мешавад ва наметавон бо он нархҳои ночиз сабти онро фурӯхт. Аз ин рӯ, бояд шароити баробар дар фурӯши филмҳои ватанӣ ва хориҷӣ вуҷуд дошта бошад ва нархҳо низ тақрибан баробар бошанд.

Фарҳанг дар баробари маориф ба дастгирии молиявии давлат ниёз дорад. Театр ва кино метавонанд дар ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва меҳанпарастии аҳолӣ нақши муҳим бозанд. Ба хотири рушди ин соҳа ва

таъмини амният ва манфиатҳои миллӣ кишварҳои хурду бузург ин соҳаро аз ҳисоби буҷа маблағгузорӣ карда, шароити муносибро барои рушди тиҷоратии онҳо низ, кушиш мекунанд, таъмин намоянд. Ин маблағгузории омехта ба талаботи бозор ҳам мухолифат надорад. Танҳо фарқият ин ҷост, ки то чӣ андоза агар шароити рушди табиии ин соҳа хуб бошад, ҳамон қадар давлат метавонад бо харҷи камтар ба мақсади гузоштаи худ бирасад. Ва баръакс, чи қадаре, ки шароит бад бошад, хароҷоти давлат зиёд мегардад. Дар мавриди театр, ки мушкили асосияш бетаваҷҷуҳии мардум аст, лозим аст ҷомеъашиносон, масъулони соҳаи идеологии кишвар, рӯзноманигорон, омӯзгорон ва дигар қишрҳои аҳолӣ, ки ё вазифадоранд ё бетараф буда наметавонанд, дар баробари таблиғгарони равияҳои бегонаи динӣ таблиғоти ҷиддии театрро бикунанд. Ин метавонад ҷавононро ба театр ҷалб кунад. Театр дар навбати худ ба васеъшавии ҷаҳонбинии мардум, тақвияти имкониятҳои ақлонии онҳо, таҳаммулпазирӣ ва меҳанпаратии онҳо мусоидат мекунад.

Ҳалли мушкили ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва шароити номусоиди фурӯши филмҳо дар бозор ба уҳдаи мақомоти дахлдори давлатӣ аст. Ҳар чи зудтар ин мушкил ҳал шавад ва филмсозӣ рушд кунад, ба манфиати миллат хоҳад буд. Филмсозӣ на танҳо манфиатҳои амниятӣ ва фарҳангии миллатро таъмин мекунад, балки дар ҳолати рушди баланди он манфиатҳои иқтисодии зиёд ба даст меояд. Даромадҳои ИМА аз «Ҳолливуд» ва Ҳиндустон аз «Болливуд» далели он буда метавонад.

# БОБИ 2. РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

## 2.1. Аҳамияти омӯзиши таҷрибаи иқтисодии кишварҳои муваффақ барои кишварҳои рӯ ба рушд[13]

Омӯзиши таҷрибаи дигарон суръати ҳаракати моро баланд мебардорад. Дар пайраҳае, ки мо бояд пеш равем, дигарон пештар аз мо ҳаракат кардаанд ва ҳар хатое, ки дар ин ҷода доштанд, барои мо дарси ибрат буда метавонад. Яъне такрор накардани хатоҳои онҳо ва пешопеш огоҳ будан аз баъзе мушкилоти мавҷуда дар пайраҳаи мазкур имкон медиҳад, ки вақту маблағи зиёде сарфа шавад. Ё дар мисоли кишварҳои номуваффақ мо метавонем донем, ки сиёсати иқтисодии онҳо чӣ камбудиҳое дошта буд ва мо онро такрор накунем.

Дар замони муосир муҳимияти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар беш аз пеш афзудааст. Имрӯз муносибатҳои мутақобилаи фарҳангӣ, тиҷоратӣ ва амниятӣ миёни кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба роҳ монда шудааст ва ин омӯзишҳо роҳҳои мувофиқро барои такомул додани муносибат дар байни давлатҳо ва миллатҳои гуногун фароҳам меоварад. Кишварҳои қавӣ ва тараққикарда кишварҳои дигарро барои бозорёбӣ, дастрасӣ ба захираҳои табиии онҳо ва барои рушди туризм меомӯзанд. Кишварҳои рӯ ба инкишоф, дар

[13] Ин мақола дар маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа”, №3(25), саҳ. 53, 2021 мунташир шудааст.

баробари ин масъалаҳо, моделҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои пешрафтаро меомӯзанд, то аз таҷрибаи онҳо истифода карда, давлату миллати худро ба роҳи рушду шукуфоии устувор дароваранд. Ин мавзӯъ барои кишварҳои рӯ ба рушд, ки мехоҳанд кишвари худро дар баробари ҷаҳони мутараққӣ бубинанд, аҳамияти махсус дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ҷумлаи ин кишварҳост ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва истифодаи он дар рушду пешрафти мамлакат барои мо шарт ва зарур аст.

Баъди муборизаҳо ва рақобатҳои зиёди низоми сармоядорӣ бо низоми сотсиалистӣ бартарияти аввалӣ ошкор шуд. Аксари кишварҳои блоки сотсиалистӣ ба иқтисоди бозаргонӣ гузаштанд ва боқимонда ба бухронҳои гуногун гирифтор шудаанд. Аммо ин ба он маъно набуд, ки гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ ба худии худ як кишварро аз нигоҳи иқтисодӣ қавӣ мегардонад. Ин низом мушкилот ва бартариҳои хоси худро дорад, ки барои самаранок истифода бурдани он сиёсатҳои илман асоснок ва мутобиқи замонро бояд рӯйи даст гирифт.

Кишварҳое, ки дар чор даҳсолаи охир ба иқтисоди бозаргонӣ ва низоми сармоядорӣ гузаштанд, на ҳама муваффақ буданд. Ҳамчунин он кишварҳое, ки баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба истиқлол расиданд натавонистанд баробар рушд кунанд. Як қисми кишварҳо сиёсати дурустро ба роҳ монда, модели дурусти рушди иқтисодиро ҷорӣ карданд, ки дар натиҷа ҷаҳиши иқтисодиро касб карда, ба сафи кишварҳои пешрафта ворид шуданд. Қисми дигари кишварҳо ин сарнавиштро

надоштанд. Раҳбарони белаёқат ва хурофоти мардум нагузоштанд, то ислоҳоти бунёдӣ ва саривақтӣ дар ин кишварҳо ба роҳ монда шавад. Дар натиҷа чунин ҷомеаҳо танҳо бо суръати рушди технология дар сатҳи ҷаҳонӣ як пешравии нисбӣ доштанд, ки саҳми раҳбаронаш дар он ночиз буд. Аз ин рӯ, мавқеи ин кишварҳо нисбат ба кишварҳои дигар бетағйир боқӣ мондааст. Бо вуҷуди он ки пешравиҳое нисбат ба гузаштаи худро доранд, наметавон онро моли ҳукуматҳои онҳо гуфт.

Дарки дурусти ҷойгоҳи кишвари худ, гузоштани ҳадафҳои мушаххас ҷиҳати ислоҳи вазъ, таҳия ва амалисозии сиёсати дуруст барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаи ҳар як ҳукумати амалкунанда мебошад. Бе дарки ҷойгоҳи воқеии кишвар дар ҷаҳони муосир, эътирофи мавқеи аслии давлат дар сатҳи байналмилалӣ, шинохти омилҳои боздорандаи рушд ва барномарезиҳои илмбунёди давлатӣ аз ҷониби тасмимгирандагони аслии давлат ислоҳоти бунёдии таҳрикдиҳандаи ҷаҳиши иқтисодӣ ғайримумкин аст. Дар масоили иқтисодӣ муайян кардани нишондиҳандаҳои дуруст ва воқеӣ ва дар асоси он амал кардан хеле муҳим аст. Махсусан кишварҳои кучак наметавонанд бо муқоисаи имрӯзу дирӯзи худ маҳдуд шуда, сиёсати иқтисодиро бетағйир гузоранд. Рушди босуръати кишварҳои кучак хеле бештар аз кишварҳое, ки бозори истеъмолии бузург доранд, ба бозори ҷаҳонӣ вобаста аст. Барои гузоштани ҳадафҳои мушаххас ҷиҳати ислоҳи вазъи иқтисодӣ муқоисаи ҷойгоҳи кишвар дар бозори ҷаҳонӣ, на фақат аз ҷиҳати замонӣ, балки дар муқоиса бо дигар кишварҳо шарт ва зарур аст. Танҳо дар чунин ҳолат

имкон пайдо мешавад, ки сиёсати иқтисодии мувофиқ барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда таҳия ва амалӣ шавад.

Пас аз дарку эътирофи мавқеи иқтисодии кишвар дар бозори ҷаҳонӣ дар таҳия ва амалисозии сиёсати иқтисодӣ таҷрибаи иқтисодии кишварҳои муваффақ аҳамият пайдо мекунад. Омӯзиши пайраҳаи тайкардаи онҳо имкон медиҳад, ки сиёсати дурусттаре таҳия ва амалӣ карда шавад. Албатта, ин ба он маъно нест, ки таҷрибаи кадом як кишвари дигар дар шакли бутун рӯбардор шавад. Ба қавли иқтисодшиноси шинохтаи ҷопонӣ Кеничӣ Оҳно "таҷрибаи иқтисодии кишварҳои муваффақ бояд ҳамчун блокҳои сохтмоние ба назар гирифта шаванд, ки аз онҳо як бастаи сиёсати мувофиқ ба кишвари муайян, дар асоси принсипҳои интихобӣ, навсозӣ, омезиш ва тақвиятдиҳӣ, таҳия карда мешавад. Аз пазириши хатарноки моделҳои хориҷӣ бе омӯзиши систематикии вазъияти кишвар дурӣ бояд ҷуст"[1]. Нақши як раҳбари қудратманд ва огоҳ дар амалисозии чунин ҳадафҳо хеле барҷаста аст. Махсусан дар кишварҳои шарқӣ, ки дар аксар ҳолат ислоҳот боусули аз боло ба поён самарабахш будааст. "Як раҳбари кишвар ба ҷойи алоқаманд будан ба нуфузи шахсӣ ё анбошти сарват, бояд омодагии ҷиддӣ ва шавқу шур ва ҳамчунин боварии воқеӣ ба самаранокӣ ва бартарии давлати худро дошта бошад. Ӯ бояд аз зиракии сиёсӣ ва шабакаҳои кофӣ, камолот ва назми фардӣ, тавоноии фикрӣ ва амалгароӣ бархурдор бошад. Як раҳбари олӣ бояд шахсан ба сиёсатҳои авлавиятдори як миллат сарсупурда бошад ва аз қудрат ва иқтидори комили худ барои

татбиқи онҳо истифода кунад"[1]. Бинобар ин, дар ҷаҳони пуррақобати имрӯз наметавон бе сиёсати кадрии дуруст ва ҷалби мутахассисони варзидаву меҳанпараст ва ба роҳ мондани сиёсати ҳисобӣ ва системанок аз боло ба поён ба ислоҳоти бунёдӣ муваффақ шуд. Онҳо ҳастанд, ки манофеи миллиро ҳимоя ва вазъияти воқеиву ҷойгоҳи кишварро дар бозори ҷаҳонӣ дуруст муайян мекунанд ва нуқтазаъфҳоро расман эътироф мекунанд. Ин оғози ба роҳ мондани як сиёсати коршоями рушди иқтисодӣ мебошад, ки дар сурати дуруст идора кардани он ҷаҳиши иқтисодӣ ба даст меояд.

Дар ҷустори "**Ислоҳоти Мейҷӣ дар Ҷопон-намуна барои кишварҳои рӯ ба рушд**"[5], ки ҳанӯз тобистони соли 2018 мунташир шуда буд намунаи ислоҳоти муваффақро метавон дид, ки принсипҳои дар боло овардашуда аз ҷониби раҳбарияти он давраи Ҷопон иҷро карда шуда буданд. Ислоҳоти куллие, ки Ҷопон дар давраи Мейҷӣ гузарондааст, намунаи хубе барои ҳар кишвари шарқии рӯ ба рушд аст. Пеш аз ҳама омодагии қишри ҳукмрон барои гузаронидани ислоҳоти куллӣ, ки манфиати давлатро аз манфиатҳои шахсии худ боло медонад, метавонад раҳнамо барои дигарон бошад. Мушовирони Императори Ҷопон асосан ҳамон самурайҳое буданд, ки дар низоми пешина мақоми баланд доштанд, вале чун диданд, ки он низом ба бунбаст гирифтор шудааст ва Ҷопон наметавонад дар сатҳи ҷаҳонӣ манфиатҳои худро ҳифз кунад, даст ба ислоҳот заданд. Эътироф кардани ҷойгоҳи воқеии кишвари худ, гузаштан аз манфиатҳои шахсӣ ва ҷорӣ кардани тағйироти куллӣ оғози ислоҳоти муваффақонаи

Ҳукумати Мейҷӣ буд, ки он роҳкор метавонад сароғози ислоҳоти дуруст дар ҳар кишвари ақибмондаи дигаре бошад. Тоҷикистон ҳам ин ҷо истисно нест. Наметавон бо таърифу тавсифи бепоёни "дастовардҳо" ҷойгоҳи воқеии як кишвари ақибмондаро дар ҷаҳони муосир боло бурд. Пеш аз ҳама ишқ бар Ватан ва номуси миллии ҷопониҳо буд, ки раҳбаронро ба шинохти дурусти вазъият ва дарки зарурати ислоҳоти куллӣ расонид. Баъдан ин раҳбарон дар тасмимгириҳои худ ба таассуб роҳ намедоданд ва агар як тасмими онҳо дар амал натиҷаи хуб намедод, онро дигар карда, аз пешниҳодҳои хирадмандонаи дигарон истифода мекарданд. Фарқ надошт он пешниҳод аз ҷониби кадом шахсият аст, онҳоро ба худиву бегона тақсим намекарданд. Агар дар ҳар кишвари дигаре раҳбарон ин вижагиро дошта бошанд, имконияти васеъ барои рушду пешрафтро хоҳанд дошт ва агар надошта бошанд,ояндаашон норавшан аст.

Дар баробари омӯзиши таҷрибаи кишварҳои муваффақ тақрибаи кишварҳое, ки ба роҳи хато рафта, ба бухронҳои беанҷом рӯ ба рӯ шуданд метавонад барои як кишвари дигар дарси ибрат бошад. Имрӯз бештари маълумот дар бораи чунин кишварҳои номуваффақ дастрасӣ мо ҳастанд. Ҷиддияти раҳбарияти як кишвар дар ростои ислоҳоти иқтисодӣ, шароит фароҳам меояд, ки таҷрибаи чунин кишварҳо низ омӯхта шуда, аз такрори хатоҳои онҳо саривақт ҷилавгирӣ карда шавад. Аз нуқтаи назари илм ҳеҷ инсоне ба истилоҳ "назаркарда" нест. Роҳе, ки барои мисол Ҷумҳурии Демократии Конгоро ба бероҳа бурд, дигаронро ҳам ба бероҳа хоҳад бурд. Набояд хатоҳои онҳоро такрор карда,

интизори муъҷиза нишаст. Кеничӣ Оҳно дар мақолаи худ "**Режими рушд ва тавсеаи сиёсӣ дар Осиёи Шарқӣ**" нишон медиҳад, ки дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта, маҷмуи маҳсулоти миллии сарона дар кишварҳои африқоӣ аз кишварҳои Осиёи Шарқӣ болотар буд. Вале дар даҳсолаҳои баъдӣ сиёсатҳои иқтисодии мутафовит сабаб шуданд, ки ин нишондиҳандаҳо ба куллӣ дигар шаванд. Аввал кишварҳои Осиёи Шарқӣ бо Африқо баробар шуданд (даҳаи 1960-ум) ба баъд бо суръати баланд пешравӣ карда, саранҷом ин нишондиҳандаро нисбат ба кишварҳои Африқо зиёда аз ду баробар боло бурданд. Инро дар расми 1 дида метавонем. Омӯзиш ва муқоисаи сиёсати иқтисодии кишварҳои ин ду минтақа барои кишварҳои рӯ ба рушд, ба мисли Тоҷикистон, монанди харитае аст, ки расидан ба манзили муродро ба маротиб осон мегардонанд.

Яке аз масъалаҳое, ки дар ҳоли гузариш ҳассосияти зиёд дорад ин ба канор гузоштани баъзе унсурҳои фарҳанги суннатӣ мебошад. Роҳкорҳои гузариш барои ҳар ҷомеа гуногун аст ва барои дастрасӣ ба як ҷаҳиши иқтисодӣ бояд ҳар кишваре мувофиқи мавқеи худ ислоҳоти фарҳангӣ дошта бошад. Гунар Мирдал иқтисоддони шведӣ, барандаи ҷоизаи иқтисодии Нобел дар соли 1975, муътақид буд, ки "то замоне сохтори фарҳангии як ҷомеа тағйир накунад ва пазирои мафҳумҳои нави тавсеа набошем, наметавонем баояндаи тавсеаи як кишвар умедвор бошем... Илмбоварӣ, инсонбоварӣ ваояндабоварӣ вижагиҳои як сохтори фарҳангии муносиби тавсеа аст, ки метавонад масирро барои таҳаввулоти соири сохторҳо фароҳам кунад"(2).

Муҳсин Зояндарудӣ иқтисоддони эронӣ, ки иқтибоси болои Мирдал аз мақолаи вай оварда шудааст, низ бовар дорад, ки “наметавон бо равишҳои суннатӣ ба тавлид ва касби даромад пардохт ва мебоист аз неруи офарандагӣ ва фикру навоварӣ ва омӯзиш дар дунёи муосир истифода кард”(2). Дар воқеъ мо бисёр кишварҳоеро мебинем, ки барои дастрасӣ ба рушди баландсуръат аз баъзе суннатҳои пешинаи худ даст кашиданд. Бинобар ин, ҳангоми баррасии мушкилоти рушди иқтисодӣ бояд масъалаҳои фарҳангӣ дар мадди назар гирифта шаванд. Ба ҷойи ғунҷондани мафҳумҳои нави иқтисодиву молиявӣ дар қолаби мафҳумҳои фарсудаи аз асрҳои миёна боқимонда, мебояд бевосита аз мафҳумҳои нав истифода кард. Масалан, бонкдорӣ як низоми нав буда, мафҳум ва қонуну қоидаҳои худро дорад. Дар чанд соли гузашта, дар пайравӣ аз таҷрибаи кишварҳои номуваффақи низоми динидошта, дар кишвари мо ба истилоҳ “бонкдории исломӣ”-ро ба роҳ монда истодаанд. Бо қабули қонун ва роҳандозии баъзе хизматрасониҳо, кӯшиш карда истодаанд, то мафҳумҳои диниро ба низоми бонкдории муосир дароваранд. Маълум аст, ки чунин коре шуданӣ нест. Мо таҷрибаи иҷозат додани мафҳумҳои динӣ дар сиёсатро дорем. Дидем, ки он ба чӣ анҷомид. Ҳоло айнан ҳамон таҷрибаро дар низоми бонкдорӣ такрор карда истодаем. Гумон намекунам, ки истифодаи мафҳумҳои куҳнаи "муҳораба" ва "маварруқ" низоми бонкдории моро беҳбуд бахшад. Ба назар мерасад, ки ин мафҳумҳо барои бартарӣ пайдо кардан дар бозор сӯистифода мешаванд, ки онро ном рақобати носолим аст. Сӯистифода аз эътиқоди мардум дар ҳеҷ

шакле барои ҷомеа муфид нахоҳад буд. Мутаассифона, мафҳумҳои куҳнаи аз самармонда дар ҷомеаи муосири мо зиёд истифода мешаванд ва агар ислоҳи вазъ дар сатҳи давлатӣ осонтар бошад, дар сатҳи хонавода ва ҷамъият ба маротиб мушкилтар аст. Бо вуҷуди ин, барои аз худ кардани донишу технологияҳои муосир ин тағйирот ногузир мебошад. Набояд фаромӯш кард, ки дар бозори ҷаҳонӣ рақобат шадид аст ва рӯз то рӯз шадидтар шуда истодааст. Танҳо ҷомеаҳое ба ин рақобат тоб меоваранд, ки бо донишу технологияи навтарин мусаллаҳ ҳастанд. Ин донишу технологияҳо бо мафҳумҳои нав сохта мешаванд, на бо ғунҷонидани мафҳумҳои нав дар қолаби танги мафҳумҳои куҳна. Муҳсин Зояндарудӣ дар ҳамон ҷо мегӯяд, ки "тавсеа иборат аст аз бозсозии комили як ҷомеа ба вижа аз дидгоҳи эҷоди ниҳодҳои тозае, ки мутаносиб бо басират ва андешаи муҳими ҷадид бошанд. Дар ҷараёни ин бозсозӣ ва ин ниҳодсозии нав тамаддуни тозае эҷод мешавад ва натиҷаи ба дастомада ҷомеаи тавсеаёфта аст".

Бе омӯхтан ва муқоисаи таҷрибаи кишварҳои дигар мутақоид кардани афроди тасмимгирандаи як ҷомеа бар ин ки кадом уснурҳои фарҳангӣ метавонанд монеи расидан ба аҳдофи тавсеа бошанд, хеле мушкил аст. Таҳлили муқоисавии кишварҳои гуногун барои мо равшанӣ мебахшад. Ба таври мисол вақте дар корҳои Кеничӣ Оҳно муқоисаи раванди рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқиро бо кишварҳои Африқо мебинем ба осонӣ метавонем хулоса кунем, ки кӣ роҳи дурустро интихоб карда ва кӣ ба роҳи хато рафтааст.

**Расми 1. Муқоисаи ММД-и сарона дар ду минтақа**
(*бо арзиши доллари ИМА дар соли 1990 арзёбӣ шудааст*)




Ин донишманди ҷопонӣ дар тадқиқоти худ таҳаввулоти ба вуҷудомада дар кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқиро, ки натиҷаи он рушди назарраси иқтисодӣ буд, пешкаши муҳаққиқон ва сиёсатмадорони дигар кишварҳо мегардонад. Дар баробари ин, дар китоби Дарон Асекмоглу ва Ҷеймс А. Робинсон "***Чаро миллатҳо бозанда мешаванд***" метавон таҷрибаи кишварҳои африқоиро дид. Маълум мешавад, ки ҷомеаҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ дунболи фалсафаи гумроҳкунандаи "***фарҳанги мо ба зоти худ надорад айбе***" нарафта, дар фарҳангу ҷаҳонбинӣ ва шуури ҷамъии худ ислоҳоти назаррасе ворид карданд, ки заминаи рушду пешрафти босуръати онҳо гардид. Баръакси ин, аксари

кишварҳои африқоӣ бо ҳамон фарҳангу сиёсати суннатӣ боқӣ монданд, ки саранҷом ақибмонда шуданд.

Омӯзиши таҷрибаи иқтисодии кишварҳои муваффақ ва дар асоси донишҳои андӯхта ворид кардани ислоҳоти иқтисодиву фарҳангиву сиёсӣ заминаи ба вуҷуд омадани муҳити созгор ба рушду пешрафт мегардад. Рушду пешрафти иқтисодӣ ҳамеша барои ҳар ҷомеа ва барои ҳар ҳукумате дар ҳама давру замон аҳамияти зиёд дошт ва дорад. Дар чунин шароит ҳар фаъолияте, ки метавонад дар суръат бахшидан ба ин раванд кумак кунад, қобили дастгирист. Шарт ин аст, ки таҷрибаи кишварҳои муваффақ дар асоси принсипҳои интихобӣ, навсозӣ, омезиш ва тақвиятдиҳӣ омӯхта шуда, аз маҷмуи ин додаҳо барои ҳар як кишвар бастаи ба он мувофиқ интихоб ва амалӣ карда шавад.

**Сарчашмаҳо**


1. Kenichi Ohno, "Learning from Best Practices in East Asia: Policy Procedure and Organization for Executing Industrial Strategies", National Graduate Institute for Policy Studies (GRIPS), Tokyo, February 2011;
2. Муҳсин Зояндарудӣ, "Зарурати мутолеоти ҷадид дар иқтисоди тавсеа", Маҷалаи иқтисодӣ – моҳномаи баррасии масоили сиёсатҳои иқтисодӣ, шумораҳои 9 ва 10, саҳифаҳои 151-168, 2011;
3. Kenichi Ohno, "The East Asian Growth Regime", National Graduate Institute for Policy Studies (GRIPS), 2002;
4. Warren Bass, "Book review: 'Why Nations Fail,' by Daron Acemoglu and James A. Robinson", April 20, 2012.
5. "Ислоҳоти Мейҷӣ дар Ҷопон-намуна барои кишварҳои рӯ ба рушд", Маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа" №2 (10), 2018, саҳ.139.

## 2.2. Ислоҳоти Мейҷӣ дар Ҷопон-намуна барои кишварҳои рӯ ба рушд[14]

### Пешгуфтор

Аз замоне ки инсоният низоми давлатдориро ба роҳ монд, миллатҳои соҳибдавлат таҷрибаи кишварҳои хориҷиро барои ба роҳ мондан ва такмил додани умури сиёсиву муносибатҳои тиҷоративу фарҳангии худ мавриди омӯзиш қарор медоданд. Дар ин росто аксаран кишварҳои аз ҷиҳати ҳарбиву иқтисодӣ қавӣ кишварҳои дигарро меомӯхтанд ва дар асоси донишҳои андухтаашон тасмим мегирифтанд. Дертар ин ҳама омӯзишҳо барои мустамлика сохтани кишварҳои Шарқу Африқо низ гузаронида мешуд. Барои аз худ кардани сарватҳои табиии дигар кишварҳо ва дарёфти бозор ҷиҳати фурӯши маҳсулоти саноатии худ кишварҳои пешрафта саравввал кишварҳои мавриди назари худро меомӯхтанд ва баъд ҳадафҳои худро амалӣ мекарданд.

Дар замони муосир муҳимияти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар беш аз пеш афзудааст. Имрӯз муносибатҳои мутақобилаи фарҳангӣ, тиҷоратӣ ва амниятӣ миёни кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба роҳ монда шудааст ва ин омӯзишҳо роҳҳои мувофиқро барои такомул додани муносибат дар байни давлатҳо ва миллатҳои гуногун фароҳам меоварад. Кишварҳои қавӣ ва тараққикарда кишварҳои дигарро барои бозорёбӣ, захираҳои табиии онҳо ва барои рушди туризм

[14] Ин мақола дар маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа" №2 (10), 2018, саҳ.139 мунташир шудааст.

меомӯзанд. Кишварҳои рӯ ба инкишоф, дар баробари ин масъалаҳо, моделҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои пешрафтаро меомӯзанд, то аз таҷрибаи онҳо истифода карда, давлату миллати худро ба роҳи рушду шукуфоии устувор дароваранд. Ин мавзӯъ барои кишварҳои рӯ ба рушд, ки мехоҳанд кишвари худро дар баробари ҷаҳони мутараққӣ бубинанд, аҳамияти махсус дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ҷумлаи ин кишварҳост, ки омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва истифодаи он дар рушду пешрафти мамлакат ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобила судманд бо ин кишварҳо дар шароити имрӯза барои мо шарт ва зарур аст.

Омӯзиши давраи Мейҷии Ҷопон (1868-1912) аз он ҷиҳат барои мо муҳим аст, ки маҳз дар ин давра Ҷопон аз низоми феодалӣ ва иқтисоди кишоварзии ақибмонда ба низоми сармоядорӣ ва иқтисоди саноатӣ гузашт. Дар ин замон ин кишвар аз давлатҳои мутараққии Ғарб ақиб монда, мавриди фишори онҳо қарор мегирифт ва таҳти таҳдиду фишорҳо шартномаҳои барои худ зиёноварро бо ин кишварҳо баста буд. Ҷангҳои дохилӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ зиёд ба назар мерасид. Ислоҳоте ки ҳукумати Мейҷӣ ба роҳ монд на танҳо ба ҷангҳои дохилӣ хотима дода, баробарии иҷтимоиро таъмин кард, балки Ҷопонро аз иқтисоди кишоварзӣ ба саноатӣ расонида, дар баробари кишварҳои тараққикардаи замонаш қарор дод. "Дар давоми умри як насл, Ҷопон ба аҳдофи худ расида, дар раванди он кулли ҷомеаи худро тағйир дод. Дигаргуншавии дохилии Ҷопон бо суръату энерҷии зиёд ва ҳамдастии мардумаш сурат гирифт. Муваффақияти Ҷопон дар модернизатсия таваҷҷуҳи зиёди дигаронро ба

худ ҷалб кард, ки чаро ва чӣ гуна ин кишвар имкон ёфт, то дар ин муддати кӯтоҳ институтҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ғарбиро дар худ ҷорӣ кунад."[1] Таъсиру фишоре, ки ба Ҷопони асри XIX аз тарафи кишварҳои мустамликадор мерасид, имрӯз ба Тоҷикистон ҳам тариқи мавҷи глобализатсия ё ҷаҳонишавӣ расида истодааст. Ҷопон тавонист аз ин мавҷи таъсирҳои беруна истифодаи дуруст кунад ва Тоҷикистон ҳам, ҷуз ин, роҳи дигар надорад. Ҷомеаи мо ниёз ба боздиди арзишҳои худро дорад ва таҷрибаи Ҷопон, ки бо аз худ кардани арзишҳои нав ҳувийяти худро аз даст надод, метавонад намунаи хубе барои аксари кишварҳои рӯ ба инкишоф бошад.

Сабаби интихоби ин мавзӯъ он аст, ки тақдири Тоҷикистони мустақил низ то дараҷае бо Ҷопони Мейҷӣ ҳамгун аст. Кишвари мо ҳам мавриди фишорҳои хориҷӣ қарор дошт ва дорад, ҷанги дохилӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ вуҷуд дошт, ки гурӯҳҳои ҷинояткор сарвати миллиро ғайриқонунӣ аз худ мекарданд. Ҳамчунин ба монанди давраҳои аввали ҳукумати Мейҷӣ иқтисоди мо ҳам кишоварзӣ аст. Имрӯз мақсади асосии Ҳукумат ва тими иқтисодии он саноатикунонии иқтисодиёт мебошад ва ин ҳамон ҳадафест, ки Ҳукумати Мейҷӣ дар Ҷопон дунбол мекард. Муваффақияти Ҷопони Мейҷӣ дар ҷодаиислоҳот, ки решаи иқтисоди пешрафтаи Ҷопони имрӯза аст, ҳар як кишвари дигари  рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистонро водор мекунад, то таърихи онро омӯзад ва аз таҷрибаи онҳо баҳри тақвияти иқтисодии худ истифода кунад.

Омӯзиши роҳу усулҳои ислоҳоти муваффақонаи Ҳукумати Мейҷӣ ва муайян кардани ҷанбаҳое, ки дар вазъияти имрӯзаи Тоҷикистон онҳоро истифода бурдан имконпазир аст, аз ҷумлаи ҳадафҳои мақолаи мазкур мебошад.

## Вазъияти сиёсиву иқтисодии Ҷопон дар остонаи ба вуҷуд омадани Ҳукумати Мейҷӣ

Дар ҳоле ки ҳанӯз аз асри XVII кишварҳои Аврупо ислоҳоти амиқи сиёсӣ, эътиқодӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро оғоз карданд ва онро “Асри равшангарӣ” унвон ниҳодаанд, Ҷопон гирифтори низоми феодалие буд, ки дар он самурайҳо раҳбарӣ мекарданд. Ин давра дар таърихи Ҷопон давраи Эдо ном дорад. Пойтахти давлати Эдо Токио буд ва онро Иэюсу Токугава асос гузошта буд. Шоҳ дар идораи давлат иштирок надошт ва танҳо мақоми расмиро дошт. Ҳукумати Эдо аз солҳои 1603 то 1867 идома дошт ва дар натиҷа Ҷопон аз кишварҳои дигари пешсафи ҷаҳонӣ ақиб монда, на аз ҷиҳати ҳарбӣ ва на иқтисодӣ бо онҳо рақобат карда наметавонист. Барои гурехтан аз таъсири кишварҳои мустамликадори Ғарб Ҳукумати Эдо дарҳои кишварашро ба рӯйи онҳо баста буд ва Ҷопон ба як кишвари ақибмондаи пӯшида табдил ёфта буд. Албатта ақибмондагии он нисбат ба кишварҳои рушдкардаи Ғарб буд, на нисбат ба кишварҳои ақибмондаи Шарқ ва Африқо. Давраи Эдо рушди иқтисодии нисбӣ дошт, ки дар натиҷаи садсолаҳои инкишоф ба даст омада буд. Соҳаи кишоварзӣ, савдо ва косибӣ мунтазам рушд мекард, вале суръати рушд кам буд ва бо кишварҳои Ғарб баробар

шуда наметавонист. Ниёз барои ислоҳоти ҷиддӣ ба вуҷуд омада буд.

Моҳи июли соли 1853 ду киштии ҳарбии ИМА бо сарварии капитан Метю С. Перрӣ ба соҳили Ҷопон омада, аз Ҳукумати Эдои Ҷопон талаб мекунад, то дарҳои бозори Ҷопонро барои тиҷорат бо ИМА кушояд. Баъди муқоисаи қувваҳои худ бо рақиб ҳукумати Ҷопон ба хулосае меояд, ки қувваҳо нобаробаранд ва саранҷом соли 1854 бо ИМА шартномаи тиҷоратӣ баста, бозори худро ба рӯйи тоҷирони амрикоӣ мекушояд. Ин шартномаи нангин боиси он шуд, ки дигар кишварҳои мутараққии Ғарб ҳам Ҷопонро маҷбур карданд, то бо онҳо ҳам чунин шартномаҳо имзо кунад. Тибқи ин шартномаҳо на танҳо дарҳои бозорҳо ба рӯйи хориҷиён кушода мешуд, балки ба онҳо имкон медод, то аз ҷавобгарӣ дар назди додгоҳи Ҷопон озод бошанд ва ҳатто тарифҳои гумрукии Ҷопонро хориҷиён муайян кунанд.

Ин фишори аҷнабиён ва шартномаҳои нобаробари таҳқиромез мардумро ба ғазаб оварда буд ва онҳо аз ҳукумат талаб мекарданд то хориҷиёнро бадарға кунад. Аммо Ҳукумати Эдо дар баробари қувваи ҳарбии хориҷиён нотавон буд. Гурӯҳҳои алоҳида бо хориҷиён бархӯрд мекарданд ва онҳоро мекуштанд, аммо ин вазъиятро дигар карда наметавонист. Саранҷом давраи ҳукумати самурайҳо ба анҷом расид ва дар охири соли 1867 ҳукумати Эдо аз байн рафт. Дар оғози соли 1868 императори 16 солаи Ҷопон Мутсуҳито (Mutsuhito) ҳукуматро ба даст гирифта, номи ҳукумати худро Мейҷӣ (Meiji) ниҳод, ки маънои он "идораи хирадмандона" ё "идораи равшанфикрона" мебошад.

## Ҳукумати Мейҷӣ: сохтори идорӣ ва аҳдофи он

Ҳангоме ки императори 16 сола дар соли 1868 қудратро ба дасти худ гирифт, Ҷопон як кишвари феодалӣ ва кишоварзии ақибмондае, буд, ки зери фишори абарқудратҳои давр қисме аз мухторияти худро аз даст дода буд. Аз ҷумла тарифҳои гумрукиашро хориҷиён муайян мекарданд ва додгоҳ наметавонист ҷинояткорони аҷнабиро ба ҷавобгарӣ кашад. Императори ҷавон бо ҳалқаи мушовирони ватандӯсташ бо ҳадафи баровардани Ҷопон аз ин вазъияти нангин ва баробар кардани кишвар бо абарқудратҳо ба фаъолият оғоз кард. Аз худ кардани дониш ва технологияи Аврупо, маорифи ҳатмии саросарӣ, низоми бонкдорӣ ва андозбандии нав, сохтори нави низомӣ ва иштирок дар тасмимгириҳо дар масъалаҳои умумиҷаҳонӣ аз аҳдофи аслии ҳукумати нав ба ҳисоб мерафт. Азхудгузаштагии император ва дар маҷмуъ ҳама мушовирон, низомиён, кишоварзон ва умуман аксари мардуми Ҷопон баҳри сохтани кишвари бузург омили аслӣ ва ҳалкунандае буд, ки кафолати расидан ба ин ҳадафҳоро медод.

“Собиқ самурайҳое, ки дар ҳукумати нав фаъолият мекарданд, ба роҳ мондани ҳукумати конститутсиониро барои расидан ба ин аҳдоф бисёр зарурӣ мешумориданд. Агар Ҷопон мехоҳад ба таври кофӣ кишвари қавӣ ва сарватманд бошад, ки тавонад бо абарқудратҳои Ғарб рақобат кунад, ҳатман бояд ба ҳамин роҳ равад. Ҳамин буд, ки онҳо ҳама қувваи худро барои сохтани чунин давлат сафарбар карда буданд” [2].

Аз рӯзи аввали ташкили Ҳукумати Мейҷӣ императори ҷавон ба мушовирони таҷаддудгарои худ

озодии васеи фаъолият дод. Таҳти раҳбарии ин мушовирони ватандӯст ва хирадпеша, олимон ва сиёсатмадорони ҷавон ба кишварҳои Ғарб барои омӯзиши низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин қитъаи пешрафта равон карда мешуданд. Онҳо дар навбати худ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медоданд, то ҳарчӣ Ғарб медонад, бидонанд ва онро баргашта дар ватани худ амалӣ кунанд. Ҳукумати Мейҷӣ дар навбати худ ҳар як пешниҳод ё ташаббуси онҳоро дастгирӣ карда, амалӣ мекард. "Император 6 апрели соли 1868 "**Савганди маншур**"-и худро нашр кард, ки дар он ба мардум ваъда медод, анҷуманҳо барои муҳокимаи ҳамаи масъалаҳои умумидавлатӣ ташкил карда мешаванд ва расму оини зиёновар ва пусидаи феодалии гузашта мамнуъ хоҳад шуд"[2].

Албатта, дар ин миён норозиёни суннатгаро ҳам буданд, ки барои ислоҳоти куллӣ монеа эҷод мекарданд. Аз як ҷониб қисме аз самурайҳо омода набуданд аз баҳри манфиатҳои худ гузаранд ва манфиатҳои ватану обрӯйи миллати хешро дар мадди аввал гузоранд. Аз ҷониби дигар мардуми оддӣ ҳам то дараҷае суннатгаро буд ва намехост фарзандони худро ба мактабҳои нав равон кунад. Онҳо фикр мекарданд дар ин мактабҳои нав, ки сохти аврупоӣ доштанд, фарзандонашон беҳувийят мегарданд ва гузашта аз ин онҳо фарзандонашонро дар корҳои хоҷагӣ истифода мебурданд ва намехостанд аз ин қувваи корӣ маҳрум шаванд. Аммо ҳукумати нав дар роҳи ислоҳоти куллӣ ҷиддӣ буд. Ҳамин тариқ, самурайҳои норозиро, ки дар соли 1877 даври ҳам омада исён карданд, шикаст дод ва ин монеаро бартараф кард.

Маорифи сартосариро маҷбуран ба роҳ монд ва мардум аз ҷумла кишоварзон, ки аксарият буданд маҷбур буданд фарзандонашонро ба мактабҳо фиристанд.

Ислоҳоти сиёсӣ ва идорие, ки дар ин давра анҷом дода шуд муваффақона ва заминасози рушди иқтисодиву фарҳангии минбаъдаи Ҷопон буд. Таҷрибаи Аврупоро омӯхта, ҷопониҳо дар соли 1889 сарқонуни худро қабул карданд ва Ҷопонро ба давлати парлумонӣ табдил доданд. Нақши император дар он рамзӣ шуд, ки то кунун ҳамчунон боқӣ мондааст. Албатта таҷрибаи супоридани ҳукумати иҷроия ба дигар қувваҳо дар низоми шоҳигарии Ҷопон вуҷуд дошт ва ин нав набуд. Аммо омодагии императори ҷавон барои ислоҳоти куллие, ки оқибат қудрати воқеиро бо ихтиёри худ ба дасти дигарон (парлумон) медиҳад, падидаи нодирест дар кишварҳои Шарқ. Шоҳи Чин, ҳамсояи наздики онҳо, чунин омодагиро надошт. Дар он шабу рӯз ӯ ба бозичаи дасти манфиатҷӯёни дарборӣ табдил ёфта, рӯз то рӯз кишвараш пора шудан мегирифт, аммо Ҷопон бо саривақт ислоҳот гузаронидан аз кишвари ақибмонда ба кишвари бузурги колониалӣ табдил ёфт. Камбудӣ дар он буд, ки дар ин сол танҳо як дарсади сарватманди аҳолӣ ҳуқуқи овоздиҳиро дошт, баъдан дар соли 1925 ҳама мардон ин ҳуқуқро ба даст оварданд. Ба занҳо дар соли 1945 ҳуқуқи овоздиҳӣ дода шуд.

"Сарқонуни 1889 кори дасти Ито Ҳиробумӣ буд, ки дар Аврупо таҳсил карда буд"[2]. қишри зиёӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ аз аввал талаби ҳарчӣ зудтар ҷорӣ кардани сарқонуни навро мекарданд. Вале раҳбарон шитоб намекарданд ва бар ин андеша буданд, ки нахуст бояд

аҳолӣ омода бошад ва баъдан интихоб сари низоми демократияи Бритониёӣ ва монархияи конститутсионии Олмон осон набуд. Зиёиён ва сиёсатмадорони прогрессив ҷонибдори низоми Британия буданд, вале ҳукумат модели Олмониро мехост. "Онҳо бар ин буданд, ки озодиҳои зиёд додан ба мардуме, ки омода нест, боиси хушунат ва бесарусомониҳо мегардад"[3]. Онҳо инқилоби Фаронсаро барои ин иддаояшон мисол меоварданд. "Омура Масаҷиро - сардори Департаменти ҷанг дар он замон бар ин бовар буд, ки ҳукумат пеш аз ҳама бояд тартиботи дохилиро таъмин кунад ва вақте ин ба даст омад қудратҳои Ғарб маҷбур мешаванд Ҷопонро ҳамчун қудрат бишносанд ва ҳамин тариқ шартномаҳои таҳқиромез ва нобаробари худро бо Ҷопон бознигарӣ кунанд"[2]. Равшанфикрони ҷопонии он давра ислоҳоти фикрии ҷомеаи худро аз ҳама муҳимтар мешумориданд. Нахуст тафаккури аҳолиро ислоҳ бояд кард ва баъдан ислоҳоти дигар имконпазир хоҳад шуд. Ин назарҳои онҳо ҳоло ҳам куҳна нашудаанд ва ҳоло ҳам барои кишварҳои рӯ ба инкишоф муҳиманд.

**Рушди илму маориф ва аз худ кардани технологияҳои Ғарб**

"Ҳукумати Мейҷӣ низоми маорифи худро аввал дар асоси низоми маорифи Фаронса ва баъдтар дар асоси низоми маорифи Олмон ба роҳ монд. Дар миёни ислоҳотҳои онҳо аз ҳама назаррас ва давомнок ба роҳ мондани маорифи ҳатмӣ буд"[2]. Дар раванди омӯзиши наврасон ва ҷавонон донишомӯзони болаёқат муайян карда шуда, ҳавасманд карда мешуданд ва аз донишу

маҳорати онҳо дар раванди ислоҳотгузаронӣ истифодаи зиёд мешуд. Дар воқеъ муваффақияти Ҷопон бештар натиҷаи тақвияти зеҳнии аҳолияш буд, ки ҳукумати Мейҷӣ аз аввали мавҷудияти худ, новобаста аз монеаҳои молиявӣ низоми маорифи ҳатмиро ҷорӣ карда буд.

Барои бо суръати баланд боло бурдани дониши аҳолӣ ва аз худ кардани технологияҳои пешрафтаи Ғарб ҳукумати Мейҷӣ аз кишварҳои хориҷӣ мутахассисони барҷастаро бар ивази маоши баланд барои мушовирӣ дар вазоратҳо ва омӯзондани донишҷӯён даъват кард. Ба баъзе аз ин мутахассисони хориҷӣ маоши баландтар аз Нахуствазири онвақтаи Ҷопонро медоданд. Ин як бори гарон бар буҷети Ҷопон буд, аммо бидуни ин расидан ба ҳадаф номумкин буд. Донишманди ҷопонӣ Мамичӣ Тсуда (1829-1903), ки дар Ғарб таҳсил карда буд навишт, ки "Ҷопон донишҷӯест, ки илму технологияи Ғарбро меомӯзад. Барои зиёдтар ва тезтар омӯхтан мо маҷбурем ин пардохтҳои баландро кунем"[3]. Ҳатто ширкатҳои хусусӣ омӯзгорони хориҷиро даъват мекарданд то ба кормандонашон дарс гӯянд. Дар баробари ин донишҷӯёни болаёқат аз тарафи давлат ба хориҷа равон карда мешуданд ва дар он ҷо таҳсил карда ба ватан меомаданд. Ин мутахассисон таҷҳизоти хориҷиро ворид карда меомӯхтанд ва дар асоси он худ таҷҳизоти нав месохтанд. Ин амал дар замони муосир ғайриқонунӣ аст, аммо дар он давра қонунҳои байналмилалии пешгирикунандаи он набуд ва Ҷопон аз ин ҳолат истифода карда буд. "Ба хотири табдил додани кишвар аз кишоварзӣ ба давлати тараққикардаи саноатӣ, донишомӯзон ва муҳаққиқони ҷопонӣ ба хориҷа

мерафтанд то забон ва илми Ғарбро омӯзанд. Ҳамзамон донишмандони хориҷиро ба Ҷопон даъват карда буданд ва онҳо ба мардуми кишвар дар дохил дарс медоданд. Ҳамчунин давлат ба соҳаҳои нақлиёт ва коммуникатсия сармоягузории зиёд мекард. Дар баробари ин ҳукумат корхонаҳои муваффақро бевосита дастгирӣ мекард, махсусан корхонаҳоеро, ки моликонашон хонадонҳои қудратманд буданд, ки онҳоро Зайбатсу (Zaibatsu) меномиданд"[2]. Ин ҳама дар маҷмуъ раванди аз худ кардани илму технологияҳои пешрафтаро суръат бахшид ва Ҷопон тавонист баробарвазни кишварҳои мутараққӣ шавад.

## Ислоҳоти иқтисодӣ, ҳарбӣ ва тағйиротҳои иҷтимоиву фарҳангӣ дар давраи Мейҷӣ (1868-1912)

Бо мақсади сиёсӣ ва идеологӣ ислоҳотгарон дар Ҳукумати Мейҷӣ дини қадимаи худ Шинторо бар Будизми омада аз Чин тарҷеҳ медоданд. Ин ба он хотир буд, ки онҳо императорро қувваи азими муттаҳидкунандаи миллат медонистанд ва дини миллии онҳо шоҳони Ҷопонро баргузида меҳисобид. Дар макотиб дар баробари фанҳои хониш ва ҳисоб, дарси ахлоқро ба роҳ монда, ба хонандагон уҳдадорӣ дар назди императорро таъкидан меомӯзонданд. Яке аз вижагиҳои ҷомеаи онвақтаи Ҷопон он буд, ки онҳо ба фарқ аз бештари ҷомеаҳои дигар синфи рӯҳониёнро надоштанд. Баъдан масъулони давлатӣ соҳиби замини кишоварзӣ набуданд ва дар соҳаи кишоварзӣ танҳо деҳқонони воқеӣ кор мекарданд. Ислоҳоти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар баробари ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ ба роҳ монда шуд.

Раванди гузаштан аз ҷомеаҳои пӯшидаи деҳотнишин ба ҷомеаҳои кушодаи шаҳрнишин ба вуҷуд омад, ки барои ба роҳ мондани иқтисоди саноатӣ шароит фароҳам овард. Дар баробари ин, низоми нави илму маориф андешаи илмӣ ва ратсионалиро ҷойгузини бовару одатҳои хурофотӣ ва ирратсионалӣ кард, ки бе ин тағйиротҳо саноатикунонии Ҷопон ғайриимкон буд.

Ба роҳ мондани ислоҳоти боровар масъулияти аввалиндараҷаи ҳукумат буд ва Ҳукумати Мейҷӣ дар он нақши муассир дошт. Дар баробари ин, нақши ширкатҳои хусусӣ ҳам, ки дар шароити нав имконоти зиёд доштанд, аҳамияти бузург дошт. Ҳамкориҳои давлат бо сектори хусусӣ яке аз вижагиҳои Ҷопони Мейҷӣ буд, ки то кунун дар ин кишвар ба мушоҳида мерасад ва ин ҳамкориҳо нақши ҳалкунандае дар рушди иқтисодии ин кишвар дошт. Бо вуҷуди ин, давлат ягона сармоягузори бузург дар иқтисоди Ҷопон буд. Дар солҳои аввали Ҳукумати Мейҷӣ ҳамаи соҳаҳои сармояталаб тариқи сармоягузории бевоситаи давлат маблағгузорӣ мешуданд. Давлат маблағҳои буҷавии зиёдеро барои дохил кардан ва аз худ кардани технологияҳои пешрафтаи замонаш равона мекард ва корхонаҳои истеҳсолии нав месохт. Коршиносон ба ин андешаанд, ки бе чунин маблағгузориҳои давлатӣ суръати рушди иқтисодии Ҷопон ба маротиб пасттар мешуд.

Дар ду даҳсолаи аввали Ҳукумати Мейҷӣ аксари даромади буҷаи давлатиро соҳаи кишоварзӣ таъмин мекард. Тибқи Санади ислоҳоти замин, ки дар соли 1873 мавриди амал қарор гирифт, кишоварзон ба ҷойи биринҷ андози заминро бо пули нақд мепардохтанд, ки

он ба 3 дар сади арзиши замин баробар буд. Ин қоидаҳои нав пеши роҳи ришвахорӣ дар соҳаро гирифта, боиси ба роҳ мондани даромади муътадил ба буҷет гардид.

То соли 1900 маҳсулоти содиротии асосии Ҷопон ба хориҷ абрешим буд. Маҳсулоти саноатӣ бо маҳсулоти аврупоӣ ва амрикоӣ рақобат карда наметавонист. Баъд аз абрешими ҷопонӣ чой ҳам содирот мешуд. Даромад аз содироти ин маҳсулотро асосан барои хариди таҷҳизот масраф мекарданд. Дар муддати кӯтоҳ ин сиёсат ба он расонд, ки воридоти маҳсулоти пахта қатъ гардида, ҷойи онро маҳсулоти пахтаи дохилӣ гирифт. "Дар охири даҳаи якуми Ҳукумати Мейҷӣ дар Ҷопон камтар аз 10 ҳазор таҷҳизоти нахресӣ вуҷуд дошт, вале то охири давра ин адад ба 100 ҳазор расид. Ҳамин тариқ то охири давраи Мейҷӣ Ҷопон ба кишвари пешсаф дар саноати нассоҷӣ табдил ёфт. Ҷопон тавонист технологияи хориҷиро ворид карда, онро аз худ намуда такмил диҳад ва саноати худро бисозад, то дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир гардад" [2].

Дар даҳаи якуми ҳокимияти Мейҷӣ корхонаҳои зиёди давлатӣ сохта шуданд, ки муваффақ нашуданд. Аксари онҳо бар зиён кор мекарданд ва давлат онҳоро ба соҳибкорон фурӯхт. Ҳарчанд ин корхонаҳо бо нархи нисбатан паст фурӯхта шуданд ва ин норозигиҳои зиёдро ба вуҷуд овард, аммо соҳибони нави ин корхонаҳо бо ҷорӣ кардани идораи дуруст ва сармоягузориҳои иловагӣ ин корхонаҳоро судовар гардониданд. Аз ин ҷост, ки дар давраҳои баъдӣ ҳеҷ кас он соҳибкоронро барои бо нархи ночиз аз худ кардани моликияти давлат муттаҳам намекард. Бо ҳадафи танг кардани мавқеи истеҳсолкунандагони хориҷӣ давлат дар навбати худ ин

корхонаҳои хусусиро то ҳадди имкон дастгирӣ мекард. Ин сиёсатро онҳо "ҷойивазкунии воридот" меномиданд ва сиёсати "импортозамещение", ки Россия дар соли 2014 баъди ҷорӣ шудани таҳримҳои Ғарб пеш гирифт, бо он шабоҳати комил дорад.

"Яке аз вижагиҳои Ҳукумати Мейҷӣ саноатикунонии босуръат буд. Дар баробари сиёсати давлатӣ, ки институтҳои ғарбиро ҷорӣ карда, инфрасохтори нав сохт, мушовирони бодонишу таҷрибадори хориҷиро даъват кард, омӯзишу парвариш ва такмили ихтисоси густардаро ба роҳ монд, ширкатҳои истеҳсолии давлатӣ ва марказҳои тадқиқотиро сохт ва дигар амалҳои лозимаро иҷро кард, бояд эътироф кард, ки динамизми сектори хусусӣ аз ҳамаи ин фаъолиятҳои давлат муҳимтар буд. Дар табақаҳои поёнӣ тоҷирони нав ва тоҷирони собиқадор, муҳандисони соҳибихтисос, ҳунармандони сарфароз ва деҳқонони сарватманд дар саросари кишвар қувваи пешбарандае буданд, ки имкони босуръат аз худ кардани донишу технологияи пешрафтаи хориҷиро ба вуҷуд оварданд. Бе мавҷудияти ин имкониятҳои сектори хусусӣ, ҳатто сиёсати дурусти давлатӣ натиҷаи дилхоҳ дода наметавонист" [3].

Кеничӣ Оҳно дар китоби худ "Рушди иқтисодии Ҷопон" ду шахсиятро мисол меорад, ки нақши онҳо дар рушди соҳаи нассоҷии Ҷопон ҳалкунанда буд. Соли 1877 як соҳибкор бо номи Эйичӣ Шибусава ба як донишҷӯи ҷопонӣ дар Лондон бо номи Такео Яманобэ бо чунин мазмун нома менависад: "Яманобэи азиз, як дӯстам номи шуморо ба ман гуфт. Ҷопон имрӯзҳо аз ҳад зиёд нахи пахтаро аз хориҷ ворид мекунад. Моро зарур аст, ки

соҳаи ресандагии дохилии худро ташкил кунем. Мо ба одамоне ниёз дорем, ки ҳам мудирият ва ҳам технологияро донанд. Лутфан, шумо метавонед соҳаи ресандагиро омӯзед? Ман корхона хоҳам сохт”. Яманобэ, риштаи иқтисод ва суғуртаро тарк карда, ба ваъдаи ҳамватани худ, ки боре надида буд бовар мекунад ва ба омӯзиши соҳаи коркарди пахта мепардозад. Эйичӣ дар навбати худ ба донишҷӯе, ки боре вонахӯрдааст, маблағ равон мекунад, то ӯ омӯзишро давом диҳад. Дар солҳои баъдӣ ин ду чеҳра ҳамкориро ба роҳ монда яке аз муҳимтарин чеҳраҳо дар сохтмони соҳаи нассоҷии Ҷопон мегарданд. Ин ҳам яке аз вижагиҳои мардуми Ҷопон буд, ки соҳибкору донишҷӯ ҳам дар лоиҳаҳои бузурги миллӣ худро масъул дониста, ҷону моли худро дар ин роҳ ба гарав мегузоранд. Ин вижагиест, ки то кунун барои ҳар кишваре дар ҷаҳон зарур мебошад, то ба рушду пешрафти назаррас ноил гардад.

“Бо таъмин кардани шароити нави амниятии сиёсӣ ва молиявӣ, ҳукумат имконияти сармоягузории дохилиро ба саноат ва технологияҳои нав фароҳам овард.”[1] Дар раванди бозсозӣ ва гузаштан ба низоми капиталистӣ ташкили бонкҳо зарур буд. Ҷопон дар соли 1873 низоми бонкии худро аз рӯйи низоми бонкии ИМА ташкил кард. Дертар барои такмил додани ин низом бонки марказии Ҷопон созмон дода шуд ва онро Бонки Ҷопон (Bank of Japan) номиданд. Баъдтар бонкҳои соҳавӣ барои кишоварзӣ ва саноат кушода шуданд. Низоми бонкдории Ҷопон давраҳои рушд ва афтишро дошт, ки омӯзиши алоҳидаро талаб мекунад ва дар доираи ин матлаб намеғунҷад. Вале нақши он дар рушди иқтисодии Ҷопони Мейҷӣ бузург аст ва яке аз соҳаҳое мебошад, ки

дар гузариш аз сатҳи кишоварзӣ ба саноатӣ кумак карда буд.

Яке аз аҳдофи муҳими Ҳукумати Мейҷӣ сохтани артиш ва неруи баҳрии қавӣ ва марказонидашудае буд, ки дар асоси он Ҷопон бояд ҳамчун кишвари қудратманд дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф мешуд. Барои таъмини молӣ ва зеҳнии артиш давлат бо корхонаҳои хусусӣ ҳамкориҳоро ба роҳ монд, ки ба онҳо фармоишҳо медод. Ин аз як ҷониб артишро таъмин мекард, аз ҷониби дигар таъсири азиме ба рушди иқтисодӣ ва технологии Ҷопон мерасонид. Ислоҳоти низомӣ натиҷаи худро дар бархӯрд бо самурайҳои норозӣ дар соли 1877 нишон доданд ва ин пешравиҳои низомӣ дар ҷанги Ҷопон бо Чин дар солҳои 1894-1895 ва ҷанг бо Русия дар солҳои 1904-1905 дида шуд, ки пирӯзӣ дар ин ҷангҳо кишварҳои Ғарбро маҷбур кард, то Ҷопонро қудрати баробарвазн бишносанд. Пирӯзӣ дар ин ҷангҳо барои Ҷопон тақвиятгари ҳам иқтисод ва ҳам артиш буд.

Саранҷом дар поёни давраи Мейҷӣ Ҷопон ба бештари ҳадафҳои худ расид. Низоми нави давлатдории парлумонӣ, артиши қавии сатҳи ҷаҳонӣ ва иқтисоди саноатии рақобатпазир аз дастовардҳои Ҳукумати Мейҷӣ маҳсуб мешаванд. Ҳарчанд саноати вазнин дар зинаҳои аввал қарор дошт ва рақобатпазир набуд, вале заминаҳои рушди он фароҳам шуда буд ва дертар дар ин ҷода ҳам Ҷопон ба кишварҳои Ғарб баробар шуд.

## Ҷопон дар замони Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва давраи пеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ

Дар аввали солҳои Мейҷӣ Ҷопон асосан ашёи хомро ба кишварҳои ғарбӣ содир карда, аз он ҷо масолеҳи

саноатӣ ва таҷҳизот ворид мекард. Дар охири он давра низ вазъият тақрибан ҳамчунин буд ва ба ҷуз пахтаи Амрико Ҷопон аз ин кишварҳо ҳамоно таҷҳизоту маҳсулоти тайёр ворид мекард. Аммо дар баробари ин маҳсулоти соҳаи саноати сабуки Ҷопон бозорҳои кишварҳои рӯ ба инкишофро тасхир карда, мавқеи кишварҳои ғарбиро танг мекард. Таносуби умумии тиҷории Ҷопон дигар шуда буд. "Дар охири давраи Мейҷӣ (1912), ки каме пештар аз оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ буд, Ҷопон муваффақона саноати сабуки худро ба роҳ монда буд, махсусан дар соҳаи нассоҷӣ. Аммо саноати вазнин ва мошинсозӣ дар оғози роҳи худ қарор доштанд. Рушди босуръати ин соҳаҳо дар давоми Ҷанги якуми ҷаҳон ва баъд аз он ба роҳ монда шуд"[3].

Ҷопон дар замони ду ҷанги худ (бо Чин ва бо Россия) ба камбудии маблағ дучор шуда аз хориҷа қарз гирифт, ки ин қарзҳо вазъи молиявии Ҷопонро бад карда буданд. Ин вазъият баъди сар задани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ рӯ ба беҳбудӣ овард. Дар баробари гирифтор шудани кишварҳои Аврупоӣ дар ин ҷанг содироти онҳо ба дигар кишварҳо қатъ шуд. Ҷопон аз фурсат истифода карда, молу маҳсулоти саноатии худро дар ин бозорҳо ҷойгузини онҳо кард. Ҳарчанд сифати маҳсулоти ҷопонӣ пасттар буд, вале талабот зиёд буд ва онҳо бо нархи гаронтар ба фурӯш мерафтанд. Ин шароит фурсати муносибе ҳам барои давлат ва ҳам барои шаҳрвандони Ҷопон шуд. Тоҷирону истеҳсолкунандагон босуръат сарватманд мешуданд ва буҷети давлат аз ҳисоби андозу пардохтҳо ғанӣ мешуд. Иқтисод дар маҷмуъ босуръат пеш мерафт. Лекин ин дар як муддати кӯтоҳ, дар давоми

Ҷанги якуми ҷаҳон буд ва дар солҳои бистуми асри гузашта, иқтисоди Ҷопон ба рукуд мувоҷеҳ шуд. Дар ин солҳо ба мардум озодиҳои бештар дода шуд ва ҳукумат бо ин усул тавонист назму низомро нигаҳ дорад. Вале хатари дигаре дар пеш меистод, ки он ба дасти ҳарбиён гузаштани ҳукумат ва боло рафтани миллатгароӣ буд. Бухрони иқтисодии соли 1928 дар ИМА таъсири худро ба дигар кишварҳо, аз ҷумла Ҷопон расонид ва Ҷопон дар солҳои 1930-1932 ба мушкилоти бештар мувоҷеҳ шуд. Ин норозигии мардумро зиёд карда, роҳи расидани низомиён ба қудратро ҳамвор мекард, ки саранҷом дар соли 1937 онҳо қудратро ба даст гирифта ҷангро бо Чин оғоз карданд ва ҳамаи захираҳои моддӣ ва зеҳнии Ҷопон барои таъмини артиш равона гардид.

Бо вуҷуди ин мушкилот то соли 1930 Ҷопон соҳаи саноати вазнин ва кимиёии худро тақвият дода тавонист ва дар ин давра тақрибан ҳамаи мошинолотро аллакай дар дохил истеҳсол намояд. Саноати вазнин дар солҳои сиюм бо идораи марказонидашуда, ки бо ҳадафҳои низомӣ ба роҳ монда шуда буд, бештар тақвият ёфт. Истифодаи донишу технологияи ширкатҳои гуногун барои ба роҳ мондани истеҳсоли киштиҳои ҳарбӣ, ҳавопаймоҳо ва дигар воситаҳои ҷангӣ, таъсири мусбати худро ба саноати вазнин гузошт. Ҳарчанд шикасти сангин дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ба Ҷопон зиёни ҷиддии моддӣ овард, вале донишу технология ва мутахассисони кордон боқӣ монданд ва дар солҳои баъдиҷангӣ, истифодаи дурусти онҳо дар бозсозӣ, ин кишварро дар муддати нисбатан кӯтоҳ ба як кишвари ободу пешрафта табдил доданд.

## Хулоса

Рушди устувори Ҷопон дар давраи Мейҷӣ натиҷаи вокуниши дурусти давлат, соҳибкорон, ҷомеа ва мардум ба фишор ва таъсири беруна мебошад. Маъмулан, ҷомеаҳо дар пояи фарҳанг, иқлим ва ҷойгиршавии ҷуғрофии худ ба таври эволютсионӣ ва ором рушд мекунанд, аммо вақте фишору таъсири беруна зиёд мешавад, ба ин раванд суръат бахшида метавонад. Албатта агар вокунишҳо ва амалҳои мувофиқ ба рушду пешрафт дар баробари ин фишору таъсирҳои беруна вуҷуд дошта бошад. "Вале агар вокунишҳо суст ва носозгор бошанд ҷомеа метавонад ба ноороми дучор шавад ва ҳатто зери таъсири қувваҳои хориҷӣ ба шикаст мувоҷеҳ шавад"[3]. "Дар муқоиса бо таърихи дигар кишварҳои ғайриғарбӣ, гуфтан мумкин аст, ки Ҷопон аз таъсиру фишорҳои хориҷӣ самаранок истифода бурда, онҳоро баҳри рушди босуръати худ истифода кардааст. Мардуми Ҷопон унсурҳои хориҷии зиёдеро, ки бо суннатҳои худ дар таззод буданд, оромона аз худ карда, ҳангоми зарурат истифода мекарданд. Ин вижагӣ махсуси ҷомеаи ҷопонӣ буда, дар дигар ҷомеаҳо ба назар намерасид" [3].

Мутобиқ шудан бо қавонини байналмилалӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои босамари дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои дигар ва дар айни замон аз даст надодани ҳувийяти миллии худ кори саҳлу сода нест. Бисёре аз халқиятҳо дар ин гирудорҳо ҳувийяти худро аз даст медиҳанд, вале Ҳукумати Мейҷӣ бо сарфи назар кардан аз баъзе суннатҳои куҳнашуда, тавонист аз уҳдаи ин кор барояд.  "Дарки қафомондагӣ ва ифтихороти

поймолшуда қувваи психологии бузурги таҳрикдиҳандае буд, ки пушти саноатикунонии Ҷопон дар давраи Мейҷӣ меистод. Шиори миллии онҳо "кишвари сарватманд, артиши қавӣ буд"[3].

Ислоҳоти куллие, ки Ҷопон дар давраи Мейҷӣ гузарондааст, намунаи хубе барои ҳар кишвари шарқии рӯ ба инкишоф аст. Пеш аз ҳама омодагии қишри ҳукмрон барои гузаронидани ислоҳоти куллӣ, ки манфиати давлатро аз манфиатҳои шахсии худ боло медонад, метавонад раҳнамо барои дигарон бошад. Мушовирони Императори Ҷопон асосан ҳамон самурайҳое буданд, ки дар низоми пешина мақоми баланд доштанд, вале чун диданд, ки он низом ба бунбаст гирифтор шудааст ва Ҷопон наметавонад дар сатҳи ҷаҳонӣ манфиатҳои худро ҳифз кунад, даст ба ислоҳот заданд. Эътироф кардани ҷойгоҳи воқеии кишвари худ, гузаштан аз манфиатҳои шахсӣ ва ҷорӣ кардани тағйиротҳои куллӣ, оғози ислоҳоти муваффақонаи Ҳукумати Мейҷӣ буд, ки метавонад сароғози ислоҳоти дуруст дар ҳар кишвари ақибмондаи дигаре бошад. Тоҷикистон ҳам ин ҷо истисно нест. Наметавон бо таърифу тавсифи бепоёни "дастовардҳо" ҷойгоҳи воқеии як кишвари ақибмондаро дар ҷаҳони муосир боло бурд. Пеш аз ҳама ишқ бар ватан ва номуси миллии ҷопониҳо буд, ки раҳбаронро ба шинохти дурусти вазъият ва дарки зарурати ислоҳоти куллӣ расонид. Баъдан ин раҳбарон дар тасмимгириҳои худ ба таассуб роҳ намедоданд ва агар як тасмими онҳо дар амал натиҷаи хуб намедод онро дигар карда, аз пешниҳодҳои хирадмандонаи дигарон истифода мекарданд. Фарқ надошт он пешниҳод аз

ҷониби кадом шахсият аст, онҳоро ба худиву бегона тақсим намекарданд. Агар дар ҳар кишвари дигаре раҳбарон ин вижагиро дошта бошанд, имконияти васеъ барои рушду пешрафтро хоҳанд дошт ва агар надошта бошанд ояндаашон норавшан аст.

Баъдан, зиёиёни Ҷопон дар ин давра дар роҳи сохтмони давлати сифатан нав бо Ҳукумати Мейҷӣ пайвастанд, зеро диданд, ки раҳбарон аз манфиатҳои шахсии худ гузашта, ҳадафҳоеро мехоҳанд амалӣ созанд, ки дар маҷмуъ ба манфиати давлат ва миллати онҳо аст. Он ҳама талошҳо дар ҷодаи аз худ кардани илму технологияи нав ва паҳн кардани ин донишҳо дар миёни оммаи васеи мардум, ки зиёиёни ҷопонӣ дар давраи Мейҷӣ мекарданд, на дар ҳама кишварҳои дигар дида мешуд ва мешавад. Хушбахтона, барои ин миллат, дар миёни онҳо қишри мутлақгаро ва муфтхӯри рӯҳонӣ набуд. Барои қабули донишу таҷрибаи нав танҳо як ченак вуҷуд дошт ва он манфиатҳои миллии Ҷопони нав буд. Ченакҳои мазҳабӣ, ки дар бештар маврид монеи паҳншавии донишҳои нав дар Тоҷикистон мешаванд, дар Ҷопони рӯ ба инкишоф вуҷуд надоштанд. Абсурде ба монанди “равшанфикри мазҳабӣ” дида намешуд, ки мутаассифона дар гузашта ва имрӯз яке аз монеаҳои рушду шукуфоӣ дар Тоҷикистон аст. Мутаасифона ин гуна “равшанфикрон”-ро имрӯз дар муассисаҳои давлатӣ ва муассисаҳои илмӣ ҳам дида метавонем. Тоҷикистон ва ҳар давлати дигаре, ки донишу технологияи навро аз худ кардан мехоҳад ва мехоҳад нерӯи зеҳнии кишвараш баробарвазни кишварҳои пешрафта бошад, вазифадор аст, ки дасти чунин “равшанфикрон” ва умуман андешаи

диниро аз муассисаҳои давлатӣ ва махсусан муассисаҳои илмӣ кӯтоҳ намояд. Ислоҳотгарони Мейҷӣ андешаи мазҳабиро танҳо дар як ҳолат истифода бурданд ва он ҳам аз дини миллии худашон буд, ки ба наврасон эҳтироми императорро меомӯхтанд. Дигар дар ҳама ҳолат роҳи наҷоти ватанашонро дар омӯзиши донишу аз худ кардани технологияҳои нав медиданд, на дар эҳё ва таҷдиди муқарраротри диниву мазҳабӣ.

Ҳамчунин, саҳми соҳибкоронро дар ислоҳоти Мейҷӣ наметавон нодида гирифт. Аз як тараф соҳибкорони сарватманд бо пули худ аз хориҷа технологияҳои навро ворид карда, корхонаҳои истеҳсолӣ месохтанд. Онҳо ҷойҳои нави корӣ ва базаи андозбандии давлатро зиёд мекарданд ва донишҳои навро ба Ҷопон меоварданд. Аз ҷониби дигар, соҳибкорони дигаре, ки дар миёни тоҷирони хориҷӣ ва кишоварзону косибони ҷопонӣ миёнаравӣ мекарданд, аз вазъияти баамаломада сӯистифода намекарданд ва ҳосили заҳмати мардуми одиро бо нархҳои муносиб харидорӣ мекарданд. Кеничӣ Оҳно ин рафтори соҳибкорони ҷопониро дар китоби худ тавсиф мекунад ва таъкид мекунад, ки дар шароите, ки харидорони хориҷӣ иҷозати бевосита муносибат бо истеҳсолкунандагони ҷопониро надоштанд, соҳибкорони ба ин кор машғул метавонистанд мардуми заҳматкашро истисмор кунанд, вале ин корро накарданд. Албатта, аз бештари "ҳоҷисоҳибкорон"-и масҷидсози мо чунин муносибат бо заҳматкашонро интизор шудан мушкил аст, аммо таҷрибаи Ҷопон нишон медиҳад, ки дар сохтани як ҷомеаи пешрафта, соҳибкорон ҳам бояд шарик бошанд. Мушкили дигари ҷомеаи мо

соҳибкорони мансабдор ҳастанд, ки принсипи асосии иқтисоди бозаргонӣ, рақобати озодро вайрон месозанд ва монеи ҳама пешравиҳои назаррас мегарданд. Ҷопони Мейҷӣ ҳарчанд соҳибкорони бузурги муваффақро дастгирӣ мекард, аммо мансабдорон бо сӯистифода аз мансаб соҳибкорӣ намекарданд, на бевосита на бавосита.

Саҳми кишоварзон низ дар ислоҳоти Мейҷӣ кам набуд. Дар ду даҳсолаи аввал бештари даромади буҷети давлат аз соҳаи кишоварзӣ буд ва баъдан гарчӣ тадриҷан кам мешуд, вале даромад аз соҳаи кишоварзӣ дар буҷети ин кишвар ҷойгоҳи худро дошт. Баъдан бо вуҷуди дар аввал муқобилият нишон додан, ҳамин кишоварзон буданд, ки фарзандони худро дар мактабҳои нав хононда мутахассис барои соҳаи саноати босуръат рушдёбанда тайёр мекарданд. Дар мавриди ҷойгоҳи ин мутахассисон дар раванди ислоҳоти Мейҷӣ дар боло оварда будем.

Ҳама ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоие, ки дар Ҷопони давраи Мейҷӣ гузаронида шуд, дар заминаи доштани номус ва худшиносии миллӣ, фидокорӣ, меҳнати пурмашаққат ва шинохти дурусти ҷойгоҳи давлат ва миллати Ҷопон дар арсаи ҷаҳонӣ аз ҷониби император, раҳбарони сатҳҳои гуногун, зиёиён, соҳибкорон ва умуман қишри фаъоли аҳолӣ буд. Ин вижагиҳоро новобаста аз замон, ҷуғрофиё ва ҷойгоҳашон ҳар як кишвари ақибмондае, ки ҳадафи баробар шудан бо кишварҳои пешрафтаро дорад, бояд дошта бошад. Ҷопони Мейҷӣ барои Тоҷикистони азизи мо метавонад намуна ва улгуи хубе дар таййи масири рушду пешрафт бошад.

## Сарчашмаҳо


1. The Meiji Restoration and Modernization (http://afe.easia.columbia.edu/special/japan_1750_meiji.htm)
2. The Meiji Restoration: Roots of Modern Japan, Shunsuke Sumikawa, March 29, 1999
3. The economic development of Japan. The path traveled by Japan as a developing country, Kenichi Ohno, Tokyo, February 2006
4. Taxation in Japan, Garrett Droppers, The quarterly Journal of Economics, vol. 6, No. 4, July 1892

## 2.3. Ҷаҳони маҳдудиятҳо дар иқтисодиёт ва интихобҳо дар он[15]

*"Иқтисод як метод аст, то як таълимот. Як асбоби магз ва як техникаи андешидан аст, ки ба дорандаи он имкон медиҳад хулосаи дуруст барорад."*

*Ҷон Мейнард Кейнс (1883-1946)*

Иқтисод истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои маҳдуд аст. Дар ҳама замон ва дар ҳама сатҳ захираҳо доимо маҳдуд ҳастанд. Шахсони алоҳида, оилаҳо, ширкатҳои хурду бузург ва давлатҳову созмонҳои гуногун захираҳои муайян ва маҳдуд доранд, ки вазифаи иқтисодшиносон истифодаи дуруст ва гирифтани манфиати бештарин аз онҳо мебошад. Вазифаи иқтисод ҳам дарёфти пули бештар набуда, дарёфти роҳу усулҳои истифодаи дурусту босамари имконоти мавҷудае ҳаст, ки дар ҳама ҳолат маҳдуд ҳастанд. Илми иқтисод чи тавр фикр карданро меомӯзад, на чи фикр карданро. Тарзи фикрронии дурустеро, ки дар сохтани моделҳои иқтисодӣ барои кишварҳои гуногун кумак мекунад ва дар ҳар шароити хос модели муайян барои истифодаи дурусту босамари захираҳои мавҷуда сохта мешавад.

Яке аз принсипҳои бунёдии иқтисодиёт ин аст, ки ҳар як интихоб арзиши имкониятии худро дорад. Яъне дар сатҳи захираҳои маҳдуд, агар аз як колло истифода кардед, шумо имкони истифодаи яке дигарро аз даст хоҳед дод. Ё дар миёни ду коло як миёнҷиро интихоб бояд кард. Яъне як миқдори муайян аз ин маҳсулот

---

[15] Ин мақола дар маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа" №3-4 (7-8), 2017, саҳ.40. мунташир шудааст.

истеҳсол ва истеъмол мешавад ва манбаъҳои боқимонда барои истеҳсоли миқдори муайяни дигар мол равона карда мешаванд. Агар шумо хаста бошед ва ба хоб ниёз дошта бошеду дар конфронс хоб рафтед, аз донистани мавзӯи матраҳшуда маҳрум мешавед. Ё агар даромади худро сарфи бозиҳои комютерӣ кардед, дигар китоб харида наметавонед. Вазифаи иқтисодшинос дар ин ҷо ин аст, ки муайян кунад, дар ҳоли ҳозир арзиши имкониятии кадом як интихоб баландтар аст. Донистани мавзӯи конфронс заруртар аст ё хоб, бозии комютерӣ ё китоб. Ва ё дар миёни ду чиз интихоб бояд кард, ки аз кадомаш бояд зиёдтар харидорӣ ва истеъмол шавад ва аз кадомаш камтар. Хондан дар донишгоҳ ҳам арзиши имконотии худро дорад. Шумо на танҳо харҷи пули шартнома, китобу дафтар, утоқ ва хӯроку либосро мекунед, балки аз панҷ сол кор кардан ҳам маҳрум мешавед. Яъне агар маоши моҳона тақрибан 1000 сомонӣ бошад, дар баробари харҷҳои номбаршуда имконияти ба даст овардани 60 ҳазор сомониро (дар 5 сол) ҳам аз даст медиҳед. Ҳар як интихоб дар ҷаҳони пур аз маҳдудиятҳо арзиши худро дорад. Ин масъалаи интихоб миёни ду чиз тамоми инсониятро иҳота кардааст ва як қисмати зиндагии моро ташкил мекунад. Чунки маҳдудиятҳо дар ҳама ҳолат ва барои ҳама вуҷуд доранд. Бою камбағал ва ширкатҳову давлатҳо ҳам мувофиқи ҷойгоҳи худ бо маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ ҳастанд ва ҳама маҷбур аст дар доираи ин маҳдудиятҳо, миёни молу маҳсулоти истеҳсолшаванда ва истеъмолшаванда интихоб кунанд. Вақт як мисоли равшани захираҳои маҳдуд аст, ки барои ҳама, бе истисно, маҳдуд аст ва ба “соҳибони вақт”

истифодаи дурусти он лозим аст. Гузаштан аз баҳри як чиз, ба хотири дастрас кардани чизи дигар, ногузир аст. Чунки инсон дар ҷаҳони маҳдудиятҳо зиндагӣ мекунад ва наметавонад ҳама вақт пул, доройӣ ва таҷрибаву кор ва фароғатеро дастрас кунад, ки орзу мекунад. Ҷомеа ҳам ҳамчунин аст.

Новобаста аз сатҳи даромад, шахсони алоҳида дар асоси буҷаи маҳдуди худ тасмимгирӣ мекунанд. Ҳар як истеъмолкунанда ҳаҷми маҳдуди даромади худро дорад, ки дар асоси он маҳсулот ва хизматрасонии мавриди ниёзашро харидорӣ менамояд. Инро маҳдудияти буҷа (*budget constraint*) меноманд. Интихоб миёни ду чиз дар ҳудуди буҷаи шахсии худ дар асоси муайян кардани арзиши имкониятӣ (*opportunity cost*) сурат мегирад. Маълум аст, ки ҳангоми хариди як маҳсулот имкони хариди дигар аз даст меравад. Бояд муайян кард, ки хариди кадоме аз ин маҳсулот манфиати бештар меорад ва ҳамонро интихоб кард. Яъне инсонҳо доимо дар пешорӯи интихобу гузаштҳо қарор мегиранд ва маҷбуранд аз баҳри як маҳсулот қисман ё пурра гузаранд, то маҳсулоти дигареро харид кунад, ки ба он ниёзи бештар доранд. Дар бисёр маврид, пурра сарфи назар кардани як маҳсулот барои дастрасӣ ба дигараш дида намешавад. Бештар интихоб сари камтар истеъмоли як маҳсулот ва зиёдтар истеъмол кардани дигаре мешавад, ки айни замон манфиати бештар дорад. Албатта, дар воқеият як шахс танҳо ду маҳсулот истеъмол намекунад ва шумораи маҳсулотҳои мавриди ниёз хеле зиёд ҳастанд. Аммо интихоб ҳамеша вуҷуд дорад ва дар миёни маҳсулотҳои бешумор ҳам дар доираи буҷаи худ инсонҳо

интихоб хоҳанд кард, ки кадом маҳсулотро харидорӣ ва истеъмол кунанд ва аз баҳри кадомаш гузаранд. Ё аз кадом маҳсулот камтар харидорӣ кунанд ва шумораи кадоми дигарашро зиёдтар кунанд.

**Марзи имконоти тавлид ва интихобҳо дар ҷомеа.**

Ҳамон гуна, ки шахсони алоҳида наметавонанд ҳама он чизе, ки мехоҳанд, дастрас кунанд ва бо гузаштҳову интихоб рӯ ба рӯ мешаванд, ҷомеа ҳам бо ин гузаштҳову интихобҳо рӯ ба рӯ аст ва наметавонад дар як вақт дастрасӣ ба ҳама чизҳое дошта бошад, ки мавриди ниёзаш қарор доранд. Ҳудудҳои имконоти буҷа ва интихоб дар сатҳи ҷомеа бо модели Марзи имконоти тавлид (*production possibilities frontier*) тасвир карда мешавад. Аз сабабе, ки ҷомеа дар ҳар давраи муайян манбаҳои маҳдуд дорад (замин, сармоя, қувваи корӣ, ашёи хом ва ғ.), ногузир аст дар ҳудуди он интихоб кунад, ки чӣ ва дар кадом миқдор бояд истеҳсол шавад, то истифодаи самаранок ва пурраи захираҳои мавҷуд ба роҳ монда шавад.

Марзи имконоти тавлид графики хамшаклест, ки ҳамаи имконоти максималии истеҳсоли ду колоро, бо дарназардошти манбаъҳои дастрас ва факторҳои таъсиррасон, дар худ тасвир мекунад. Шахсони тасмимигиранда ин графикро омӯхта хулоса мекунанд, ки кадом маҳсулот бо кадом миқдор истеҳсол шавад, ки самаранокии максималӣ аз захираҳои маҳдуди айни замон мавҷудбуда ба роҳ монда шавад.

Дар мисоли истеҳсоли пахта ва гандум агар тақрибан имконоти як кишвар пурра истифода карда

шавад ва дар технологияҳо ягон тағйирот набошад, ҷадвали зерин гузинаҳои гуногунро барои истеҳсоли ин ду маҳсулот нишон медиҳад:

| Гузинаҳо | Пахта (ҳазор тонна) | Гандум (ҳазор тонна) |
|---|---|---|
| a | 0 | 100 |
| b | 15 | 90 |
| c | 30 | 75 |
| d | 45 | 55 |
| e | 60 | 30 |
| f | 75 | 0 |

Агар ҳамаи имконоти мавҷуда барои истеҳсоли гандум истифода карда шаванд, 100 000 тонна истеҳсол карда метавонанд. Агар ҳамаи имконот барои истеҳсоли пахта сафарбар шавад, пас 75 000 тонна пахта истеҳсол карда метавонанд. Инҳо ду интихоби ҳошиявие ҳастанд, ки онҳоро гузинаҳои *a* ва *f* меномем ва ҳангоми интихоби ин гузинаҳо танҳо як маҳсулотро истеҳсол мекунанд. Дар миёни онҳо гузинаҳои дигари *b, c, d* ва *e* ҳастанд, ки ҳар кадом як миқдор аз ҳарду маҳсулотро истеҳсол мекунанд. Дар гузинаи *c* агар 30 тонна пахта истеҳсол шавад, пас бо имконоти боқимонда метавонанд 75 тонна гандум истеҳсол намоянд, дар гузинаи *e* бошад ин таносуб баробари 60 бар 30 аст.

Марзи имконоти тавлидро дар графики зерин дида мебароем:




Гузинаҳои дар график нишондодашуда ва ҳар гузинаи дигаре, ки дар ҳамин хат ҷойгир мешавад, интихобҳое миёни истеҳсоли ду маҳсулот ҳастанд, ки дар онҳо ҳама имконони мавҷуда самаранок истифода шудаанд. Ҳар гузинаи дигаре, ки берун аз ин хат дар қисмати дохилии ин график ҷойгир мешавад, маънои пурра истифода накардани имконотро дорад. Нуқтаҳои берун аз ин хат дастнорас ҳастанд, чунки барои расидан ба онҳо манбаи бештар даркор аст, ки айни замон вуҷуд надоранд. Аз ҷониби дигар самаранокии тақсимоти манбаҳоро бо муайян кардани талаботи воқеии ҷомеа ба ду моли мавриди истифода қарор дошта, муайян мекунанд. Истифодаи самаранoктарини манбаҳо он вақт ба даст меояд, ки тақсимоти дурусти мувофиқи талаботи ҷомеа ба роҳ монда шавад. Яъне истеҳсоли ҳар маҳсулот ба андозаи талаботи он бояд ба роҳ монда шавад.

Бо вуҷуди он, ки ҷомеа маҷбур аст, интихоб кунад, ки кадом маҳсулотро бо кадом андоза истеҳсол кунад,

муҳим нест, ки тамоми молу маҳсулот ва хизматрасоноҳоро ҳатман бояд худ истеҳсол кунад. Кишварҳо дар истеҳсоли молу маҳсулоти муайян бартариҳо доранд, ки вобаста ба иқлим, захираҳои табиӣ, шароити ҷуғрофӣ, технологияҳо ва маҳорати мутахассисони худ имкон доранд молу маҳсулоти муайянро бо нархҳои нисбатан арзон истеҳсол намоянд. Инро бартарии нисбӣ (*Comparative Advantage*) меноманд, ки дар тасмимгириҳо нақши муайянкунадаро дорад. Барои ба роҳ мондани истеҳсоли як маҳсулот арзиши аслии онро муайян карда, бо арзиши ҳамон мол, ки аз дигар кишвар ворид карда мешавад муқоиса мекунанд. Агар моли воридшаванда нисбат ба ватанӣ арзонтар бошад ба роҳ мондани истеҳсоли он дар дохил нодуруст ба ҳисоб меравад ва маънои истифодаи камсамари манбаҳоро дорад. Бояд муайян кард, ки кишвар дар истеҳсоли кадом молу маҳсулот бартарии нисбӣ дорад ва ҳамон молу маҳсулотро бояд истеҳсол кард. Ба ҷойи мисол метавон ду кишвар Тоҷикистон ва Қазоқистонро дар истеҳсоли ду маҳсулоти кишварзӣ пахта ва гандум овард. Шароити Тоҷикистон дар истеҳсоли пахта бартарии худро дорад ва Қазоқистон дар истеҳсоли гандум бартарӣ дорад. Тоҷикистон метавонад бештари имконоти худро барои истеҳсоли пахта сафарбар намояд ва Қазоқистон дар навбати худ барои истеҳсоли гандум. Ин ҷо савдои байналмилалӣ кори боқимондаро иҷро карда, дар расонидани гандуми Қазоқистон ба Тоҷикистон ва пахтаи Тоқикистон ба Қазоқистон мусоидат мекунад. Дар натиҷа ҳам талаботи ду кишвар ба пахта ва гандум таъмин мешавад ва ҳам имконоти ду

кишвар самаранок истифода карда мешаванд. Истеҳсоли маҳсулот дар маҷмуъ метавонад ба таври назаррас зиёд шавад, агар кишварҳо ҳамон маҳсулотеро истеҳсол кунанд, ки дар он бартарии нисбӣ доранд ва қисме аз онҳоро дар бозори ҷаҳонӣ барои ба даст овардани маҳсулоти боқимондаи мавриди ниёзи худ ба савдо бароранд.

Маҳдуд будани захираҳо дар ҳама сатҳ як воқеияти раднопазир аст ва масъалаи асосӣ дар пеши иқтисодшиносон ва сиёсатмадорони тасмимгиранда, на бартараф кардани ин маҳдудиятҳо, балки интихоби дурусти гузинаҳо дар ҷаҳони интихобҳо аст. Дар ҷаҳони маҳдудиятҳо интихобҳои бешуморе вуҷуд доранд, ки чи тавр бояд захираҳои маҳдуди айни замон дастрас истифода шаванд, то аз онҳо манфиати бештарин ба даст ояд. Интихоби дуруст, истифодаи аз ҳама самараноки захираҳо, боиси пешравӣ ва шукуфоии ҳар як кишвар мегардад. Ва баръакс, интихобҳои нодуруст, маънои истифодаи камсамари захираҳоро дошта, сарчашмаи ақибмондагиҳост ва мушкилоти зиёдеро ба бор меоварад.

### Сарчашмаҳо


1. OpenStax, Principles of Economics. OpenStax. 19 March 2014. http://cnx.org/content/col11613/latest/
2. Production Possibility Frontier – PPF. http://www.investopedia.com/terms/p/productionpossibilityfrontier.asp
3. Production Possibility Frontier. https://www.tutor2u.net/economics/reference/production-possibility-frontier

5. Production Possibility Curve (Explained With Diagram)
http://www.economicsdiscussion.net/production/production-possibility-curve-explained-with-diagram/1563
6. Граница производственных возможностей. http://www.grandars.ru/student/ekonomicheskaya-teoriya/granica-proizvodstvennyh-vozmozhnostey.html
7. ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ТЕОРИЯ. Экономический выбор. Граница производственных возможностей. Альтернативные издержки. http://www.aup.ru/books/m98/1_3.htm 10.12.2017

## 2.4. Сатҳи рутбаи эътиборӣ қарзӣ ва таъсири он ба арзиши қарзҳои давлатӣ[16]

### Пешгуфтор

Қарзӣ давлатӣ маҷмуи ӯҳдадориҳои давлат дар назди аҳолӣ, давлатҳои хориҷӣ, ширкатҳои хориҷиву ватанӣ ва созмонҳои гуногуни байналмиллалӣ мебошад. Сабаби асосии пайдоиш ва ташаккули қарзи давлатӣ мавҷудияти касри буҷет аст, яъне вақте хароҷоти буҷети як кишвар аз даромади он зиёд мегардад, он давлат асосан рӯй ба гирифтани қарз меорад. Ба таври дигар гуфтан мумкин аст, ки қарзи давлатӣ ин маҷмуи касри буҷет дар солҳои гузашта аст, ки давлат барои пӯшонидани он вом гирифтааст ва онҳоро то ҳол пас нагардондааст. Сармоягузориҳои давлат ба соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисодӣ яке аз сабабҳои муҳими дигари ба вуҷуд омадани қарзи давлатӣ мебошад. Рушди пайвастаи иқтисодӣ ҳадафи ҳар як кишвар аст ва дар ин раванд давлатҳо новобаста аз сатҳи тараққиёт ва сарватмандӣ ба қарз эҳтиёҷ пайдо мекунанд. Аз ин ҷост, ки ҳама кишварҳо қарзи давлатӣ доранд ва масъалаи мудирияти дурусти он дар пеши ҳар як кишвар меистад. Мудирияти дурусти қарзи давлатӣ яке аз роҳҳои муътадил нигоҳ доштани низоми молиявӣ мебошад, ки асоси рушду пешрафти ҳар кишвар аст. Яке аз

[16] Ин мақола дар маҷмуаи "Силсилаи мақолаҳо. Дастгирии тадқиқоти мустақили таҳлилӣ ва ҷалби ҷомеаи академӣ". Силсилаи сеюм. Институти "Ҷомеаи кушода", Бунёди мадад. Саҳ. 56., 2018 мунташир шудааст.

нишондиҳандаҳои дурустии мудирияти қарзи давлатӣ ин ҷойгоҳи як кишвар дар раддабандии Агентиҳои рутбабандии эътибори қарзӣ мебошад. Чунки он фоизи қарзҳои гирифташударо муайян мекунад ва ба арзиши ин қарзҳо таъсири назаррас дорад.

**Муҳимияти мавзӯъ:**

Маълум аст, ки қарз гирифтан хароҷоти муайян дар шакли фоизро дорад ва ин хароҷот дар мисоли қарзи давлатӣ бори души буҷет мегардад ва як қисмати хароҷотии дигар дар буҷети бе ин ҳам камбудидошта ворид мегардад. Албатта ин маъно надорад, ки давлат бояд ҳатман аз қарз гирифтан даст кашад ва касри буҷетро бо дигар роҳҳо пӯшонад, ба монади бардоштани фоизи андозҳо ё кам кардани қисмати хароҷотии буҷет. Чунки дар ин ҳолат мушкилоти дигар пеш меояд, аз қабили муфлис шудан ва аз кор мондани субъектҳои андозсупоранда ва ё бад шудани шароити иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ. Бинобар ин, масъалаи асосӣ даст кашидан аз гирифтани қарз нест, балки мудирияти дурусти он аст, ки шароити мусоидро барои дастрас кардани қарзҳои дарозмуддат бо фоизҳои паст фароҳам мекунад. Дар Сатратегияи идораи қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аҳдофи давлат, ҷалби қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат бо фоизҳои паст, муайян карда шудааст, ки барои пешгирии вазниниҳо ба буҷети давлатӣ нигаронида мешавад.

Қарзҳои хориҷие, ки то имрӯз мавҷуд буданд фоизи нисбатан паст ва муҳлати дароз доштанд, ки ҳолати қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муътадил нигоҳ медоштанд. Ин мудирияти дурусти қарзи давлатӣ дар

солҳои гузаштаро нишон медиҳад, ки сарчашмаҳои он қарзҳо кишварҳо ва созмонҳои байналмиллалӣ буданд ва дар асоси шартномаҳои давлатӣ бо онҳо дастрас мешуданд. Барои гирифтани ин қарзҳо хулосаи Агентиҳои байналмиллалии рутбабандии эътибори қарзӣ лозим набуд. Аммо дар авохири соли 2017 Тоҷикистон ба хотири дарёфти маблағҳои қарзӣ барои идомаи сохтмони Нерӯгоҳи Барқӣ-Обии "Роғун", бори нахуст дар таърих ба бозори молиявии ҷаҳонӣ баромад. Барои ба фурӯш баровардани қоғазҳои қимматноки давлатӣ ё бондҳо, хулосаи Агентиҳои байналмилалии рутбабандии эътиборӣ зарур буд. Тоҷикистон аз ду Агентӣ хулоса гирифт, ки онҳо рутбаи нисбатан пастро ба Тоҷикистон доданд. Дар натиҷа Тоҷикистон бо фурӯши евробондҳо 500 миллион доллар маблағи қарзӣ ба даст овард, ки баҳраи солонаи он 7,125% ва муҳлати баргардонии он 10 сол мебошад. Дар муқоиса ба қарзҳои қаблӣ, ин қарз бо фоизи баланд буда, хароҷоти умумии буҷаи давлат барои пардохти фоизи қарзҳои хориҷиро тақрибан ду баробар зиёд мегардонад. Бинобар ин, масъалаи баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон дар рутбабандии Агентиҳои байналмилалии рутбабандии эътиборӣ имрӯз муҳим ба назар мерасад. Омӯзиши ин масъала ва муайян ва бартараф кардани камбудиҳои мавҷуда дар ин соҳа дар вазъияти имрӯза муҳим аст. Ба ин хотир, ки дар оянда онҳо бартараф карда шаванд ва қарзҳое, ки дар оянда барои сохтмони иншоотҳои ҳаётан муҳим ҷалб карда мешаванд бо фоизҳои нисбатан пасттар бошанд, то вазнинии иловагӣ ба бе ин ҳам буҷаи касрдоштаи мо наоранд. Ин мавзӯъ бояд мавриди

омӯзишу таҳлил қарор гирифта, кӯшиш карда шавад, ки роҳу усулҳои беҳтар кардани вазъият пайдо карда шавад.

**Мақсад ва вазифаҳо**

- Муайян кардани ҳаҷми умумии қарзи давлатии Тоҷикистон ва муқоисаи он бо нишондиҳандаҳои дигар. Аз ҷумла муайян кардани ҳаҷми қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД, нисбати он ба ҳаҷми содироти молу хизматрасониҳо, нисбати он ба даромади умумии буҷет ва ҳаҷми қарз бар сари ҳар шаҳрванд.
- Муайян кардани ҳаҷми маблағҳое, ки аз буҷаи давлат ҳамҷун баҳраи қарзҳои хориҷии давлатӣ сарф карда мешаванд. Муқоисаи он бо хароҷоти давлат ба соҳаҳои алоҳида.
- Муқоисаи нишондиҳандаҳои қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд кишварҳои дигаре, ки бо Тоҷикистон қобили муқоиса ҳастанд.
- Муайян кардани ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рутбабандиҳои Агентиҳои байналмилалии рутбабандии эътиборӣ, муқоисаи он бо кишварҳои дигар ва муайян кардани нуқтаҳои заъфи Тоҷикистон ва бартариҳои кишварҳои дигар.
- Коркарди пешниҳоду тавсияҳо бобати беҳтар кардани сатҳи рутбаи эътибори қарзии Тоҷикистон ва кам кардани таъсири манфии қарзи давлатӣ ба буҷети кишвар.

**Усулҳои таҳқиқ:**

Дар ин матлаб асосан аз таҳлили муқоисавӣ истифода карда мешавад. Таҳлили маълумотҳои омории

ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, таҳлили маълумотҳои пешниҳодкардаи дигар муҳаққиқон, омӯзиши ҳуҷҷатҳо ва қонунҳои вобаста ба мавзӯъ, таҳлили маводҳои рӯзномаву маҷалаҳо.

**Манбаъҳои истифодашаванда:** Қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба қарзи давлатӣ, сохтори он ва ҳудудҳои ҳаҷми маблағҳои қарзӣ, Ҳисоботҳои Вазорати молияи ҶТ доир ба вазъи қарзи давлатии Тоҷикистон дар солҳои гуногун. Сомонаҳои созмонҳо ва кишварҳои хориҷӣ. Дастуру қоидаҳои фаъолияти Агентиҳои байналмилалии турбабандии эътиборӣ. Матлабҳои рӯзномаву маҷалаҳои гуногун доир ба мавзӯъ.

**Таҳлили ҳолати қарзи давлатӣ барои арзёбии вазъияти мавҷуда**

Идораи дурусти қарзи давлатӣ ва истифодаи мақсадноки он яке аз вазифаҳои асосии Ҳукумати кишвар мебошад. Қарзи давлатӣ, ки асосан барои пӯшонидани касри буҷет ва маблағгузории соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисодӣ гирифта мешавад, набояд то он дараҷа зиёд ё гаронарзиш бошад, ки барои хизматрасонии он харҷи зиёд шавад ва таъсири манфии он ба рушди иқтисод ва сатҳи зиндагии аҳолӣ расад. Роҳҳои гуногуни арзёбии ҳолати қарзи давлатӣ вуҷуд доранд, ки умдатарини он ҳаҷми қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД мебошад. Бо вуҷуди он ки аз ин усул зиёд истифода мешавад ва ҳадди болоии гирифтани қарз ҳам бо ҳамин усул муайян мешавад, ҳаҷми қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД тасвири пурраи қарзи давлатиро ифода намекунад. Бинобар ин, коршиносон аз усулҳои дигари арзёбии қарзи давлатӣ

ҳам истифода мекунанд. Ба монанди ҳаҷми қарз бар сари ҳар як шаҳрванд, муқоисаи хароҷотҳои буҷет барои хизматрасонии қарзи давлатӣ бо хароҷот ба соҳаҳои алоҳида (маориф, тандурустӣ ва ғайра), нисбати ҳаҷми қарзи давлатӣ ба даромади умумии буҷет, нисбати он ба ҳаҷми содироти молу хизматрасониҳо ва ғайра.

Дар Ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолати қарзи давлатӣ барои соли 2016 омадааст, ки шумораи умумии қарзҳои хориҷии Тоҷикистон 152 адад буда, баҳраи онҳо аз 0.15% то 3%-солона, муҳлати имтиёзноки онҳо аз се то даҳ сол ва муҳлати бозпардохти қарзҳо аз 15 то 40 солро ташкил медиҳад. Аммо ин ҳолат тадриҷан дорад дигар мешавад.

Қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири соли 2017 ба 2 миллиарду 879 миллион доллари амрикоӣ баробар шуд. Ин нишондиҳанда дар соли 2016 2 миллиарду 274 миллион доллари амрикоиро ташкил мекард. Ҷадвали 1 қарзи хориҷиро дар даҳ соли охир нишон медиҳад.

Ҷадвали 1. Қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳ соли охир

Миллион доллари ИМА

| Солҳо | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳаҷми қарзи хориҷӣ** | 1371,4 | 1691,3 | 1942,8 | 2124,3 | 2169,4 | 2188,5 | 2095,9 | 2194,5 | 2274,1 | 2879,01 |

(Сарчашмаҳо дар рӯйхати адабиётҳо таҳти рақамҳои 8, 9, 10, 15 ва 17 оварда шудаанд)

Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳ соли охир мунтаззам зиёд

шудааст. Танҳо дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 камшавӣ ба назар мерасад. Агар дар соли 2008 ҳаҷми қарзи давлатӣ ба 1371.4 миллион доллари ИМА баробар буд, дар соли 2017 ин нишондиҳанда зиёда аз ду баробар боло рафта, 2879.01 миллион доллари амрикоиро ташкил кардааст. Динамикаи қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсоли охир дар диаграмаи 1 дода шудааст.

Диаграмаи 1. Динамикаи қарзи хориҷӣ (2008-2017) Миллион доллари ИМА




Нисбати қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар ин даҳ сол дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 2. Нисбати қарзи давлатӣ ба ММД
Миллион доллари ИМА

| Column1 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қази давлатӣ | 1371,4 | 1691,3 | 1942,8 | 2124,3 | 2169,4 | 2188,5 | 2095,9 | 2194,5 | 2274,1 | 2879,01 |
| ММД | 5133,48 | 4718,96 | 5647,67 | 6523,58 | 7592,98 | 8506,25 | 9241,36 | 7851,67 | 6948,2 | 7143,9 |
| Нисбати ҚД ба ММД | 26,7 | 35,8 | 34,4 | 32,5 | 28,5 | 25,7 | 22,7 | 27,9 | 32,7 | 40,3 |

(Сарчашмаҳо дар рӯйхати адабиётҳо таҳти рақамҳои 8, 9 ва 15 оварда шудаанд)

Мувофиқи стратегияи идораи қарзи давлатӣ барои солҳои 2015-2017 ҳадди болоии қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2017 дар сатҳи 40 дар сади ММД муайян шуда буд. Коршиносон бар ин назаранд, ки дар ҳудуди то чил дарсади ММД будани қарзи хориҷӣ, хатари ҷиддие ба буҷети давлат, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисод вуҷуд надорад. Ин нишондиҳанда то авохири соли 2017 муътадил нигаҳ дошта мешуд ва он дар соли 2016 ба 32.7 дар сад баробар буд. Вале дар охири соли 2017 ин нишондиҳанда ба 40.3 дарсад расид, ки ин хароҷоти буҷет барои пардохти фоизҳои қарзи берунаро дар соли 2018 ду баробар зиёд мекунад.

Аз ҷадвали 2 бармеояд, ки аз соли 2010 то соли 2014 Нисбати қарзи давлатӣ ба ММД рӯ ба поён ниҳода ин нишондиҳанда агар дар соли 2009 35.8 дарсадро ташкил

мекард, дар соли 2014 он ба 22.7 дарсад расидааст. Сабаби ин коҳишёбӣ рушди пайдарпайи ММД ва дар барбари ин муътадил нигаҳ доштани ҳаҷми қарзи давлатӣ мебошад. Аммо аз соли 2015 ин нишондиҳанда рӯ ба афзоиш ниҳода дар охири соли 2017 он марзи 40 дар садро убур кард. Динамикаи тағйирёбии нисбати қарзи хориҷӣ ба Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар диаграмаи 2 оварда шудааст.

Диаграмаи 2. Динамикаи нисбати қарзи хориҷӣ ба ММД (2008-2017)




Новобаста аз камшавии нисбати қарзи давлатӣ ба ММД, хароҷоти давлат барои хизматрасонии он дар тули ин солҳо дар маҷмуъ зиёд шудааст. Танҳо дар соли 2010 нисбат ба соли 2009 ин нишондиҳанда ба таври назаррас кам шудааст ва дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 он ба таври ночиз кам шудааст. Ҷадвали 3 хароҷоти давлат барои хизматрасонии қарзи хориҷиро нишон медиҳад.

Ҷадвали 3. Хароҷот барои хизматрасонии қарзи хориҷӣ Миллион доллари ИМА

| Солҳо | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷот барои хизматрасонии қарзи хориҷӣ | 17,1 | 29,6 | 24,3 | 28,1 | 30,9 | 30,9 | 31,6 | 31,4 | 33,7 |

(Сарчашмаҳо дар рӯйхати адабиётҳо таҳти рақамҳои 8, 9 ва 15 оварда шудаанд)

Динамикаи хароҷот барои хизматрасонии қарзи давлатӣ дар диаграмаи 3 нишон дода шудааст.

Диаграмаи 3. Динамикаи хароҷот барои хизматрасонии қарзи давлатӣ (2008-2016)



Роҳи дигари арзёбии қарзи хориҷӣ ин ҳаҷми қарзи хориҷӣ бар сари ҳар як шаҳрванд мебошад. Ҷалвали 4 қарзи саронаи аҳолиро дар солҳои 2008-2017 нишон медиҳад.

Ҷадвали 4. Қарзи саронаи аҳолӣ (2008-2017)
долл. ИМА

| Column1 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Қарзи саронаи аҳолӣ** | 189,13 | 228,01 | 254,92 | 271,4 | 271,6 | 268,16 | 250,94 | 256,63 | 260,11 | 323,48 |

(Сарчашмаҳо дар рӯйхати адабиётҳо таҳти рақамҳои 8, 9 ва 15 оварда шудаанд)

Аз ҷадвали 4 бармеояд, ки ҳарчанд ҳаҷми ин қарз пайваста зиёд шудааст, ба истиснои солҳои 2013 ва 2014, вале ин зиёдшавӣ дар сатҳи паст нигаҳ дошта шудааст. Танҳо дар соли 2017 суръати афзоиши он нисбатан зиёдтар ба назар мерасад. Бояд дар назар дошт, ки зиёдшавии пайвастаи аҳолӣ ҳам таъсири худро ба ин раванд расонидааст. Чуники шумораи аҳолии Тоҷикистон дар тулии ин солҳо пайваста зиёд шудааст ва агар дар соли 2008 ба 7.2508 миллион нафар баробар бошад дар соли 2016 он ба 8.7428 миллион нафар расидааст. Динамикаи қарзи хориҷӣ бар сари аҳолӣ дар диаграмаи 4 нишон дода шудааст.

Диаграмаи 4. Динамикаи қарзи саронаи аҳолӣ (2008-2017) долл. ИМА




Роҳи дигари арзёбии ҳаҷми қарзи хориҷӣ муқоисаи он бо даромади умумии буҷети давлатӣ ва ҳаҷми умумии содироти молу хизматрасониҳо дар як кишвар мебошад. Диаграммаи 5 муқоисаи ин нишондиҳандаҳо барои Тоҷикистон дар соли 2016 мебошад.

Диаграммаи 5. Муқоисаи қарзи хориҷӣ бо даромади умумии буҷет ва ҳаҷми содирот дар соли 2016




(Сарчашмаҳо дар рӯйхати адабиётҳо таҳти рақамҳои 8, 9 ва 15 оварда шудаанд)

Аз диаграммаи 5 бармеояд, ки даромади умумии буҷет дар соли 2016 2 348,9 миллион доллари амрикоиро ташкил кардааст, ки ин аз ҳаҷми умумии қарзи хориҷӣ дар соли мазкур зиёдтар аст. Аммо ҳаҷми содироти молу хизматрасониҳо аз ҳаҷми қарзи давлатӣ ба маротиб кам аст ва он ҳамагӣ 898,7 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки ин тақрибан ба 40 дар сади ҳаҷми ӯҳдадориҳои қарзии давлат баробар аст.

Хароҷоти буҷет барои хизматрасонии қарзҳои давлатиро метавон дар муқоиса бо хароҷоти буҷет барои маориф ва тандурустӣ арзёбӣ кард. Диаграммаи 6 ҳаҷми умумии хароҷоти давлат барои маориф, тандурустӣ ва фоизи қарзҳои хориҷиро дар соли молиявии 2016 нишон медиҳад.

Диаграммаи 6. Муқоисаи хароҷотҳои буҷет барои маориф, тандурустӣ ва пардохти фоизҳои қарзи хориҷӣ




(Сарчашмаҳо дар рӯйхати адабиётҳо таҳти рақамҳои 8, 9 ва 15 оварда шудаанд)

Дар соли 2016 барои хизматрасонии қарзҳо ё худ пардохти фоизҳо аз буҷети давлатӣ 33,7 миллион доллари амрикоӣ равона карда шудааст. Ин тақрибан ба

8,4 дар сади хароҷот барои маориф ва 22,8 дар сади хароҷот барои тандурустиро ташкил медиҳад. Ҳаҷми хароҷоти буҷетӣ дар соли 2016 барои маориф ва тандурустӣ мутаносибан ба 400,7 миллион доллари амрикоӣ ва 147,8 миллион доллари амрикоӣ баробар аст.

## Сохтори қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016

Дар соли 2016 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 2274,1 миллион доллари амрикоӣ қарзи хориҷӣ дошт, ки ба қарзҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ва инчунин қарзҳое, ки давлат ба онҳо кафолат додааст дохил мешуданд. Ҷадвали 5 сохтори қарзи хориҷиро дар соли 2016 нишон медиҳад.

Ҷадвали 5. Сохтори қарзи хориҷии Тоҷикистон дар соли 2016 милл. Долл. ИМА

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Чин (Эскимбонк) | 1197,31 |
| 2 | Бонки Ҷаҳонӣ | 293,4 |
| 3 | Бонки осиёии рушд | 225,3 |
| 4 | Бонки исломии рушд | 109,5 |
| 5 | СБП | 107 |
| 6 | Фонди зиддибурҳонии ИИАО | 65,3 |
| 7 | Фонди Саудӣ | 44,9 |
| 8 | Фонди ОПЕК | 40,4 |
| 9 | Фонди Қувайт | 39,3 |
| 10 | Фаронса | 24,8 |
| 11 | Бонки KFW-и Олмон | 21,8 |
| 12 | Фонди Абу-Дабӣ | 13 |
| 13 | БАТР | 11,3 |
| 14 | ИМА | 6,47 |
| 15 | Иттиҳоди Аврупо | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 16 | Дигар қарзҳо | 69,32 |
| | Ҳамагӣ | 2274,1 |

(Сарчашма дар рӯйхати адабиётҳо тахти рақами 15 оварда шудааст)

Аз ҷадвал бармеояд, ки қисми зиёди қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Эскимбонки Чин рост меояд. Ҳаҷми он дар соли 2016 ба 1197,31 миллион доллари амрикоӣ баробар буда, 52,65 дар садӣ ҳаҷми умумии қарзи хориҷии кишварро ташкил медиҳад. Ба сегонаи аввал Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Осиёии рушд дохил мешванд, ки ҳаҷми қарзи онҳо мутаносибан ба 293,4 ва 225,3 миллион доллари амрикоӣ баробар аст ва онҳо мутаносибан 12,9 ва 9,9 дарсади ҳаҷми умумии қарзи хориҷиро ташкил медиҳанд. Диаграммаи 7 сохтори қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли 2016 нишонмедиҳад.

Диаграммаи 7. Сохтори қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли 2016



## Муқоисаи қарзи давлатии кишварҳои гуногун дар соли 2016

Муқоисаи қарзи хориҷии Тоҷикистон бо кишварҳои дигар яке аз роҳҳои дигари арзёбии он мебошад. Кишварҳои алоҳидаро метавон бо Тоҷикистон муқоиса кард ва фарқият миёни ҳаҷми қарзи хориҷии онҳо, нисбати он ба ММД ва қарз бар сари аҳолиро дар ҳар кишвар арзёбӣ кард. Ин ҷо қарзи хориҷии Тоҷикистонро бо панҷ кишвари собиқ Шӯравӣ дида мебароем. Панҷ кишваре, ки аз ҷиҳати масоҳат, шумораи аҳолӣ ва захираҳои табиӣ бо ҳам наздикӣ дошта, дар як замон ба истиқлолият расиданд ва ташаккулёбии қарзи хориҷии онҳо дар як замон оғоз шудааст. Дар ҷадвали 6 ҳаҷми қарзи хориҷӣ, нисбати он ба ММД ва қарз бар сари аҳолӣ дар ин кишварҳо дар соли 2016 оварда шудаанд.

Ҷадвали 6. Ҳаҷми қарзи хориҷӣ, нисбати он ба ММД ва қарзи саронаи аҳолӣ дар 6 кишвар

| Номи кишвар | Ҳаҷми қарз (млн $) | Ҳаҷми қарз нисбат ба ММД % | Қарз бар сари аҳолӣ ($) |
|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | 2274,1 | 32,7 | 260,11 |
| Қирғизистон | 3742,7 | 56,6 | 615,28 |
| Гурҷистон | 4515,7 | 31,5 | 1214,22 |
| Арманистон | 4798 | 45,48 | 1640,34 |
| Молдова | 6594,7 | 97,7 | 1856,61 |
| Белорусия | 13645,1 | 28,77 | 1435,27 |

Аз ҷадвал бармеояд, ки дар баробари аз дигарон зиёд будани ҳаҷми қарзи Ҷумҳурии Белорусия (13 645,1 $) нисбати он ба ММД аз дигарон камтар аст ва қарз бар сари аҳолӣ дар ин кишвар аз Молдова ва Арманистон камтар буда, аз Қирғизистону Тоҷикистон зиёд аст. Ҳаҷми қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД аз ҳама зиёд дар Ҷумҳурии Молдова аст, ки ба 97,7 дар сад баробар мебошад. Баъди он Қирғизистон бо 56,6 дар сад ва Арманистон бо 45,48 дар сад мутаносибан ҷойи дуюму сеюмро дар ин ҷадвал гирифтаанд. Дар сутуни қарз бар сари аҳолӣ ҳам Молдова, бо 1856,61 доллари амрикоӣ, ҷойи аввалро ишғол менамояд ва Арманистону Белорусия бо 1640,34 ва 1435,27 доллари амрикоӣ мутаносибан дар ҷойҳои дуюм ва сеюм меистанд. Тоҷикистон дар ин рӯйхат аз ҳама ҳаҷми қарзи камтарро дорад, ки 2274,1 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Қарз бар сари аҳолӣ ҳам аз дигарон камтар буда, 260,11 доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Аммо нисбати қарзи Тоҷикистон ба ММД аз Белорусия ва Гурҷистон зиёдтар аст ва агар дар ин кишварҳо нишондиҳандаи мазкур мутаносибан ба 28,77 дар сад ва 31,5 дар сад баробар бошанд, дар Тоҷикистон ин нишондиҳанда 32,7 дар садро ташкил медиҳад. Диаграммаи 8 ифодагари нишондиҳандаҳои зикршуда дар панҷ кишвари номбаршуда дар соли 2016 мебошад:

Диаграмаи 8. Муқоисаи кишварҳои зикршуда




## Агентиҳои байналмилалии рутбабандии эътиборӣ  Ҷойгоҳи Тоҷикистон дар рутбабандии онҳо

Рутбабандии эътиборӣ ин арзёбии имконоти як ширкат, як вилоят, як шаҳр ва ё як давлат мебошад, ки дар асоси иқтидори иқтисодӣ, собиқаи қарзгирӣ, амнияти молӣ, пешбиниҳои рушд ва ҳадафҳои қарзгирии онҳо анҷом дода мешавад. Рутбаи эътиборӣ муайянкунандаи амнияти қоғазҳои қимматноки давлат ё ширкат мебошад. Он аз тарафи Агентиҳои байналмилалии рутбабандии эътиборӣ иҷро карда мешавад, ки харҷи иҷрои арзёбиҳо ба ӯҳдаи қарзгирандагон аст. Яъне ширкатҳо, устондорон ё ҳукуматҳои давлатҳо ба ин Агентиҳо маблағ пардохт мекунанд, то сатҳи эътибори қарзии онҳоро муайян кунанд. Агентиҳои байналмилалии рутбабандии эътиборӣ дар навбати худ қарзгиронро аз рӯйи

ҷадвалҳои муайян баҳогузорӣ карда, эҳтимоли бозпардохти қарз бо фоизҳояш аз тарафи ин қарзгирон бо ҳарфҳои лотинӣ муайян карда мешаванд. Масалан, Агентии байналмилалии рутбабандии Standard & Poors баҳои аз ҳама болоро бо AAA ифода карда, бо паст будани эҳтимоли бозпардохт онро бо AA, BBB, C ва D баҳогузорӣ мекунад. Дар баробари ин аз нишондиҳандаҳои ояндабинӣ ҳам истифода мешавад, ки аз чор муайянкунанда иборат буда, ҳаракати эҳтимолии рутбаи қарзгирро дар се-чор соли оянда ифода мекунанд:

1. "Мусбат"-рутба метавонад боло равад.
2. "Манфӣ"-рутба метавонад поён равад.
3. "Муътадил"-эҳтимолияти тағйирёбии рутба кам аст.
4. "Такомулёбанда"-рутба метавонад ҳам боло равад ҳам поён равад.

Ҷадвали 7. Рамзҳои истифодашавандаи Агентиҳои рутбабандии эътиборӣ

| Тафсири рамзҳо | Standard & Poors ва Fitch | Moody's |
|---|---|---|
| Сифати олӣ | AAA | Aaa |
| Дараҷаи баланди эътимод | AA+ | Aa1 |
| | AA | Aa2 |
| | AA- | Aa3 |
| Зарфияти пардохти қавӣ | A+ | A1 |
| | A | A2 |
| | A- | A3 |
| Зарфияти пардохти | BBB+ | Baa1 |

| | | |
|---|---|---|
| миёна | BBB | Baa2 |
| | BBB- | Baa3 |
| Эҳтимолан ӯҳдадориҳоро иҷро мекунад, номуайянӣ вуҷуд дорад | BB+ | Ba1 |
| | BB | Ba2 |
| | BB- | Ba3 |
| Хатари иҷро нашудани ӯҳдадориҳо баланд аст | B+ | B1 |
| | B | B2 |
| | B- | B3 |
| Дефолт имконпазир аст | CCC+ | Caa1 |
| | CCC | Caa2 |
| | CCC- | Caa3 |
| Варшикастагӣ ё дефолт шудааст ё ба он наздик аст | CC | Ca |
| | C | C |
| | D | D |

Агентиҳои байналмилалии рутбабандӣ аз усули воқеъбинӣ, мустақилият, бознигарии доимӣ ва шаффофият истифода мекунанд.

Муҳимияти баҳогузории Агентиҳои байналмилалии рутбабандӣ барои қарзгирон дар он аст, ки он барои гирифтани қарз бо фоизҳои дастрас зарур аст. Бе гирифтани хулосаи чунин Агентиҳо як ширкат, як вилоят ё як давлат наметавонад қоғазҳои қимматноки худро дар бозори ҷаҳонӣ ба фурӯш барорад. Баҳои баланди Агентиҳои байналмилалии рутбабандии эътиборӣ дастрасии қарзгирандаро ба гирифтани қарз дар муддати кутоҳ бо фоизи паст ва бо шароити хуб осон мегардонад.

Баръакс баҳои паст гирифтан дар арзёбиҳои эътиборӣ муҷиби гирифтани қарзҳои гаронарзиш мегардад. Аз ин ҷост, ки қарзгирон худ маблағ сарф карда, хулосаи Агентиҳои байналмилалии рутбабандии эътибориро дар мавриди ширкат, вилоят ё давлати худ мегиранд. Профессори Донишгоҳи Кейпи Ғарбии Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ Метю Кофӣ Окран бо ду сабаб Агентиҳои рутбабандии эътибориро барои кишварҳои рӯ ба рушд ниҳоятан муҳим мешуморад. Якум, ин рутбабандиҳо ҳамчун таҳрики ахлоқӣ амал карда, кишварҳои рӯ ба рушдро маҷбур месозад, то сиёсати пуливу молиявии санҷидашуда ва созандатареро пеш гиранд. Дуюм, рутбаи баландтар ба ин кишварҳо ва ширкатҳои онҳо имкон фароҳам меорад, то дар бозори молиявии ҷаҳонӣ сармоя ба даст оваранд[5].

Рутбабандиҳои эътиборӣ маҳдуд ба замон буда, пайваста хулосаҳои Агентиҳои байналмилалии рутбабандии эътиборӣ дар мавриди ҳар як қарзгиранда дигар мешавад. Бо беҳтар шудани вазъи иқтисодиву амниятии як қарзгиранда, эҳтимолияти бозпардохти қарз ва фоизҳои он зиёд гашта, мавқеи қарзгиранда дар раддабандии ин Агентиҳо боло меравад. Агар вазъият бадтар шуд ва эҳтимоли бозгашти қарзҳо камтар шуд, мавқеи онҳо поёнтар меравад. Дар ин ҳолат гирифтани қарз душвор мегардад ва фоизи он боло меравад. Рутбаи иэътиборӣ ба андозаи фоизи қарз таъсири ҷиддӣ мерасонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки як зина боло рафтани кишварҳо дар рутбабандиҳои эътиборӣ харҷи фоизи бондҳои онҳоро то 14 дар сад кам мекунад[3]. Таъсири хулосаҳои Агентиҳои эътибориро метавон дар

мисоли Бондҳои даҳсолаи давлатӣ дид. Гуфта мешавад, кишварҳои дорои рутбаи баланди сармоягузорӣ метавонанд ин бондҳои худро бо фоизи камтар аз 2,5 фурӯшанд. Масалан, Канада бо рутбаи AAA тавонистааст бо 1,58% солона қарз ба даст аварад, Олмон (AAA) бо 0,58% ва Фаронса (AA+) бо 0,90% . Дар баробари ин кишварҳои дорои рутбаи пасттар ба маротиб қарзи гаронтар мегиранд. Масалан, Юнон бо рутбаи CCC, бо арзиши 8,33% солона қарз ба даст оварда метавонад[5]. Тоҷикистон бошад бо рутбаи B-, бо арзиши 7,125% солона қарз ба даст оварда тавонистааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст дар соли 2017, бо мақсади дар бозори молиявӣ ба фурӯш баровардани қоғазҳои қимматноки худ, ба Агентиҳои байналмилалии рутбабандӣ муроҷиат кард. Ин барои гирифтани қарз барои идомаи сохтмони НБО-и “Роғун” зарур буд. Ду Агентии байналмилалии рутбабандӣ барои иҷрои ин кор зарур буд ва Standard & Poors ва Moody’s ҷалб шудаанд. Standard & Poors рутбаи Тоҷикистонро дар рутбабандии худ B- бо пешгӯии “муътадил” арзёбӣ кард ва Moody’s онро ба B3, бо пешгӯии “рушди устувор”, баробар донист. Дар натиҷа Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозори молиявии ҷаҳонӣ роҳ кушода, дар моҳи сентябри соли 2017 тариқи фурӯши евробондҳо 500 миллион доллари амрикоӣ маблағи қарз барои идомаи сохтмонӣ НБО-и “Роғун”, бо фоизи 7.125, ба даст овард.

Ҳам рутбаи B- дар Standard & Poors ва ҳам рутбаи B3 дар Moody’s ба қисмати рутбаҳои нисбатан паст дохил шуда, маънои онро доранд, ки додани қарз ба он қарзгироне, ки соҳиби чунин рутба ҳастанд дараҷаи

болои хатарро дорад. Дар ҷадвали 7 ба осонӣ дида мешавад, ки баҳои ҳарду Агентӣ баробар қарор дошта тафсири гурӯҳи он нишон медиҳад, ки хатари иҷро нашудани ӯҳдадориҳо баланд аст. Ҳарчанд ба чунин қарзҳо вазъияти номусоиди тиҷоратӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад, вале дар ҳоли ҳозир имконияти бозгашти ӯҳдадориҳои қарзии онҳо вуҷуд дорад. Дар ин ҳолат, қарз гирифта мешавад, вале бо фоизҳои нисбатан баланд ва шартҳои номусоид. Ин буд, ки қарзи гирифтаи Тоҷикистон бо фоизи нисбатан баланд ба даст омад.

Дар муқоиса, дар ин радабандиҳо Белорусия ва Молдова дар зинаи баробар бо Тоҷикистон қарор доранд. Қирғизистон рутбаи B дар Standard & Poors, B2 дар Moody's-ро касб кардааст, ки як зина аз Тоҷикистон баландтар буда, ин ҳам маънои дараҷаи болои хатарро дорад. Арманистон бо рутбаи B+ дар Standard & Poors ва B1 дар Moody's ду зина аз Тоҷикистон боло буда, дар ҳамин гурӯҳ дохил мешавад. Аммо Гурҷистон рутбаи BB- дар Standard & Poors ва Ba2 дар Moody's-ро касб кардааст, ки аз Тоҷикистон чор зина болотар буда, аллакай ба гурӯҳи дигар дохил мешавад, ки дар марзи хатарнокӣ қарор доранд ва дар кутоҳмуддат бехатар ҳастанд, ҳарчанд дар дарозмуддат аз тағйирёбиҳои тиҷорӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ таъсирпазир ҳастанд.[6]

Факторҳои зерин ҳамчун омили муайянкунандаи рутбаи эътиборӣ шинохта мешаванд:

1. **Сатҳи қарзгирии солонаи давлат.** Агар он то 10 дар сади ММД бошад муътадил аст ва таъсири манфӣ ба эътибори қарзӣ намерасонад. Вале агар аз

10 дар сад зиёд шуд, метавонад таъсири манфӣ расонад.

2. **Ҳаҷми қарзи давлатӣ.** Албатта ҳаҷми қарзи давлатӣ барои ҳама якранг таъсир намерасонад. Баъзе кишварҳо бо 30 дар сади ММД қарз доштан рутбаи пастро касб кардаанд (Тоҷикистон (В-)), ва кишвари дигар метавонад бо зиёда аз 80 дар сад ҳам рутбаи баландро дошта бошанд (Фаронса(АА+)). Бо вуҷуди ин, ҳаҷми қарзи давлатӣ ҳангоми рутбабандии эътибории кишварҳо нақши муайянкунанда дорад.
3. **Дурнамои рушди иқтисодӣ.** Пешбиниҳои рушди иқтисод дар рутбабандии эътиборӣ нақши ҳалкунанда доранд. Агар заминаҳои рушд фароҳам бошанд ва интизориҳои хушбинона вуҷуд дошта бошанд, пас ин ба манфиати қарзгиранда аст. Вале агар дар пеш рушди ночиз ё рукудро интизор бошад, рутбаи қарзгиранда паст мегардад.
4. **Хароҷот барои пардохти фоизи қарз нибат ба ММД.** Новобаста, аз зиёдшавӣ ё камшавии ҳаҷми умумии қарз, агар дар натиҷаи иваз шудани сохтори он, хароҷот барои пардохти фоизҳои он зиёд гардад, ин таъсири манфӣ мерасонад. Вале агар хароҷот барои ин мақсад кам шавад, таъсири мусбат расонда, рутбаи эътибории қарзгирандаро боло мебарад.
5. **Боваринокӣ.** Кишварҳои бо собиқаи хуби қарзгирӣ, ки дар таҷрибаи худ боре муфлис нашудаанд, эътибори қарзгирии зиёд доранд. Кишварҳое, ки таҷрибаи кам доранд ё дар таҷрибаи худ муфлис шудаанд, эътибори қарзгирии камро

касб мекунанд. Боварӣ дар ин ҷода ҷойгоҳи хоси худро дорад.

6. **Давомнокии қарзҳо.** Агар аксарияти қарзҳои як кишвар қарзҳои дарозмуддат бошанд ин имкони идораи хуби онҳоро дода, ба рутбаи он кишвар таъсири хуб мерасонад. Баръакс агар бештари онҳо кутоҳмуддат бошанд ва дар давраи наздик бояд супорида шаванд, ин мушкили ҷалби қарзҳои дигарро дар пай дошта, таъсири бади худро ба эътибори қарзӣ мерасонад.
7. **Амнияти сиёсиву иқтисодӣ.** Амният яке аз омилҳои муҳими муайянкунандаи сатҳи эътибори қарзӣ аст. Кишварҳои амн назар ба кишварҳои ноамн имкони бештари боло бурдани рутбаи эътибории худро доранд.
8. **Ҳаҷми содироти молу хизматрасониҳо.** Содироти зиёд даромади асъори хориҷиро зиёд карда, имкониятҳои бештарро барои баргардонидани қарзҳо фароҳам меорад.
9. **Гуногунсамт сохтани содирот.** Ҳам маҳсулоти содиротӣ ва ҳам бозорҳои беруна бояд гуногунсамт бошанд. Пойбанди як маҳсулот ё як бозори фурӯш будан хатарҳоро зиёд карда, ба эътибори қарзӣ халал ворид мекунанд. Яъне "набояд ҳамаи тухмҳо дар як сабад гузошта шаванд".
10. **Омодагии масъулони ҳукуматӣ барои баргардонидани қарз, фоизи он ва расонидани маълумоти пурра.** Ҳамаи маълумотҳои вобаста ба ҳолати молиявӣ метавонанд ба дасти дигарон расанд ва бо дигар кишварҳо муқоиса шавад. Ҳар ҳукумате

бояд омода бошад, ки шаффоф кор кунад ва ҳолати молиявии худро дар назму низом нигаҳ дорад.

## Хулоса ва пешниҳодҳо

Идораи дурусти қарзи хориҷӣ ва ҷойгоҳи баланди як кишвар дар рутбабандии эътиборӣ худ ба худ наметавонад рушди босуръати як кишварро таъмин кунад. Вале дар баробари дигар сиёсатҳои дуруст, тақвият бахшидани ин унсурҳо роҳро барои рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии як кишвар ҳамвор месозад. Кишварҳо новобаста аз сатҳи тараққиёти худ ниёз ба воситаҳои бозори молиявӣ доранд. Тоҷикистон ҳам истисно нест ва акнун дастрасӣ ба бозори молиявии ҷаҳониро пайдо кардааст. Новобаста, аз зиёд будани баҳраи қарзи ба даст омада, ин ҳодиса як пешравӣ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол аст. Дар оянда ин кор идома хоҳад ёфт. Таҳлил ҳам нишон дод, ки мушкили аввалиндараҷа дар ҳоли ҳозир паст будани мавқеи Тоҷикистон дар радабандии Агентиҳои байналмилалии рутбабандии эътиборӣ мебошад. Бинобар ин, аз ҳоло зарурати баланд бардоштани рутбаи эътибори қарзии кишвар ба миён омадааст.

Ҳарчанд Агентиҳои байналмилалии рутбабандии эътиборӣ хизматрасониҳои машваратӣ надоранд, аммо метавон аз рӯйхати факторҳое, ки онҳо дар арзёбии эътибории кишварҳо ба кор мебаранд, истифода карда, бо бартараф кардани камбудиҳо дар онҳо, эътибори қарзии кишварро ба зинаҳои баландтар расонид. Дар робита ба ин:

- Пеш аз ҳама бояд ҳаҷми умумии қарзи давлатиро назорат кард, то фоизи зиёдшавии солонаи он на бештар аз рушди солонаи ММД бошад.
- Солҳои охир рушди иқтисоди Тоҷикистон 6-7%-ро ташкил додааст. Бо қадри имкон раванди ҳозираи рушди иқтисодӣ нигаҳ дошта шавад, то дурнамои хуберо дар ин ҷода дошта бошем.
- Барои баданд бардоштани сатҳи боваринокии сармоягузорон ба низоми моливию бонкдории кишвар, назорати ин низомҳоро пурзӯр карда, шаффофият ва самаранокиро дар ин соҳа таъмин кард.
- Амнияти сиёсию иқтисодие, ки дар соли 2015 пурра ба даст расид, нигаҳ дошта шавад. Амният сатҳи боварии сармоягузоронро баланд мебардорад, вале агар заминаҳои он тақвият дода нашавад, ин мушкилро ҳал намекунад. Заминаҳои он таъмини ҳуқуқу озодиҳои мардум ва таъмини шуғли шоиста барои онҳо мебошанд. Мубориза бо ришвахорӣ ва кам кардани он роҳи муҳимтарини таъмини амнияти молӣ дар Тоҷикистони муосир аст. Воқеан, ин вабо монеаи асосӣ барои рушду пешрафти ҳама соҳаҳо дар кишвар мебошад ва рутбаи эътиборӣ аз ин рӯйхат истисно нест. Наметавон дар радабандии ришвахорӣ ҷойгоҳи паст дошта, дар радабандии эътибори қарзӣ ҷойи баландро соҳиб шуд.
- Баланд бардоштани содирот ва гуногунсамт кардани онро ба аҳдофи аввалиндараҷаи мақомоти марбута табдил дода, кушиш ба харҷ дода шавад, то дар ҳаҷми умумии содирот, саҳми ашёи хом кам карда

шавад ва саҳми маҳсулоти коркардшуда зиёд гардад. Ба кор даромадани аввалин чархаи НБО-и “Роғун” дар ноябри имсол дар ин ҷода кумак хоҳад кард.

- Сохтори қарзи давлатӣ бе тағйирот монда наметавонад. Кушиш ба харҷ дода шавад, ки ин тағйирот баҳраи онро зиёд накунад ва хароҷот барои пардохти фоизҳоро дар сатҳи нисбатан паст нигаҳ дошта, муҳлати қарзҳо ҳар чӣ дарозтар карда шавад.

Фаъолияти Комиссияи байниидоравӣ оид ба қарзҳои берунӣ дар ростои мудирияти қарзи хориҷӣ то дараҷае норавшан аст. Чуноне ки Удайбир С ва дигарон, дар мақолаи тадқиқотии худ таҳти унвони “Мудирияти қарзи давлатӣ ва нақши он дар эътидоли молиявӣ”, ки дар декабри соли 2010 таҳти сарпарастии Сандуқи байналмилалии пул ба нашр расидааст, мегӯянд: “Мудирияти қарзи давлатӣ ҳамчун фактори муҳиме шинохта шудааст, ки асоси боваринокӣ ва обируи як кишвар ва таъмини шароити мусоиди молиявии сохторҳои давлатии бадастоварандаи қарзро ташкил медиҳад”. Бинобар ин, зиёд кардани шаффафият дар фаъолияти Комиссияи мазкур ба манфиати кор дар ин соҳа мебошад. Шахсони аввали масъул дар ин Комиссия бояд мутахассисони дараҷаи баланд бошанд ва онҳоро мардум шиносад. Дар ҳолатҳои бурд ё бохт маълум бошад, ки гунаҳгори асосӣ кист ва аз ӯ ҳисобот талаб карда шавад. Тасмимгириҳои ин мудирон дар боло бурдани рутбаи эътибории давлат таъсир мерасонад. Агар тасмимҳои дуруст гирифта шавад, дастрасӣ ба

бозори молиявии ҷаҳонӣ осонтар мегардад, ки ин заминаи рушди устувори кишвар хоҳад гашт.

Ислоҳот дар сохтори идораи давлатӣ аз солҳои аввали расидан ба сулҳ оғоз шуда, ҳоло ҳам идома дорад. Ба мақсад мувофиқ хоҳад буд, агар дар идомаи ин раванд, факторҳои таъсиррасон ба рутбаи эътиборӣ ба назар гирифта шаванд. Мудирони қарзи давлатӣ пешниҳодҳои мушаххаси худро омода сохта, ба ҳама сохторҳои дахлдори давлатӣ равон созанд. Баланд бардоштани рутбаи эътиборӣ кори муштараки ҳама сохторҳо буда, ягон сохтор дар танҳоӣ наметавонад онро баланд бардорад. Баланд бардоштани эътибори қарзӣ дар навбати худ, имкон медиҳад, ки аз ҳисоби маблағҳои сарфашуда аз пардохти фоизҳо, дигар мушкилиҳои иҷтимоӣ бартараф карда шаванд.

## Сарчашмаҳо


1. Таърифи раддабандии эътиборӣ https://modiremali.com/dictionary/%D8%B1%D8%AA%D8%A8%D9%87-%D8%A8%D9%86%D8%AF%DB%8C-%D8%A7%D8%B9%D8%AA%D8%A8%D8%A7%D8%B1%DB%8C/
2. What determines credit rating for countries? (https://www.economicshelp.org/blog/5264/economics/what-determines-credit-rating-for-countries/)
3. Credit Rating Agencies. Jakob De Haan, Fabian Amtenbrink. Amsterdam, The Netherlands, January 2011.

4. How countries can improve credit rating, Lauren van der Westhuizen, (https://www.matchdeck.com/article/1197-how-countries-can-improve-credit-rating#/index)
5. Why credit rating agencies matter for developing countries, (http://theconversation.com/qanda-why-credit-rating-agencies-matter-for-developing-countries-51964)
6. https://tradingeconomics.com/country-list/rating
7. “Managing public debt and its financial stability implications”, Udaibir S. Das et al. December 2010.
8. “Тоҷикистон дар рақамҳо 2017”, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
9. “Тоҷикистон дар рақамҳо 2015”, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
10. “Қарзи хориҷӣ”, Далер Мерганов, ҳафтаномаи “Тоҷикистон”, №10 (1260) аз 7 марти соли 2018.
11. “What the National Debt Means to You”, Troy Adkins, March 26, 2018, (https://www.investopedia.com/articles/economics/10/national-debt.asp)
12. “Рейтинговое агенство Standart&Poors”, (www.banki.ru/wikibank/standard__poors/)
13. “Рейтинги кредитии Тоҷикистон”, “Ориёнбонк”-2017.
14. “Внешний долг Грузии», Темур Иоселиани, (https://mof.ge/en/4553)
15. “Отчет о состоянии государственного долга Таджикистана на 2016 год”, Министерство финансов Республики Таджикистан.

16. “Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017”.
17. “Внешний долг Таджикистана превысил 40% ВВП”, (eadaily.com/ru/news/2018/02/16/vneshniy-dolg-tadzhikistana-prevysil-40-vvp)
18. “Закон Республики Таджикистан “ О государственном и гарантированном государством заимствовании и долге”, от 11 декабря 1999 года, №887.
19. “Положение “О межведомоственной Комиссии по внешнему долгу”, 10 марта 2000 года.
20. “БОР: Пардохти фоизи баҳраҳои евробондҳо барои Тоҷикистон гарон меафтад”, (https://www.ozodi.org/a/roadshow-tajikistan-adb/29067579.html)
21. “Аҳамияти нисбати бадеҳӣ ба GDP”, (https://adadpay.com/2010/06/28/111-152/) 1.10.2018

## 2.5. Шаклҳои моликият ва ҷанбаҳои мусбату манфии онҳо [17]

Ду шакли асосии моликият вуҷуд дорад - моликияти давлатӣ ва моликияти шахсӣ. Дар навбати худ моликияти шахсӣ ба моликияти фардӣ, моликияти гурӯҳӣ (саҳҳомӣ, кооперативӣ, оилавӣ) ва моликияти давлатӣ ба моликияти ҷумҳуриявӣ ва моликияти ҳукуматҳои маҳаллӣ ҷудо мешавад.

Ҳарду шакли моликият бартарӣ ва камбудиҳои хоси худро доранд. Бо назардошти ин камбудиҳо ва бартариҳо, дар ҳар кишвар вобаста ба замон ва талаботҳои иқтисодӣ ба яке аз ин шаклҳои моликият бартарӣ дода мешавад ва аз он бо мақсадҳои муайян пуштибонӣ карда мешавад. Албатта, қобили қабул нест, ки як шакли моликият ҷорӣ карда шаваду шакли дигараш куллан мамнуъ бошад. Таҷрибаи Шуравӣ нишон дод, ки танҳо бо моликияти давлатӣ намешавад заминаи рушди иқтисодро барои муддати дароз таъмин кард. Шикасти иқтисодии ин абарқудрати собиқ баёнгари он аст, ки аз ҳарду шакли моликият дар ҳолатҳои муайян бояд истифода кард. Кишвари Чин сари вақт бо иҷозат додани моликияти шахсӣ дар қатори моликияти давлатӣ тавонист иқтисоди худро дар як муддати кӯтоҳ яке аз пешгомҳои ҷаҳон созад. Боз ҳам қабул нест, ки дар ҳама соҳаҳо танҳо моликияти шахсӣ бошад. Чунки дар ин ҳолат адолати иҷтимоӣ метавонад риоя нашавад.

---

[17] Ин мақола дар ҳафтаномаи “Миллат” №43 (477) аз 29.10.2014 мунташир шудааст.

Пӯшида нест, ки мақсади асосии соҳибкорон-гирифтани фоидаи бештар дар муҳлати кӯтоҳтарин аст ва мақсади асосии давлат таъмини адолати иҷтимоӣ ва таъмини амнияти мардум ва кишвар мебошад. Бинобар ин соҳибкорон сармояи худро асосан ба соҳаҳое равон мекунанд, ки сармояи камтар талаб мекунанд ва муҳлати баргардиши пул дар ин соҳаҳо камтар асту фоидааш бештар. Ба монанди соҳаи савдо ва хизматрасонӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, соҳаи саноати сабук ва ғайра.

Давлат, дар навбати худ, аз рӯи мақсадҳои муайян сармояи миллиро ба соҳаҳое равон месозад, ки дар онҳо муҳлати баргардиши сармоя дурру дароз аст ва даромад аз онҳо камтар асту сармояи бузургро талаб мекунанд. Ин соҳаҳое ҳастанд, ки аз сабаби манфиати молиявии кам доштанашон соҳибкорон ба он таваҷҷуҳ надоранд, аммо ин соҳаҳо зарурати иҷтимоӣ ва амниятӣ доранд ва бе рушди ин соҳаҳо рушди иқтисоди кишвар номумкин аст. Чунки ин соҳаҳо заминасози рушди иқтисодии ҳар як кишвар ҳастанд. Ба монанди соҳаи энергетика, роҳсозӣ, комплекси ҳарбӣ- саноатӣ, маориф, илм ва дигарҳо.

Вобаста ба шароити пешомада дар корхонаҳо, зарурати гузаштан аз як шакли моликият ба шакли дигар пеш меояд. Мақсади гузаштан аз як шакл ба дигар шакли моликият асосан ду чизаст. Яке, иқтисодӣ ва дигар иҷтимоӣ. Мақсади иқтисодӣ- таъмини рушди босуръати корхонаҳо, болобарии ҳосилнокии меҳнат ва дар маҷмуъ болоравии ММД ва рушди мунтаззами иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Мақсади иҷтимоӣ-таъмини адолати иҷтимоӣ, тақсимоти баробари захираҳои табиии кишвар, дастрасии баробари мардум ба маҳсулоти ҳаётан муҳим,

наҷоти корхонаҳои дар ҳолати муфлисшавӣ қароргирифта ба хотири нигаҳдории ҷойҳои кори шахрвандон ва дар маҷмуъ таъмини баробарии нисбӣ дар ҷомеа мебошад.

Бартарии моликияти шахсӣ дар он аст, ки раҳбарон ҳангоми қабули қарорҳо барои ҳалли масъалаҳои пешомада озод буда, тамоми маҳорати худро барои расидан ба натиҷаи хубтар истифода мекунанд, бе тарс аз рондашудан ё танбеҳ гирифтан. Аз болои сармояи худ назорати ҷиддӣ мебаранд ва шабу рӯз сари пешравии кор андеша мекунанд. Ин боиси он мегардад ки манфиатнокии корхонаҳои хусусӣ аз корхонаҳои давлатӣ бештар мешавад.

Камбудии моликияти шахсӣ дар он аст, ки нобаробарии иҷтимоиро зиёд мекунад, фарқ миёни бою камбағал зиёд мешавад, як қисми ками аҳолӣ моли бисёр ҷамъ мекунанд ва соҳибмулкон дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, дар бисёр ҳолат, масъулият ҳис намекунанд. Ин боиси афзоиши ноадолатӣ, норозигии мардум ва бесуботии кишвар мегардад.

Бартарии моликияти давлатӣ дар он аст, ки давлат, ки масъули ҳалли мушкилоти ҷамъият аст, фоидаи софи корхонаҳоро барои ҳалли мушкилоти мардум равона мекунад, на барои сохтани қасрҳо ё харидани онҳо дар лаби кадом як баҳр ва харҷи он дар қиморхонаҳо. Аз ҳисоби соҳаҳои сердаромад, давлат риштаҳои ҳаётан муҳими ҷамъиятиро маблағгузорӣ мекунад. Нақшаҳои дарозмуддати иқтисодиро бо назардошти манфиатҳои миллӣ тартиб дода, иҷро менамояд. Иқтидори истеҳсолии корхонаҳоро бо назардошти манфиатҳои

миллӣ истифода мекунад. Умуман, давлат моликияти худро барои расидан ба мақсадҳои иҷтимоии худ истифода мебарад. Ин боиси тақсимоти нисбатан баробари захираҳои табиӣ миёни аҳолӣ мегардад.

Камбудии моликияти давлатӣ дар он аст, ки раҳбарон ҳангоми қабули қарорҳо барои ҳалли масъалаҳои пешомада озод нестанд, коргарон ба рушду пешравиҳои корхона таваҷҷуҳи кам доранд, назорат аз болои сармоя нисбатан суст аст ва роҳҳои ғорати амвол зиёд мешавад. Ин ҳама боиси кам шудани манфиатнокии иқтисодӣ дар корхонаҳои давлатӣ мегардад.

Умуман, дар кишварҳое, ки қонунҳо дуруст кор намекунанд ва сатҳи ришвахорӣ зиёд аст, моликияти давлатӣ хеле камсамар мешавад. Албатта дар чунин кишварҳо моликияти шахсӣ ҳам ҳоли хуб надорад, аммо соҳибмулкон бо назорати ҷиддӣ ва кордониву таҷрибаи худ самаранокии корхонаҳои худро зиёд мекунанд.

Дар зимни чунин муқоиса, саволе пайдо мешавад, ки: Дар шароити имрӯза кадом шакли моликият барои Тоҷикистон муфидтар аст?

Тоҷикистон, ки ба гурӯҳи кишварҳои ақибмонда дохил мешавад ва дар шохисҳои байналмиллалии фасод ҷойгоҳи паст дорад, беҳтар аст ба ҷуз аз соҳаҳои аҳамияти стратегӣ дошта, дигар дар ҳама соҳаҳо шароити корро барои соҳибкорон фароҳам сохта, бо ҷорӣ намудани қонунҳои иқтисодии дуруст ва низоми андозбандии шаффоф ва одилона ба моликияти хусусӣ бартарӣ бидиҳад. Хусусан, ба моликиятҳои гурӯҳӣ (ширкатҳои саҳомӣ, кооперативҳо, иттиҳодияҳои истеҳсолӣ) таваҷҷуҳи бештар дода шавад. Дар корхонаҳо ва

иншоотҳои стратегии миллӣ ҳам беҳтар аст, саҳоми мудирияти худи давлат бошад ва боқимонда саҳмияҳоро ба дигарон фурӯшад. Яъне зиёда аз 50 дар сади саҳмияҳоро дар дасти худ бигирад ва тасмимгири асосӣ давлат бошад, то ки ба қабули қарорҳои зидди манфиатҳои миллӣ ва манофеи умум роҳ надиҳад. То ки қисме аз аҳолии меҳнаткашу кордон, бо харидани саҳмияҳо, тавонанд дар роҳи рушду шукуфоии ин корхонаву иншоотҳо кӯшиш ба харҷ дода, аз болои кори масъулон назорат баранд.

Бо моликияти сирф давлатӣ дар шароити Тоҷикистон самаранокии корхонаҳо паст хоҳад буд. Бинобар ин, беҳтар аст бо сода ва осон кардани ҳуҷҷатгузорӣ барои ташкил ва сабти ном кардани корхонаҳои хусусӣ (саҳомӣ, оилавӣ ва ғайра), таъмини шароит барои рақобати солим дар бозор бо мубориза зидди монополистон, дастгирии амалии соҳибкорон ҳангоми ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ бо роҳи додани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат ва дигар имтиёзҳо, кам кардани андозҳо ва паст кардани фоизи онҳо, шароити хуби корӣ барои соҳибкорон фароҳам оварда шавад. Ин боиси пайдо шудани корхонаҳои зиёди хурду миёна мегардад, ки асоси иқтисоди миллиро ташкил карда, бо пули андози аз онҳо ҷамъшуда давлат метавонад мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаро ҳал бикунад ва манфиатҳои умумро ҳимоя намояд.

Маврид ба зикр аст, ки агар дар кишвар аз болои иҷроиши қонунҳо назорати ҷиддӣ набошад ва конунҳо бе чуну чаро иҷро нашаванд, ягон шакли моликият натиҷаи хуб дода наметавонад. Дар корхонаҳои давлатӣ ғоратгарӣ,

ришваситонӣ, истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо, танбалӣ ва беаҳамиятӣ сади роҳи муваффақият мешаванд. Дар корхонаҳои хусусӣ гурез аз андозсупорӣ бо роҳи кам нишон додани даромад, порадиҳӣ, санҷишҳои зиёди беасоси мақомот ва дигар омилҳо корхонаҳоро муфлис месозад ё ба буҷаи давлат маблағи кам ворид мешавад, ки боиси иҷро нашудани нақшаҳои иҷтимоиву иқтисодии давлат мешавад.

Бинобар ин, пеш аз ҳама бояд қонунҳои дурусти иҷрошаванда қабул ва ҷорӣ шаванд. Баъд аз болои иҷроиши ин қонунҳо назорати ҷиддии босамар бурда шавад. Заминасози ҳама пешравиҳо ва бурдбориҳо, дар кадом шакли моликияте ки набошад, танҳо ҳамин иҷроиши пурраи қонунҳо мебошад.

Дар навбати худ, ин пешравиҳои иқтисодӣ дар таъмини амнияти ҷамъиятӣ нақши худро доранд. Бадбахтона, солҳои охир пайвастани ҷавонони тоҷик ба гурӯҳҳои тундрави террористӣ зиёд шудааст, ки ба амнияти миллӣ хатар дорад. Таблиғгарони ин гурӯҳҳои тундрав бештар дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ақибмонда ва сатҳи пасти омӯзишу парвариш дошта, фаъол ҳастанд ва ба ваъдаҳои беасоси болобаланди худ ҷавонони бекор ва бесаводро ба доми худ афтонда аз онҳо барои расидан ба мақсадҳои ғаразноки худ истифода мекунанд. Яке аз роҳҳои мубориза бо ин гурӯҳҳои тундрав фароҳам овардани шароити хуби омӯзишӣ ва корӣ барои аҳолӣ аст. Дар баробари пешравиҳои иқтисодӣ ҷойҳои корӣ барои шаҳрвандон таъмин мешавад, ки онҳо думболи кори худ рафта, дигар туъмаи ҳизбу ҳаракатҳои тундрав намешаванд. Бо ғанӣ

гардидани буҷаи кишвар дар натиҷаи кори босамари корхонаҳо, маблағгузорӣ дар соҳаи омӯзишу парвариш зиёд мегардад ва сатҳи дониши ҷавонону наврасон зиёд гардида ҷаҳонбинии онҳо васеъ мегардад. Онҳо дигар ба доми таблиғгарони тундрави мазҳабӣ намеафтанд ва ба ояндаи худ ба боварӣ нигоҳ карда, пайи касбомӯзӣ ва боло бурдани маҳорати касбии худ мераванд.

## 2.6. Осиёи Шарқӣ: мавқеи ҷуғрофӣ, аҳолӣ ва захираҳои табиӣ[18]

Осиёи Шарқӣ ё Осиёи Шимолу Шарқӣ минтақаи муҳиме дар иқтисоди ҷаҳон буда, 2.3 дарсади масоҳати хушкии кӯраи Замин ва 20.9 дарсади аҳолии онро ташкил медиҳад. Ин минтақа дар шимолу шарқи Осиё ҷойгир буда, 5 кишварро дар бар мегирад, ки онҳо Муғулистон, Ҷумҳурии мардумӣ-демократии Корея, Ҷумҳури Корея, Ҷопон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошанд. Истиқлолияти ҷазираи Тайван дар ин минтақа аз сӯйи Чин эътироф нашудааст ва аз ҳамин сабаб на дар ҳама адабиётҳо ин ҷазира ҳамчун кишвари алоҳидаи минтақаи Осиёи Шарқӣ оварда мешавад. Аммо дар воқеият ин ҷазира, аз поёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ин ҷониб мустақил буда, модели иқтисодии ба худ хосро дорад ва дар ин муддат ба натоиҷи хуби иқтисодиву сиёсӣ даст ёфтааст. Бо вуҷуди ин, дар пойгоҳи додаҳои Бонки Ҷаҳонӣ Тайван ҳамчун кишвари алоҳида оварда нашудааст. Бо ҳамин сабаб, мо таҳлилҳои омории ин кишварро дар партави таҳлилҳои омории Чин анҷом медиҳем. Аммо, модели иқтисодии ин кишварро метавонем дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем.

---

[18] Ин мақола дар маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа", №4(26), 2021, саҳ. 53, 2021 мунташир шудааст.

Намояи кишварҳои Осиёи Шарқӣ:

| **Кишвар (пойтахт)** | **Забони расмӣ** | **Шумораи аҳолӣ (2019)** | **Масоҳат (км. кв)** | **Содироти асосӣ** | **Воридоти асосӣ** | **Арз** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Чин (Пекин)** | Мандарин | 1 397 715 000 | 9 600 012 | Мошинолот | Мошинолот | Юан |
| **Ҷопон (Токио)** | Ҷопонӣ | 126 264 931 | 377 970 | Мошинолот | Молҳои саноатӣ | Йен |
| **Муғулистон (Уланбатор)** | Халха-муғулӣ | 3 225 167 | 1 564 116 | Мис | Сӯзишворӣ | Тугрик |
| **Кореяи Шимолӣ (Пхенян)** | Куриёӣ | 25 666 161 | 120 540 | Маъданҳо | Нафт | Вон |
| **Кореяи Ҷанубӣ (Сеул)** | Куриёӣ | 51 709 098 | 100 370 | Таҷҳизоти электронӣ | Мошинолот | Вон |

(Сарчашма: data.worldbank.org)

**Аҳамияти мавзӯъ:** Минтақаи мо -- Осиёи Марказӣ, бо минтақаи Осиёи Шарқӣ ҳаммарз буда, кишварҳои ин ду минтақа додугирифти зиёди тиҷорӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва илмиву фарҳангиро байни ҳамдигар доранд. Кумакҳо ва сармоягузориҳои кишварҳои пешрафтаи Осиёи Шарқӣ (Чин, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷопон) дар рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақаи мо аҳамияти вижа доранд. Дар бозорҳои Осиёи Миёна молу маҳсулоти истеҳсолшуда дар Осиёи Шарқӣ хеле зиёд ҳастанд ва ҳиссаи ин минтақа дар бозорҳои мо то рафт зиёд шуда истодааст. Бинобар ин, омӯзиши минтақаи Осиёи Шарқӣ ва муайян кардани вижагиҳои ин минтақа

барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон аҳамияти зиёд дорад. Огоҳӣ аз мавқеи ҷуғрофӣ, аҳолӣ ва захираҳои табиӣ дар кишварҳои алоҳидаи ин минтақа роҳро барои дарки вижагиҳои дигари онҳо ҳамвор месозад. Ҳадаф аз омӯхтани ин минтақа на танҳо пайдо кардани роҳҳои дигари густариш додани равобити иқтисодиву сиёсии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Шарқӣ, балки кашф кардани роҳу воситаҳое, ки кишварҳои алоҳидаи ин минтақаро ба муваффақиятҳои иқтисодиву сиёсӣ расонидаанд, мебошад. Ин омӯзиш барои кишварҳои рӯ ба рушд имконият медиҳад, ки аз мушкилоти дар пеш истода, дар ростои амалисозии стратегияи рушди худ, огоҳ бошанд ва моделҳои рушди иқтисодии худро дар асоси таҷрибаи бойи кишварҳои ин минтақа таҳия карда, дар амал татбиқ намоянд.

### Мавқеи ҷуғрофӣ

Бо вуҷуди 2.3 дарсади масоҳати хушкии заминро ташкил кардани минтақаи Осиёи Шарқӣ тақрибан нисфи он барои зиндагӣ ва кишварзӣ номувофиқ аст ва дар нифси дигари он тақрибан 20 дарсади аҳолии кӯраи замин зиндагӣ мекунад. Қисмати ғарбии ин минтақа, ки имрӯз ҳудуди Чин ва Муғулистон мебошад, аз кӯҳҳо ва биёбонҳои сард иборат буда, барои зиндагии инсон он қадар мувофиқ нест. Аммо қисмати шарқии он, махсусан қисмати шарқии Чин, аз ҳамвориҳои васеъи мувофиқ ба кишоварзӣ иборат аст, ки ба иловаи дарёҳои хурди зиёд ду дарёи бузург ин ҳамвориҳоро шодоб мегардонанд. Инҳо дарёи Зард (Yellow River) ва дарёи Янгтзе (Yangtze River) мебошанд, ки аз Ғарб сарчашма гирифта ба Шарқ мерезанд ва дар тӯли ҳазорҳо километр ҳазорҳо шаҳру деҳотро аз об таъмин мекунанд. Аксари аҳолии Чин дар

соҳилҳои ин ду дарё ва шохобҳои он зиндагӣ мекунанд. Дар расми 1 ду дарёи мазкур нишон дода шудааст.

Расми 1: Дарёҳои Зард (Yellow River) ва Янгтзе (Yangtze River) дар Чин




(Сарчашма: www.google.com)

Ягона кишвари Осиёи Шарқӣ, ки ба уқёнуси ҷаҳонӣ пайваст нест, Муғулистон мебошад. Дигар кишварҳо ба уқёнус пайваст буда, аз имкониятҳои он фаровон истифода мекунанд. Дар расми 2 релефи минтақаи Осиёи Шарқӣ нишон дода шудааст. Чуноне ки мебинем, ғарби ин минтақаро кӯҳҳо ишғол кардаанд. Кӯҳҳои Тибет масоҳати бузургро дар бар мегирад ва дар ҷанубу ғарбии Чин ҷойгир мебошанд.  Дар ин минтақа баландтарин қуллаи ҷаҳон -- Қуллаи Эверест ҷойгир аст. Бо вуҷуди камаҳолӣ будани ин қисми Осиёи Шарқӣ аксари дарёҳои минтақа аз он сарчашма мегиранд ва

зиндагии садҳо миллион инсон дар Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Шарқӣ ба онҳо вобаста аст.

Расми 2. Релефи минтақаи Осиёи Шарқӣ



(Сарчашма: www.google.com)

Қисмати шимолу ғарбии Осиёи Шарқӣ, ки Миёни Чину Муғулистон қисмат шудааст, бо вуҷуди доштани ҳамвориҳои зиёд, иқлими сарду хушк дошта, аз кӯҳистону биёбонҳо иборат мебошад. Дар ин минтақа зичии аҳолӣ хеле кам мебошад. Аммо дар қиёс бо кисмати ҷанубу ғарбии он дар ин ҷо аҳолии бештар зиндагӣ мекунад. Молу колоҳои истеҳсоли Чин маҳз тариқи ҳамин қисмати Осиёи Шарқӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ворид мешаванд, ки он як қисми асосии тиҷорати хориҷии минтақаи моро ташкил мекунад.

Қисмати шарқии минтақаи Осиёи Шарқӣ ба уқёнус пайваст буда, заминҳои ҳамвору шодоб дорад. Дар ин ҷо аксари аҳолии ин минтақа сукунат дорад. Бештари маҳсулоти кишварзӣ ва саноатии Чин маҳз дар ҳамин қисмати он истеҳсол мешавад. Се кишвари дигар -- Кореяи Шимолӣ, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷопон дар ҳамин қисмат ҷойгир буда, танҳо Ҷопон пурра дар иҳотаи баҳрҳо аст. Дигар кишварҳо ба материк пайваст мебошанд. Дар ин се кишвари дигар низ шароити иқлимӣ ва релефи мувофиқ барои истеҳсоли маҳсулоти кишварзӣ муҳайё аст, ки барои миллионҳо инсон дар тӯли таърих ҷойи кору зиндагӣ буд ва ҳоло ҳам ҳаст. Аммо ба истиснои Кореяи Шимолӣ дигар кишварҳои ин қисмати Осиёи Шарқӣ хеле кам ба соҳаи кишоварзӣ вобаста ҳастанд.

Ба ғайр аз истифодаи васеъ аз заминҳо мардуми қисмати шарқии Осиёи Шарқӣ аз қадим аз баҳрҳо ва моҳидорӣ истифодаи зиёд мекарданд. Имрӯз ҳам моҳидорӣ як қисмати назарраси иқтисоди ин кишварҳо мебошад. Илова бар ин, роҳи обӣ шароитро барои додугирифти зиёди тиҷорӣ ҳамвор кардааст. Кишварҳои ин минтақа байни ҳамдигар муносибатҳои хеле зичи тиҷорӣ ва сармоягузорӣ доранд, ки аз якдигар вобаста шудаанд. Ин вобастагӣ шароитеро фароҳам овардааст, ки баҳсҳои марзии мавҷуда ҳеҷ гоҳ то ба ҳадди ҷангу муноқиша кашида намешаванд.

Умуман, мавқеи ҷуғрофии Осиёи Шарқӣ камбуду бартариҳои худро дорад ва наметавон гуфт, ки дар рушду пешрафти босуръати кишварҳои ин минтақа маҳз мавқеи ҷуғрофии он саҳми ҳалкунанда доштааст. Кӯҳҳову биёбонҳои барои зиндагии инсон номувофиқи ғарби ин минтақа, дар "Ҳалқаи оташ"-и уқёнуси Ором ҷойгир

будани пешрафтатарин кишвари ин минтақа Ҷопон аз ҷумлаи камбудиҳои мавқеи ҷуғрофии минтақаи мазкур мебошанд. Албатта, шароити иқлимӣ ва ҷуғрофии шарқи ин минтақа дар рушду пешрафти мардуми минтақа нақши худро дошт ва ҳоло ҳам дорад. Аммо дар замони муосир сарчашмаи асосии даромади кишварҳои ин минтақа саноат ва илму технологияи нав мебошад.

## Аҳолӣ

Шумораи умумии аҳолӣ дар минтақаи Осиёи Шарқӣ ба 1 миллиарду 605 миллион нафар (2019) баробар буда, 20.9 дарсади шумораи умумии аҳолии кӯраи Заминро ташкил медиҳад. Тақсимбандии ин рақам миёни кишварҳои минтақа дар намудори 1 оварда шудааст.

Намудори 1. Шумораи аҳолии кишварҳои Осиёи Шарқӣ



Аз намудори 1 маълум аст, ки аз ҳама кишвари сераҳолӣ дар ин минтақа Чин мебошад. Дар воқеъ, Чин бо доштани қариб 1.4 миллиард нуфус, сераҳолитарин кишвари ҷаҳон аст. Ин аст, ки аҳолии ин кишвар зиёда аз 87 дарсади аҳолии Осиёи Шарқиро ташкил мекунад. Дар ин радабандӣ ҷойи дуюму сеюмро Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ гирифтаанд, ки мутақобилан аҳолии онҳо 126.2 ва 51.7 миллион нафар аст. Кореяи Шимолӣ бо 25.7 миллион ва Муғулистон бо 3.2 миллион нафар ҷойҳои охиринро аз худ кардаанд.

Бо вуҷуди аз ҳама аҳолии зиёд доштан, Чин аз ҷиҳати зичии аҳолӣ дар ҷойи чорум меистад. Зичии аҳолӣ дар ин кишвар ба 146 нафар дар як километри квадратӣ баробар аст. Аммо аҳолии ин кишвар дар ҳудуди он баробар тақсим нашудааст. Чуноне ки интизор меравад, қисмати ғарбии он сокинони кам дошта, аксари аҳолӣ дар қисмати шарқӣ дар ҳамвориҳои шодоб ва соҳилҳои бахр истиқомат мекунанд. Тибқи баъзе оморҳо, 94 дарсади аҳолии Чин дар шарқи он сукунат доранд. Танҳо 6 дарсади боқимонда дар ғарби ин кишвар зиндагӣ мекунанд. Кӯҳҳои баланд ва биёбонҳои сард дар ғарби ин кишвар барои зиндагии инсон он қадар мувофиқ нестанд. Дар расми 3 харитаи зичии аҳолӣ дар Чин оварда шудааст.

Расми 3. Зичии аҳолӣ дар Чин




(Сарчашма: www.topchinatravel.com/china-map/china-population-density-map.htm)

Зичии аҳолӣ дар кишварҳои Осиёи Шарқӣ аз ҳама зиёд дар Кореяи Ҷанубӣ аст. Ба ҳар як километри квадратӣ дар ин кишвар 515 нафар рост меояд. Ҷойи дуюм ва сеюмро Ҷопон бо 334 нафар ва Кореяи Шимолӣ бо 213 нафар гирифтаанд. Муғулистон камтарин зичии аҳолиро дошта, дар он ба ҳар як километри квадратӣ ҳамагӣ 2 нафар рост меояд.

## Захираҳои табиӣ

Минтақаи Осиёи Шарқӣ аз захираҳои табиӣ бой аст. Вале ин захираҳо баробар тақсим нашудаанд. Баъзе кишварҳои ин минтақа захираҳои табиии зиёд доранд, баъзеи дигар хеле камтар аз онҳо баҳра бурдаанд. Чину

Муғулистон ва Кореяи Шимолӣ аз канданиҳои фоиданок бой ҳастанд, аммо Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷопон чунин захираҳоро хеле кам доранд. Аз кишоварзӣ ва моҳидорӣ ба ҷуз аз Муғулистон дигар кишварҳои ин минтақа зиёд истифода мекунанд. Иқтидори гидроэнергетикӣ дар Чину Ҷопон зиёд аст.

**Чин**. Чин аз ҷиҳати масоҳат калонтарин кишвари минтақаи Осиёи Шарқӣ ва чаҳорумин кишвари бузурги ҷаҳон буда, захираҳои табиии зиёд дорад. Чуноне қайд кардем, қисмати шарқии ин кишвар барои кишоварзӣ хеле мувофиқ аст. Ангишт ва нафту газ дар ин кишвар фаровон аст. Бо вуҷуди доштани иқтидори хеле зиёди гидроэлектрикӣ, бештари энергия дар ин кишвар аз ангишт ба даст меояд. Сабаби асосии ифлосшавии ҳаво дар ин кишвар истифодаи аз ҳад зиёди ангиштсанг мебошад, ки дар ҳудуди он истихроҷ мегардад. Дар баробари ин, Чин яке аз асоситарин истеҳсолкунандаи алюмин, магний, сурма, намак, тилло, графит, оҳан, пулод, сурб, руҳ, элементҳои нодир ва ғайра мебошад. Чин қисме аз ин захираҳои худро содирот мекунад. Махсусан, дар бозори элементҳои нодир ин кишвар саҳми бузург дорад. Ҳатто имкон дорад, аз онҳо дар муборизаҳои геополитикии худ истифода кунад. Масалан, пас аз боло гирифтани баҳси марзӣ миёни Чин ва Ҷопон дар соли 2010, чанде аз ширкатҳои ҷопонӣ шикоят карда буданд, ки Чин ба онҳо барои хариди металҳои нодир монеа эҷод мекунад. Албатта, вобастагии зиёди Чин аз сармоя ва технологияи Ҷопон имкон намедиҳад, ки аз ин фишанг истифодаи зиёд шавад. Дар ҳолатҳои ба миён гузоштани маҳдудзозии дастрасии Чин

ба технологияҳои нав ва бозорҳои кишварҳои ғарбӣ, аз ҷониби сиёсатмадорони Ғарб, масъалаи металҳои нодири Чин ба миён меояд, ки монеъи амалисозии чунин иқдомоти онҳо мегардад. Тибқи арзёбиҳо, Чин тақрибан 30 дарсади захираҳои элементҳои нодири ҷаҳонро дар даст дорад[2].

**Муғулистон**. Бо вуҷуди иқлими сард доштан ва биёбон будани ҳудуди Муғулистон, ин кишвар аз канданиҳои фоиданок бой мебошад. Дар ду даҳҳаи охир, бо ислоҳот ворид кардан дар қонунгузорӣ, Муғулистон дар шохисҳои ҷаҳонии шаффофияти шартномаҳо дар соҳаи истихроҷи канданиҳои фоиданок мавқеи баландро касб кард. Ин боиси ворид шудани сармояи зиёд ба ин соҳа гардид ва имрӯз ин кишвар аз ҳисоби захираҳои табиии худ даромади асосиро ба даст меорад. Рушди нисбатан босуръати ин кишвар, назар ба дигар кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ, ба захираҳои табиии он вобаста аст. Ин вобастагӣ то дараҷае онро таъсирпазир кардааст. Бо вуҷуди ин, назар ба бисёре аз кишварҳои рӯ ба рушд, ки шаффофият дар ин соҳаро таъмин накардаанд ва сарватҳои табиии онҳо ба мардум беҳбудӣ намебахшанд, Муғулистон аз захираҳои табиии худ истифодаи дурусттар карда, шароити иҷтимоии худро дар солҳои охир хеле беҳтар сохтааст. Ҳарчанд дар муқоиса бо кишварҳои Осиёи Шарқӣ ноком ба назар мерасад.

Муғулистон аз канданиҳои фоиданоки зиёд бархӯрдор аст. Ангишт, мис, флорид, оҳан, тилло, сурб, нафт, фосфат, қалъагӣ, уран ва волфрам дар ин кишвар вуҷуд дорад. Чуноне ки қайд кардем, бо ҷорӣ кардани сиёсати дуруст дар баробари коркарди ин захираҳо

Муғулистон аз онҳо нисбатан самаранок истифода карда, дар ду даҳсолаи охир рушду пешрафти босуръат дорад. Вале дар истеҳсоли маҳсулоти зеҳнӣ аз ҳама ақибмондатарин кишвари минтақа маҳсуб меёбад. Ин вазъият нигаронии коршиносони ин кишварро ба бор оварда, баҳси таъсири захираҳои фаровон ба рушди иқтисодӣ мавриди баррасии онҳо қарор гирифтааст(7).

**Кореяи Шимолӣ**. Сиёсати ба бунбаст гирифторшудаи Кореяи Шимолӣ ба ин кишвар имкон намедиҳад, ки аз захираҳои табиии худ истифодаи дуруст карда, шароити иқтисодии давлату мардумашро беҳтар созад. Ин кишвар ба монанди Чину Муғулистон аз захираҳои табиии фаровон бархӯрдор аст. Дар ин ҷо санги мармар, гаранит, ангишт, оҳан, тилло ва элементҳои нодир зиёд вуҷуд доранд. Тибқи арзёбии коршиносон, ин кишвар имкон дорад, аз ду се ҳиссаи элементҳои нодирро дар бозори ҷаҳонӣ таъмин кунад(4). Аммо дар фарқият аз Муғулистон ҳукумати Кореяи Шимолӣ натавонистааст, ин захираҳои фаровони худро дуруст истифода ва кишвари худро ба пайраҳаи рушд ворид кунад. Ин дар ҳолест, ки ҳангоми ҷудо шудани давлати Корея ба ду кишвари алоҳида -- Кореяи Шимолӣ ва Кореяи Ҷанубӣ, қисмати шимолии он саноати пешрафта дошта, ҷануб кишоварзӣ ба ҳисоб мерафт. Аммо дар солҳои баъдӣ сиёсати нодурусти ин кишвар вазъиятро ба таври куллӣ дигар кард.

**Кореяи Ҷанубӣ**. Яке аз ду кишвари пешрафтатарини минтақаи Осиёи Шарқӣ Кореяи Ҷанубӣ мебошад. Ин кишвар аз канданиҳои фоиданок маҳрум аст. Ба ғайр аз графит ва волфрам чизи дигаре

надорад. Нафту газ ва минералҳои зиёде, ки иқтисоди ин кишвар талаб мекунад, аз хориҷ ворид карда мешаванд. Аммо замин ва иқлими ин кишвар барои кишоварзӣ хеле мувофиқ аст. Вале кишоварзиву моҳидорӣ ҳиссаи ками иқтисоди онро таъмин мекунад. Рушди иқтисодии ин кишвар ба маҳсулоти зеҳнии  он вобаста аст. Саноати вазнин ва соҳаи технологияҳои пештафта, дар баробари соҳаи хизматрасонӣ асоси иқтисоди онро ташкил медиҳанд. Таҷрибаи ин кишвар дар муқоиса бо Кореяи Шимолӣ дарси хеле муҳиме барои кишварҳои рӯ ба рушд буда метавонад. Агар раҳбарияти ин кишварҳо дар ҷорӣ кардани ислоҳот ҷиддӣ бошанд.

**Ҷопон**. Чуноне ки гуфтем, Ҷопон низ захираҳои табиии зиёд надорад. Аз минералҳо мис, оҳан ва сурбе, ки дошт, ба охир расиданд. Ин кишвар иқтидори бузурги гидроэлектрикӣ дорад, аммо саҳми он дар иқтисоди Ҷопон назаррас нест. Ҳарчанд иқлими мусоид барои зироаткорӣ дорад, вале қисмати зиёди он кӯҳистон мебошад. Аз 12 дарсад (8) то 20 дарсади (9) замини Ҷопон барои кишоварзӣ мувофиқ асту бас. Аммо аз ҳамин замини кам онҳо истифодаи самаранок мекунанд. Соҳаи кишоварзӣ дар ин кишвар аз ҷониби давлат дастгирии зиёд меёбад. Бо вуҷуди доштани камбудиҳои захираҳои табиӣ, Ҷопон пешрафтатарин кишвари минтақаи Осиёи Шарқӣ мебошад. Расидани ин кишвар аз як кишвари ақибмондаи кишоварзӣ ба дуюмин иқтисоди ҷаҳон (баъдан сеюмин шуд) таҷрибаест, ки намунаи ибрати кишварҳои дигар гаштааст. Камбуди захираҳои табиӣ монеи пешравӣ ва муваффақияти мардуми Ҷопон нашудааст.

**Хулоса**. Бо доштани захираҳои табиӣ, захираҳои зеҳнӣ ва технологияҳои пешрафта, Осиёи Шарқӣ яке аз минтақаҳои муҳими ҷаҳон ба шумор меравад. Аҳамияти ин минтақа барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, боз ҳам бештар аст. Чунки кишварҳои минтақаи мо ба уқёнуси ҷаҳонӣ пайваст нестанд ва бевосита ҳаммарз будан бо Осиёи Шарқӣ шароити тиҷоратро барои мо осонтар мекунад. Маҳсулоти тайёри истеҳсоли Чин, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷопон дар бозорҳои мо аз ҳама зиёд дида мешавад. Илова бар ин, нафту газ ва канданиҳои фоиданок аз минтақаи мо ба ин кишварҳо зиёд содирот мегардад.

Рушди нисбатан босуръати кишварҳои Осиёи Шарқӣ мавқеи бозори дохилии ин минтақаро ҳам дар иқтисоди ҷаҳон баланд бурда истодааст. Ҳатто Чин, ки то солҳои охир бештар як кишвари содироткунанда буд, солҳои охир сиёсати худро дигар карда истодааст. Ҳукумати ин кишвар ба истеъмолкунандагони дохилӣ такя карда, нақшаҳои рушди иқтисодии оянда худро сохта истодааст. Боло рафтани қобилияти харидории мардуми Чин бозори дохилии ин кишварро на танҳо барои ширкатҳои чинӣ, балки барои ширкатҳои байналмилалӣ низ ҷаззоб кардааст. Профессори Донишгоҳи Токио Шин Кашива дар як семинари илмӣ дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 гуфта буд, ки "Чин барои ширкатҳои ҷопонӣ ҳам манбаи қувваи корӣ аст ва ҳам бозори бузург ва ривоҷёбандаи фурӯши маҳсулоти аълосифати ҷопонӣ"(9). Яъне боло рафтани қобилияти харидории мардуми ин минтақа на танҳо барои Чину

Ҷопон, балки барои тамоми ширкатҳои байналмилалӣ манфиатовар аст.

Ҳамин тариқ, минтақаи Осиёи Шарқӣ бо доштани захираҳои табиии зиёд, зихираҳои зеҳнии зиёд ва бозори бузурги истеъмолӣ мавқеи намоёнро дар ҷаҳони имрӯз касб кардааст. Рушду пешрафти босуръати кишварҳои ин минтақа ва қавишавии бозори истеъмолии он, кишварҳои дигарро водор мекунад, ки ин минтақаро амиқтар омӯхта, аз имкониятҳои фаровони ҳамкорӣ бо кишварҳои он зиёдтар истифода кунанд. Ин мавзӯъ, махсусан барои кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳимтар аст. Чунки дар баробари додурифти зиёди тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, кишварҳои ин минтақа бо Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои зичи амниятӣ низ доранд. Махсусан, Чин амнияти минтақаи моро амнияти худ медонад ва дар ин ҷода бо кишварҳои мо ҳамкориҳои зиёд дорад. Илова бар ин, минтақаи Осиёи Шарқӣ яке аз роҳҳои алтернативии амн барои дастрасии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба уқёнуси ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин имконият то кадом дараҷа мо истифода мекунем, ин масъалаи дигар аст. Аммо ҳама дарк мекунад, ки доштани роҳҳои алтернативӣ дар ҳама давру замон хуб буд ва ҳоло ҳам барои мо аҳамияти бузург дорад. Бешубҳа, ҳамкориҳои гуногунҷанбаи кишварҳои ду минтақа дар оянда боз ҳам зиёдтар хоҳанд шуд.

## Сарчашмаҳо


1. Сомонаи Бонки Ҷаҳонӣ -- www.databank.worldbank.org/source/world-development-indicators

**2.** Will China weaponise its rare earth edge? Kristin Vekasi, University of Maine, 25 March 2021 -- https://www.eastasiaforum.org/2021/03/25/will-china-weaponise-its-rare-earth-edge/

**3.** Impact of Resources on the Movement of Products, Capital & People in East Asia, David Wood -- https://study.com/academy/lesson/impact-of-resources-on-the-movement-of-products-capital-people-in-east-asia.html

**4.** A List of China's Natural Resources, Karen G Blaettler -- https://sciencing.com/list-chinas-natural-resources-5375735.html

**5.** Natural Resources, *U.S. Library of Congress* -- *http://countrystudies.us/mongolia/52.htm#:~:text=The%20country%27s%20richest%20resources%20are,tin%2C%20uranium%2C%20and%20wolfram*.

**6.** Mongolia's Natural Resources: A Blessing or a Curse?, WORLD BANK -- https://www.worldbank.org/en/news/feature/2006/02/28/mongolias-natural-resources-blessing-or-curse

**7.** Trip Report - Japan Agricultural Situation, USDA, August 17, 2012 -- https://ipad.fas.usda.gov/highlights/2012/08/Japantrip/

**8.** Agriculture, forestry, and fishing in Japan -- https://en.wikipedia.org/wiki/Agriculture,_forestry,_and_fishing_in_Japan

**9.** Чин дар роҳи рушди устувор -- http://mehrs.pythonanywhere.com/article/51

## 2.7. Таҳлили омории нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва муқоисаи онҳо[19]

Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи иқтисодии кишварҳои пешрафта, ҷиҳати истифода аз он дар амалисозии ҳадафҳои рушди худ, нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии онҳо маълумоти зиёдеро дода метавонанд. Дар воқеъ, ҳама назару гипотезаҳо дар омӯзиши рушди иқтисоди як кишвар ба далелу рақамҳо ниёз доранд. Агар як кишварро пешрафта меномем, ҳатман нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем, то барои иддаои худ далели рақамӣ дошта бошем.

Пеш аз омӯзиши моделҳои иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ ба баррасии нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии ин кишварҳо дар давраи баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон зарурат дорем. Нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии ин кишварҳо дар давраи мазкур чӣ тағйироте доштанд ва ба кадом самт ҳаракат мекарданд? Суръати рушди иқтисодии ин кишварҳоро аз рӯйи додаҳои таърихӣ дида, муайян карда метавонем, ки модели иқтисодии кадом кишвари ин минтақа бояд омӯхта кадоме аз онҳо сарфи назар шавад.

“Рушди иқтисодӣ абзори қавитарин барои коҳиши фақр ва беҳбуд бахшидан ба сатҳи зиндагӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд мебошад. Ҳам таҳлилҳои байни

---

[19] Ин мақола дар маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа”, №5(27), 2021 ва маҷаллаи "Осиё ва Аврупо", №3, 2021 мунташир шудааст.

кишварҳо ва ҳам таҳлили кишварҳои алоҳида дар замони муайян далелҳои зиёдеро ироа мекунанд, ки барои расидан ба Ҳадафаҳои ҳазорсолаи тавсеа, рушди босуръату устувор ҳатмӣ аст"[7]. Нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии як кишвар Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ(ММД), Маҷмуи маҳсулоти миллӣ (МММ), ММД-и сарона, МММ-и сарона, сатҳи бекорӣ ва ғайра мебошанд. Дар адабиётҳои иқтисодӣ миёни мафҳумҳои "рушд" ва "тавсеа" фарқият вуҷуд дорад. Рушди иқтисодиро ба маънои зиёд шудани тавлидот дар қаламрави як кишвар ироа кардаанд, аммо тавсеаи иқтисодӣ таъсири ин зиёдшавӣ ва ё пешравиро ба зиндагии мардум низ дар бар мегирад[4]. Албатта, зиёдшавии физикии тавлидоти нохолис дар як кишвар дар ҳама ҳолат таъсири мусбати худро ба зиндагии мардуми он мерасонад. Аммо агар дар баробари рушди иқтисодӣ даромади миллӣ дуруст тақсим нашавад, ин ба афзоиши хало миёни дорову нодор оварда мерасонад. Ба ҳар ҳол, ҳадафи мо омӯзиши раванди рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ мебошад, ки танҳо афзоиши физикии нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодӣ дар ин мамлакатҳоро баррасӣ хоҳем кард. Баррасии таъсири рушди иқтисодӣ ба зиндагии мардум мавзӯи алоҳида буда, шояд дар омӯзишҳои баъдӣ баррасӣ шавад.

Аз миёни нишондиҳандаҳои зиёд мо панҷтои онро интихоб кардем: ММД, ММД-и сарона, МММ, МММ-и сарона ва сатҳи бекорӣ. Барои дарки амиқтари рушди иқтисодии як кишвар дигар нишондиҳандаҳоро низ омӯхтан мумкин аст. Аммо барои ҳадафҳои мо ҳамин панҷ нишондиҳанда басанда аст. Нахуст дар як намоя

ҳамин панҷ нишондиҳандаро бо нархҳои ҷорӣ (бо доллари ИМА) дар соли 2019 барои кишварҳои Осиёи Шарқӣ меорем, то як тасаввуре дар бораи ҳолати кунунии ин кишварҳо дошта бошем.

Расми 1. Намояи иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ

**Намояи кишварҳои Осиёи Шарқӣ**

(додаҳои соли 2019)

| Номи давлат | ММД (млрд доллари ИМА) | МММ (млрд доллари ИМА) | ММД сарона | МММ сарона | Сатҳи бекорӣ (%) | Шумораи аҳолӣ (млн нафар) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Чин | 14279.94 | 14246.12 | 10216.63 | 10192.44 | 5.15 | 1397.71 |
| Ҷопон | 5081.77 | 5266.95 | 40246.88 | 41713.47 | 2.40 | 126.26 |
| Кореяи Ҷанубӣ | 1646.74 | 1661.05 | 31846.22 | 32122.94 | 3.75 | 51.71 |
| Муғулистон | 14.00 | 12.42 | 4339.84 | 3852.43 | 10.03 | 3.23 |

Сарчашма: Хазинаи додаҳои Бонки ҷаҳонӣ, бахши Нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонӣ

Аз рӯйи нишондиҳандаи ММД, Чин ва Ҷопон ду иқтисоди бузурги ҷаҳон мебошанд, ки мутақобилан дар ҷойи дуюм ва сеюм баъди ИМА қарор доранд. Кореяи Ҷанубӣ низ ба Даҳгонаи бузургтарин иқтисодҳои ҷаҳон ворид мешавад. Яъне қариб сеяки иқтисодҳои бузурги ҷаҳон дар минтақаи Осиёи Шарқӣ ҷойгир ҳастанд. Дар ҷустори пешин дидем, ки кишварҳои ин минтақа аз рӯйи захоири табиӣ ва шароити ҷуғрофӣ аз кишварҳои дигар фарқияти зиёд надоранд. Ин ки иқтисодҳои се кишвари ин минтақа (аз панҷ кишвар) дар Даҳгонаи бузургтарин иқтисодҳои ҷаҳон қарор гирифтаанд, баёнгари сиёсати дурусти ин давлатҳо буда, аҳамияти омӯзиши моделҳои иқтисодии ин кишварҳоро зиёд мекунад.

Дар миёни ММД ва МММ фарқияти камтар дида мешавад. Ин ба он маънost, ки агар ширкатҳои хориҷӣ дар кишварҳои ин минтақа зиёд ҳастанд ва як қисми даромади нохолиси иқтисодиёти онҳоро ба кишвари худ мебаранд, дар баробари ин, худи ин кишварҳо дар берун аз минтақа фаъолияти иқтисодии зиёд бурда, арзиши иловагӣ ба МММ-и худ ворид мекунанд. Аз расми боло маълум аст, ки фарқи нисбии ММД ва МММ дар ин кишварҳо хеле ночиз аст. Танҳо дар Муғулистон он зиёдтар ба назар мерасад. Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ аз хориҷ бештар аз он даромад мегиранд, ки ширкатҳои хориҷӣ аз ин кишварҳо берун мебаранд.

ММД ва МММ нишондиҳандаҳои муҳим дар омӯзиши иқтисоди як кишвар мебошанд. Аммо ин нишондиҳандаҳо вазни кишвар ва ё бузургу хурд будани онро дар назар намегиранд. Бинобар ин, барои дақиқтар муайян кардани сатҳи рушди иқтисодии як кишвар дар бештар маврид МММ-и сарона истифода мешавад. Бо вуҷуди дуюмин иқтисоди ҷаҳон будани Чин, ин кишвар аз рӯйи ниҳондиҳандаи МММ-и сарона дар радаи поёнтар қарор дошта, аз рӯйи тақсимбандии Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳои дорои даромади миёнаи боло дохил мешавад. Ин тақсимот дар асоси МММ-и сарона иҷро шуда, ҳар сол 1 июл баъди нашри додаҳои рушди иқтисодии кишварҳои ҷаҳон барои соли гузашта каме тағйир дода мешавад. Дар расми 2 ин гурӯҳбандӣ оварда шудааст.

Расми 2. Гурӯҳбандии кишварҳо аз рӯйи даромад

**Гурӯҳбандии кишварҳо аз рӯйи даромад**

**(арзёбии соли 2020)**

| Гурух | Доманаи даромад |
|---|---|
| Даромади паст | <1036 |
| Даромади миёнаи поён | 1036-4045 |
| Даромади миёнаи боло | 4046-12535 |
| Даромади баланд | >12535 |

Сарчашма: Сомонаи Бонки ҷаҳонӣ[3]

Тибқи гурӯҳбандии боло Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ ба гурӯҳи кишварҳои дорои даромаи баланд дохил мешаванд. Муғулистон бошад ба гурӯҳи давлатҳои дорои даромади миёнаи поён медароянд. Барои муқоиса, Тоҷикистон дар ҳамин соли 2019 бо МММ-и саронаи баробар бо 1033 доллари ИМА ба гурӯҳи кишварҳои дорои даромади паст шомил мешавад. Аз расми 1 бармеояд, ки Ҷопон аз рӯйи МММ-и сарона (41 713 доллари ИМА) дар ҷойи аввал қарор дошта, ҷойи дуюмро Кореяи Ҷанубӣ (32 123 доллари ИМА) ишғол намудааст. Сатҳи бекорӣ низ дар ҳамин ду кишвар аз ҳама пойин буда, ин нишондиҳанда дар Чин дар мавқеи қаноатбахш аст, вале дар Муғулистон аз меъёр зиёд ба назар мерасад. Аммо ин нишондиҳандаи маъмулӣ нест.

Бо сабабҳои номаълуме дар соли 2019 Муғулистон сатҳи бекории аз ҳад зиёд дорад. Дар асл, додаҳои дастрасшуда нишон медиҳанд, ки аз соли 2000 то 2018 ин нишондиҳанда барои Муғулистон дар доманаи 3 то 7 дарсад қарор мегирад.

Тамоили нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар давраи баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ мавриди омӯзиши мо қарор мегирад. Дар шакли намудорҳо овардани ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки ба осонӣ пасту баландиҳо дар ҳаракати ин нишондиҳандаҳо дида шавад. Танҳо модели кишварҳоеро метавон амиқтар омӯхт, ки нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии онҳо дар умум суръати баланди болоравиро дошта бошанд. Албатта, як иқтисод давраҳои рушд ва рукутро дорад. Аммо тамоили умумии он метавонад рӯ ба боло бошад ва ин болоравӣ суръати нисбатан баланд дошта бошад. Ин аст, ки бо омӯзиши нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии як кишвар мо ба натиҷа меоем, ки моделҳои иқтисодии онро баҳри истифода дар амалисозии ҳадафҳои рушди иқтисодии кишвари худ мариди омӯзиш қарор диҳем ё не.

**ММД**. Дар расми 3 ММД-и кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар солҳои 1960-2019 дода шудааст(танҳо барои Муғулистон додаҳо аз соли 1980 дастрас ҳатанд). Ин ММД-и воқеӣ буда, бо нархҳои устувори соли 2010 бо долллари ИМА оварда шудаанд. Ин ба хотири он аст, ки ҳангоми муқоисаи ММД дар тӯли солҳои гуногун таваррум ба назар гирифта шуда, муқоиса дақиқтар сурат бигирад.

Расми 3. ММД-и воқеии кишварҳои Осиёи Шарқӣ




Аз намудори боло дида мешавад, ки ҳама кишварҳои минтақа дар ин давра рушд кардаанд. Аммо аз сабаби нисбатан хурд будани иқтисоди Муғулистон дар чунин намудор бо рақамҳои аслӣ самти ҳаракати иқтисоди ин кишвар маълум нест. Бинобар ин, намудори худро дар миқёси логаритмӣ (логарифмӣ) месозем, то ки самти ҳаракати ҳама кишварҳо ба осонӣ дида шавад.

Расми 4. ММД-и кишварҳои Осиёи Шарқӣ (миқёси логаритмӣ)




Акнун самти ҳаракати иқтисодёти ҳар чор кишвари мавриди назари худро ба осонӣ дида метавонем. Маълум аст, ки рушди иқтисодии Ҷопон дар нимаи дуюми асри 19 оғоз шудааст. Аммо маълумоти омории он давра дастраси мо нест ва гузашта аз ин, он давраи Ҷопонро наметавон бо дигар кишварҳои ин минтақа муқоиса кард. Ба ҳар ҳол, баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон низ Ҷопон босуръат рушд кардааст ва ин давраро омӯхтан ба манфиати мост. Дар давраи мавриди назари мо Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ аз солҳои 1960 то 1990 рушди устувор доштаанд. Дар солҳои 1990-ум Ҷопон ба

рукуди иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки то имрӯз натавонистааст суръати рушди иқтисодии худро зиёд кунад. Вале Кореяи Ҷанубӣ бо вуҷуди пасттар шудани суръати рушд ҳамоно ба самти боло ҳаракат дорад. Чин дар солҳои 1960-ум то миёнаҳои солҳои 1970-ум ҳеҷ рушди назаррасе надоштааст. Аввал рукут мекунад ва баъдан танҳо аздастдодаҳои худро барқарор мекунад. Вале баъди даст задани ҳукумати ин кишвар ба ислоҳоти куллӣ дар нимаи дуюми солҳои 1970-ум иқтисоди ин кишвар суръати рушди бесобиқаро ба даст меорад. Дар натиҷа, дар соли 2009 Ҷопонро гузашта, ба дуюмин иқтисоди ҷаҳон табдил меёбад. Ҳоло ҳам ин кишвар суръати рушди нисбатан баландро дорад. Кишвари Муғулистон таҷрибаи дигар дорад. Ин кишвар танҳо баъди соли 2000-ум суръати рушди нисбатан баландро ба даст овардааст. Чунононе ки дар ҷустори пешин дидем, ин пешравӣ дар натиҷаи истихроҷӣ бештари захираҳои табиии ин кишвар муяссар гаштааст.

**МММ**. МММ-и воқеӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ аз ММД-и воқеии онҳо кам фарқ мекунад. Инро мо дар намояи ин кишварҳо дида гузаштем. Бо вуҷуди маълумоти камтар тамоили ин нишондиҳанда монанд ба тамоил дар нишондиҳандаи ММД-и воқеӣ аст. Дар расми 5 МММ-и воқеии кишварҳои Осиёи Шарқӣ оварда шудааст.

Расми 5. МММ-и воқеии кишварҳои Осиёи Шарқӣ




Самти ҳаракати ММД-и саронаи воқеӣ ва МММ-и саронаи воқеӣ дар кишварҳои Осиёи Шарқӣ ба ҳам монанд ҳастанд. Аз расмҳои 6 ва 7 дида метавонем, ки дар ин нишондиҳандаҳо Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ мавқеи баландтарро касб кардаанд. Ҷопон аз аввали давраи мавриди назари мо мавқеи аввалро касб карда буд. Вале Кореяи Ҷанубӣ дар аввал мавқеи наздик ба Чину Муғулистонро доштааст. Аммо баъдан суръати рушди бештар касб карда, аз ин ду кишвар болотар меравад ва баъди солҳои 80-ум ҷаҳиши иқтисодӣ дорад, ки ин кишварро аз рӯйи нишондиҳандаҳои мазкур ба Ҷопон хеле наздик мекунад. Муғулистон дар ин нишондиҳанда низ рушди нисбатан кам дорад. Чин аз ҳисоби зиёд шудани аҳолӣ дар ин нишондиҳандаҳо натавонистааст, ду

кишвари пешсафи минтақаро гузарад, ҳамчуноне ки дар нишондиҳандаҳои ММД ва МММ гузаштааст.

Воқеияти дигаре, ки дар ин ду расм мебинем, ин аст, ки Ҷопон аз рӯйи ин ду нишондиҳанда пайваста рушд кардааст. Суръати рушди ночизе, ки баъди соли 1991 дошт, аз ҳисоби зиёд нашудани аҳолии он ба ММД-и саронаи воқеӣ ва МММ-и саронаи воқеӣ таъсири назаррас расонидааст. Дар воқеъ, агар шумораи аҳолии Чин дар муддати аз соли 1991 то соли 2019 ба андозаи 246.93 миллион нафар зиёд шуда бошад, дар ин давра шумораи аҳолии Ҷопон танҳо ба андозаи 2.34 миллион нафар зиёд шудааст. Бинобар ин, бо вуҷуди суръати пасттарини рушди иқтисодӣ дар минтақаро доштан, дар ММД-и саронаи воқеӣ ва МММ-и саронаи воқеӣ барои Ҷопон зиёдшавиро ба мушоҳида мегирем.

Расми 6. ММД-и саронаи воқеии кишварҳои Осиёи Шарқӣ



Расми 7. МММ-и саронаи воқеии кишварҳои Осиёи Шарқӣ




Барои амиқтар дарк кардани аҳамияти иқтисодии минтақаи Осиёи Шарқӣ саҳми кишварҳои ин минтақаро дар ММД-и ҷаҳонӣ дидан лозим аст. Аз сомонаи Бонки Ҷаҳонӣ ММД-и ҷаҳониро дастрас кардан имкон дорад. Аммо ММД-и кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар якҷоягӣ нестанд. ММД-и чор кишвари минтақаро (додаҳо барои Кореяи Шимолӣ дастрас нестанд) бо ҳам ҷамъ карда, ММД-и минтақаи Осиёи Шарқиро ба даст меорем. Бо истифода аз забони барномарезии "R" ин додаҳоро коркард карда, саҳми кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар ММД-и ҷаҳониро (бо фоиз) ҳамчун нишондишандаи

алоҳида ҳосил менамоем. Дар расми 8 ин нишондиҳанда дар шакли намудори хаттӣ оварда шудааст.

Расми 8. Саҳми кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар ММД-и ҷаҳонӣ




Аз намудори боло ба осонӣ дида метавонем, ки саҳми кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар ММД-и ҷаҳон аз соли 1963 ин ҷониб пайваста зиёд шудааст. Агар дар соли 1960 саҳми ин минтақа дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба 7.89 дарсад баробар буд, онҳо тавонистанд онро дар соли 1980 ба 12.07 дарсад, дар соли 2000-ум ба 19.84 дарсад ва саранҷом дар соли 2019 ба 24 дарсад расонанд. Танҳо дар даврони буҳронҳои иқтисодии муайян ин сатҳ каме пойин меравад, вале дар даврони оромӣ пайваста зиёд мешавад. Дар солҳои 1970 ва 1980-ум дар пайи ҷаҳиши нархи нафт поён меравад ва дар аввали солҳои навадум каме пастшавии он ба рукути иқтисодии Ҷопон рабт

дорад. Дар замони Бӯҳрони молиявии Осиё (1997) ин нишондишанда коҳиши назаррасро дорад. Баъдан дар солҳои 2003 то 2008 тамоюли коҳишёбии муҳлатнок ба назар мерасад. Ба эҳтимоли зиёд, ин аз ҳисоби зиёд шудани ММД-и кишварҳои содиркунандаи нафту газ аст. Чунки дар ин давра саҳми онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ зиёд мешавад ва ин ба таври табиӣ саҳми кишварҳои мавриди назари моро кам мекунад. Аммо Бӯҳрони молиявии ҷаҳонии соли 2008 ин бартариро аз кишварҳои содиркунандаи нафт мегирад ва саҳми кишварҳои мавриди назари мо тамоили мусбат ба худ мегирад.

Дар ҳоле ки кишварҳои Осиёи Шарқӣ аз оғози парвози озодонаи худ дар фазои сиёсии ҷаҳон тавонистанд саҳми худро дар иқтисоди ҷаҳонӣ се баробар зиёд кунанд, чунин ба назар мерасад, ки Тоҷикистони мо дар ин самт таҷриба надоштааст. Саҳми кишвари мо дар ММД-и ҷаҳонӣ дар соли 1990, охирин соли пурраи мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ, ба 0.012 дарсад баробар буд. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ сатҳи ин нишондиҳанда дар соли 2000 то ба 0.003 дарсад пойин шуд. Соли 2019 саҳми мо 0.009 дарсад буд, ки ин аз соли 1990 камтар аст. Танҳо дар солҳои 2013-2015 ҳамагӣ се сол ин нишондиҳанда дар Тоҷикистон ба 0.011 дарсад шуда буд, ки мутаассифона дар солҳои баъдӣ пойин рафт. Аз рӯйи ин нишондиҳанда, мо се даҳсола боз саҳми худро зиёд карда наметавонем. Агар таъсири муҳоҷирати меҳнатиро аз ин нишондиҳанда бардорем, боз ҳам камтар мешавад. Шояд истифода аз таҷрибаи муваффақи кишварҳои Осиёи Шарқӣ мавқеи моро дар иқтисоди ҷаҳонӣ мустаҳкамтар карда тавонад.

Ҳама нишондиҳандаҳои баррасишуда дар ин ҷустор баёнгари он ҳастанд, ки кишварҳои Осиёи Шарқӣ, махсусан Ҷопон, Чин ва Кореяи Ҷанубӣ сиёсати иқтисодии дурустро ба роҳ мондаанд. Ин кишварҳо бо дарки дурусти илми иқтисод ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ тавонистанд дар як давраи кӯтоҳ дар баробари кишварҳои Ғарб қудрати иқтисодиву технологӣ бошанд. Ба таври ҷиддӣ омӯхтани низоми сиёсиву иқтисодии ин кишварҳо ва дар заминаи он ислоҳоти бунёдӣ ворид кардан дар кишвари худ вазифаи ҳар як давлатмард ва блоки иқтисодӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф мебошад. Тоҷикистони азизи мо низ аз ин қоида истисно нест. Набояд бо муқоисаи нишондиҳандаҳои иқтисодии худ бо солҳои ҷанги шаҳрвандӣ маҳдуд шуда, аз суръати рушди иқтисодии кишвари худ қаноатманд бошем. Вақт аст, ки дар масири ислоҳоти иқтисодии бунёдӣ ҷиддӣ иқдом намуда, дар заминаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта, барои Тоҷикистони азиз модели беҳтари иқтисодиро таҳия ва амалӣ созем. Кишварҳои Осиёи Шарқӣ тавонистанд ин иқдомро пиёда сохта, ҷойгоҳи худро дар низоми иқтисодии муосири ҷаҳонӣ касб кунанд. Мо низ бар асоси омӯзиши таҷрибаи ислоҳоти иқтисодии осиёӣ метавонем нишондиҳандаҳои болои иқтисодӣ дошта бошем.

### Сарчашмаҳо


1. Poonkulali Thangavelu Top Ten US Economic Indicators - https://www.investopedia.com/articles/personal-finance/020215/top-ten-us-economic-indicators.asp

2. Harry Mitchell. Macroeconomic Statistics - https://slideplayer.com/slide/6395272/
3. Umar Serajuddin, Nada Hamadeh. New World Bank country classifications by income level: 2020-2021 - https://blogs.worldbank.org/opendata/new-world-bank-country-classifications-income-level-2020-2021
4. M. L. Jhingan The Economics of Development and Planning. 41st Edition, Delhi-2016. P. 5.
5. Habib Ahmed Elsayir. An Econometric Time Series GDP ModelAnalysis: Statistical Evidences and Investigations. Journal of Applied Mathematics and Physics. 2018. P. 2635.
6. Elena-Adriana ANDREI. Econometric Modeling of GDP Time Series. Theoretical and Applied Economics, Volume XVIII (2011). No. 10(563). Pp. 91-98.
7. Organization for Economic Co-operation and Development, Department for Economic Development. Growth: Building Jobs And Prosperity In Developing Countries - https://www.oecd.org/derec/unitedkingdom/40700982.pdf

## 2.8. Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Чин: тиҷорат ва сармоягузорӣ[20]

Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз шарикони асосии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар соҳаҳои иқтисод ва амният мебошад. Ин кишвари ҳамҷавор аллакай дар аввали солҳои навадуми асри гузашта, замони ба истиқлоли давлатӣ расидани Тоҷикистон, ба як кишвари бузург аз нигоҳи иқтисодӣ табдил ёфта буд. Молҳои истеҳсоли Чин аз ҳамон солҳо ба минтақаи Осиёи Марказӣ ворид шуданд ва аз ҳисоби нархҳои дастрас доштанашон харидори зиёд пайдо карда буданд. Аммо ҷанги шаҳрвандӣ, даромади пасти аҳолӣ ва набуди гузаргоҳи сарҳадии мустақим имконият намедод то гардиши умумии молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Чин ба таври назаррас зиёд гардад. Танҳо аз соли 2004 сар карда, гардиши умумии мол бо суръати баланд афзоиш ёфт, ки ҳиссаи содироти Чин дар он ба маротиб аз содироти Тоҷикистон зиёд буд. Сабаби суръат гирифтани тиҷорат бартараф шудани ноамнӣ, зиёд шудани даромади мардум ва кушода шудани гузаргоҳи сарҳадии Кулма-Қаросу миёни Тоҷикистону Чин буд. Ҳарчанд имсол хуруҷи бемории сироятии "COVID-19" таъсири манфии худро ба ин ҳамкориҳо расонидааст, аммо ин як падидаи муваққатӣ буда, баъди аз миён рафтани ин беморӣ суръати рушди нишондодҳои зикргардида боз ҳам зиёдтар хоҳад шуд.

[20] Ин мақола дар Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №2(010), 2020, мунташир шудааст.

Чин дар ҳамсоягии кишварҳои Осиёи Марказӣ қарор дорад. Ин ҳамҷаворӣ омили табиии ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷоратӣ аст. Аз замонҳои қадим тиҷорат миёни ин ду минтақа вуҷуд дошт ва дар шароити мусоид то ба миқёси баланд мерасид. Маҳсули меҳнати мардуми Чин на танҳо ба минтақаи мо меомад, балки тавассути ин минтақа ба кишварҳои Шарқи Наздик, Африқо ва Аврупо мерафт. Ин хатти тулонии тиҷоратӣ дар торих бо номи "Ҷодаи абрешим" машҳур аст.

Бо вуҷуди он ки дар замони муосир роҳҳои баҳрӣ ва ҳавоӣ рушди зиёд карданд ва аксари молҳои тиҷоратии Чин ба воситаи баҳр ба бозори ҷаҳонӣ бароварда мешавад, хатти заминии "Ҷодаи абрешим" аҳамияти худро гум накардааст. Мушкилоти амниятӣ дар роҳҳои баҳрӣ ва гаронии боркашонӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ сабаб гардидааст, ки ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин барномаи бозсозии "Ҷодаи абрешим"-ро рӯйи даст гирад ва дар баробари амалӣ сохтани он ба кишварҳои минтақа маблағҳои ҳангуфт дар шакли қарзҳои имтиёзнокро бидиҳад. Кишварҳои минтақа бо истифода аз ин маблағҳо роҳҳои автомобилгард ва роҳҳои оҳан месозанд ва ё роҳҳои фарсудаи мавҷударо бозсозӣ мекунанд. Қубурҳои интиқоли газ низ аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Руссия ба Чин сохта шудаанд ё дар ҳоли сохта шудан ҳастанд ва дар солҳои наздик мавриди истифода қарор мегиранд.

Пурра сохта шудани хатти тиҷоратии "Ҷодаи абрешим" шароити расидани маҳсулоти чиниро ба бозорҳои Осиёи Миёна, Федератсияи Руссия, Қафқоз осон мегардонад ва Чин метавонад ашёи хом ва нафтро аз

ин минтақаҳо дастрас кунад. Дар шароити пайдо шудани мушкилот дар роҳи баҳрӣ “Ҷодаи абрешим” аҳамияти чандкарата пайдо карда, Чинро аз инҳисори иқтисодӣ раҳо мекунад. Бинобар ин, Чин бо сарфи миллиардҳо доллари амрикоӣ барои сохта ба истифода додани шоҳроҳи мазкур мусоидат карда истодааст.

Дар баробари омилҳои иқтисодӣ, ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин, дар доираи масъалаҳои амниятӣ ҳам ба роҳ монда шудаанд ва пешравиҳои мушаххас дорад. Дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай масъалаҳои амниятӣ ва мушкилоти марзӣ миёни кишварҳои аъзо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Махсусан, бар зидди вабои асри нав терроризм, Созмони мазкур мубориза бурда истодааст. Бо роҳи ҳамкориҳои амниятӣ дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай Чин мехоҳад бо се мушкил, ки онҳоро “се бадӣ” меномад мубориза барад. Ин се бадӣ терроризм, сепаратизм ва экстремизм мебошанд, ки ба худи Чин хатари бузург доранд.

Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Чин ҳам дар тиҷорат ва ҳам дар масоили амниятӣ дар тули солҳои истиқлоли Тоҷикистон рушди бемайлон доштанд. Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон захираҳои нафту газ надорад, аммо ҳамкориҳо иқтисодӣ вуҷуд доранд ва Чин яке аз шарикони асосии тиҷоратӣ ва бузургтарин сармоягузор барои кишвари мо маҳсуб меёбад. Дар ҷадвали 1 маълумот оиди содироту воридоти Тоҷикистон ба Чин, гардиши умумии молу маҳсулот миёни ду кишвар ва касри тиҷории Тоҷикистон бо ин кишвар оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Тиҷорати Тоҷикистону Чин (1992-2017) (милл.долл.ИМА)

| Солҳо | Воридот (милл.долл.ИМА) | Содирот (милл.долл.ИМА) | Гардиши умумии мол | Касри тиҷорӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1992 | 1,95 | 0,80 | 2,76 | 1,15 |
| 1993 | 6,48 | 5,88 | 12,35 | 0,60 |
| 1994 | 0,67 | 2,50 | 3,18 | -1,83 |
| 1995 | 14,61 | 9,24 | 23,86 | 5,37 |
| 1996 | 7,64 | 4,08 | 11,71 | 3,56 |
| 1997 | 11,04 | 9,18 | 20,23 | 1,86 |
| 1998 | 11,03 | 8,19 | 19,22 | 2,85 |
| 1999 | 2,30 | 5,74 | 8,04 | -3,45 |
| 2000 | 6,79 | 10,38 | 17,17 | -3,58 |
| 2001 | 5,30 | 5,45 | 10,75 | -0,15 |
| 2002 | 6,50 | 5,89 | 12,39 | 0,62 |
| 2003 | 20,81 | 18,01 | 38,82 | 2,80 |
| 2004 | 53,56 | 15,37 | 68,93 | 38,19 |
| 2005 | 143,74 | 14,20 | 157,94 | 129,54 |
| 2006 | 305,78 | 18,00 | 323,78 | 287,78 |
| 2007 | 513,77 | 10,28 | 524,05 | 503,48 |
| 2008 | 1479,68 | 20,24 | 1499,93 | 1459,44 |
| 2009 | 1217,57 | 184,98 | 1402,56 | 1032,59 |
| 2010 | 1376,50 | 56,05 | 1432,55 | 1320,45 |
| 2011 | 1996,78 | 72,23 | 2069,01 | 1924,55 |
| 2012 | 1747,87 | 108,83 | 1856,70 | 1639,04 |
| 2013 | 1869,36 | 88,75 | 1958,11 | 1780,61 |
| 2014 | 2468,24 | 47,70 | 2515,94 | 2420,54 |
| 2015 | 1795,39 | 52,03 | 1847,42 | 1743,35 |
| 2016 | 1725,08 | 31,24 | 1756,33 | 1693,84 |
| 2017 | 1301,37 | 46,74 | 1348,11 | 1254,64 |
| 2018 | 1425,93 | 76,84 | 1502,77 | 1349,09 |

(Манбаъ: сомонаи Бонки Ҷаҳонӣ)

Тиҷорати Тоҷикистон бо Чин дар тули ин солҳо рушди назаррас доштааст. Агар солҳои навадумро бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ сарфи назар кунем аз соли 2001 то 2018 гардиши умумии молу маҳсулот тақрибан 125 маротиба зиёд шудааст. Мутаасифона, содироти Тоҷикистон қариб дар ҳама солҳо аз воридот кам будааст. Касри тиҷории кишвари мо бо Чин дар соли 2018 ба 1 349,1 миллион доллари ИМА баробар шудааст. Дар ин сол агар Тоҷикистон аз Чин ба маблағи 1 426 миллион доллари ИМА молу маҳсулот ворид карда бошад, содирот ба ин кишвар тақрибан 75 миллион доллари ИМА будааст. Гароиши тиҷорати Тоҷикистон бо Чинро дар солҳои 1992-2018 дар намудори 1 дида метавонем.

Намудори 1. Гароиши содироту воридот




Дар намудори 1 дида метавонем, ки агар то соли 2004 содироту воридот аз якдигар фарқияти баланд надошта бошанд, аз соли 2005 воридоти мо аз Чин бо суръат боло рафтааст. Содирот ба ин кишвар аз

Тоҷикистон натавонистааст бо ҳамон суръат боло равад. Танҳо дар солҳои 2008-2009 камтар пешравии назаррасро дида метавонем. Вале пас аз сар задани буҳрони молиявии ҷаҳонӣ боз рӯй ба поён овардааст. Баландтарин адад дар воридоти Тоҷикистон аз Чин ба соли 2014 рост меояд, ки он 2 468 миллион доллари ИМА-ро ташкил мекунад. Содирот бошад дар соли 2008 аз ҳама баландтар буд ва он ба 185 миллион доллари ИМА баробар буд. Дар намудори 2 гароиши гардиши умумии молу маҳсулот миёни ду кишвар нишон дода шудааст.

Намудори 2. Гардиши умумии мол




Азбаски саҳми воридоти Тоҷикистон аз Чин аз саҳми содироти мо ба ин кишвар ба маротиб зиёд аст, тасвири гардиши умумии мол шакли гароиши воридотро мегирад, ки дар намудори 1 оварда шудааст. Гардиши умумии молу маҳсулот ба монанди воридоти мо аз Чин дар соли 2014 аз ҳама бештар аст, ки он 2 516 миллион доллари ИМА-ро ташкил кардааст. Пас аз он дар се соли оянда бо сабабҳои

муайян он гароиши манфӣ дорад ва дар соли 2017 ба 1 348 миллион доллари ИМА баробар шудааст. Яъне қариб ду баробар кам шудааст. Аммо дар соли 2018 ин нишондиҳанда ба 1503 миллион доллари ИМА баробар шуда, ки 155 миллион зиёдтар мебошад.

Чин бузургтарин сармоягузор ва қарздиҳандаи Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ин кишвар дар соли 2019 ба иқтисодиёти Тоҷикистон маблағи баробар ба 262,3 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ кардааст, ки ин 75,8 дарсади сармояи умумии хориҷӣ дар Тоҷикистонро дар ин сол ташкил медиҳад. Тибқи маълумот аз сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин маблағ ба соҳаҳои хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноати сохтмонӣ ва истеҳсоли маҳсулоти нафтиву газӣ равона карда шудаанд. Аз маълумоти сомонаи мазкур бармеояд, ки аз соли 2007 то соли 2019 дар миёни 63 кишваре, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон сармоягузорӣ кардаанд, Чин ҷойи якумро ишғол менамояд. Ин кишвар дар ин давра дар маҷмуъ сармоягузории баробар ба 2 863,5 миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон кардааст, ки 29%-и сармоягузории умумии кишварҳои хориҷӣ дар Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Дар намудори 3 панҷ кишвари асосии сармоягузори Тоҷикистон оварда шудааст, ки сармояи умумии онҳо дар ин давра 65,2 дарсади сармояи умумии хориҷиро ба кишвари мо ташкил медиҳад.

Намудори 3. Кишварҳои асосии сармоягузори Тоҷикистон дар солҳои 2007-2019




Дар баробари тиҷорат ва сармоягузории мустақим, Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Тоҷикистон қарзҳои имтиёзнок медиҳад. Маблағҳои қарзӣ асосан барои маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ истифода мешаванд, ки барои рушди иқтисодии кишвар зарур мебошанд. Агар ба сохтори қарзи хориҷии Тоҷикистон дар соли 2016 назар кунем, Чин тавассути Эскимобонк аз ҳама зиёд ба Тоҷикистон қарз додааст. Ҳаҷми он дар соли 2016 ба 1 197,31 миллион доллари амрикоӣ баробар буда, 52,65 дарсади ҳаҷми умумии қарзи хориҷии кишварро ташкил медиҳад. Сохтори қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016, тибқи маълумоти Вазорати молияи Тоҷикистон, дар намудори 4 оварда шудааст.

Намудори 4. Сохтори қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли 2016




Дар боло қайд карда шуд, ки сабаби суръат гирифтани тиҷорат бартараф шудани ноамнӣ, зиёд шудани даромади мардум ва кушода шудани гузаргоҳи сарҳадии Кулма-Қаросу миёни Тоҷикистону Чин буд. Аммо омили асосии болоравии нишондиҳандаҳои тиҷоратӣ кадом буд? Албатта амният ва оромие, ки фароҳам шуда буд, заминаи хубе барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар буд ва кушодашавии гузаргоҳи сарҳадии Кулма-Қаросу шароитро барои зиёдшавии тиҷорати Тоҷикистону Чин фароҳам меовард. Аммо даромади аҳолӣ бе шак дар ин ҷо нақши калидӣ дошт ва даромади аҳолӣ дар ду даҳаи охир бештар ба муҳоҷират рабт дошт. Бинобар ин, санҷиши омории ҳамбастагии тағйирёбандаи гардиши умумии мол миёни Тоҷикистону Чин бо маблағи интиқолшудаи муҳоҷирони тоҷикистонӣ аз хориҷи кишвар дар ин ҷо мувофиқи

мақсад аст. Бо ҳамин мақсад нахуст ҳамбастагии ин ду нишондиҳандаро дар солҳои 2002-2017 дар шакли намудори нуқтаӣ дида мебароем.

Намудори 5. Ҳамбастагии гардиши мол миёни Тоҷикистону Чин бо интиқоли пули муҳоҷирони тоҷикистонӣ аз хориҷи кишвар




Аз намудор ба осонӣ метавон дид, ки рушди тиҷорат миёни Тоҷикистону Чин бо маблағи интиқолкардаи муҳоҷирон вобастагии зич дорад. Яъне бо зиёд шудани маблағи интиқолшуда гардиши мол миёни ду кишвар зиёд мешавад. Коэфитсенти ҳамбастагии ин ду тағйирёбандаро бо истифода аз нармафзори Excel ҳисоб кардан мумкин аст, ки натиҷаи онро дар зер меорем.

| | *Гардиши умумии мол* | *Маб. Интиқол.* |
|---|---|---|
| Гардиши умумии мол | 1 | |
| Маб. Интиқол. | 0,929422 | 1 |

Аз натиҷаи бадастомада бармеояд, ки коэфисенти ҳамбастагии ин ду тағйирёбанда ба 0,93 баробар аст. Яъне ин ду тағйирёбанда аз ҳамдигар вобастагии зиёд доранд. Хулоса ин аст, ки саҳми интиқоли пул аз хориҷи кишвар тавассути муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди тиҷорат миёни Тоҷикистону Чин хеле зиёд мебошад.

Бо вуҷуди он ки рушди тиҷорат вобастагии бештар ба даромади муҳоҷирон дорад, сармоягузории мустақим ва ғайримустақими Чин дар Тоҷикистон натиҷаи ба роҳ мондани сиёсати дуруст аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳамсояҳои худ ба роҳ мондааст. Тоҷикистон ва Чин ҳанӯз дар моҳи майи соли 2013 тавофуқномаи ҳамкории стратегиро ба имзо расонида буданд, ки заминасози тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ гардид. Дар доираи ин тавофуқнома ду кишвар дар соҳаҳои энергетика, инфрасохтор, истихроҷ, кишоварзӣ ва ғайра ҳамкориҳоро бештар карданд, ки дар натиҷа сармоягузории Чин дар Тоҷикистон зиёдтар шуд.

Дар муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистону Чин як чанд мушкилро метавон номбар кард. Пеш аз ҳама ин мушкилии қарз мебошад, ки метавонад як кишвари кучакро вобастаи Чини бузург гардонад. Дар ҳолати пайдо шудани мушкилӣ дар пас гардонидани маблағҳои қарзӣ, Чин метавонад иншоотҳоеро, ки дар он маблағҳои мазкур сарф шудаанд, бо шароити ба худ мувофиқ, иҷораи дарозмуддат гирад. Таҷрибаи кишвари Шри Ланка далели ин гумонҳо буда метавонад. Баъдан, мушкили муҳити зист вуҷуд дорад. Корхонаҳое, ки бо сармояи чинӣ фаъол мешаванд бештар хосияти олудасозии муҳитро доранд. Аз ҷумла, корхонаҳои

истеҳсоли сement ва арматур чунин характерро доро мебошанд. Коркарди конҳо низ дар худ нигарониҳои муҳити зистиро доранд.

Бартараф сохтани мушкилоти номбаршуда пеш аз ҳама ба фаъолияти дурусти мақомоти давлатии худи Тоҷикистон вобаста аст. Идораи дурусти қарзи давлатӣ, ки ба сари вақт баргардонидани маблағҳои қарзӣ мусоидат мекунад, мушкили қарзҳоро бартараф хоҳад кард. Пурзӯр кардани назорат аз болои фаъолияти корхонаҳое, ки эҳтимолияти ифлос кардани муҳити зистро доранд ва бозбинии талаботҳо барои фаъолияти чунин корхонаҳо, мушкили муҳити зистро низ бартараф карда метавонад.

Таҳлили раванди ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Чин дар гузашта нишон дод, ки дар тули ин солҳо ҳамкориҳо гароиши мусбӣ доштаанд. Дар асоси ин метавон гуфт, ки дар оянда ин ҳамкориҳо боз ҳам зичтар хоҳанд шуд. Пайванди роҳҳои заминӣ ва ҳавоӣ ва мавҷудияти заминаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба рушди ин ҳамкориҳо мусоидат мекунанд. Дар оянда хатти қубурии интиқоли газ аз Туркманистон тавассути Узбакистон, Тоҷикистон ва Қизғизистон ба Чин як саҳифаи дигарро дар муносибатҳои ду кишвар изофа хоҳад кард. Ду кишвари ҳамҷавор аз ҳама имкониятҳо истифода бурда, ҳамкориҳои иқтисодии мутақобилан судманди худро зиёдтар карда метавонанд. Ҳоло буҳрони бавуҷудомада дар пайи хуруҷи бемории «COVID-19» монеаи асосии рушди ин ҳамкориҳо мебошад, вале чуноне ки зикр кардем ин мушкили муваққатӣ аст ва дарояндаи наздик бартараф мешавад. Дигар ҳеҷ мушкили ҷиддие дар роҳи

рушди муносибатҳои Тоҷикистону Чин вуҷуд надорад ва боварӣ дорем, ки сиёсати дурусти бароҳмондаи ҳукуматҳои ду кишвар ҳамкориҳои дуҷонибаро боз ҳам тақвият мебахшад.

## Сарчашмаҳо


1. Cinese Product exports to and imports from Tajikistan 2017. [Манбаи электронӣ]. URL: https://wits.worldbank.org/CountryProfile/en/Country/JPN/Year/2017/TradeFlow/EXPIMP/Partner/TJK/Product/All-Groups# (санаи муроҷиат 23.02.2020).
2. Омори сармоягузории хориҷӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/27-omori-sarmojaguzorii-h ori.html (санаи муроҷиат 24.01.2020).
3. China, Tajikistan establish strategic partnership. [Манбаи электронӣ]. URL:http://www.chinadaily.com.cn/china/2013-05/20/content16513 300.htm (санаи муроҷиат 03.04.2020).
4. В Таджикистане потенциального загрязнителя воздуха освободили от уплаты налога на прибыль. [Манбаи электронӣ]. URL: https://teletype.in/@asiaplus/S1IHjfXdS?fbclid=IwAR0akUGvOonRsmwfyXSax9Y3mQwqBAu3cFdvSm3Y1vKsk3CQq4a0kV-M0vk (санаи муроҷиат 17.03.2020).
5. Ҳамкориҳои иқтисодӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://tajikembass ychina.org/tj/podpisanie-aktov/ (санаи муроҷиат 12.06.2020).

6. China's economic penetration into post-Soviet Central Asia and Eastern Europe. [Манбаи электронӣ]. URL: http://lfpr.lt/wp-content/uploads /2015/09/LFPR-30-Andrijauskas.pdf (санаи муроҷиат 06.07.2020).
7. Study on China's Investment In Central Asia. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ijier.net/index.php/ijier/article/view/1409 (санаи муроҷиат 11.08.2020).

## 2.9. Муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистону Ҷопон[21]

Таҳқиқу назорати пайвастаи раванди робитаҳои дипломатӣ ва иқтисодии кишварҳои гуногун бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ шарт ва зарур буда, кафолати бартараф шудани камбудиҳост, ки заминаи рушди динамикии онро фароҳам меоварад. Ҳеҷ фаъолияте бе камбудӣ нест ва равобити дуҷонибаву бисёрҷонибаи кишварҳо низ камбудӣ ва бартариҳои худро  дорад. Моро зарур аст ин равандҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, камбудиҳоро бартараф созем ва аз ҳама имкониятҳои мавҷуда ба пурагӣ истифода кунем.

Ҷопон яке аз кишварҳои пуриқтидорест, ки аз нигоҳи иқтисодӣ дар ҷаҳон ҷойи сеюмро (пас аз ИМА ва ЧИН) ишғол менамояд. Густариши технологияҳои баланд дар ин кишвар роҳи онро ба бозори ҷаҳонӣ кушод, ки тақрибан бо тамоми ҷаҳон додугирифтҳои иқтисодиву фарҳангӣ дорад. Робитаҳои Тоҷикистон бо ин кишвари қудратманд аз аҳамияти вижа бархурдор аст. Ҳарчанд додугирифти кишвари мо бо Ҷопон нисбатан кам аст, вале имкониятҳои фаровон мавҷуд аст, ки метавонад онро ба зинаҳои баланд расонад. То имрӯз равобити ин ду кишвар дар кадом сатҳ буд? Чӣ ояндае моро интизор аст агар муносибати худро бозбинӣ накунем? Чӣ роҳҳое метавонад шароити истифодаи ҳама имкониятҳои мавҷударо фароҳам оварад ва боиси

---

[21] Ин мақола дар маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа", №1(19), 2020, саҳ. 159 мунташир шудааст.

густариши босуръати ҳамкориҳо шавад? Дар матлаби мазкур кӯшиш мекунем ба ин пурсишҳо посух дарёбем.

Баъди чанд моҳ аз эълони истиқлолияти Тоҷикистон дар санаи 2-юми феврали соли 1992 муносибатҳои дипломатӣ бо Ҷопон ба роҳ монда шуд. Аммо аз сабаби сар задани ҷанги нангини дохилӣ дар Тоҷикистон танҳо дар 26-уми январи соли 2002 кишвари Ҷопон тавонист сафорати худро дар Душанбе ифтитоҳ намояд. Сафорати Тоҷикистон дар Токио бошад дертар дар 28-уми ноябри 2007 ифтитоҳ шуд. Дар давоми ин 27 сол раҳбари Тоҷикистон чор маротиба ва нахуствазири Ҷопон як маротиба аз кишварҳои якдигар дидан карданд. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст дар моҳи майи соли 2001 ба Ҷопон сафар анҷом дода, охирин сафараш моҳи октябри соли 2018 ба вуқуъ пайваст. Намояндагони парлумон ва вазоратҳои гуногуни ҳарду кишвар пайваста ба кишварҳои якдигар сафар мекарданд ва масъалаҳои мубрам дар муносибатҳо миёни Тоҷикистону Ҷопонро марвиди баррасӣ қарор медоданд.

Бо вуҷуди ин ҳама кӯшишҳо аз ҳарду ҷониб гардиши молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Ҷопон ночиз боқӣ мемонад. Бо сабабҳои гуногун мо натавонистем имкониятҳои мавҷударо амалӣ намоем ва аз натиҷаи он суди нараррас ба даст оварем. Ин дар ҳолест ки барои ривоҷи ҳамкориҳо чандин санади дуҷонибаву бисёрҷониба ба имзо расонида шудааст. Барои инъикоси ҳолати мавҷуда ва самти ҳаракати робитаҳои иқтисодии ду кишвар дар зер додаҳои омории дастрасро таҳлилу баррасӣ мекунем.

**Содироту воридот.** Додаҳо оиди гардиши молу хизматрасонӣ миёни Тоҷикистону Ҷопонро метавон аз сомонаи СММ, сомонаи Бонки Ҷаҳонӣ, сомонаи Агентии Омори Тоҷикистон ва сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон дастрас кард. Мутаасифона, рақамҳои дарҷшуда дар сомонаҳои СММ ва Бонки Ҷаҳонӣ бо рақамҳои дарҷшуда дар сомонаҳои дохилӣ мутобиқат намекунанд. Бинобар ин, мо сари интихоб қарор мегирем, ки аз кадом сарчашма истифода кунем. Интихоби мо сари додаҳо аз сомонаи Бонки Ҷаҳонӣ қарор мегирад. Чунки он бо додаҳои СММ як ҳастанд ва онҳо аз ҷониби муқомоти марбутаи Ҷопон таъмин карда шудаанд. Дар ҷадвали 1 маълумоти 9 соли охир дар мавриди содироти Тоҷикистон ба Ҷопон ва воридоти мо аз ин кишвар оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Содироту воридоти Тоҷикистон ба Ҷопон дар солҳои 2010-2017 (ҳаз.дол.ИМА)

| Солҳо | Содирот | Воридот | Гардиши умумӣ | Бақия |
|---|---|---|---|---|
| 2010 | 25912,07 | 1400,24 | 27312,32 | 24511,83 |
| 2011 | 13051,46 | 888,80 | 13940,26 | 12162,67 |
| 2012 | 10871,35 | 7466,99 | 18338,33 | 3404,36 |
| 2013 | 1114,03 | 1342,77 | 2456,80 | -228,75 |
| 2014 | 1384,43 | 14160,35 | 15544,78 | -12775,91 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2015 | 2230,14 | 5328,67 | 7558,81 | -3098,53 |
| 2016 | 1161,95 | 3588,89 | 4750,84 | -2426,95 |
| 2017 | 1456,12 | 5907,32 | 7363,44 | -4451,20 |

Сарчашма: сомонаи Бонки ҷаҳонӣ (https://wits.worldbank.org/CountryProfile/en/Country/JPN/Year/2017/TradeFlow/EXPIMP/Partner/TJK/Product/All-Groups)

Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки содироти Тоҷикистон ба Ҷопон гароиши манфӣ дорад. Агар дар соли 2010 он 25 912 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил мекард, дар соли 2017 он ба 1 456 ҳазор баробар шудааст ва ин пасттарин рақам нест. Камтарини он ба соли 2013 рост меояд, ки он 1 114 ҳазор доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Бештаринаш ҳамон 25 912 ҳазори соли 2010 мебошад.

Воридоти Тоҷикистон аз Ҷопон бошад бо вуҷуди гароиши мусбат доштан тағйирпазирии зиёд дорад. Агар дар соли 2010 он ба 1 400 ҳазор доллари ИМА баробар буд, дар соли 2017 он 5 907 ҳазорро ташкил кардааст. Аммо дар соли 2014 содирот ба Ҷопон 14 160 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кардааст, ки ин бештарин дар ин нуҳ сол мебошад. Камтарин рақам дар ин ҷо дар соли 2011 ба назар мерасад, ки он баробар аст ба 888 ҳазор доллари ИМА.

Ҳамин тариқ гардиши умумии молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Ҷопон низ гароиши манфиро ба худ мегирад. Дар соли 2010 гардиши умумӣ ба 27 312 ҳазор доллари ИМА баробар буд, ки ин бештарин рақам дар чанд соли охир аст. Аммо соли 2017 он то ба 7 363 ҳазор доллари ИМА поён фаромадааст.

Бақияи гардиши мол агар дар солҳои 2010-2012 ба манфиати Тоҷикистон буд, аммо дар солҳои баъдӣ он ба манфиати Ҷопон шудааст ва дар солҳои 2013-2017 ҳамасола воридоти мо аз содиротамон ба Ҷопон зиёд будааст. Масалан, дар соли 2017 воридоти мо 5 907 ҳазор доллари ИМА буда, содиротамон танҳо 1 456 ҳазорро ташкил медиҳад. Ин ҷо содироти мо танҳо камтар аз 20 дарсади гардиши умумӣ миёни ин ду кишвар мебошад, ки хеле кам аст. Гароиши содироту воридот миёни ду кишвар дар намудори 1 нишон дода шудааст.

Намудори 1. Содироту воридоти Тоҷикистон бо Ҷопон




Аз намудори 1 ба осонӣ метавон дид, ки содироти молу колоҳо аз Тоҷикистон ба Ҷопон гароиши манфӣ дорад. Хати гароиш ҳам рӯй ба поён дорад ва дар формулаи гароиш коэффисенти b ба -2803.4 баробар аст, ки маънои он ба ҳамин рақам (2803.4 ҳаз. долл. ИМА) кам

шудани содирот дар ҳар сол аст. Воридоти Тоҷикистон аз Ҷопон гароиши мусбӣ дорад, вале коэфисети b дар он кучак буда, солона танҳо ба миқдори 603.28 ҳаз. долл. ИМА зиёд мешавад. Агар чанд соли дигар ин гароишҳо бе тағйир монанд, вазъият ба таври назаррас ба зиёни Тоҷикистон мешавад.

**Кумакҳои расмӣ барои рушд (КРР).** Кумакҳои расмӣ барои рушд ин грантҳо ва қарзҳои имтиёзноке мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти расмии кишварҳои тараққикарда ба кишварҳои рӯ ба рушд, бо мақсади мусоидат барои рушд ва некуаҳволии мардумашон дода мешаванд. Ҷопон дар миёни 15 кишвари асосие дохил мешавад, ки чунин кумакҳоро ҳамасола ба кишварҳои рӯ ба рушд мерасонад. Ҳанӯз дар моҳи июни соли 1992 ҳукумати ин кишвар маншури КРР (the ODA Charter)-ро ба тасвиб расонд, ки сиёсати ин кишварро дар ин ҷода баъди хотимаёбии Ҷанги сард муайян мекунад. Ин ҳуҷҷат дар заминаи таҷрибаи 40 солаи Ҷопон дар амалисозии барномаҳои КРР тартиб дода шуда буд ва то имрӯз аз рӯйи он кор мекунанд. Ҳуҷҷати мазкур фалсафа, усул ва соҳаҳои асосиро барои амалисозизии барномаҳои КРР муқаррар менамояд.

Фалсафаи маншури КРР-и Ҷопон иборат аст аз афкори башардӯстона, шинохти вобастагии мутақобилаи миллатҳо дар ҷаҳон, ҳифзи муҳити зист ва ҳимоят аз талошҳо барои расидан ба худкифоии кишварҳои кумакгиранда. Дар баробари ин, маншури мазкур чор усулро муайян кардааст, ки инҳо мебошанд:

- созгори миёни ҳифзи муҳити зист ва рушд;
- роҳ надодан ба истифодаи маблағҳои барномаҳои КРР ба мақсадҳои низомӣ ва аланга дохтани муноқишаҳои байналмилалӣ;

- назорати хароҷоти низомии кишварҳои рӯ ба рушд, фаъолияти онҳо дар заминаи истеҳсоли силоҳҳои куштори дастаҷамъӣ ва содироту воридори ярок;
- назорати раванди демократикунонӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд, кӯшишҳои онҳо барои рушди иқтисоди бозаргонӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои шаҳрвандон дар ин кишварҳо.

Дар доираи кумакҳои расмӣ барои рушд, Ҷопон ҳамасола маблағҳои муайянеро барои Тоҷикистон низ ҷудо намуда, лоиҳаҳои алоҳидаро маблағгузорӣ менамояд. Лоиҳаҳое ки амалӣ мешаванд бештар дар вилояти Хатлон буда, онҳо барои бозсозии низоми обрасонӣ ба аҳолӣ, тақвияти амният дар марзи Тоҷикистону Афғонистон, тақвияти низоми тандурустӣ, рушди деҳот ва дастгирии саноат, рушди ҳамоҳанги соҳаи энергетика бо муҳити зист, хизматрасонии техникии соҳаи нақлиёт, тақвияти иқтидори идории муассисаҳои давлатӣ ба воситаи омӯзиши кормандони онҳо ва ғайра равона шудаанд. Ба ғайр аз ин, дар доираи КРР Ҷопон дар ҳаҷми 19 млн.долл.ИМА дар соли 2014 лоиҳаи беҳбуди Фурудгоҳи байналмилалии Душанберо маблағгузорӣ кардааст.

Ҳаҷми ин кумакҳо аз содироту воридот миёни ин ду кишвар ба таври назаррас зиёд аст. Мо дар боло ҳаҷми содироту воридот миёни Тоҷикистону Ҷопонро дар ҷадвали 1 овардаем. Акнун дар ҷадвали 2 ҳаҷми кумакҳои расмии Ҷопон ба Тоҷикистонро, ки барои рушди соҳаҳои гуногун равона шудаанд меоварем.

Ҷадвали 2. Кумакҳои расмӣ барои рушд.
миллион долл.ИМА

| Солҳо | Кумакҳои грантӣ | Ҳамкориҳои техникӣ | Ҷамъ |
|---|---|---|---|
| 2012 | 27,71 | 5,27 | 32,98 |
| 2013 | 19,01 | 7,65 | 26,66 |
| 2014 | 17,49 | 6,05 | 23,54 |
| 2015 | 14,21 | 3,61 | 17,82 |
| 2016 | 25,41 | 5,63 | 31,04 |
| **Ҷамъ** | **103,83** | **28,21** | **132,04** |

Сарчашма: сомонаи ВУХ Ҷопон (https://www.mofa.go.jp/files/000142566.pdf)

Муқоисаи содироту воридоти мол ва КРР нишон медиҳад, ки дар панҷ соли овардашуда (2012-2016) КРР ҳамеша аз содироту воридот дар алоҳидагӣ ва ҳам гардиши умумии мол миёни ду кишвар зиёд будааст. Барои равшантар дидани ин фарқият метавон дар намудорҳои алоҳида КРР-ро бо содироту воридот дар алоҳидагӣ ва гардиши умумии молу маҳсулот тартиб дод. Пеш аз ҳама КРР-ро бо содирот аз Тоҷикистон ба Ҷопон муқоиса мекунем.

Намудори 2. Муқоисаи КРР бо содирот




Аз намудор ба осонӣ дида метавонем, ки тули ин панҷ сол ҳамасола КРР-и Ҷопон ба Тоҷикистон аз содироти мо ба ин кишвар зиёд будааст. Ҷамъи додаҳои панҷсола ҳам нишон медиҳад, ки агар дар тули ин панҷ сол Тоҷикистон аз Ҷопон 132,04 млн.долл.ИМА кумакҳо барои рушд гирифта бошад, содирот ба ин кишвар ҳамагӣ 16,76 млн.долл.ИМА-ро ташкил мекунад. Ин тақрибан 8 маротиба камтар аст. Ин ба он маъност, ки Тоҷикистон натавонистааст аз имкониятҳои тиҷоратӣ бо Ҷопон истифодаи дуруст кунад. Содироти молу хизматрасониҳо дар ҳолати ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодии дуруст, метавонанд ба маротиб аз КРР зиёдтар бошанд. Ҳолати баръаксе, ки мо ҳоло мебинем қобили қабул нест. Ба ин масъала диққати ҷиддӣ додан лозим аст, то аз имкониятҳои мавҷуда дуруст истифода карда шавад ва роҳи бурунрафт аз ин ҳолати ногувор пайдо карда шавад.

Намудори 3. Муқоисаи КРР бо воридот




Воридоти Тоҷикистон аз Ҷопон низ аз КРР-и ин кишвар ба мо тақрибан 4 маротиба камтар аст. Яъне Ҷопон аз тиҷорати бевосита ба Тоҷикистон агар дар панҷ соли мавриди назари мо 31,89 млн.долл.ИМА ба даст оварда бошад, 4 мароти зиёдтар (132,04 млн.долл.ИМА) ҳамчун кумаки расмӣ барои рушд ба кишвари мо пардохт кардааст. Яъне Ҷопон аз тиҷорати бевосита бо Тоҷикистон даромади назаррасе надорад. Албатта маҳсули зеҳнии мардуми Ҷопонро тоҷикистониён зиёд истифода мекунанд ва мо дар кӯчаву бозорҳо маҳсулоти ширкатҳои ҷопониро зиёд мебинем. Аммо аксари онҳоро ширкатҳои ҷопонӣ дар кишварҳои ҳамҷавори мо истеҳсол мекунанд. Дар ҳолати ба Тоҷикистон ворид шудани ин гуна маҳсулот маблағи он ҳамчун содироти ин кишварҳо ба расмият медарояд, на содироти Ҷопон. Бинобар ин, чуноне ки дар намудори 4 мебинем, ҳатто гардиши умумии молу хизматрасониҳо миёни Тоҷикистон ва Ҷопон 2,7 маротиба

аз кумакҳои расмии ин кишвар барои рушди Тоҷикистон камтар аст, ки ин боиси нигаронист.

Намудори 4. Муқоисаи КРР бо гардиши умумӣ




Дар доираи кумакҳои расмӣ Ҷопон ба кишварҳои рӯ ба рушд кумакҳои қарзӣ низ мерасонад. Аз ҷумла кишвари ҳамсояи мо Узбекистон ин қарзҳои имтиёзнокро ба даст овардааст ва аз ин имконият истифода кардааст. Ин қарзҳо барои соҳаи энергетика ва обёрии заминҳо равона шудаанд. Вале аз рӯи маълумоти дастрас аз сомонаи ВУХ-и Ҷопон, Тоҷикистон ба ин қарзҳо дастрасӣ пайдо накардааст. Ҳол он ки мо барои сохтмони Истгоҳҳои Обӣ-Барқӣ ба чунин қарзҳои имтиёзнок ниёз дорем.

Коршиноси ҷопонӣ Томоҳико Уйама яке аз сабабҳои асосии кам будани ҳузури иқтисодии Ҷопон дар кишварҳои Осиёи Миёнаро, нисбат ба КРР, паст будани

сатҳи сармоягузории мустақим медонад. Ӯ меафзояд, ки сармоягузорӣ ба Осиёи Миёна хатарҳои муайянеро дорад, ки бесуботии иқтисодӣ ва ноустувории сиёсати иқтисодӣ дар ин кишварҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд.[3] Барои Тоҷикистон дар баробари ин мушкилот, маҳдуд будани бозори фурӯш, мавқеи номувофиқи ҷуғрофӣ ва паст будани ҳосилнокии меҳнат аз омилҳои маҳдудкунандаи рушди муносиботи иқтисодӣ бо Ҷопон ба шумор меравand.

Яке аз роҳҳои тақвият бахшидани равобити иқтисодии Тоҷикистону Ҷопон ин ташкили фазои мувоффиқи сармоягузорӣ барои ширкатҳои ҷопонӣ ва ба роҳ мондани маҳсулотҳое, ки Ҷопон аз хориҷ ворид месозад ва кишвари мо дар истеҳсоли онҳо бартарияти нисбӣ дорад, мебошад. Маълум аст, ки “бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад”. Бо қабули қонунҳои махсус ва кӯшишҳои зиёд дар ростои ба вуҷуд овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, натиҷаҳои дилхоҳе ба даст наомадааст. Сармоягузории мустақими хориҷиро наметавон танҳо бо таблиғ ва тавсифҳо ҷалб кард. Бояд пеш аз ҳама эърироф кард, ки то ба ҳол натавонистем фазои мусоидеро фароҳам биёварем. Вагарна “куҷо ин саранҷоми” ғайриқаноатбахро доштем. Фазои мусоидро барои ҳама фароҳам бояд сохт. Додани имтиёзҳо барои ширкатҳои алоҳида вазъиятро бадтар месозаду беҳтар не. Чунки дар чунин ҳолат рақобати солим аз миён меравад. Дар ҳоле, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ танзимгари одилонатарин рақобат мебошад.

Бо фароҳам овардани фазои солими сармоягузорӣ барои сармояҳои мустақими хориҷӣ, тадқиқотҳои

бозорёбии алоҳидаро метавон дар Ҷопон ва Тоҷикистон гузаронд ва талаботи Ҷопон ва имкониятҳои Тоҷикистонро дар назар гирифта, истеҳсоли маҳсулотеро ба роҳ монд, ки Тоҷикистон дар он бартарии нисбӣ ё бартарии мутлақ дорад. Танҳо дар асоси натоиҷи чунин тадқиқотҳои амиқ метавон равобити иқтисодии Тоҷикистону Ҷопонро ба сатҳи баланд расонд ва ҳама имкониятҳои мавҷудаеро самаранок истифода кард. Дар ин ҷода набояд ба зоҳири масъала нигоҳ карда, тасмимҳо гирифт. Ё тақлиди амалҳои кишварҳои дигарро кард. Чунки ҳар кишвар шароити ба худ хосро дорад ва таҷрибаи яке на ҳама вақт бо дигаре мувофиқ аст. Баъдан рақобат ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ вуҷуд дорад. Танҳои роҳҳои нав ва идеяҳои нав метавонанд баранда бошанд. Тақлид ки навоварӣ буда наметавонад ва тақлидгар ҳамеша дар ақиб мемонад. Томоҳико Уйама дар ин маврид мегӯяд: "ин давлатҳо ва мардуми Осиёи Миёна ҳастанд, ки бояд барои дарёфти дониш, технология ва сармоя бо ҳам рақобат кунанд ва маҳорати худро дар муносибатҳои байналмилалӣ тақвият бахшанд"[3]. Бале, оянда дар дасти ҷавонон аст, валеояндаи дурахшони ҳар кишваре дар дасти ҳукумати кунунӣ ва мардуми фаъоли имрӯзаи он мебошад. Маҳз дастбакорони имрӯза вазифадоранд чораҳои зарурииро барои муносибатҳои иқтисодии беҳтаре миёни Тоҷикистону Ҷопон (ё кишварҳои дигар) андешанд ва амалӣ созанд. Вагарна ҷавонон дар оянда ҳамин мушкилоти имрӯзаро ба мерос хоҳанд гирифт. Он гоҳ вақти аз даст рафта гуноҳи масъулони имрӯза шинохта хоҳад шуд.

## Сарчашмаҳо


1. Basic Approaches of Japan's ODA (philosophy and principles) (https://www.mofa.go.jp/policy/oda/summary/1995/1basic.html )
2. Japan's ODA Data for Tajikistan (https://www.mofa.go.jp/files/000142566.pdf)
3. Japanese Policies in Relation to Kazakhstan (http://mitp-content-server.mit.edu:18180/books/content/sectbyfn?collid=books_pres_0&id=6802&fn=9780262621748_sch_0005.pdf)
4. Аналитическая таблица экспорта – импорта товаров по странам (https://nbt.tj/ru/payments_balance/analytical_table.php)
5. Japan Product exports and imports from Tajikistan 2017 (https://wits.worldbank.org/CountryProfile/en/Country/JPN/Year/2017/TradeFlow/EXPIMP/Partner/TJK/Product/All-Groups#)
6. UN Comtrade Database (https://comtrade.un.org/data)
7. Япония в Центральной Азии в начале XXI века (https://www.researchgate.net/publication/319062911_Aponia_v_Centralnoj_Azii_v_nacale_HHI_veka_izucenie_problemy_ekonomiceskogo_vliania_kitajskimi_specialistami/link/5a218288aca2727dd87a9ef0/download)

## 2.10. Муносибатҳои иқтисодии Ҷопон ва Чин[22]

Чин ва Ҷопон ҳамчун иқтисоди дуюм ва сеюми ҷаҳон муносибатҳои тиҷоратии васеъ ва густардаро доранд. Бо вуҷуди он ки муносибатҳои сиёсии ду кишвар бар пояи воқеоти таърихӣ ва баҳсҳои ҳудудӣ гоҳ-гоҳе муташаниҷ мешаванд ва монеаҳое дар муносибатҳои тиҷоратӣ ба вуҷуд меоваранд, муносибатҳои дарозмуддати иқтисодии онҳо ба таври муътадил рушд карда истодаанд ва дар умум сиёсат ба муносибатҳои иқтисодӣ бетаъсир аст.

Ҷопон сармоягузории бузурге дар иқтисодӣ Чин кардааст. Дар бисёре аз шаҳрҳои бузурги Чин корхонаҳои истеҳсолии ширкарҳои ҷопонӣ ба роҳ монда шудаанд, ки аксаран маҳсулоти саноатӣ барои бозори Ҷопон тайёр мекунанд. Дар бозори истеъмолии Ҷопон маҳсулоти зиёди соҳаи саноати сабукро дидан мумкин аст, ки бештари онҳо аз ҷониби ширкатҳои ҷопонӣ дар Чин истеҳсол шудаанд.

Ҷопон яке аз нахустин кишварҳои сармоягузор дар Чин буд, ки пас аз кушода шудани Чин барои сармояи хориҷӣ дар авохири солҳои 1970-ум дар ин кишвар фаъолияти худро оғоз карда буданд. Тибқи маълумоти расмии Ҷопон то охири соли 2012 зиёда аз 23 ҳазор ширкатҳои Ҷопонӣ дар бозори Чин фаъолият мебурданд. Ҷопон аввалин кишваре буд, ҳаҷми сармоягузорияш дар Чин ҳади 100 миллиардро убур кард.

---

[22] Ин мақола дар сомонаи “osiyoavrupo.tj”, 10 апрели соли 2018 мунташир шудааст.

Солҳои охир сохтори иқтисоди Чин дорад тағйир меёбад. Сохтори қаблӣ, ки дар он қувваи кории арзони Чин барои истеҳсол ва содироти молу маҳсулот истифода мешуд, бештари маҳсулоти тавлидшуда ба хориҷ, аз ҷумла ба Ҷопон, содир мешуд. Ин раванд аз сабаби зиёд шудани музди меҳнат ва тавсеаи иқтидори харидории мардуми Чин тағйир ёфта истодааст. Акнун Чин ба як бозори истеъмолии бузург табдил ёфта истодааст ва ҳиссаи истеҳсоли маҳсулот барои истеъмоли дохилӣ сол аз сол зиёд мешавад.

**Тиҷорат миёни Ҷопон ва Чин**

Ҳаҷми додугирифт миёни Ҷопон ва Чин дар соли 2016 ба 270 382 816 760$ (дусаду ҳафтод миллиарду сесаду ҳаштоду ду миллиону ҳаштсаду шонздаҳ ҳазору ҳафтсаду шаст доллари амрикоӣ) баробар аст. Содироти молу маҳсулот ва хизматрасониҳои Ҷопон ба Чин дар соли 2016 113 830 233 712$ (яксаду сенздаҳ миллиарду ҳаштсаду сӣ миллиону дусаду сию се ҳазору ҳафтсаду дувоздаҳ доллари амрикоӣ)-ро ташкил мекунад, ки ин ба 17,6 дар сади содироти умумии Ҷопон баробар аст. Вале воридоти Ҷопон аз Чин аз ин зиёдтар буда, дар ҳамон сол ба 156 552 583 048$ (яксаду панҷоҳу шаш миллиарду панҷсаду панҷоҳу ду миллиону панҷсаду ҳаштоду се ҳазору чилу ҳашт доллари амрикоӣ) баробар буд ва ин ба 28,8 дар сади воридоти умумии Ҷопон баробар мебошад. Касри тиҷоратии Ҷопон дар тиҷорат бо Чин 42 223 349 336 доллари амикоиро ташкил мекард. Ҳамин тариқ Чин дар феҳристи бузургтарин кишварҳои содиротӣ барои Ҷопон ҷойи дуюмро ишғол карда, дар рӯйхати кишварҳои воридотӣ дар ҷойи аввал аст.

(https://globaledge.msu.edu/countries/japan/tradestats)
Ҷопон ба Чин бештар маҳсулоти аълосифат ва аз ҷиҳати технологӣ пешқадамро содирот мекунад ва дар баробари ин аз Чин маҳсулоти саноати сабук ва маводҳои кандании нодирро ворид месозад. Маҳсулоти саноатии аз Чин воридшаванда аксаран маҳсулоте ҳастанд, ки худи ширкатҳои ҷопонӣ дар ҳудуди Чин барои бозори дохилии Ҷопон омода месозанд.

**Сармоягузориҳои Ҷопон дар Чин**

Моҳи апрели соли 2017, Федератсияи соҳибкории Ҷопон ва Анҷумани дӯстии Чину Ҷопон, "Кумитаи иҷроияи табодул"-ро бунёд гузоштанд, ки интизор меравад пайвандҳои иқтисодии ду кишварро тақвият дода, шароити фаъолияти ширкатҳои ҷопониеро, ки дар Чин фаъолият мекунанд беҳтар гардонад. Тибқи маълумотҳои соли 2016 дар ҳудуди Чин 32 313 корхонаи ҷопонӣ фаъолият мекард, ки тақрибан нисфи корхонаҳои дар хориҷ фаъолият кардаи Ҷопонро ташкил мекунанд. Шумораи умумии корхонаҳои ҷопонии дар хориҷ амалмекарда ба 71 820 баробар аст. Тақрибан 80 дар сади ширкатҳои ҷопонии дар Чин амалмекарда иқрор шудаанд, ки фаъолияташон дар ин кишвар манфиатовар аст ва 25,8 дар сади онҳо мегӯянд, ки дар Чин нисбат ба Ҷопон фоидаи бештар ба даст меоранд. (http://www.eastasiaforum.org/2017/08/21/getting-down-to-business-on-japan-china-relations/)

Тули ду даҳсолаи охир Ҷопон, бо ҳаҷми сармоягузории баробар 80 миллиард доллари амрикоӣ, ба панҷгонаи аввали сармоягузорони хориҷии Чин дохил мешуд. Фаъолияти корхонаҳои ҷопонӣ дар Чин дар

ривоҷи ҳаҷми содироти ин кишвар саҳми арзанда доранд ва дар чанд соли охир аз ҳисоби болоравии қобилияти харидории аҳолии Чин дар бозори дохилии он ҳам саҳми маҳсулоти ин ширкатҳо зиёд мешавад. Сармояи ширкатҳои ҷопонӣ дар Чин бештар ба соҳаҳои автомобилбарорӣ, тавлиди таҷҳизотӣ электрикӣ, тиҷорат, молия ва суғурта равона карда шудаанд. (https://inafran.ru/sites/default/files/news_file/avtoreferat_kulnevoy_p.v.pdf)

Бо вуҷуди он ки Ҷопон яке аз кишварҳоест, ки дар он зиччии аҳолӣ зиёд аст (ҳатто аз Чин ҳам зиёд аст) зиёдшавии аҳолӣ ба назар намерасад ва қобилияти харидории мардум муътадил боқӣ мемонад. Ин рушди бозори истеъмолии дохилиро ночиз мегардодад. Дар баробари ин зиёд шудани қишри миёна дар Чин, бо аҳолии тақрибан 1.3 миллирд, имконияти фаровонеро барои равнақ додани истеҳсолот ва хизматрасонӣ барои ширкатҳои ҷопонӣ фароҳам месозад. Ин имкониятро онҳо доранд истифода мекунанд ва дар бозори Чин ҳиссаи худро зиёд карданӣ ҳастанд. Ҳамсоягии ин ду кишвар ҳам бартариятҳои иловагӣ дар равнақ додани ҳамкориҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Наздикии Чин ба дигар бозорҳои рӯ ба инкишофи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ имкониятҳои ширкатҳои ҷопониро зиёд карда, онҳоро бештар ҷалб месозад. (https://www.investopedia.com/financial-edge/1112/the-relationship-between-japanese-and-chinese-economies.aspx )

## Хулоса

Дар яке аз суханрониҳои худ Президенти Чин Си Ҷин Пин озҳор дошт, ки ҳадафи аслии ин кишвар табдил ёфтан ба иқтисоди рақами яки ҷаҳон то соли 2050 мебошад. Тибқи ин нақша ҳиссаи назарраси рушди иқтисодиро истеъмоли дохилӣ бояд ташкил кунад. Ин раванд барои ширкатҳои ҷопонӣ ҳам манфиатовар буда, бозори дохилии Чинро ба яке аз харидорони аслии маҳсулоти аълосифати ҷопонӣ мубаддал мегардонад. Чуноне ки профессори Донишгоҳи Токио Шин Кашива дар як семинари илмӣ дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Сиёсати хориҷии Чин ва муносибатҳои Чину Ҷопон" изҳор дошт, "муносибати мутақобилан судманди ду кишвар раҳбарияти Ҷопонро маҷбур мекунад, то нисбат ба фаъолияти тавсеаталабонаи Чин нармиро ихтиёр кунад". (http://www.osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilmi/seminarho/item/466-seminar-chin-dar-ro-i-rushdi-ustuvor) Ҷопон умед дорад, бо густариши бештари ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Чин, суръати рушди иқтисодии худро зиёд карда, мушкилоти иҷтимоиву иҷтисодӣ ва демографии худро камтар кунад. Ин ҳам бо роҳи сармоягузорӣ ва истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо дар дохили Чин ба роҳ монда мешавад ва ҳам бо содироти бештари маҳсулоти аълосифат ба бозори рӯ ба инкишофи истеъмолии ин кишвар. Чин ҳам дар навбати худ ба сармояву технология ва бозори истеъмолии Ҷопон ниёз дорад. Дар роҳи расидан ба ҳадафи худ муносибатҳо бо Ҷопонро наметавонад сарфи назар кунад. Чуноне ки

дар боло дида шуд, касри тиҷорати ду кишвар ба манфиати Чин аст.

P. S. Тоҷикистон бо Чин фарқиятҳои зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва ҷуғрофӣ дорад. Аз ин ҷост, ки дарёфти паҳлуҳои махсуси муносибатҳои иқтисодии Чину Ҷопон, ки кишвари мо тавонад аз он истифода кунад мушкил аст. Аммо як чиз равшан аст, ки Ҷопон омодааст, таҳти шароити муайян технологияи худро ба кишвари дигар бурда, он ҷо ҳам барои бозори худ ва ҳам барои дигар кишварҳо маҳсулот истеҳсол кунад. Ин аст, ки бо доштани захираҳои муайяни табиӣ, Тоҷикистон метавонад сармоя ва технологияи Ҷопонро, ба монанди Чин, ҷалб кунад ва маҳсулотҳоеро, ки дар онҳо бартариҳо дорад истеҳсол карда, ҳам бозори дохилиро таъмин кунад ва ҳам ҷойгоҳи худро дар бозори истеъмолии Ҷопон пайдо кунад.

# 2.11. Ҳамкориҳои иқтисодии Ҷопон ва Ҳиндустон[23]

Дар ҷаҳони муосир кишварҳои рӯ ба инкишоф, ки аз камбудии сармоя, технология ва захираҳои инсонӣ танқисӣ мекашанд, яке аз роҳҳои муассири ҳалли ин мушкилотро дар ҳамкории зич бо кишварҳои тараққикарда, ки сармояи иловагӣ ва камбудии қувваи корӣ доранд, мебинанд.

Ҷопон яке аз мамлакатҳои тараққиёфтае мебошад, ки технологияи пешрафта ва сармояи зиёд дорад ва айни замон аз норасоии қувваи корӣ танқисӣ мекашад. Мувофиқи маълумотҳои охир 23 фоизи аҳолии Ҷопон дар синни нафақа мебошанд, ки ин бори сангине барои қишри қобили меҳнати ин кишвар аст. Кишвари Ҷопон барои ҳалли ин мушкилии худ дар бозори кишварҳои рӯ ба инкишоф имкониятҳои навро ҷустуҷӯ карда, дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ин кишварҳо сармояву технологияи худро ба ин кишварҳо мебарорад. Ин шароити мусоид барои ҳамкориҳои иқтисодии мутақобилан судманди кишвари Ҷопон бо кишварҳои осиёӣ боиси рушди муносибатҳои зичи ин кишварҳо гаштааст. Чин, Ҳиндустон ва чанд кишвари рӯ ба инкишофи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (Филипин, Ветнам, Малайзия, Индонезия, Сингапур, Тайланд) аз ҷумлаи кишварҳое мебошанд, ки беш аз ҳама аз ин имкониятҳои фароҳамомада истифода кардаанд. Додугирифти мутақобила миёни ин кишварҳо дар 20 соли охир ба

---

[23] Ин мақола дар ҳафтаномаи “Самак” №9 (330) аз 28.02.2018 мунташир шудааст.

таври назаррас зиёд шуда, ба миллиардҳо доллар расидааст.

Омӯхтани таҷрибаи муносибатҳои иқтисодии кишварҳои мазкур бо Ҷопон ва роҳу усулҳои ҷалби сармоя ва технологияи ҷопонӣ ба ин кишварҳо барои Тоҷикистон, ки ба кишварҳои рӯ ба инкишоф дохил мешавад, саривақтӣ ва зарур мебошад. Кадом кишвар дар ҷалби сармоя ва технологияи Ҷопон пешгомтар аст ва дар заминаи кадом қонуну қоидаҳо ва дар кадом муҳити сармоягузорӣ аз дигарон пеш гузаштааст, метавонад объекти омӯзиши мо бошад. Бо омӯхтан ва арзёбии дуруст кардани вазъият ва иштибоҳу дастовардҳои давлатҳои номбаршуда, кишвари мо метавонад аз такрори иштибоҳҳои дигарон эмин бошад ва ба бартариҳову муваффақиятҳои онҳо мутамарказ шуда, муҳити сармоягузории худро беҳбуд бахшад ва дар ҷалби сармояву технологияи кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Ҷопон, муваффақтар бошад.

***Ҷопон ва Ҳиндустон***

Ҳиндустон пеш аз ҳама як бозори калон ва рушдёбанда барои иқтисоди мабнӣ бар содироти Ҷопон мебошад. Дар ин кишвар солҳои охир қишри миёнаи аҳолӣ, ки асоси иқтисоди ҳар кишвареро ташкил медиҳанд, бо суръати баланд зиёд мегардад. Дар баробари ин, аҳолии солманди Ҷопон (23 фоизи аҳолӣ аз 65 сола боло мебошанд) ва аҳолии нисбатан ҷавони Ҳиндустон (50 фоизии аҳолӣ аз 25 сола поён мебошанд), норасоии қувваи корӣ дар Ҷопон ва фаровонии захираҳои меҳнатӣ дар Ҳиндустон, бартариҳои Ҳиндустон дар барномасозӣ ва бартарии Ҷопон дар

сохтани технологияҳои иттилоотӣ, захираҳои фаровони ашёи хом дар Ҳиндустон ва сармояву технологияи Ҷопон барои истеҳсоли маҳсулоти доништалаб ва наздикии ҷаҳонбинии мардуми ду кишвар аз ҷумлаи унсурҳое мебошанд, ки дар рушди ҳамкориҳои ду кишвар таъсир мегузоранд. Вазъияти имрӯза ва дурнамои умедбахши иқтисодӣ Ҳиндустонро сармоягузорон ва соҳибкорони ҷопонӣ ба дурусти дарк мекунанд ва аз имкониятҳои фароҳамомада дар даҳ соли охир ба дурустӣ истифода кардаанд. Диққати соҳибкорон ва ширкатҳои ҷопониро бозори истеъмолии бузург ва рӯ ба инкишоф ва дороиҳову захираҳо, махсусан захираҳои меҳнатии Ҳиндустон аз ҳама бештар ҷалб кардааст. Ба ғайр аз ин, сохтори сиёсии ду кишвар (демократияи парлумонӣ) ва арзишҳои бо ҳам наздики онҳо (либерализми сиёсӣ ва иқтисоди бозаргонӣ), таҳия ва қабули қонуну созишномаҳои мусоидаткунандаи рушди муносибатҳои иқтисодии ду кишварро осон мекунад.

Дар муборизаҳои геополитикӣ Ҳиндустон ва Ҷопон манфиатҳои муштараки зиёд доранд, ки аз ин фурсати муносиб ҳам истифода мекунанд. Дар баробари лоиҳаи "Ҷодаи абрешим"-и Чин, онҳо лоиҳаи "Ҷодаи рушди Осиё-Африко"-ро доранд, ки сохтмони инфрасохтори баҳрӣ ва роҳу комуникатсияи дохилӣ барои кашонидани молу колоҳо миёни Осиё ва Африкоро дар мадди назари худ қарор додаанд. Саҳми Ҷопон дар ин лоиҳа 30 миллиард доллари амрикоӣ ва саҳми Ҳиндустон 10 миллиардро ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумоти ахир ИМА ва Австралия низ майли пайвастан ба ин пружаро доранд. Онҳо мегӯянд,

ки ин пружа бар зидди “Ҷодаи абрешим”-и Чин нест, балки як роҳи алтернативие аст, ки Чин ҳам метавонад аз он истифода кунад. Сохтани роҳҳои автомобилгар ва роҳҳои оҳан аз портҳои баҳрӣ ба дохили кишварҳои безурге чун Ҳиндустон, Австралия, ИМА ва қораи Африко ба фоидаи ҳамагон хоҳад буд.

**Тиҷорат миёни Ҷопон ва Ҳиндустон**

Ҳаҷми доругирифт миёни ду кишвар аз солҳои 2006 то 2013 тақтибан ду баробар зиёд шудааст. Баландтарин нишондиҳандаи додугирифт миёни Ҳиндустон ва Ҷопон дар соли молиявии 2012-2013 ба қайд гирифта шудааст, ки он баробар ба 18.5 миллиард доллари амрикоӣ мебошад. Соли молиявӣ дар ин кишвар аз 1 апрел оғоз мегардад. Ҳарчанд дар соли молиявии 2015-2016 ин нишондиҳанда то 14,51 миллиард доллар фаромадааст, имкониятҳои зиёди боло бурдани ин нишондиҳанда вуҷуд дорад. Дар соли молиявии 2016-2017 ҳаҷми содироти Ҳиндустон ба Ҷопон 4,66 миллиард доллари амрикоиро ташкил мекард. Ин дар ҳолест, ки дар ҳамин давра ҳаҷми воридот аз Ҷопон ба Ҳиндустон ба 9.85 миллиард доллари амрикоӣ баробар буд. Соли молиявии 2016-2017 ин нишондиҳандаҳо боз ҳам бадтар шуда, содироти Ҳиндустон ба Ҷопон 17,38% кам шуда ба 3,85 миллиард доллари амрикоӣ расид ва воридот бошад 2,2% кам шуда ба 9,63 миллиард доллари амрикоӣ баробар шуд. Ҳиссаи додугирифти дуҷонибаи Ҷопону Ҳиндустон дар панҷ соли охир тақрибан 1% додугирифтҳои хориҷии Ҷопонро ташкил мекард, ки дар ҳамин давра ин нишондиҳанда барои Ҳиндустон ба 2,05-2,34% баробар буд. Маҳсулоти асосии ба Ҷопон

содиркардаи Ҳиндустон аз маҳсулоти нафтӣ, маҳсулоти кимиёвӣ, моҳӣ ва маҳсулоти нимтаёри баҳрӣ, маводи маъдании ғайрифилизӣ, санги маъдани фулузот, либос ва лавозимоти дигари шахсӣ, оҳан ва маҳсулоти фулодӣ, маҳсулоти насоҷӣ, дастгоҳҳо, хӯрокаи ҳайвонот ва ғайра иборат мебошанд. Маҳсулоти воридшаванда аз Ҷопон ба Ҳиндустон дастгоҳу мошинолотҳо, маҳсулоти оҳанӣ ва фулодӣ, дастгоҳҳои электрикӣ, таҷҳизоти ҳамлу нақл, маводи кимиёӣ, материалҳои плостикӣ, таҷҳизоти коркарди фулузот, дастгоҳҳои саҳеҳ, маҳсулоти резинӣ, ангиштсанг/сокс ва брикет ва ғайра мебошанд.

**Сармоягузориҳои Ҷопон дар Ҳиндустон**

Мувофиқи назарсанҷӣ миёни ширкарҳои истеҳсолии Ҷопон, ки аз ҷониби Бонки ҳамкориҳои байналмиллалии Ҷопон (Japan Bank for International Cooperation) ахиран гузаронида шудааст, Ҳиндустон аз ҳама бештар сармоягузорон ва соҳибкорони ҷопониро дар солҳои охир ба иқтисоди худ ҷалб кардааст. Дар миёни кишварҳои сармоягузор ба Ҳиндустон Ҷопон дар ҷойи сеюм меистад. Ҳаҷми сармоягузориҳо сол аз сол зиёд шуда истодаанд. Агар дар соли молиявии 2014-2015 ҳаҷми умумии сармоягузориҳои бевоситаи Ҷопон ба Ҳиндустон 2.08 миллиард бошад, дар соли молиявии 2015-2016 он ба 2.61 миллиард ва дар нуҳ моҳи соли молиявии 2016-2017 4.24 миллиард доллари амрикоиро ташкил кардааст. Маҷмуи сармоягузориҳои Ҷопон ба Ҳиндустон аз апрели соли 2000 то декарби соли 2016 25.215 миллиард доллари амрикоиро ташкил кардааст, ки ба 8% маҷмуи сармоягузориҳои бевоситаи хориҷӣ ба ин кишвар дар давраи мазкур баробар аст. Ҷопон

сармояи худро дар Ҳиндустон асосан ба соҳаҳои автомобилсозӣ, таҷҳизоти электронӣ, телекомуникатсияҳо ва соҳаи кимиё ва дорусозӣ равона кардааст. Шумораи ширкатҳои ҷопонии дар Ҳиндустон сабтшуда дар солҳои охир ба таври назаррас зиёд шудааст. Дар моҳи октябри соли 2016 дар ҳудуди Ҳиндустон 1305 ширкатҳои ҷопонӣ фаъолият мекарданд, ки нисбат ба соли 2015 76 адад (6%) зиёд мебошад. Ин ширкатҳо дар ҳудуди Ҳиндустон 4590 корхона доштанд, ки нисбат ба соли 2015 173 адад (3%) зиёд мебошад. Ширкатҳои Ҷопон бештари сармояи худро тариқи пайвастан ба корхонаҳои Ҳиндустон ва харидани онҳо ба иқтисоди ин кишвар ворид мекунанд.

**Қарзҳои имтиёзнок**

Ҷопон бузургтарин кишвари кумаккунанда барои Ҳиндустон мебошад. Тавассути Фонди расмии хайриявии худ, Ҷопон дастигии бевоситаи худро ба Ҳиндустон барои тавсеаи иқтисодӣ, махсусан барои соҳаҳои калидие ба монанди энергетика, ҳамлу нақл, лоиҳаҳои ҳифзи муҳити зист ва пружаҳои марбут ба ниёзҳои асосии инсон, мерасонад. Қарзҳои дарозмуддат бо фоизи солонаи хеле паст тавассути ин фонд ба Ҳиндустон дода мешавад. Масалан, қарзҳои дарозмуддат ба Ҳиндустон барои 30 сол бо 1.4% солона дода мешавад, ки даҳ соли аввал давраи имтиёзӣ ба шумор меравад. Барои пружаҳои ҳифзи муҳити зист қарзҳо барои 40 сол бо 0.3% солона дода мешавад, ки даҳ соли аввал имтиёзнок мебошад. Ҳамин тариқ, дастгирии молиявии Ҷопон ба Ҳиндустон тариқи қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат дар рушди иқтисоди

ин кишвар нақши ҳалкунанда доранд ва ин ба муносибати ду кишвар таъсири мусбат мерасонад.

**Созишномаи ҳамкориҳои иқтисодии васеъ**

Яке аз лоиҳаҳое, ки ба тавсеаи ҳамкориҳои Ҷопону Ҳиндустон суръат бахшидаст Созишномаи ҳамкориҳои иқтисодии васеъ (Comprehensive Economic Partnership Agreement) мебошад, ки моҳи феврали соли 2011 ба имзо расида, моҳи августи ҳамон сол мавриди амал қарор гирифта буд. Бо мақсади суръат бахшидан ба фаъолиятҳои соҳибкорӣ дар доираи ин созишнома, маҳдудиятҳои тарифӣ кам карда шудаанд. Ҳамин тариқ то соли 2021 дар назар аст 90 дар сади тарифҳо барои маҳсулоти ҷопонии воридшаванда ба Ҳиндустон аз миён бардошта шаванд, ки асосан қисмҳои автомобилӣ ва таҷҳизоти электронӣ мебошанд. 97 дарсади тарифҳо барои маҳсулоти аз Ҳиндустон ба Ҷопон воридшаванда аз миён бардошта мешаванд, ки ба он асосан маҳсулоти кишоварзӣ ва моҳидорӣ дохил мешавад.

**Хулоса**

Тибқи назари коршиносон дар асри 21-ум маркази молиявию иқтисодии ҷаҳон аз Аврупову Амрико ба Осиё мегузарад. Ҳамкориҳои густардаи иқтисодии кишварҳои аз ҷиҳати технологӣ пешрафтаи Ҷопону Кореяи Ҷанубӣ аз як тараф ва Чин, Ҳиндустон, Ветнам, Малайзия ва ғайра, ки захираҳои кадрии зиёд ва муҳити мусоиди сармоягузорӣ доранд, заминаи ин пешравиҳо хоҳад буд. Ҳамкориҳои иқтисодии Ҷопону Ҳиндустон намунаи ибрат метавонад бошад. Ин ду кишвар дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ тақвиятбахши якдигар буда, молу колоҳоеро ба бозори ҷаҳонӣ

бароварда метавонанд, ки рақобатпазир ҳастанд. Бозорҳои дохилии ин ду кишвар аз серистеъмолтарин бозорҳои минтақа буда, имконияти фаровонеро барои рушди истеҳсолот фароҳам меоварад.

Бо назардошти ин ҳама имкониятҳо, ҳукуматҳои ин ду кишвар шароити ҳуқуқии мусоидеро барои осон кардани муносибатҳои иқтисодӣ фароҳам оварда, тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳанд, то гардиши озоди молу сармоя таъмин карда шавад. Бастани Созишномаи ҳамкориҳои иқтисодии васеъ (Comprehensive Economic Partnership Agreement) дар соли 2011 аз ҷумлаи ин кӯшишҳои ҳукуматҳои Ҷопону Ҳиндустон барои ҳалли ин масъала мебошад. Таъсири мусбати ин ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҷопону Ҳиндустон ба дигар кишварҳои минтақа ҳам хоҳад расид. Аз иҷрои лоиҳаҳои роҳу комуникатсионӣ дар доираи ҳамкориҳои ин ду кишвар, дигар кишварҳои минтақа ҳам истифода карда, иқтисоди худро вусъат медиҳанд. Арзишҳои демократия, сулҳҷӯӣ, таъмини ҳокимияти қонун, гуманизм ва эҳтироми якдигар, ки арзишҳои муштараки ин ду миллати бузурги минтақа ҳастанд, ба воситаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ба дигар кишварҳои минтақа паҳн шуда, заминасози рушду шукуфоии босуръати кишварҳои Осиё дар асри 21-ум мегардад.

***P. S.*** Равшан аст, ки фарқиятҳои зиёди демографӣ, географӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва зеҳнӣ дар миёни Ҳиндустон ва Тоҷикистон вуҷуд доранд ва мо наметавонем аз таҷрибаи муносибатҳои иқтисодии Ҳиндустон бо Ҷопон ба куллӣ истифода кунем. Аммо монандиҳое ҳам ҳаст, ки метавон аз он истифода кард. Ба

монанди Ҳиндустон дар кишвари мо ҳам захираҳои меҳнатии фаровон мавҷуд аст, зеро афзоиши аҳолӣ дар кишвар ба ҳисоби миёна 2,2 фоизро ташкил медиҳад. Тоҷикистон метавонанд аз сармояву технологияи Ҷопон истифода карда, ҷойгоҳи худро дар иқтисоди минтақа пайдо кунанд. Барои амалӣ шудани ин тарҳ сатҳу сифати тайёр кардани мутахассион бояд боло бурда шавад ва ба талаботҳои ширкатҳои ҷопонӣ мувофиқ бошад. Дар кишвари мо захираҳои табиӣ зиёд ҳаст ва истеҳсолкунандаи ҷопонӣ метавонад дар заминаи онҳо дар ҳудуди Тоҷикистон корхона бунёд кунад ва дар истихроҷ ва коркарди онҳо саҳим бошад. Барои расидан ба ин мақсад ҷойгоҳи кишвари мо дар индекси Ибтикори шаффофияти соҳаи истихроҷ бояд боло бурда шавад.

Баъзе коршиносон иддао мекунанд, ки Ҷопон ба пружаҳои истеҳсолии Тоҷикистон таваҷҷуҳ надорад ва танҳо дар доираи кумакҳои башардӯстона фаъолият мебарад. Бинобар ин, мегӯянд онҳо, мо вақти худро барои омӯхтани роҳу воситаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Ҷопон набояд сарф кунем. Вале инро бояд дар назар дошт, ки соҳибкорони ҷопонӣ ҳам ба монанди дигар соҳибкорон мақсади васеъ кардани бизнеси худ ва ба даст овардани даромади бештарро доранд. Ин вазифаи мо аст, ки шароити мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварем ва аз онҳо даъват ба амал оварем, ки сармоя ва технологияи худро ба Тоҷикистон ворид намоянд. Ин амал вақте осон мегардад, ки мо муносибатҳои иқтисодии Ҷопон бо дигар кишварҳои минтақаро, ки аз ҳама бештар сармоя ва технологияи ҷопониро ба даст овардаанд, омӯзем ва

муҳити сармоягузории худро ба талаботҳои муосир мувофиқ намоем.

## Адабиётҳо


1. Kondo Masanori, "Japan-India Economic Relationship: Trends and Prospects". (https://www.rieti.go.jp/jp/publications/pdp/12p016.pdf)
2. Nikhil Kapoor, "How far can India and Japan take their trade ties?". (https://swarajyamag.com/world/the-economic-relationship-between-india-and-japan)
3. "India-Japan economic relation". (https://www.indembassy-tokyo.gov.in/india_japan_economic_relations.html)
4. Ramesh Thakur, "The enduring basis of strong India-Japan relations". (https://www.japantimes.co.jp/opinion/2017/10/18/commentary/japan-commentary/enduring-basis-strong-india-japan-relations/#.WoWLBbxl_IU)
5. Australia, U. S., India and Japan in talks to establish alternative to China's Belt and Road Initiative: report. (https://www.japantimes.co.jp/news/2018/02/19/business/australia-u-s-india-japan-talks-establish-alternative-chinas-belt-road-initiative-report/#.Woppgbxl_IU)

## 2.12. Муҳоҷират идорашаванда аст[24]

Муҳоҷират падидаест, ки аз замони қадим дар ҳама гӯшаву канори дунё вуҷуд дошт. Инсонҳо барои дарёфти шароити беҳтари зиндагӣ аз як минтақа ба минтақаи дигар мерафтанд. Ё аз тарси таъқиб шудану кушта шудан аз дасти таҷовузгарони  ватан маҳали сукунати худро тарк карда, ба дигар ҷой мекучиданд. Мисолҳои равшани ин воқеаҳо дар замони  ҳуҷумҳои истилогаронаи юнониву арабҳо ва турку муғулҳо ба сарзамини мо дида мешавад. Саргузашти қаҳрамони халқи тоҷик - Восеъ ҳам яке аз далелҳоест, ки мардуми мо барои дарёфти кору зиндагии беҳтар аз кӯҳистон ба шаҳрҳо мерафтанд. Дар маводҳои яке аз шумораҳои маҷаллаи британиёии "Headway", ки соли 1987 нашр шудааст, раванди ба муҳоҷирати корӣ ба Шветсия рафтани шаҳрвандони Британияи Кабир инъикос гардидааст.

Муҳоҷират ба ду намуди асосӣ ҷудо мешавад: муҳоҷирати мавсимӣ ва муҳоҷиратӣ доимӣ. Дар асрҳои миёна ҳиссаи муҳоҷирати доимӣ бо сабабҳои маълум бештар буд. Дар ду садсолаи охир тағйироти ҷиддие, ки дар ин самт шудааст, ин аст, ки  ҳиссаи муҳоҷирати мавсимӣ ба таври назаррас зиёд шудааст. Ин бештар ба рушди назарраси воситаҳои нақлиёт ва роҳу комуникатсия вобаста аст, ки аз як кишвар ба кишвари дигар рафтуомад кардани одамонро осонтар менамояд.

Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ то ҳанӯз идома дошта, тадриҷан афзоиш меёбад. Солона миллионҳо

---

[24] Ин мақола дар ҳафтаномаи "Фараж" №10 (536), аз 8.03.2017 ва рӯзномаи "Имрӯз News" №37 (1400), аз 16.03.2017 мунташир шудааст.

одамон бо мақсади беҳтар сохтани сатҳи зиндагиашон, рӯй ба муҳоҷирати меҳнатӣ меоранд. Дар замони муосир асосан Россия, Кореяи  Ҷанубӣ, Ҷопон, кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Қатар, АМА, Арабистони Саудӣ, Австралия ҳамчун кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон ва Ҳиндустон, Чин, Филиппин, Бангладеш, Покистон, Афғонистон, Эрон ва бисёр кишварҳои дигар, аз ҷумла Тоҷикистон ҳамчун кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ шинохта мешаванд.

Муҳоҷирон аз Тоҷикистон дар ду даҳсолаи охир бештар ба Россия ва Қазоқистон мераванд. Аммо дар солҳои охир шумораи каме аз муҳоҷирони тоҷикистонӣ ба Туркия, Кореяи Ҷанубӣ, АМА ва чанде аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо рафтанро оғоз кардаанд. Бо вуҷуди ин, имрӯз ҳам Россия кишвари асосии муҳоҷират барои мардуми Тоҷикистон боқӣ мондааст. Маҳз хамин омил боис шудааст, ки дар муносибатҳои дуҷониба ин кишвар барои ба даст овардани манфиатҳои худ гоҳо аз раванди муҳоҷират сӯистифода карда, болои Тоҷикистон фишор меорад. Мисоли боризтарини чунин фишор қазияи аз тарафи мақомоти Тоҷикистон боздошт гардидани як ҳавопаймои Россия бо ду сарнишинаш буд, ки ҷузъиёташ дар матбуот ба нашр расида буд.

Раванди муҳоҷирати кории шаҳрвандони Тоҷикистон низ чун дигар падидаҳои иҷтимоӣ паҳлуҳои мусбӣ ва манфии худро дошта, аз камбудиҳо холӣ нест. Албатта наметавон гуфт, ки бе муҳоҷират ба дигар кишварҳо мардуми кишвари мо аз гуруснагӣ нобуд мешаванд ё кишвар ба домони ҷангу хунрезии дигар кашида мешавад. Инсон эҷодкор аст ва дар ҳама шароит

роҳи зиндагии худро меёбад. Аммо муҳоҷират дар ин ду даҳсола бартариҳо ҳам дошта, ба шахсиятҳои алоҳида, оилаҳо, бозору ташкилотҳои тиҷоративу истеҳсоливу сохтмонӣ ва умуман ба буҷаи давлатӣ манфиатҳои назаррас овардааст. Мушкилоти манзил, таълими босифаттари ҷавонону наврасон, ҳамлу наќлу мусофирбарӣ, ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар аз масъалаҳое буданд, ки дар ин ду даҳсола аз ҳисоби муҳоҷирати мавсимии корӣ қисман ҳалли худро ёфтанд. Бо маблағе, ки муҳоҷирон аз хориҷи кишвар мефиристанд, иқтидори харидории мардум зиёд гашта, он боиси  рушди назарраси соҳаҳои савдо, хизматрасонӣ ва сохтмон гардид. Ин дар навбати худ ба сохтмони бозорҳои нав, ширкатҳои хизматрасонӣ ва сохтмонӣ мусоидат карда, ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд оварда шуд ва буҷаи давлатиро ғанӣ гардонид.  Маълум аст, ки ҳиссаи андозҳои бавосита ба монанди ААИ, Андоз аз фурӯши чакана, боҷҳои гумрукӣ ва Андоз аз фурӯши корхонаҳо, ки дар воқеъ истеъмолкунандагон онро бо харидани мол мепардозанд, хеле зиёд аст ва ин манбаи даромади буҷаи давлатӣ ба иқтидори харидории мардум вобастагии зиёд дорад. Инро нодида гирифта намешавад.

Имкониятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ иборат аст аз: пайдо кардани кори муносиб бо ихтисос, ба даст овардани даромади бештар, пасандоз кардани маблағи муайян, расонидани кумак ба хешовандони муҳтоҷ, инкишофи ҷаҳонбинии шахс, аз ҷумла шиносоӣ бо фарҳанг ва мардуми дигар кишварҳо, омӯхтани забони хориҷӣ ва ғайра.

Дар баробари ин, камбудиҳои раванди муҳоҷират ҳам кам нестанд ва нақзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон дар

кишварҳои қабулкунанда, бад шудани ҳолати саломатии ҷисмониву равонии онҳо, зиндаҷудоии аъзои оила ва зиндагию фаъолияти кории муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити вазнину ғайрисанитарӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Хавфҳои фиреб хурда ба ғуломӣ афтодан, муносибати бераҳмонаи корфармоён, муносибати дағалонаи мақомоти полис ва хадамоти муҳоҷирати кишварҳои қабулкунанда, аз мушкилиҳои дигари муҳоҷирати корӣ мебошанд.

Вале ҷиҳати бадтарини раванди муҳоҷирати кории тоҷикистониён он аст, ки ҳангоми дар Россия қарор доштан баъзеашон зери таъсири доираву гурӯҳҳои мазҳабии ифротӣ мемонанд ва ба доми фиреби онҳо афтода ба сафи созмонҳои террористӣ мепайванданд. Тибқи маълумоти мақомоти марбута, ки дар матбуот интишор гардидааст, аксари шаҳрвандони Тоҷикистон, ки айни замон дар ҷангҳои Сурия ва Ироқ ширкат доранд, қаблан муҳоҷири меҳнатӣ буданд ва маҳз тавассути Россия ба он кишварҳо сафар кардаанд.

Бо вуҷуди камбудиҳои ҷойдошта, раванди муҳоҷиратро наметавон як раванди бад номид. Муҳоҷирати мавсимӣ дар аксари кишварҳое, ки зичии аҳолиашон зиёд аст, ё дараҷаи зиёдшавии аҳолӣ баланд аст, вуҷуд дорад ва давом хоҳад кард. Тоҷикистон ҳам аз ҷумлаи ҳамин кишварҳост ва то замоне ки зиёдшавии босуръати аҳолӣ ҳамчунин давом меёбад, шумораи муҳоҷирони ҳам мавсимӣ ва ҳам доимӣ зиёд мешавад. Омили дигаре, ки ба афзоиши муҳоҷирати корӣ мусоидат менамояд, дарояндаи наздик набудани иқтидору имконият барои пурра бо кори доимӣ таъмин кардани аҳолии кишвар мебошад.

Бинобар ин, дар баробари он ки сохторҳои масъули Тоҷикистон барои бо кори доимии шоиста таъмин сохтани аҳоли кишварамон бояд кӯшиши бештар дошта бошанд, андешидани чораҳои фаврӣ ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои дар раванди муҳоҷират ҷойдошта заруранд.

Дар Федератсияи Россия, ки кишвари асосии қабулкунандаи муҳоҷирони кории Тоҷикистон аст, вазъияти ҳуҷҷатгузории (ба қайд мондан дар ҷойи зисти муввақатӣ, гирифтани иҷозати кор ва ғайра) шаҳрвандони мо мушкил ва дилгиркунанда мебошад. Ҷониби Россия дар баробари зиёд кардани муҳлати бақайдгирӣ ва кору фаъолияти шаҳрвандони Тоҷикистон, талаботҳои иловагӣ, аз ҷумла имтиҳону патентро ҷорӣ кардааст, ки барои дуруст кардани онҳо ҳар як муҳоҷир ҳам вақт ва ҳам пули зиёд харҷ мекунад. Ин ва дигар масъалаҳои вобаста ба нафақаву тандурустии муҳоҷирони корӣ, баррасӣ ва ҳалли саривақтии худро талаб мекунанд.

Хизматрасониҳои давлатӣ дар самти таъмини шаҳрвандон бо ҳуҷатҳои зарурӣ дар дохили кишвар ва дар сафорату консулгариҳои Тоҷикистон дар кишварҳое, ки муҳоҷирони тоҷик ҳастанд, фавран бояд соддатару шаффоф карда шаванд. Дар ин ҷода фановариҳои иттилоотӣ имкониятҳои хуберо фароҳам овардаанд, ки имкон ҳаст кори муҳоҷирони корафтода бо сарфаи камтари вақт ва маблағ ҳалли худро ёбанд. Аммо бо сабабҳои номаълум аз ин имкониятҳои нави технологияи муосир истифодаи дуруст намешавад ва корафтодагон вақту маблағи зиёди худро дар ҳал кардани мушкилиҳои худ сарф мекунанд. Мутаасифона, чунин бархурди

мақомоти давлатӣ боиси дилсардии муҳоҷирони аз низоми давлатдории миллӣ мегардад. Истифодаи дурусти фановариҳои иттилоотӣ дар ин муассисаҳо метавонад навбатҳои бешуморро аз миён бардошта, боварии мардумро ба низоми давлатдории миллии имрӯзаи мо зиёд кунад.

Талаботҳои вобаста ба ҳуҷҷатгузории кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷиронро то ҳадди имкон бояд дар дохили Тоҷикистон иҷро кард, то дар баробари расидан ба кишварҳои дигар муҳоҷирон ба мушкилиҳо дучор нашаванд. Дастрасии муҳоҷирон ба иттилоот дар бораи муҳоҷирати корӣ ҳам бояд зиёд карда шавад ва аз ҳар тағйироту иловаҳо дар ин соҳа муҳоҷирони эҳтимолӣ огоҳ карда шаванд.

Солҳои охир баҳсу мунозираҳо дар матбуот сари мавзуи дохил шудани Тоҷикистон ба Иттиҳоди АвруОсиё зиёд шуда истодааст. Аз тарафи коршиносон гуфта мешавад, ки шомил шудани Тоҷикистон ба ин Иттиҳод пеш аз ҳама ба муҳоҷирони корӣ манфиатовар аст. Бо дохил шудан ба ин созмон ҳуқуқи муҳоҷирони кории тоҷик вобаста ба пайдо намудани кори мувофиқ ва фаъолият бо шаҳрвандони Россия ва Қазоқистон нисбатан баробар шуда, шароити кору зиндагии онҳо ба маротиб хубтар мегардад. Аммо бояд ба назар гирифт, ки дохил шудан ба ин иттиҳод мушкилоти дигари марбут ба даромади буҷаи давлатиро метавонад ба бор оварад. Бартариҳое, ки баъзе кишварҳои узви ин Иттиҳод дар соҳаҳои андозу андозбандӣ доранд, вазъияти иқтисодии кишвари моро то дараҷае вазнин хоҳад кард. Аз ин рӯ, Тоҷикистон дар шомил шудан ба ин иттиҳод шитоб намекунад. Бартариву камбудиҳои шомил шудан ба

чунин як иттиҳод бояд амиқ омӯхта шаванд ва пеш аз дохил шудан ислоҳоти ҷиддӣ дар қонунгузорӣ ва тарзи иҷрои он гузаронида шавад. Албатта баъзе коршиносон нишондодҳои ду соли охири кишварҳои бо Тоҷикистон қиёсшаванда, Арманистону Қирғизистонро таҳлил карда, хулоса мекунанд, ки ин кишварҳо аз шомил шудан ба Иттиҳоди АвруОсиё зарар дидаанд. Аммо онҳо буҳрони дар ин ду сол ба вуҷудомадаро нодида гирифта баҳогузорӣ мекунанд, ки дар натиҷа хулосаашон нодуруст мебарояд. Албатта дохил шудан ба Иттиҳоди АвруОсиё роҳи ягона ва беҳтарини ҳалли мушкилоти муҳоҷирон нест, аммо ин имконест, ки бояд пурра омӯхта шуда, истифода бурда шавад.

Хулоса, муҳоҷират як раванди табиии идорашаванда буда, идораи дурусти он метавонад дар маҷмуъ манфиатовар ва созанда бошад. Маълум аст, ки таъминкунандаи буҷаи оила ва буҷаи давлатӣ шаҳрвандони аз ҷиҳати молиявӣ устувор буда, онҳо дар рушди иқтисоди кишвар саҳми арзанда мегузоранд. Муҳоҷират дар навбати худ яке аз сарчашмаҳои даромади аҳолӣ буда, танзими он ва беҳтар гардонидани шароити ҳуҷҷатгузорӣ ва будубоши онҳо вазифаи мақомоти марбутаи ҳукумати кишвар аст. Ҷомеа ҳам бояд дар ин самт ба сохторҳои давлатӣ кумак расонанд. Мо бояд даст ба дасти ҳамояндаи дурухшони худро созем.